**Ба ифтихори бузургдошти 1100 солагии одамшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Соли забони тоҷикӣ бахшида мешавад.**

**Аброр Мирсаидов**

# Соҳибистиқлолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ

*www.ravshanfikr.tj*

***Хуҷанд 2007***

**Мирсаидов А.Б. Соҳибистиклолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ- Хуҷанд, 2007, - 250 с.**

**Муқарризон:**
**Азизов Ф.Х. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Бойматов А.А. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

*Дар китоб раванди ташаккулу инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бозори милли, тарзу услуби идоракунии ин раванд, накши соҳаҳои мухталифи кишвар, иқтисодиёти минтақа, муносибатҳои иҷтимоӣ-маданӣ, омилҳои ғайриӣқтисодии рушд (империализми иқтисодӣ), таҳаввулоти шуурии созандаи мардуми кишвар дар ташаккулу рушди иқтисоди миллӣ ва пайваста ба он муаммоҳои садди роҳ ва роҳҳои ҳалли он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Китоб бар асоси манобеъ, сарчашмаҳои мутмаин ва маводҳои расмӣ таълиф шуда, барои муҳаққиқон, устодон, донишҷӯёни риштаи иқтисодӣ ва алоқамандони сиёсати иқтисодии кишвар муфид аст. Итминон дорем, ки китоб мақбули доираи васеъи хонандагон низ, хоҳад шуд.*

**© А.Мирсаидов, 2007**

***«Корнома ва ё корнамоӣ ин ваҳдати зиндаи назария ва амалия аст»***

***Арасту***

# САРСУХАН

«Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳуввият ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошад. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва замонати ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст» - таъкид шуда буд аз тарафи Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон. Барои дарк кардани мазмун ва моҳияти воқеии мафҳуми истиқлолият моро зарур аст, ки боз як бори дигар ба Суханронии Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон 8 сентябри соли 2004 рӯ оварем. Зеро дар ин ҷо маҳфуми васеи истиқлолият хеле возеҳу равшан тасвир шудааст:

«**Истиқлолият** – ин соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комили давлат дар танзими фаъолияти дохилӣ ва хориҷии кишвар аст.

**Истиқлолият** дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани низоми давлатдорӣ, пеш бурдани сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии мамлакат мебошад.

**Истиқлолият**- ин шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу ранҷи бардавоми ҳар як фарди бедордили ҷомеа бахри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волост.

**Истиқлолият**- ин бародариву баробарии ҳамаи аъзои ҷомеа, сарфи назар аз халқият, миллат, урфу одат ва ақоиду афкор.

**Истиқлолият** – ин хонаи обод, рӯи сурх, сари баланд, зиндагии осоишта ва рӯзгори осудаҳолонаи ҳар як фарди соҳибдавлату соҳибватан аст».

Бояд қайд кард, ки истиқлоли давлатии мо дар марҳилаи гузариш аз як низоми иқтисодӣ- ӣчтимоӣ ба низоми комилан нав ба даст омада буд. Агар соҳибистиқлолӣ, аз як тараф заминаи асосии ташаккулёбии иқтисоди миллӣ бошад, аз тарафи дигар, пойдории истиқлолият бо устувории иқтисоди миллӣ алоқамандии зич дорад. Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои собиқи шӯравӣ, маҳз пас аз оғози соҳибистиқлолии давлатӣ ба ташаккулу бунёди иқтисодиёти воқеии миллии худ камар баст. Дар аҳди шӯравӣ Тоҷикистон гарчанде ки зоҳиран «Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии мустақил дар ҳайати ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» ном гирифта бошад ҳам, ба иқтисоди миллии худ соҳиб набуд, зеро иқтисодиёти он узви ҷудонашавандаи иқтисоди миллии ИҶШС будва, асосан ба манфиатҳои умумииттифоқи нигарон буд. Мантиқан як иқтисоди миллӣ дар дохили иқтисоди миллии дигар ҷой дошта наметавонад.

Барои он ки иқтисодиёти кишвар хосияти умумиллӣ гирад ва чун як (организми) низоми ягонаи иқтисодӣ фаъолият намояд, давлатро зарур буд, ки чунин аслҳои асосии иқтисоди миллиро зина ба зина амалӣ гардонад. **Якум, <u>фароҳам овардани</u>** фазои ягонаи иқтисодӣ, ки дар асоси қонунгузории ягона, воҳиди ягонаи пулӣ, низоми умумии қарзию пулӣ ва молиявӣ ташаккул ёфтааст. Парламенти Тоҷикистон дар давраи фаъолияти худ беш аз 700 қонунро баррасӣ ва қабул намуд, ки зиёда аз 80 фоизи он марбут ба танзими фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ин қонунҳо чорчӯбаҳои ҳуқуқиро муайян карданд, ки фаъолияти озодонаи субъектҳои иқтисодиро аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб (зӯроварӣ, фиребу ғорат, таҷовузи табиат, зарар ба ҷомеъа ва ғ.) эмин медорад. Яке аз муҳимтарин ҷабҳаи фаъолияти давлат - ин ҳимояи истеҳсолгарон, истеъмолгарон ва кафолати ҳуқуқи моликияти хусусӣ

мебошад. Аз тарафи давлат як қатор қонунҳо роҷеъ ба ҳимояи моликияти зеҳнӣ, фаъолияти низоми бонкию қарзӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ қабул шудааст, ки ҷараёни муносибатҳои бозориро беҳтар намуда, ба самти иҷимоигардии он вусъати бахшидааст.

Тавсеаи заминаи андозбандӣ ва объектхои андозбандӣ, таъмини пурраи воридоти андозхо ба буҷет, таъмин намудани истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷети, яъне истифодаи маблағҳои буҷети дар асоси барномахои махсуси соҳави дар фаъолияти мунтазами давлат қарор гирифтааст. Оид ба баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии низоми бонкӣ, рушди минбаъдаи қарздиҳӣ, аз ҷумла қарздиҳии ипотеки барои манзил, паст намудани фоизи қарзҳо, бахусус дар соҳаҳои истеҳсоли чораҳои мушаххас андешида шудааст. Такмилу густариш додани бозори хизматрасонии суғуртави ва мувофиқ кардани он ба талаботи замон дар радифи вазифаҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳури ҷой гирифтааст. Аз тарафи Президенти кишварамон ба Кумитаи давлатии сармоягузори ва Идораи амволи давлати супориш дода шудааст, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати бо мақсади ҷалби бештари сармоягузории мустақим дар бобати дар солҳои наздик дар қаламрави ҷумхури ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисоди ҷораҳои заруририро амали намояд. Ин самтҳои сиёсати иқтисодии давлат на танҳо ба омилҳои пешбари иқтисодиёти милли неру мебахшад, балки ба рушди сифатан нави иқтисодию иҷтимои ҳидоят мекунад.

**Дуюм**, таъмини алоқаҳои пайвастаи иқтисодии байни манотиқи мухталифи кишвар ва субъектҳои хоҷагидор, ки дар доираи умумии такрористеҳсолоти кишвар ба вуҷуд омадаанд. Бунёди иншоотҳои бузург ба мисли нақби мошингарди «Истиқлол» (Анзоб), се пул дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, таҷдиди роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа - Кӯлоб ва шоҳроҳи Душанбе – Нуробод – Ҷиргатол – Саритош, кушода

шудани роҳи мошингарди Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум, азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Хуҷанд – Мастҷоҳ, Айнӣ - Панҷакент ва оғози сохтмони нақбҳои Шаҳристону Шаршар ва ғ, омили муҳим дар роҳи пойдории иқтисоди миллӣ мебошад. Зимнан бояд таъкид кард, ки маҳаки Ваҳдати миллӣ, устувории миллати тоҷик ва ягонагиву тамомияти иқтисоди миллиро ваҳдати иқтисодӣ муайян мекунад. Инкишофи муносибатҳои бозорӣ, ба раванди тақсимоту кооператсияи қаърии меҳнат суръат бахшида, алоқамандии бевоситаи истеҳсолгарону истеъмолгарон, мубодилоти натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии манотиқи мухталифи кишварро устувор мегардонад. Ин раванд, ба ягонагиву якпорчагии мардуми манотиқи мухталифи кишвар шароити воқеӣ пайдо мекунад. Барои боз ҳам вусъат додани алоқамандии иқтисодии миёни манотиқи мухталифи кишварамон, сиёсати минтақавии давлат, ки асосан барои барҳам додани нобаробариҳои иҷтимоию-иқтисодии онҳо нигаронида шудааст, аҳамияти калон дорад. Зеро бештари манотиқи кӯҳиву наздикӯҳӣ бо сабаби гуногунияти омилҳову шароитҳои объективӣ дар нобаробарии фаъолияти иқтисодӣ қарор доранд. Барои бартараф кардани чунин нобаробариҳо Ҳукумати Ҷумҳурӣ истифода аз фишангҳои андозу буҷа (фискалӣ), маблағгузориҳои суроғадор, ҷалби сармояву грантҳои хориҷӣ, бунёди инфраструктураҳо чораҳои қатъӣ андешида истодааст.

**Сеюм**, пойдор ва тавоно гаштани маркази ягонаи мустақили идора, танзим ва ҳамоҳангсозии иқтисодиёт, ки аз мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи марказӣ иборатанд. Истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ (истифодаи умум) яке аз вазифаҳои муҳими давлат мебошад. Зеро барои истеҳсоли чунин неъматҳо сектори хусусӣ ҳавасманд намебошад ва қудрат ҳам надорад. Ба неъматҳои ҷамъиятӣ мудофиаи миллӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ваксинакунонии аҳолӣ, бунёди шоҳроҳу нақбҳо, осорхонаҳову китобхонаҳо, корхонаҳои азими

аҳамияти умумимиллидошта, боғҳои истироҳативу фурӯзонкунии шаҳрҳо ва ғ..шомил буда, Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ин маҷро бунёди як қатор неъматҳои истифодаи умумро ба иҷро расонидааст. Устувор гаштани нерӯи мудофиавии кишвар, ваксинакунонии аҳолӣ, сафарбар кардани захираҳову сармояҳо дар бобати раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, симои замонавӣ ба худ гирифтан ва сарсабз гаштани шаҳру деҳот, ташкили як қатор шабакаҳои телевизонӣ, радио ва пайваст шудан ба системаи кайҳонӣ ва ғ, мисоли васеъшавии доираи истеҳсоли неъматҳои умумиҷамъиятӣ (истифодаи умуми) мебошад.

Бунёди системаи иқтисоди бозории рӯ ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ва дар ин раванд танзими давлатии он чун мисли дигар кишварҳои ба тамаддун расида, маҳаки асосии сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлатамон эълон шуда буд. Ин хадафхо зина ба зина амали гашта истодааст. Барномагирии рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷумхурӣ дар фаъолияти давлат ба ҳукми анаъана даромада, шаффофияти татбиқи сиёсати иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба назар мерасад. Поягузор ва классики илмхои иқтисоди А.Смит таъкид карда буд, ки агар дар ҷомеъа «пойдории сулх, андозхои тоқатпазир ва идоракунии муътадил » таъмин шавад, пас заминахои воқеии инкишофи иқтисодӣ устувор мегардад. Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки ин аксиомаҳои бунёдии (фудаментали) олим- иқтисодчии бузурги англис, дар ҷомеаи мо ҷомаи амал пушидааст: таъмини суботи макроиқтисоди ва ба вуҷуд овардани заминахои мусоид барои инкишофи пойдор; амалӣ намудани ислоҳоти куллии сохторӣ (таъғиротҳои институтсоналӣ мутобик ба иқтисоди бозори): ислоҳот ва баланд бардоштани самаронокии бахши идоракунии давлати; инкишофи иҷтимоиёт ва ғ.

Тоҷикон таърихан мардуми шаҳрсозу шаҳрофарин мебошанд. Озодию истиқлолият ва давраи навини давлатдории тоҷикон ба асли худ рӯ овардани мардуми шарифу

эҷодофарини ватанамонро тақозо мекунад. Ҳаёти осоишта ва ҷахони муосир талаб менамояд, ки ба такмили санъати меъморӣ, усулҳои пешқадами бинокорӣ, тару тоза, сарсабз ва дилангез кардани шаҳру марказҳои ноҳия, деҳот, ки симои тамаддуни иқтисодиву фарҳангии моро ифода мекунад, аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Ба гуфтаи шоири бузурги ҳамзабони мо Нодири Нодирпур «тамоми бунёду эҷодҳо бояд мисли оинае бошад, ки фардои инсониятро нурпошӣ кунад».

Мафҳуми замин – сармоя ва ё ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот, имконият медихад, ки моҳияти иқтисоди раванди зироаткории обиро (обёришавандаро) дарк намоем. Тамоми тадбирҳои бехтаркунии хосияти заминро, ки бо обёрӣ ва таҷҳизотҳои ирригатсионию мелиоративӣ алоқамандӣ дорад, метавон чун хосияти иқтисоди замин баҳо дод. Бинобар он доир ба амалӣ гардидани лоиҳаҳои инвеститсионии Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати аз нав таҷҳизонидан ва таьмири пойгоҳҳои обкаши, барқарор кардани системаҳои ирригатсиони, барқарорсозии ҳолати мелиоеративии заминхо чораҳои қатъӣ андешида истодааст. Ин имконият медиҳад, ки боз ҳам рушди ғаллаккорӣ, боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ, пахтакори ва ғайраҳоро вусъат диҳем.Воҳидҳои сохтори комплеки агросаноати, ба эътидол овардани низоми тухмпарвари ва зотпарвари, ҷобаҷогузории навъҳои серҳосил, барқарорсозии боғу токзорҳо, бунёди боғҳои нав ва ғайраҳо дар маркази сиёсати аграрии давлат қарор гирифтааст.

Ташаккули маънавиёти солими ҷомеа, маорифу ҳифзи сиҳатии омма, муҳити зист, фарҳанг, варзишу тарбияи ҷисмони, риояи қонунгузори ва таъмини амнияту тартиботи ҷамъиятӣ яке аз омилҳои ғайрииқтисодии (империализми иқтисодӣ) рушд ва ташаккули иқтисоди миллӣ мебошад. Имрӯзҳо баъзан мушоҳида мешавад, ки муносибатҳои иқтисодиву модди, яъне олами модди бештари ашхосро ба худ чунон мутеъ карадааст, ки онхо аз асли худ - олами маъни, ки хислати баланди инсони мебошад, дур шудаанд. Маҳз чунин

муносибатхо ҷой дорад, ки зарурати ворид кардани ахлоқи иқтисоди ба тафаннуни илмҳои иқтисодӣ ба миён омадааст. Мутаффакири бузурги миллати тоҷик Носири Хисрав таъкид карда буд: Адл аст вориси ҳама осори ақли пок, Ақл аст офтоби дилу адл аз у зиёст.

Итминони комил дорем, ки бо баробари инкишофи соҳаи маорифу фарҳанг, қонунгузориву таъмини амният, маънавиёти солими ҷомеа боло меравад ва ҷомеаи қонунбунёди устувор мегардад.

Муваффақиятхое, ки бахусус таи панч соли сипаришуда ба даст омад, руҷуву мароми созандагии мардуми кишвар ва иқдомҳои бузурги ҷомеасози Президенти Ҷумҳурӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои тавоноест барои идома додани корҳои бузург дар марҳилаи нави тараққиёт. Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи васеъи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2006 ва вазифаҳои минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба рушди сифатан нави иқтисодиву иҷтимоии кишвар масъалагузорӣ шуда, корҳои бузурги суръатбахши инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат вориди барнома гашт. (31 январи соли 2007, Душанбе). Аз ин ҳадафҳои бузурге, ки барои иҷрои он камар бастем, шиори Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ ба хотир меояд: «Ман донистам, ки шарбати марг чашиданист.., пас дар кори баланд талаф шавам беҳ ки дар кори паст бимирам».Таманно мекунем, ки тамоми мардуми бовиқору ҷомеасози кишвару вилоят бо чунин шиор фаъолият бурда, ба корҳои бузурги созандаги даст зананд, то ин ки наслҳоиояндаи мо, аз моён, мисли моён, ки аз гузаштагони худ ифтихор мекунем, ифтихор кунанд.

Ҳамин тариқ дар давраи соҳибистиқлолӣ робитаҳои узвҳои бисёрзинаи соҳаҳои мухталифи кишвар қавию устувор гашта, иқтисоди миллӣ ба як организми ягона ва ё том табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар ин китоб раванди инкишофу такмили

муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бозори миллӣ, тарзу услуби идоракунии ин раванд, накши соҳаҳои мухталиф, иқтисодиёти минтақа, муносибатҳои иҷтимоӣ-маданӣ, сармояи инсонӣ, таҳаввулоти шуурии созандаи мардуми кишвар дар ташаккулу рушди иқтисоди миллӣ ва пайваста ба он муаммоҳои садди роҳ ва роҳҳои ҳалли он мавриди омузишу таҳлил қарор гирифтааст. Итминон дорем, ки китоб мақбули доираи васеъи хонандагон хоҳад шуд.

# БОБИ 1. ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Ҳарчанд, базеъ нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии солҳои баъди 2000 – ум ба сатҳи солҳои охири ҳаштодум нарасида бошад ҳам, аммо мо инкишофи иқтисоди миллии давраи истиқлолро, чун рушди софи иқтисодӣ дар роҳи таҳрезӣ ва таъмини истиқлолияти иқтисодии кишварамон мепиндорем….***

## 1.1.Соҳибистиқлолӣ ва рушди софи иқтисодӣ

Замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мардуми кишварамон дар фазои «сотсиализми давлатӣ» зиндагӣ ба сар мебурд. Бинобарон, нуфузи муайяни аҳолии миёнсолу калонсоли ҷумҳуриамон, ҳанӯз чунин давлатро орзу доранд, ки дар ҷаҳони муосир арзи вуҷуд надорад. Ҳатто, имрӯзҳо фаъолияти давлатро, низ аз нигоҳи давлатдории Шӯравӣ баҳо дода, онро чун мизони (меъёри) ченак истифода мебаранд. Зеро, ҳанӯз рудимент ва ё изи рафтор ва кирдори «туфайлихурӣ» (иждивенеческая психология), ки «сотсиализми давлатӣ» тавлид карда буду гӯё давлат бояд тамоми неъматҳои зистро муҳайё созад, мушоҳида мешавад, Агар мардуми мо то солҳои 90-ум чун мардуми Чин ва ё Югославия дар шароити «сотсиализими бозорӣ» фаъолият мекарданд, пас моҳияти давлати соҳибистиқлоли демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро ба зуди дарк менамуданд. Бинобарон, мо тасмим гирифтем, ки мақому ҳадафҳои иқтисодӣ-ичтимоии давлатро дар шароити иқтисоди бозорӣ ва сатҳу сифати тадбиқи амалии онҳоро дар тӯли давраи истиқлолият мавриди таҳлил қарор диҳем.

Бояд қайд кард, ки истиқлоли давлатии мо дар марҳилаи гузариш аз як низоми иқтисодӣ- ичтимоӣ ба низом комилан нав ба даст омада буд. Дар ин марҳила давлати соҳибистиқлолу навбунёди тоҷик на танҳо вазифаи ташакулдиҳии рукнҳои

давлатдориро дар арзу тӯл, балки ҳамчун институти иқтисодӣ, омодасозии аҳолии кишвар ва субъектҳои иқтисодиро ба муносибатҳои бозорӣ, низ ба дӯши худ дошт. Тазаккур бояд дод, ки ислоҳоти иқтисодӣ аз сатҳи тафаккур, манфиатҳо ва ахлоқи иқтисодии табақаҳои мухталифи ҷомеа вобастагӣ дорад. Бинобарон гузоштани таҳкурсии давлати соҳибистиқлолу навбунёди Тоҷикистон талошу заҳматҳои пайгиронро, ки ба ҳамагон маъмул аст, талаб намуд. Тибқи Сарқонуни Ҷумҳурӣ Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон гардида, аз оғози фаъолият бунёди бозори рӯ ба ичтимоиёт нигаронида шуда, ҳадафи асоси фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳури қарор гирифтааст. Тадбиқи ин ҳадафҳо пайваста ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ зина ба зина ҷомаи амал пӯшида, рукнҳои он баръало назаррас аст.

Давлати навбунёди тоҷик, чун дигар кишварҳо ба тамаддун расида, кушиш ба харҷ додааст, ки дар масири фаъолияти иқтисодӣ, бештар ба идоракунии иқтисодӣ (истифода аз фишангҳои андозу буҷа) такя намояд ва ба такмилу густариши фишангҳои иктисодӣ, ки ҳавасмандию ташаббусскории мардуми кишварро дар рушди бойигарии милли мусоидат мекунад, ҷидду ҷаҳд намояд.

Истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, имконият дод, ки тамоми сарватҳои табиӣ, иқтисодӣ, зеҳнӣ ва арзишҳои миллии дар тӯли асрҳо ташаккулёфта, соҳиби аслии худро ёбад ва ба манфиати миллат самаранок истифода шавад. Ба иборам аллома Шарқ Муҳаммад Иқбол:

Худо он миллатро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Яъне, миллати тоҷик тақдирашро ба «дасти хеш бинвишт» ва акнун, наҳоҳад монд, ки «деҳқонаш барои дигарон кишт»

Ҳарчанд, баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодӣ - иҷтимоии солҳои баъди 2000 – ум ба сатҳи солҳои охири ҳаштодум нарасида бошад ҳам, аммо мо инкишофи иқтисоди миллии давраи шонздаҳ соли истиқлолро, чун рушди софи иқтисодӣ дар роҳи таҳрезӣ ва таъмини истиқлолияти иқтисодии кишварамон мепиндорем. Чаро? Бунёди иншоотҳои бузург ба мисли нақби мошингарди Истиқлол (Анзоб), се пул дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, неругоҳи барқии «Помир – 2» ва 26 неругоҳҳои хурди барқӣ, таҷдиди роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа - Кӯлоб ва шоҳроҳи Душанбе – Нуробод – Ҷиргатол – Саритош, кушода шудани роҳи мошингарди Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум, ҳамчунин оғози иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла «Роғун», «Сангтӯда - 1» ва «Сангтӯда - 2», хати интиқоли барқии «Ҷануб - Шимол», азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Хуҷанд – Мастчоҳ, Айнӣ - Панҷакент ва сохтмони нақбҳои Шаҳристону Шаршар ва ғ., ки дар қарни гузашта орзу буд, дар давраи истиқлолият ба ҳақиқат мубаддал гашт.Ин бунёдҳо, чун меваи истиқлол, аз нишондиҳандаҳои иқтисодиест, ки оид ба ватандорӣ, тавоноӣ ва нерӯи созандагии халқи эҷодофарину давлати навини тоҷикон шаҳодат медиҳад.

Иқтисодиёти миллӣ, низоми муҳосиботи миллӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии марбут ба он заҳматҳову меҳнати нафъовари аъзоёни чомеамонро дар бунёди бойигарии милли таҷассум намуда, мазмуни воқеъии худро ёфтааст.Қонеъшавӣ аз натиҷаҳои фаъолият буд, ки ҳавасмандиву дилгармии кулли захматкашонро дар баланд бардоштани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии кишвар таъмин намудааст. Дар панҷ соли охир, сатҳи афзоиши солонаи маҷмӯи маҳсулоти миллӣ 9,4 фоизро ташкил дода, соли 2005, ин нишондиҳанда, нисбат ба панҷ соли сипаришуда 60 фоиз афзудааст. Агар вазни киёсии карзи беруна дар МММ соли 2000-ум 108, фоиз бошад, пас соли 2005 31 фоизро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда, аз он шаҳодат медиҳад, ки мо дар

таъмини истиқлолияти иқтисодӣ кадамҳои устувор гузошта истодаем. Пайваста ба афзоиши МММ, даромади буҷаи кишвар низ дар таи панҷ соли сипаришуда 2,6 маротиба афзудааст. Сатҳи тавворум то ба 7.1 фоиз паст шудааст. Ё ин ки динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимои-иқтисодии вилояти Суғдро дар нақшаи зерин мебинем (ниг. ба нақшаи 2.1.)[1]




Нақшаи 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии вилояти Суғд (дар фоиз).

1-Индекси маҷмӯи маҳсулоти кулли дохилӣ

2-Афзоиши қисми даромади буҷа

3-Афзоиши қисми хароҷоти буҷа

4- Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Аммо, мутаассифона бархе аз ашхосони нуқсонҷӯй «риштаи сурх»-и инкишофи иқтисодиёти миллиро дарк накарда ва ё нахоста, тамоми дигаргуниҳоро бо баъзе муаммоҳои ҳаётӣ – сатҳи пасти маош, норасоиҳои барқу газ, сузишворӣ ва ғ.,ки дорои хосиятҳои кӯтоҳмуддат аст, баҳо медиҳанд. Ин масъалаҳо, албатта, омӯзиши алохидаро талаб менамояд. Алҳол, зарур донистем, ин ҷо фақат як далели таърихиро мисол орем. Таърихи башарият гувоҳ аст, ки бештари давлатҳои ҷаҳон дар ибтидои истиқлоли давлатӣ , дар

[1] Сарчашма: Қадамҳои устувор, Хуҷанд – 2006 саҳ. 24

ҷараёни ҷомеасозию ватансозии навини худ, беш аз 70 фоизи даромади миллии худро ба андӯхт - сармоягузорӣ ва 30 фоиз, ҳатто аз он камтарро, ба истеъмол сафарбар кардаанд.Масалан, бисёр давлатҳои Аврупо ва Ҷопон, пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон, дар чунин шароит қарор доштанд. Ё худ, Давлати Шӯравӣ дар ибтидои пойдоршавии худ қариб 80 фоизи даромади миллиро барои бунёди индустрияи вазнин ва таъмини истиқлоли иқтисодӣ сафарбар намуда буд. Ин вазъият то солҳои 60 –ум идома ёфта буд. Ёд дорам, ки ба зодгоҳам (ҳарчанд аз шаҳри Истаравшан он қадар дур набуд), фақат пас аз солҳои 60-ум хати барқ расид буд. Яъне, пас аз 35 соли пойдории Давлати Шуравӣ ва ё пас аз 20 соли Ҷанги Бузурги Ватанӣ деҳаам чароғон шуда буд.Ҷаҳони муосир, ки ба зинаи баланди тамаддун расидаасту кӯмаки башардустонаи бебозгашт, фаъолияти эҳсонкории ташкилотҳои байналмиллалӣ, грантҳо, сормоягузории имтиёзноки давлатҳои гуногун ва ғ. барои давлатҳои навистиқлол дар маҷрои ҳаёти башар ворид шудааст, албатта, сатҳи камбизоатиро нарм мекунад. Аммо, бобокалону бобоёни мо, дар он шароити солҳои 50 –уми қарни гузашта, сабру тоқат карда, барои фардои авлоди худ бо меҳнати беминнати созанда иншоотҳои бузург бунёд карданд, (водии Вахшро обод намуданд, Душанбешаҳр сохтанд ва ғ.) ки баъдан меваҳои онро мо истифода бурдем.Ва хатто ношукриҳо ҳам кардем, ки дар ин маврид, шайх Саъдии Шерозӣ фармудааст: «Тангчашмон назар ба меваи боғ мекунанд, Фурӯтанҳо назар ба худи боғ мекунанд.» Дар ҳақиқат ибтидои солҳои 90-ум «тангназарон» ҳам пайдо шуда буданд, ки он ҳама «боғ»-ҳои (таҷҳизотҳо, нақлиётҳо, сарватҳои моддию молиявӣ ва ғ.) бобоёну падарон бунёд кардаро ба тороҷ бурданд.

Давраи истиқлол барои миллат давраи санҷиши таърихӣ аст.Дарвоқеъ, арзиши фараҳи садсолаҳоро заҳмати сангини понздаҳ - бистсолаҳо муаяйн мекунад. Назарияи инкишофи даврагии иқтисодиёт (теории циклов), алалхусус, назарияи «мавҷҳои дароз» чунин зарурати таърихиро тақозо мекунад.

Ин заҳматҳо бо амри таърих имруз ба дӯши мо аст, ба хотире, ки авлоди оянди мо фараҳ ёбад. Моро зарур меояд, мисли ниёгони худ ба бунёди корхонаҳои азим, иншоотҳо ва дигар арзишҳое, ки дар давраи дарозмуддат барои миллат ва наслиояндаи мо такдирсоз аст, камар бандем.Ҳукумати Ҷумҳурӣ ин ҷавҳари стратегиро дар маркази сиёсати иқтисодии худ қарор додааст.

Акнун, ба таҳлили он ҳадафҳои иқтисодие, ки давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд ба иҷро расонад, мегузарем

Чи тавре, ки ба мо маълум аст, мавҷудияти бозори озод абстрактсияи маҳз буда, дар ҳама давру замон танзими бозор чой дошт. Зеро бозор тамоми муаммоҳои ҷомеаро ҳал карда наметавонад. Ҳадафи асосии давлат дар ин раванд бо нарм кардан ва ё боздоштани зарбаҳо ва оқибатҳои манфии бозор барои кулли шаҳрвандон ва ё табақаҳои камбизоати ҷомеа мебошад. Бо ибораи дигар давлат бояд барои бартараф кардани оқибатҳои ногувори ҷараёни табиии фаъолияти иқтисодӣ, ки фиаско-бозор меноманд, машғул бошад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ин маҷро ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Якум. Фазои ҷамъиятиву ҳуқуқие, ки барои фаъолияти муносибатҳои бозори мусоидат мекунад, бунёд шудааст. Парламенти Тоҷикистон дар давраи фаъолияти худ беш аз 700 қонунро баррасӣ ва қабул намуд, ки зиёда аз 80 фоизи он марбут ба танзими фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ин қонунҳо чорчӯбаҳои ҳуқуқиро муайян карданд, ки фаъолияти озодонаи субъектҳои иқтисодиро аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб (зӯроварӣ, фиребу ғорат, таҷовузи табиат, зарар ба ҷомеъа ва ғ.) эмин медорад. Яке аз муҳимтарин фаъолияти давлат - ин ҳимояи истеҳсолгарон, истеъмолгарон ва кафолати ҳуқуқи моликияти хусусӣ мебошад. Зеро, барои ҳар як истеҳсолгар ва истеъмолгар эҳтиёҷот ба ҳимояи ҳаёту сарват дар радифи талаботҳои аввалиндараҷа қарор дорад. Дар мавриди фаъолият накардани фишангҳои ҳуқуқии ин ҳимоя, пас онҳо дар асоси

фаъолияти ҷудогона ҳимояи фардии худро меҷӯянд. Масалан, дар ибтидои давраи гузариш (солҳои1990-1996) на танҳо дукондорони хурд, балки ҳатто корхонаҳои калон барои ҳимоя ба «сарпаноҳ»-ҳо (крыша), гурӯҳҳои криминалӣ (рекетҳо) муроҷиат мекарданд. Ин ҳимоя, албатта, сарфи маблағҳои калонро талаб менамуд, ки он дар адабиётҳои иқтисодӣ, чун хароҷоти транссаксионӣ тавсиф дода мешавад. Зина ба зина аз байн рафтани чунин «ҳимоягарон» оид ба тавоноӣ пайдо кардани фишангҳои ҳимояи давлатӣ шаҳодат дода, аз тарафи дигар, ба паст шудани хароҷоти транссаксионӣ мусоидат кардааст. Аммо, бояд таъкид кард, ки имрӯзҳо ҷои он «ҳимоягарон»-ро баъзан соҳибмансабони идораҳои давлатӣ иваз карданд, ки боз ҳамон хароҷоти транссаксиониро зиёд мекунад. Ислоҳоту такмили сохтори идоракунии давлативу хоҷагидорӣ, ки пай дар пай идома ёфта истодааст, бешубҳа, ин ҳодисоти номатлубро аз байн хоҳад бурд. Аз тарафи давлат як қатор қонунҳо роҷеъ ба ҳимояи моликияти зеҳнӣ, фаъолияти низоми бонкию қарзӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ қабул шудааст, ки ҷараёни муносибатҳои бозориро беҳтар намуда ба самти иҷимоигардии он вусъат бахшидааст. «Барои ба роҳ мондани истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ,- таъкид мешавад дар Паёми Президенти кишвармон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаффофияти қисми хароҷоти он, такмили системаи хазинадорӣ Ҳукумат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд то соли 2008-ум пурра ба системаи алоқаи электронӣ гузаштани маблағгузорӣ, боз ҳам беҳтар намудани интизоми ҳисоботдиҳӣ, пурзӯр намудани масъулияти роҳбарони корхонаҳо ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибавӣ ва пешниҳод намудани маълумоти мукаммали оморӣ, инчунин ба талаботи стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонидани ҳисоботи муҳосибавии корхонаҳоро таъмин намоянд.»Ин даъват боз ҳам ба пойдории интизоми иқтисодӣ суръати тоза мебахшад.

Дуюм. Истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ (истифодаи умум) яке аз вазифаҳои муҳими давлат мебошад. Зеро, барои истеҳсоли чунин неъматҳо сектори хусусӣ ҳавасманд намебошад ва қудрат ҳам надорад. Ба неъматҳои ҷамъиятӣ мудофиаи миллӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ваксинакунонии аҳолӣ, бунёди шохроҳу нақбҳо,осорхонаҳову китобхонаҳо, корхонаҳои азими аҳамияти умумимиллидошта боғҳои истироҳативу фурӯзонкунии шаҳрҳо ва ғ.. Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ин маҷро бунёди як қатор неъматҳои истифодаи умумро ба иҷро расонидааст. Устувор гаштани нерӯи мудофиавии кишвар, ваксинакунонии аҳолӣ, сафарбар кардани захираҳову сармояҳо дар бобати раҳои ёфтан аз бумбасти коммуникатсионӣ, симои замонавӣ ва сарсабз гаштани шаҳру деҳотҳо, ташкили як қатор шабакаҳои телевизонӣ, радио ва пайваст шудан ба системаи кайҳонӣ ва ғ, мисоли васеъшавии доираи истеҳсоли неъматҳои умумиҷамъиятӣ (истифодаи умуми) мебошад.

Бунёд гардидани нақби Истиқлол (Анзоб) таҷдиди шохроҳҳо бузургтарин иншоот ва ё неъматҳои аср мебошад. Ин эҷодҳои бузург нахуст талаботҳои иқтисодӣ- иҷтимоии кишварамонро тақозо мекунад. Зеро, беш аз 67 фоизи нақлиёти баркаширо, дар ҷумҳуриямон баркашонии автомобилӣ ташкил медиҳад. Онҳо мисли ҷӯйбор ва корезе, ки атрофи худро хуррааму сарзабз дошта полизҳоро шодоб мекунанду ҳосили фаровон меоранд, ба ҳамин монанд, шоҳроҳу иншоотҳои марбут ба он, омили ҷонбахшу самарабахш дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар хидмат мекунанд. Ободии шоҳроҳхо буд, ки дар нимаи аввали соли 2006, ҳаҷми боркашонии автомобилии вазоратҳо - 29,1%, соҳибкороне, ки ба боркашонии тиҷорат машғуланд - 30,4% корхонаҳои автомобилии хусусӣ - 5,4% дар ҳаҷми умуми боркашон ташкил дода ва ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2005 беш аз 10,6% афзудааст.[1]

[1] Рӯз. Народная газета, 9 августи соли 2006

Аз тарафи дигар, консентратсия ва самтгирии сармояву захираҳо ба иншоотҳои коммуникатсионӣ ва корхонаҳои азими аҳамияти умумимиллидошта, сиёсати инвеститсионии давлатро дар таъмини сатҳи баланди сармоягузори ва боло бардоштани бузургии даромади миллӣ ва ё бо ибораи дигар, саъю кӯшиши ҳукуматро дар бобати аз ҳолати карахтию маҳдудият баровардани иқтисодиёти миллӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ, возеҳона ифода мекунад. Зеро сармоягузорӣ омили асосии рушди иқтисодӣ буда, тибқи самараи мултпликатор афзоиши ҷузъи дилхоҳи хароҷоти ҷамиъятӣ, алалхусус, сармоя ва хароҷоти давлатӣ ба афзудани даромади миллӣ мусоидат мекунад. Зимнан бояд таъкид кард, ки ин афзоиш нисбат ба бузургии афзоиши хароҷоти (сармояи) аввала, якчанд маротиба зиёд аст. Агар мултпликатори сармоягузори ба 4 баробар бошад, пас ҳар як сомонии сармоя афзоиши даромади миллиро ба чор сомонӣ афзун кардааст. Масалан, сармоягузорӣ дар бунёди нақби «Истиқлол» таклифотро ба захираҳои истеҳсолӣ- масолеҳи сохтмон ва қувваи корӣ зиёд мекунад. Дар навбати худ, ин таклифоти самаранок бузургии пешниҳоди захираҳоро баланд менамояд ки дар натиҷа шиддатнокии фаъолияти заводҳои сементбарорӣ, арматура, корхонаҳои нақлиёти ва ғ. меафзояд. Ҳар як соҳибони захира даромадҳои баландро ба даст меоранд, ки ҳаҷми таклифоти онҳоро дар тамоми намудҳои бозор зиёд мекунад. Як мисоли оддӣ: коргаре, ки дар сохтани нақб кор мекард, фарз мекунем, ки 1000 сомони маош гирифт ва ба қисме аз он яхдон харида ва қисми дигарашро чун пасандоз ба бонк нигаҳ дошт.

Фарз мекунем, ки дар ҷомеа тамоили истеъмолӣ коэффисиенти 0,9-ро ташкил медиҳад, яъне шаҳрвандон 90 фоизи даромади худро барои истеъмол сарф мекунанд ва 10 фоизашро чун пас андоз нигоҳ медоранд. Пас, коргари нақби «Истиқлол» ба 900 сомонӣ яхдон харид ва даромади заводи яхдонбарорӣ ба бузургии 900 сомонӣ меафзояд. Истеҳсолгари

ин завод бошад бо бузургии 810 сомонӣ қолинҳо харид ва даромади фабрикаи қолинбарорӣ ба 810 сомонӣ афзуд. Коргари ин фабрика аз 810 сомони 729 сомониашро ба харидани дигар неъматҳои истеъмолӣ сарф кард. Ҳамин тариқ, дар мисоли мо маҳз, фарқияти хароҷот бо маоши як коргар, даромади миллӣро дар чунин пай дар паи зиёд кардааст: 1000+900+810+729+…. Ин раванд чун реаксияи занҷири тамоми табақаҳои аҳолии ҷомеаро фаро мегирад ва ҳамин тариқ сармоягузории аввала ба афзоиши якчандкаратаи маҷмӯи таклифот ва даромадҳои ҷамъият суръат мебахшад. Афзудани даромади миллӣ, ки дар натиҷаи реаксияи занҷирӣ ба вуқӯъ меояд, метавон бо коэффисиент ифода кард. Ва ин коэффисиентро мултпликатор ном доданд.

Сеюм. Давлати соҳибистиқлоли мо дар тӯли шонздаҳ соли истиқлолият, оид ба ҳимояи рақобати бозорӣ, мӯтъадил кардани лапишҳои макроиқтисодӣ, такмили сиёсати даромадҳову ичтимоӣ, ки ҳадафи боздоштан ҷараёни тезу-тундшавии тафрикашавии аҳолии ҷомеаро дорад, чораҳои қатъӣ андешидааст. Ба хотири аз байн рабудани номутаносибии музди меҳнат, даромади шаҳрвандон, ва баланд бардоштани қобилияти харидории мардуми кишвар Консепсияи музди меҳнат омода гардидааст, ки тадбиқи он дар ду давра- солҳои 2006-2009 ва 2010-2015 дар назар аст.

Сиёсати зиди монополӣ ва зидди буҳронӣ, ки инкишофи устувори муносибатҳои бозорӣ ва иқтисодиёти миллиро таъмин мекунад, низ дар самтҳои фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурӣ қарор гирифтааст.

Бояд таъкид кард, ки истифодаи суръатноки захираҳои табиии кишвар, инкишофи корхонаҳои саноатӣ самараи манфии беруниро, ба мисли вайрон шудани иқлиму муҳити зист, мувозинати экологӣ ва ғ. тавлид мекунад. Дар ин ҷода Ҳукумати Ҷумҳурӣ як қатор фишангҳои ҳам маъмурӣ ва ҳам иқтисодиро истифода мебарад, то ин ки оқибатҳои манфии фаъолияти иқтисодии ҷомеаро паст намояд.

Фаъолияти созандагии давлат буда, ки инкишофи иқтисодиёти миллӣ тамоили устуворро гирифтааст. Аммо нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, ки бо рақамҳои омории расмӣ ҳисоб карда шудааст, то кадом сатҳ фаъолият ва некуаҳволии миллатро чен мекунад? Ин масъала, бо сабабҳои зерин таваҷҷӯҳи иқтисодчиёнро бо худ ҷалб менамояд. Аввалан, на ҳамаи фаъолиятҳои нафънок дар нишондиҳандаи Маҷмӯи маҳсулоти милли иниъкос меёбад. Як қатор неъматҳое ҳастанд ки дар доираи ченак чой намегиранд ва ё арзиши бозорӣ надорад: фаъолияти дар доираи хоҷагиҳои оилавӣ - тарбияи фарзандон, тайёр кардани хӯрокаҳо, таъмири хона ва техникаву асбоби рӯзгор бо қувваи худ, меҳнати ихтиёрӣ бо мисли тозаву таъмир кардани ҳудуди назди бинои истиқоматӣ ва маҳалаи зист (шанбегиҳо), ҳашар, ёрдами беғаразона ба ҳамсояҳо, фаъолияти эҳсонкорӣ ва ғ. Сониян, фаъолият дар доираи иқтисодиёти «зери ях» (теневой), яъне фаъолияти иктисодии пинҳон аз санадҳои қонунӣ, бешубҳа, дар тамоми ҷомеи чахон арзи ҳастӣ мекунад. Дар ин ҷо ду намуди фаъолиятро бояд чудо кард. Яке, ҳарчанд фаъолияти наъфнок ва аз нигоҳи қонунӣ пинҳон набошад ҳам, аммо шахсоне, ки ба ин фаъолият машғуланд, даромади худро декларатсия накарда қонуни андозро вайрон мекунанд. Масалан, ташкили дарсҳои иловагӣ дар хона ва ё ҷойҳои муайян (репетиторства), дуредгарӣ, табибӣ ва ғ. Дигаре - ин фаъолияти зиддиқонунӣ ба монанди истеҳсолу фурӯши маводи нашъовар, тиҷорати аслиҳаҳои оташфишону ҳарбӣ ва ғ.,ки сарчашмаи даромади калон аст, мебошад. Бояд таъкид кард, ки иқтисодиёти пинҳонӣ ва ё «зери ях» (теневой) дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, чун зуҳуроти номатлуб вуҷуд дорад. Масалан, вазни қиёсии фаъолияти ин иқтисодиёт (ба ҳисоби фоиз) дар Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, дар охири асри 20, дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон чунин бузургиҳоро ташкил медод: Италия - 27,2, Шветсия- 19,5, Фаронса-14,8, ИМА-8,8, Шветсария-7,8. Дар

Русия ин бузургӣ аз 20 то 40% тағйир меёбад.[1] Ин масъалаҳо дар бобби сеюм муфассал таҳлил ёфтааст. Бешубҳа дар кишвари мо низ, чунин иқтисодиёти пинҳонӣ дар бузургии назаррас арзи ҳастӣ мекунад. Дар ҳақиқат, дар маоши расмии, масалан 500 сомонӣ, кас наметавонад хонаҳои боҳашамат ва ё автомобил харад (агар ба ягон фаъолияти соҳибкорӣ шуғл надошта бошад.). Илова бар ин, бархе шаҳрвандон, ки дар сафи бекорон қарор доранд, соҳиби сарвати калон мебошад. Агар чунин фаъолиятҳо ба ҳисоб гирифта шавад, пас динамикаи воқеъии истеҳсоли Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ боз ҳам 30-40 фоиз меафзуд ва мо метавонистем нишондиҳандаҳои «некуаҳволии иқтисодии софро» муайян намоем.

## 1.2. Ваҳдати миллӣ нахустомили ҷомеъасоз ва рушди иқтисодӣ миллӣ

Ваҳдати тоҷикон дар кишвари тоҷикон, ки дар таърихи навини давлатдории мо нақш баст ва чун вазни Иди истиқлолияти давлатиро дорост насли оянд шояд дар ҳайрат монад ва ё ба он даргириҳои дохилӣ, ки аз сар гузаронидем, афсӯс хӯрад. Бинобарон зарурат шуморидем, ки дар арафаи даҳсолагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ чанд хулосаҳову баҳои худро чун як фарди ҷомеа иброз намоем.

Дар ибтидои солҳои 90-ум гузариш аз як сохт ба сохти дигари давлатдориву хоҷагидори (иқтисодӣ) оғоз ёфта Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии худро пайдо кард. Дар ин ҷараён, дар майдони сиёсат қудратталабии ҳизбу ҳаракатҳо, сиёсатмадорони мухталиф чунон авҷ гирифт, ки ҳатто ба поймолшавии Қонуни асосӣ мусоидат кард. Дар натиҷа мардуми кишвар барои бархе соҳибмансабони давлативу сиёси чун як маводе барои механикаи сиёсӣ ва ё объекте барои бозори сиёсат истифода шуд. Онҳо ҳадафҳову муборизаҳои

[1] Экономическая теория преступления и наказании. реферативных журнал: М. РГГУ, 2000 Выпуск 2. с 122

сиёсии худро такя ба мардуми маҳалу минтақаҳои худ карда, ин мардумро ба даргириҳои сиёсӣ кашиданд. Ин омилҳо оқибат ба ҷанги мудҳиши шаҳрвандӣ оварда расонид, ки он ба мавҷудияти давлати Тоҷикистон ва ягонагии миллати тоҷик таҳдид мекард.

Дар ҳақиқат он сиёсатмадороне, ки на манфиати кулли мардуми кишварро ифодаву баррасӣ мекунанд, балки барои ноил гаштан ба ҳадафу манфиатҳои шахсиву гурӯҳии худ, мардуми худро кӯр – курона аз паи худ мебаранд, ноқодиртарин шахсият ва ё маҳз ханноти бозори сиёсӣ мебошанду бас.Дар майдони сиёсат чунин ашхосон низ, пайдо шуда буданд, ки ба идома гирифтани даргириҳои кишвар суръат бахшиданд.

Барои ба эътидол овардани вазъияти кишвар на сиёсатмадоре, ки аз интихобот то интихобот фикр мекунад зарур буд, балки халқи азияткашидаи тоҷик ба ходими давлате эҳтиёҷ дошт, ки вай оид ба пойдориву устувории давлат ва якпорчагии ҷумҳурӣ фикр кунад. Ниҳоят ин орзуву ормони миллати тоҷик дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомаи амал пӯшид. Маҳз ҳамин Иҷлосияи тақдирсоз мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлати тоҷикон интихоб карда, тухфаи тақдир намуд. Аз нахустсадои Сарвари давлатамон ҳадафи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эълон шуд ва роҳҳои минбаъдаи рушду такомули давлати навбунёд муайян гашт.

Фаъолияту талошҳои пайгиронаи Президенти кишварамон барои амали гардидан ҳадафҳои муайяншуда натиҷаҳои судманд дод. Дар ҷомеа барои фаъолияти мӯътадили ҳамаи азҳоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои иҷтимоии тараққиҳоҳ шароити мусоид оварда шуд. Дар ибтидои соли 1996 гурӯҳи сиёсатмадорону роҳбарони азҳоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои миллӣ матни Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистонро барои муҳокима омода намуданд. 9 марти ҳамон сол зиёда аз 30 ҳизб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, илмӣ, динӣ,

миллӣ зери он санад имзо гузоштанд. Ва ниҳоят 27 июни соли 1997 ин Аҳднома бо пуррагӣ эътироф гашта сулҳу оштии милли танинандоз шуд.

Оштиву ризоияти Милли аҳмияти таърихи дошта, се ҷавҳари онро метавонем таъкид кард.

**Якум.** Сулҳи тоҷикон дарси таърихиест, на танҳо барои худи мо,ки осоиштагӣ овард, балки барои он қисми ҷаҳоне, ки нооpом, яъне барои кишварҳое, ки дар даргириҳои дохилӣ қарор доранд, намунаи беҳтарини раҳнамои созиш аст. Илова бар ин, ин мӯъҷизаи таърихии тоҷикон, ҳамчун ҳиссагузории халқи мо дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, низ мебошад**. Дуюм**. Имтиҳоноти таърих боз як бори дигар исбот кард, ки тоҷикон ворисону меросбари ориёни асил буда, соҳиби тамаддуни оламшумул мебошанд. Зеро тарафҳои мухолифро андешаи ҷаҳонсоз ғалаба карда, арзиши якпорчагии кишвар ва ваҳдати миллиро аз кулли манфиатҳои азхобию гурӯҳӣ боло гирифтанд. Ва оид ба идомаи насли милати тоҷик ва пойдории давлати навбунёди тоҷикон якдилона камар бастанд. Миллати тоҷик ифтихор мекунад, ки беш аз 7 млн тоҷикистонӣ соҳиби давлати комилҳуқуқ, ки тамоми кишварҳои олам эътирофаш кардааст, мебошад. Воқеан аз ин шукр дорад, зеро бисёр милатҳои сернуфузи башар созовори чунин тақдир набуда, дар орзуи давлати мустақил муборизаҳои тулонӣ мебаранд. (масалан, ҳамнажоди мо курдҳо дар орзуи бунёди давлати ягонаи Курдистон солҳои тӯлонӣ мубориза мебаранд. Худо кунад, ки ба он ноил гарданд) **Сеюм.** Ин мӯъҷизаи таърихӣ барои вусъат бахшидани дарки худшиносии воқеии милли такони бузург дод. Вай амиқ эҳсос кард, ки бунёдсозу меҳансоз, тақдирсози миллати тоҷик, на аз берун буда, балки худи ӯ мебошад.

Ваҳдати миллӣ дар инкишофи ҳаёти иҷтимои-иқтисодии ҷомеамон нақши бузург дорад ва ҳамзамон барои устувории он заминаҳои иқтисодӣ ва ё ваҳдати иқтисодиро (қаърӣ гаштани тақсимоту ҳамбастагии меҳнатро) бояд бунёд кард.

Таърихи инсоният исбот кардааст, ки маҳз сулҳу ризояти ҷомеа омили бузурги тамаддунсоз,ихтиросозу бунедсоз буда, ба инкишофи ҳаёти ичтимои-иқтисодии кишвар заминаи фаррох мебахшад. Поягузори илми иқтисодӣ, олими барҷастаи англис А. Смит таъкид кардааст, ки барои давлатро аз зинаи пасти ваҳшиёнат ба зинаи олии некўкориву тамаддун ҳидоят кардан, бояд сулҳу ризояти ҷомеа, андози сабук ва идоракунии тоқатпазирро мусоидат кунем. Агар ин заминаҳо бунёд гардад, пас дигар равандҳоро ҷараёни табиӣ инкишоф, худ ато мекунад. Агар тамоми ҳокимият ин ҷараёнҳоро зўран ба дигар роҳ равон кунаду боздорад, пас раванди зиддитабиӣ мушоҳида мешавад, ки оқибатҳои мудҳишро тавлид мекунад: зеро дар ин раванд, барои он ки ҳокимият худро нигоҳ дорад, вай маҷбур мешавад зулм ва «тиран»и-ро роҳ диҳад. Зафарёб шудани ақли закии ҷаҳонсоз дар Иҷлосияи шонздаҳум ва ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти миллӣ ҷараёни табиӣ инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварамонро мусоидат кард. Сарвари давлатамон аз оғози фаъолияти хеш, оид ба такмили сохтори идоракунӣ, ки ба мардум наздик бошаду, ба пешрафти ҷомеа мусоидат кунад, давра ба давра чораҳои қатъӣ андешидааст. Қонуни нави андоз, ки аз ибтидои соли 2005 ва тағйироту иловаҳои воридшуда аз оғози соли 2006 амал мекунад, хеле сабуктарин ва дорои хислати баланди гуманистӣ мебошад.Дар ҳақиқат, вақте ки мо сатҳи озодии фаъолияту зиндагии мардуми худро ба дигар кишварҳои ҳамсоя тақоза кунем, бояд шукр гуфт.

Барои исботи омили ҷонбахш будани оромии кишвар ва ваҳдати миллӣ дар инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа кифоя аст, ки фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриамонро дар ду давра - давраи то соли 1997 ва давраи баъди соли 1997 ташхис намуда, муқоиса кунем. Масалан, рақамҳои омории вилояти Суғд, ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таи солҳои 1992-1996 ҳар сол ба ҳисоби миёна 76,4 фоизи сатҳи солҳои пешин

истеҳсол мешуду халос, яъне тамоили таназзулро дошт. Ниҳоят охири соли 1997 ҷамъбасти солона нишон дод, ки истеҳсоли маҳсулоти саноати нисбат ба соли гузашта 5,8 фоиз зиёд шудааст. Таи солҳои 1997 – 2000-ум дараҷаи рушди солонаи ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна қариб 5 фоизро ташкил додаст. Масалан, панҷ соли охир рушди устувори ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварамон баръало мушоҳида мешавад. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 60 фоиз афзуда, дараҷаи рушди солона ба ҳисоби миёна 9,4 фоизро ташкил дод. Агар индекси нархи маҳсулоти истеъмолӣ солҳои 1996 дар вилояти Суғд 401,7 фоиз, 1997- 201,0% 1998- 133,3% , дар соли 1999 аллакай 115,6 фоизро ташкил додаст. Дар давоми панҷ соли охир сатҳи таваррум то 7,1 фоиз паст фаромадаст (яъне, индекс 107,1%). Агар қарзи беруна соли 2000-ум нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 108 фоизро ташкил медод, пас соли 2006 ба 31 фоиз паст фаромадааст. Пайваста ба инкишофи иқтисодиёти кишвар ҳаҷми умумии буҷаи давлатӣ, дар давоми панҷ соли охир ба 2,6 маротиба, яъне ба ҳаҷми як миллиард афзудааст. Ин пешрафтҳоро, маҳз оромии кишвар буд, ки ноил гаштем. Давраи гузариш, пойдоркунии истиқлолияти иқтисодӣ дар марҳилае рост омада, ки мо бояд қариб тамоми фондҳои асосии ҷомеаро аз нав кунем ва ба кор дарорем. Зеро беш аз 80 фоизи қисми фаъоли фондҳои асосии таъиноти истеҳсолӣ,бинову иншоотҳои соҳаҳои маорифу фарҳанг ва иҷтимоӣ 50-60 сол қабл аз давраи истиқлол сохта шуда буданд. Табиист, ки онҳо ба меъёрҳои ҷаҳони муосир ҷавобгӯ нестанд. Чунин бӯҳрони иқтисодӣ, аллакай, солҳои 80-уми қарни гузашта мушоҳида мешуд. Албатта, ин мушкилиҳо, хиради дурбинона ва заҳматҳои сангинро талаб менамояд. Бинобарон яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати инвеститсиониро бакордарорӣ ва азнавтаҷҳизонии фондҳои асосӣ ташкил додааст. Ба ин самт қариб 60 фоизи ҳаҷми маблағгузории вилоят сафарбар шуда, нисбат ба соли 2000-ум қариб 6 маротиба зиёд шудааст. Аз маҷмӯи ин маблағгузорӣ 20% . ба давлат, 23% ба ҷамъиятҳои

саҳҳомӣ, 27% ба корхонаҳои муштарак, боқӣ ба ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд, маблағгузориҳои хориҷӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Маҳз шароити мусоид, фазои эҷодӣ, боварӣ ба фардои кишвари азиз ва ҳавасмандию ташаббусҳои бузург буд, ки сектори ғайридавлатӣ ба ин бунёдҳои созандагӣ даст задааст. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф соли 2005, ки 57,2 млн сомониро ташкил медод, нисбат ба соли 2000 4,3 маротиба афзун буд.

Бояд таъкид кард, ки асосан аз соли 2000 – ум риштаи «сурх»-и инкишоф ва рушди устувори ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилоятамон баръало мушоҳида мешавад. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти кулли дохили вилоят беш аз 51 фоиз афзудааст. Зиёда аз он қисми даромади буҷаи вилоят қариб 3,3 маротиба ва қисми хароҷоти он бошад ба 4,4 маротиба афзудааст. Соли 2005 нисбат ба соли 2000 ба ҳар 1 фоизи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кулли дохилӣ, қисми даромади буҷаи вилоят 4,6 фоиз ва қисми ҳароҷоти он ба 6,8 фоиз афзудааст.Дар мавриди тадриҷан тадбиқ шудани барномаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилоят, соли 2010 маҷмӯи маҳсулоти кулли дохили вилоят беш аз 100 фоиз зиёд хоҳад шуд.Тибқи таносуби дар боло қайдшуда қисми даромади буҷа ба 460 фоиз ва қисми хароҷоти он ба 680 фоиз хоҳад афзуд.Дар ин давра самтҳои иҷтимоигардии иқтисодиёти вилоят боз ҳам барҷаста хоҳад гардид.

Зимнан, бояд таъкид кард, ки маҳаки ваҳдати миллӣ ва устувории миллати тоҷикро ваҳдати иқтисодӣ муайян мекунад. Дар ҳақиқат, таъкиди назарияи марксистӣ-ленинӣ, ки миллат ва ташаккули он маҳсули ҷамъияти капиталистӣ (сармоядорӣ) мебошад, асос дорад. Зеро инкишофи муносибатҳои бозорӣ, тақсимоту кооператсияи меҳнати ҷамъиятро мусоидат карда, алоқамандии бевоситаи истеҳсолгарону истеъмолгарон, мубодилоти натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии манотиқи мухталифи кишварро устувор мегардонад. Ин раванд, ба ягонагиву якпорчагии мардуми манотиқи мухталифи кишвар

шароити воқеӣ пайдо мекунад. Эҳъёи Роҳи бузурги абрешим, шоҳроҳҳои бузурги Кӯлоб-Қулма –Қароқурум, анҷоми нақби Анзоб, пулҳое, ки дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон бунёд шуданд ,азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд –Мастчоҳ, Айни - Панҷакент, бунёди нақби Шаҳристон дар устуворгардии ваҳдати иқтисодӣ сахми бузург хоҳанд гузошт. Зеро ин инфраструктураҳои бузург на танҳо ташаккулу ғанӣ гаштани бозори дохилӣ, балки иштироки Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Барои боз ҳам вусъат додани алоқамандии иқтисодии миёни манотиқи мухталифи кишварамон, сиёсати минтақавии давлат, ки асосан барои барҳам додани нобаробариҳои иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо нигаронида шудааст, аҳамияти калон дорад. Зеро бештари манотиқи кӯҳиву наздикӯҳӣ бо сабаби гуногунии омилҳову шароитҳои объективӣ, дар нобаробарии фаъолияти иқтисодӣ қарор доранд. Масалан, ин минтақаҳо аз шоҳроҳу марказҳои маъмурӣ-фарҳангӣ ва коммуникатсионӣ дар масофаи дур воқеъ мебошанд, дорои шароитҳои гуногуни иқлимӣ ҳастанд, эҳтиёҷ ба мутахассисон доранд,(зеро бештари мутахассисони маҳаллӣ дар шаҳрҳо ва ё берун аз кишвар кор меҷӯянд), сатҳи пасти инфраструктураи истеҳсолию иҷтимоӣ ва ё умуман вуҷуд надорад ва ғ. Дар ин шароит мардуми дурдасти манотиқи кӯҳистон агарчи меҳнату фаъолияти иқтисодии фаъолро дошта бошад ҳам, аммо натиҷаҳои иқтисодиашон хеле фарққунанда мебошад. Барои бартараф кардани чунин нобаробариҳо, Ҳукумати Ҷумҳурӣ истифода аз фишангҳои андозу буҷа (фискалӣ), маблағгузориҳои суроғадор, ҷалби сармояву грантҳои хориҷӣ, бунёди инфраструктураҳо, чораҳои қатъи андешида истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зина ба зина амалӣ гаштани нуқтаҳои дар Паёми Сарвари давлатамон таъкидшуда, иқтидори иқтисодии ҷумҳуриамонро баланд карда, ваҳдати миллӣ ва иқтисодии кишварамон қавию устувор мегардад.

## 1.3. Тоҷикистон дар роҳи некӯаҳволии иқтисодии соф

Дар мӯҳлати қариб сесолаи сафириам дар Тоҷикистон, ки боиси ифтихорам низ аст, дигаргуниҳои воқеиро мебинам, - гуфта буд сафири Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ричард Хоугленд Ю. -Дигаргуниҳои намоён ва мусбатро... Ман шоҳиди сохтмони биноҳои бузурги тиҷоратӣ, қасрҳо, идораҳои нав, фабрикаҳои нав мешавам. Комёбиҳо худ аз худ ба даст намеоянд. Барои ин роҳбарии оқилона ва сиёсати хуби иқтисодӣ зарур аст. Ман Паёми Президент Эмомалӣ Раҳмонро ба Парламенти соли 2004 хуб дар ёд дорам, ки онро бисёр дипломатҳо «Паёми ислоҳот» номида буданд. Ман мехоҳам ба шумо бигӯям, ки ман ба комёбиҳои Тоҷикистон боварии қатъӣ дорам ва дар бораи он дар оянда ҳарф хоҳанд зад».[1]

Аз баҳои шаҳрванди амрикоӣ, ки кишвари ӯ дар низоми иқтисоди бозорӣ, пойдоркунии рукнҳои давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд таҷрибаи бойи таърихӣ дорад ва дар ин ҷода барои дигар кишварҳои ҷаҳон мактаби таҷрибомӯзӣ мебошад, бояд ифтихор кард. Тарҳрезию заминаҳое, ки тайи 15 соли истиқлолият бунёд гаштаанд, ҳадафҳои дарозмуддат дошта, саодати наслҳоиояндаи кишварро муайян мекунанд. Оид ба ислоҳоте, ки идома дорад, чун ислоҳоти Део-Селпинӣ, ки мардуми Чин ба он арҷ мегузорад, дар оянда низ бо ибораи Хоугленд Ричард Ю. «ҳарф хоҳанд зад» ва шояд чун «иқтисодиёти раҳмонӣ» баҳо ҳам диҳанд.

Дар панҷ соли сипаришуда маҷмӯи маҳсулоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 60 фоиз зиёд шудааст.Пайваста бо афзоиши МММ ҳаҷми умумии буҷет соли 2005 нисбат ба соли 2001-ум 2,6 маротиба афзудааст, ки ба ҳар як фоизи афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ 4,4 фоиз зиёд мебошад. Соли 2006 қисми даромади буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2005 – ум ба андозаи 251 миллион сомонӣ зиёд ва 64

---

[1] Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалии «Стратегияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон», 31 марти соли 2006. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз» №1.2006 с.8

фоизаш ба соҳаи иҷтимоиёт сафарбар мешавад. Ин шаҳодат ба самтҳои иҷтимоигардии сиёсати иқтисодии давлат ва умуман, фаъолияти иқтисодии кишвар хоҳад шуд.

Рақамҳои идораи омори вилояти Суғд низ тасдиқ мекунанд, ки пас аз соли 2000 – ум «риштаи сурх»-и инкишоф ва рушди устувори ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварамон ва вилоятамон баръало ба назар мерасад. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти кулли дохилӣ вилоят беш аз 51 фоиз афзуда, пайваста ба он қисми даромади буҷаи вилоят қариб 3,3 маротиба, қисми хароҷоти он бошад, 4,4 маротиба афзудааст. Дар ин давра самтҳои иҷтимоигардии иқтисодиёти вилоят назаррастар мегардад. Таҳлили омории рушди иқтисоди миллӣ, комёбиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар давраи истиқлол ба даст омадааст, дар расонаҳои расмию рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва садову симо хеле васеъ инъикос ёфтаанд.

Бояд таъкид кард, ки маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, ки дар расонаҳои расмии оморӣ нашр мешаванд, фаъолнокии иқтисодиёти миллӣ ва некӯаҳволии мардумро ба пуррагӣ инъикос карда наметавонанд. Зеро на ҳама фаъолияти созанда дар маҷмӯи маҳсулоти миллӣ таҷассум меёбад. Бинобар он иқтисодчиёни амрикоӣ В. Нордхаус ва Х. Тобин дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми нишондиҳандаи «Некӯаҳволии иқтисодии соф»-ро ворид карданд. Дар ин нишондиҳанда он ҷабҳаҳои пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодиро, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии оморӣ дар бар гирифта наметавонанд, ифода мекунанд.

Нишондиҳандаи НИС («некӯаҳволии иқтисодии соф») дар доираи манфиат ва идоракунии ҷомеа ҷой дошта, пеш аз ҳама, гузориши назариявии муаммои муҳосиботи тарафҳои мухталифи фаъолияти иқтисодиёт, аз он ҷумла иқтисодиёти пинҳонӣ мебошад. Аммо дар амалияи хадамоти омории СММ ва кишварҳои мухталифи ҷаҳон, ҳанӯз ҳам тарзу услуби мушаххаси ҳисоб кардани НИС вуҷуд надорад. Бояд гуфт, ки натиҷаҳои чунин фаъолиятҳои иқтисодӣ, агарчи дар ҳаёти

иқтисодӣ – иҷтимоии кишварамон барҷаста мушоҳида шуд, аммо дар Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва ё арзиши миллӣ бо пуррагӣ инъикос намеёбад.

Якум. Як қатор неъматҳое мавҷуданд, ки бо меҳнати созандагии мардум тавлид мешаванду аммо онҳоро чен кардан мушкил аст. Чунки баҳодиҳии бозорӣ надорад, аниқтараш дар бозор фурӯхта намешавад. Ин тавлиди рафтору фаъолияти хислатҳои неки инсонӣ ва бештар тобеи қонунҳои хирад мебошад. Ин фаъолият дар оила - тарбияи кӯдакон, таъмири хонаву бино бо қувваи худ, бо роҳи ҳашару шанбегиҳо тоза кардани атрофи манзили зисту маҳал, бунёд кардани биноҳои маданӣ - маърифатӣ, масҷидҳо, фаъолияти ҷиҳати эҳсонкорӣ. Масалан, 50 нафар ҷавонмардон дар ҳашари бунёди ягон бинои маданӣ - равшаннамоӣ ва ё ниҳолшинонӣ ройгон иштирок карданд. Фарз кунем, ки 8 соати кори онҳо 10 - 15 сомонӣ арзиш дорад. Пас, онҳо дар як рӯзи корӣ ба иқтисодиёти миллӣ дар ҳаҷми 500 - 750 сомонӣ арзиши нави меҳнатӣ илова кардаанд. Чунин фаъолияти ватандӯстию ободкорӣ хеле бисёр аст, ки на ҳама вақт бо рақамҳои оморӣ инъикос меёбад.

Зимнан бояд қайд кард, ки мардуми эҷодофарин даъвати Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ба иморати бузурги истиқлолият хиште гузоштан саҳми бузург аст»- ро шиори фаъолияти ҳамарӯзаи худ қабул кардаанд. Маҳз ба туфайли пойдор гаштани сулҳу ризояти миллӣ, оромии кишвар шароитҳои нерӯбахш фароҳам омаданд, ки мардуми эҷодофарину бофарҳанги тоҷик ба тарбияи насли ояндаи худ, сарсабзу зебо кардани манзили маҳали зист, бо қувваи худ бунёд кардани бинову иншоотҳои истифодаи умум ва ғайраҳо аҳамияти ҷиддӣ дода, дар кори бузурги созандагию меҳанпарастӣ саҳми назаррас гузоштанд. Агар ҳамаи ин корҳоро дар низоми нархи бозорӣ ворид кунему чен намоем, Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ аз нишондиҳандаи расмӣ боз ҳам зиёд мешавад.

Дуюм. Фаъолият дар доираи иқтисоди пинҳонӣ (ғайрилегалӣ) бо сарфи назар аз санадҳои қонунӣ идома ёфта, дар тамоми кишварҳои ҷаҳон амал мекунад. Зеро ин ҳодисот тарафи акс ва ё самараи манфии ҳам муносибатҳои бозорӣ (фиаско бозор) ва ҳам танзими фаъолияти иқтисодӣ (фиаско танзими давлатӣ) мебошад.Масалан, дар ибтидои қарни 21 вазни қиёсии сектори ғайрилегалии фаъолияти иқтисодӣ дар МММ-и давлатҳои мутараққии ҷаҳон бо ҳисоби фоиз чунин буд:Итолиё -27.2, Шветсия – 19.5, Фаронса – 14,8, Олмон – 14,7, Британияи кабир – 13, ИМА – 8,8, Швейтсария – 7,8. Дар Руссия аз рӯи далелҳои расмӣ 20 – 25 фоизро ташкил додааст. Дар ин ҷо, ду гурӯҳ ва ё типи фаъолияти пинҳониро метавон таъкид кард. Яке, фаъолиятҳои иқтисодие, ки мутобиқи санадҳои қонунии амалкунанда манъ набуда, аммо онро одамон бо вайрон кардани қонунҳои андоз ба иҷро мерасонанд. Аниқтараш даромадҳои худро декларатсия намекунанд. Бино бар он, натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ифода намеёбад. Масалан, дарсҳои иловагии устодон дар хонаву утоқи корӣ, дуредгарӣ, хизматҳои тиббӣ, истеҳсоли пинҳонии маҳсулоти ғайристандартӣ (ки пинҳонӣ аз назорати идораи андоз) ҳам мисол мешаванд. Ин фаъолиятҳо ба ҳамагон маълум аст, аммо шояд чашмпӯшии гуманистии давлат дар давраи гузариш ва дар роҳи паст кардани сатҳи камбизоатии мардум бошад. Дигар фаъолиятҳое, ки санадҳои қонунӣ манъ кардаанд: Истеҳсол ва фурӯши моводи мухаддир, аслиҳаҳои ҳарбӣ, одамфурӯшӣ, ки на танҳо бо инкишофи иқтисоди пинҳонӣ суръат мебахшад, балки ба ҷараёни танзими иқтисодии давлат, низоми пуливу молӣ, бонкиву қарзӣ зарба мезананд. Бесабаб нест, ки давлат мубориза беамонро алайҳи ин ҳодисоти номатлуб эълон доштааст. Ин типи фаъолияти пинҳонӣ аз нишондиҳандаи некӯаҳволии иқтисодии соф бояд истисно шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи некӯаҳволии мардумро на танҳо аз боигарии моддӣ, қобилияти ҷисмониву маънавӣ

(меҳнат) ҷӯем, балки таъсири фаъоли шароитҳои беруна (омилҳои эндогенӣ)-ро ба монанди такмили низоми иқтисодӣ ва идоракунӣ, бунёди неъматҳои бузурги истифодаи умум фаромӯш накунем. Зеро рафтори аҳолӣ - истеъмолгарон ва вазъи бозор нишон медиҳад, ки ба ҳамаи неъматҳо нархи максималӣ вуҷуд дорад ва он нархро харидорон маҷбур ҳастанд пардозанд, то ин ки он неъматро ба миқдори кам ҳам бошад, ба даст оранд. Пас, фарқи миёни нархи максималӣ, ки истеъмолгар омодаи харидан буд ва нархи воқеие, ки бо он дар ҳақиқат харидааст, ченаки иқтисодии қонеъшавии онро ифода мекунад. Ин ҳодисот изофаи истеъмолӣ ном гирифтааст, ки мардум аз он баҳра мегиранд, вале ченаки миқдории ин неъмат на ҳама вақт дарк мешавад. Масалан, ташкили ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва неъматҳои ниёзи мардум аз тарафи ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки аз нархи озоди бозорӣ нисбатан паст аст, барои мардум самаровар мебошад. Ё ин ки арзиши зиндагии мардуми кишварамонро бо сатҳи зисти мардумони кишварҳои Ғарб андоза кунем, ба мушоҳида мерасад, ки як шахс ба 100 доллар дар мамолики Ғарб метавонад як шабонарӯз бо неъматҳои зарурӣ таъмин бошад. Аммо вай бо 100 доллар дар диёрамон то 10 рӯз дастархонашро обод мекунад. Аз ин ҷо, фоиданокии 100 доллар дар ҷумҳурии мо ба 1000 доллар (дар 10 рӯз) баробар аст. Ё мисолҳои дигар: Баробари кушода шудани нақби Истиқлол вақти тайкунии роҳ бо автомобил 2 соат кам, роҳпулӣ то маркази ҷумҳурӣ нисбат бо роҳпулии дигар воситаҳои нақлиёт (ҳавоию роҳи оҳан) қариб 2 маротиба паст мешавад. Оилаҳои вилояти Суғд, барои фарзандонашон, ки дар донишгоҳҳои тиҷоратии шаҳри Душанбе таҳсил мекунанд, фарз мекунем, тақрибан ҳар сол 3000 сомонӣ харҷ мекунанд: 1000 сомонӣ – таҳсилпулии солона, 600 сомонӣ – роҳпулӣ, 900 сомонӣ – барои хӯрокаву пӯшока, 500 сомонӣ – харҷ барои иҷораи манзили зист. Бинобар он, {укумати ҷумҳурӣ иқдом гирифтааст, ки донишкадаву донишгоҳҳое, ки тамоми ихтисосҳои мухталифро дар бар

мегирад, ба маркази вилоятҳову шаҳрҳои гуногуни кишварамон таъсис диҳад, то ин ки самараи даромадҳои оилаҳоро таъмин намояд, балки хароҷоти онҳоро дар ин самт кам намояд. Ин қонеъшавии иловагӣ, натиҷаҳои қарорҳои мардумпарастӣ ва гуманистии давлат буда, изофаи истеъмолӣ ва ё қонеъшавии иловагии аҳолиро таъмин менамояд. Ин ташаббус ба ҳимояи манфиатҳои тамоми тоҷикистониён сафарбар шудааст.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи некӯаҳволии иқтисодии соф дар маҷмӯи маҳсулоти миллӣ тамоми фаъолияти меҳансозӣ, натиҷаҳои фаъолият дар иқтисоди пинҳонӣ ва изофаи истеъмолии мардумро зам менамояд.

## 1.4. Муаммоҳои инкишофи иқтисодӣ: суръат ҳаст, аммо суръатнокӣ поён рафтааст

Дар маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, бахусус дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» сисиламақолаҳо роҷеъ ба масъалаҳои рушди пойдор, роҳҳои ноил шудан ба истиқлоли иқтисодии комил ба назар мерасанд, ки дорои пур аз таҳлилҳои илмиву амалӣ мебошанд. Ин мақолаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифони вай дар ҳақиқат фарзандони миллат буда, оид ба ҳалли муаммоҳои ҷомеа бетараф нестанд ва бо пешниҳоди асосноку илмии худ ҷуръат доранд дар пойдории инкишофи устувори ҳаёти иҷтимои- иқтисодии кишвар саҳмгузор бошанд.

Дарвоқеъ рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки агар рушди солонаи МММ (ба ҳар нафар аҳолии кишвар) таи солҳои 2002, 2003 ва 2004 ба ҳисоби миёна 10 – 11 фоиз буд, пас соли 2006 ин нишондиҳанда 6,7 ва нимсолаи аввали соли равон 5,3 фоизро ташкил додааст.Азбаски афзоиши солонаи аҳолии кишвар қариб 2,5 фоиз аст, пас дараҷаи рушди иқтисодӣ боз ҳам кам мешавад. Яъне, дар иқтисодиёти кишвар солҳои охир на ҷаҳиши бузург, балки коҳиш мушоҳида шудааст.Пас, саволе ба миён меояд, ки чаро суръати рушд ҳаст, аммо шитоб (суръатнокӣ) поён рафтааст ва кадом монеаҳо дар садди роҳи

рушди иқтисодӣ қарор доранд? Бинобарон, мо низ ҷуръат кардем, ки такя ба далелҳову рақамҳои ин мақолаҳо таҳлили назариявӣ кунем, аниқтараш назарияҳои (теоремаҳои) иқтисодӣ ва хусусиятҳои ба вуқӯъ омадани онҳоро дар кишвар ташахис намоем.

Маҳз дар мавриди таъмини рушди иқтисодӣ имконияти истеҳсолӣ васеъ гашта, инкишофи пай дар пай ва устувори иқтисодиёти милли дар каҷҳати болораванда қарор мегирад. Бояд таъкид кард, ки роҳҳои рушди иқтисодӣ ҳам дар ҷаҳони мутараққӣ ва ҳам дар ҷаҳони рӯ ба тараққиниҳода ва ё аз нигоҳи иқтисодӣ қафомонда, умумият ва ё хосияти ягонаро дорост. Рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, бо самаранок истифода бурдани тамоми захираҳои табиӣ, ки дар қаламрави кишвар мавҷуд аст, алоқамандӣ дорад.Ва баъд, дар ин раванд, бо роҳи васеъ намудани азхудкунии нафънокии захираҳо ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, техникаву технология, омилҳои итеҳсолӣ афзун шуда, доираи имконияти истеҳсолӣ васеъ мегардад. ***Чуноне ки камтарин пардаҳои асбобҳои мусиқӣ дар мавриди ҳамҷӯрӣ ва пайдо кардани мувозинат миллионҳо оҳангу мусиқиҳои мухталифро меофарад, захираҳо ва ё омилҳои мухталифи истеҳсолӣ, низ дар мавриди фаъолияти бошууронаву созандаи инсонӣ таносубу мувозинати худро ёфта, нафънокии максималиро тавлид мекунад ва зина ба зина имкониятү иқтидори истеҳсолиро боло мебардорад.***Иҷрои ин кору амалиёт, бечунучаро, ба рушди иқтисодиёти миллӣ ҷараёни динамикӣ мебахшад.

Дар ин ҷода, агар кишварҳои муайяни дунё муваффақиятҳои хеле азимро ба даст оварда бошанд, аммо аксари давлатҳои ҷаҳон бошад дар сатҳи пасти рушди иқтисодӣ қарор доранд.Ва олам, низ аз нигоҳи бойгарии иқтисодӣ ба ду қутби нобаробар тақсим шудааст. Чаро? Ба андешаи аксари иқтисодчиён сабаби асосии ин вазъият, пеш аз ҳама дар шароитҳои моддӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ

ва мадании нобаробар қарор гирифтани кишварҳои мухталиф, нуҳуфта аст.

Дар ин ҷо мо тасмим гирифтем, баъзе монеаҳоро, ки дар роҳи инкишофи иқтисодиёти кишварамон қарор дорад, таҳлил намоем ва ибрози ақида кунем. Ҳарчанд пас аз солҳои 2000-ум болоравии иқтисодиёти миллии кишварамон ба назар мерасад, аммо мо ҳанӯз то ба дараҷаи солҳои 90-ум ноил нашудем ва имконияти истеҳсолии мо хеле нопурра истифода шуда истодааст.

Тоҷикистон аз захираҳои табии, бахусус, ашёи саноатӣ бой аст. Вай метавонад истифода аз ин бойигарии табии рушди иқтисодии назаррасро соҳиб гардад ва ба туфайли ҷараёни тақсимшавию бозтақсимшавии захираҳо, молу хизматҳо дар бозори ҷаҳонӣ, болоравии даромади ҷомеаро таъмин намояд. Аммо дар ин роҳ якчанд монеаҳо вуҷуд доранд, ки барои ба вуқӯъ омадани имконияти истеҳсолӣ ва оммавӣ гаштани даромадҳои омилӣ (яъне, ба нафъи кулли мардум равона шудани он) халалдор мешаванд.

**Якум**. Бояд эътироф кард, ки дар бисёр мавридҳо захираҳои табии ва ашёи мо ба корхонаҳои (корпоратсияи) ҷаҳони мансуб аст. Ва онҳо захираву ашёи моро зери назорати худ мегиранд. Бинобарон қисми зиёди арзиши нав, даромад ва фоида аз истифодаи захираҳои миллии мо ба хориҷи кишвар меравад. Соли 2005 корхонаҳои муштараки вилояти Суғд беш аз 27 фоизи маҳсулоти саноатии вилоятро истеҳсол карданд ва ҳаҷми он нисбат ба соли 2000 қариб 2 маротиба афзудааст. Албатта, корхонаҳои муштарак, як шакли сармоягузории мустақими хориҷӣ буда, дар таъмини таҷҳизотҳову технология саҳми арзанда доранд. Ин як роҳи инкишофи саноат ва таъмини шуғлнокӣ аст. Аммо бояд таъкид кард, ки иқтисодиёти кишварҳои мутараққии ҷаҳони муосир, пеш аз ҳама ба тақсимоти технологии меҳнат асос ёфтааст ва ҷаҳонишавии итеҳсолот ҳам дар ин маҷро шино дорад. Чаҳонишавии истеҳсолоту фаъолиятҳои иқтисодӣ, ба андешаи

мо, як шакли нави неоколонизм дар замони муосир мебошад. Дар ин шароит дар кишварҳои рӯ ба тараққиниҳодаистода, алалхусус дар ҷумҳурии мо, низ асосан коркарди номукаммали ашёи табииву саноатӣ суръат гирифта, тайёршавии маҳсулоти ниҳоӣ ва фурӯши мукаммали он берун аз кишвар идома меёбад. Дар ин раванд, қисми зиёди арзиши нав ва ё даромадҳоро бевосита бегонагон аз худ мекунанд. Масалан, пахта ва нахи он ашёи саноатист. Кишвари мо бо нишондиҳандаи истеҳсоли пахта ба ҳар як нафар аҳолӣ миёни давлатҳои узви ИДМ ҷои дуюмро мегирад. Пас аз алюминий вай дуюмин ашёи содиротӣ буда, дар бойигарии миллии мо радифи намоёнро ҷой дорад. Маҳсулоте, ки аз коркарди пахта ба даст меояд дар доираи таклифоту талаботҳои истеъмолӣ ба қатори неъматҳои зарурати аввал дохил мешавад. Бо пешрафти иқтисодиву ичтимоӣ, гузариш ба тарзи солими зист (зиндагонӣ) мавқеи маҳсулотҳои натуралӣ, аз он ҷумла пахтагин тадриҷан меафзояд ва доираи дархост (спрос) ба он васеъ мегардад. Ин раванди табиии, бечуну - чаро ба соҳаи пахтакорӣ, самти стратегӣ медиҳад.

Таҳлилҳои иқтисодиву тачрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон исбот кардааст, ки фурӯши содироти маҳсулоти ниҳоӣ даромади калон меорад. Барои мисол фарз мекунем, ки дар бозори ҷаҳонӣ як тонна нахи пахта ба арзиши 1200 долл баҳо дода шуд. Агар онро коркард кунем, пас аз 1 тонна нах 0, 88 тонна (880кг) ришта истеҳсол мешавад, ки нархи он ба 1480 – 1500 доллар (1тонна ришта) баробар мешавад. Яъне, ин ҷо мо 280- 300 доллар арзиши нав илова кардем. Аз як тонна ришта бошад, 6991,9 метр матои тайёр ҳосил шуда, ҳар ҳазор метри онро 450 долларӣ мехаранд, яъне ҳар метри онро 45 сентӣ баҳо медиҳанд. Пас, маблағи як тонна нахи пахта, пас аз ба матоъ табдил шуданаш ба 3146,3 доллар мерасад. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи коркарди саноатии пахта ба ҳар як тоннаи нахи пахта 1946 доллар арзиши нав илова шуд. Агар аз матоъ куртаву дигар маҳсулотҳои ниҳоӣ тайёр шавад, боз арзишҳои нав ва

даромадҳои иловаги тавлид мешавад. Мутаассифона, ин арзишҳои нав дар хориҷи кишвар мемонад.Барои он ки маҳсулоти ниҳоӣ тайёр шавад, бояд тамоми ашёҳои табииву саноати ватанамон аз ин зинаҳои истеҳсолӣ гузаранд. Агар ин зинаҳои технологӣ дар кишварамон суръат гирад, пас самараҳои калони кумулятивӣ ба вуқуъ меояд. Яъне, барои паст шудани сатҳи бекорӣ, ғани гаштани буҷаи давлат, беҳдошти ҳаёти иҷтимоӣ ва ғ. мусоидат мекунад. Азбаски раванди инкишофи коркарди захираҳои табииву ашёҳои саноатӣ хеле суст аст, бинобарон дар инкишофи иқтисодиёти миллӣ ҷаҳиши назаррас мушоҳида намешавад. Масалан, истеҳсоли молу хизматҳои саноатӣ соли 2006 70 фоизи соли 1992-ро ташкил додааст ва аз 90 номгӯи муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ 30 номгӯи он коҳиш ёфтааст.(Ҷумҳурият, 3 маи соли 2007)

**Дуюм**. Фаъолияти содиротӣ (содироти ашё) дар кишвар дорои вазъу хосияти монополӣ мебошад.Тибқи назарияҳои иқтисодӣ тиҷорати байналмиллалӣ, инкишофи содирот таркиби истеҳсолоти миллиро тағйир дода ба тақсимшавию азнавтақсимшавии даромадҳои ҷамъият мусоидат (таъсир) мекунад. Дар ин раванд, бешубҳа таркиби таклифот ба омилҳо ва ё захираҳои истеҳсолӣ таъғир ёфта шиддатнокии истифодабарӣ, самаранокӣ ва ё бузургии тавлиди даромади ҳамон омилҳо меафзояд, ки онҳо (захираҳо) агар бунёдгари маҳсулоти содиротӣ бошанд. Вазъи монополӣ гирифтани содироти захираҳои табиӣ, ашёи саноатии ҷумҳурӣ ва табдил ёфтани ҷараёни садироти ашё ба соҳаи сердаромаду ба даст овардани арзи хориҷӣ тамоми сармояву захираҳоро ба худ кашидааст. Дар натиҷа, инкишофи дигар соҳаҳо, бахусус соҳаи саноати коркард коҳиш ёфтааст. Яъне, ин маҷрои стихиявӣ ходисот «бемории голандӣ»-ро шабоҳат дорад. Масалан, соли 2005 нисбат ба соли 2000- ум содироти нахи пахта дар вилояти Суғд 2,7 маротиба афзудааст, аммо содироти газворҳои пахтагин (маҳсулоти нисбатан тайёр) 60 фоиз кам шудааст.

Сармоягузории хориҷии соли 2005 танҳо барои тайёр кардани нахи нассоҷӣ қариб 33 фоиз ҳамаи сармоягузориро ташкил кардааст. Ё ин ки ЧСШК «Агроинвестбонк » баҳри баланд бардоштани соҳаи кишоварзӣ 13 млн сомонӣ қарз ҷудо кардааст, ки 7 млн сомонӣ он, яъне беш аз 53 фоизаш ба тараққиёти соҳаи парвариши пахта равона карда шудааст.[1]* Тамоми фаъолият асосан ба як маҷро - тиҷорат ва содироти нахи пахта равон шудааст. Оид ба рушди истеҳсоли пахта то андозае ба ғайр аз деҳқонони асил, дигарон ҳавасмандӣ ва ё масъулият надоранд. Яъне, нахи пахта чун ашёи сердаромад эътироф шуда, аммо истеҳсоли он аз ҳар як гектар паст шудааст: агар соли 1991 аз ҳар гектар 27,6 сентенер истеҳсол шуда бошад, пас соли 2005 ин нишондиҳанда, 15, 6 сентенерро ташкил додааст, ё худ 12 сентенер коҳиш ёфтааст, ки ба 43,5 фоизи истеҳсоли соли 1991 баробар аст.[2] Майдони кишти пахта, чунон шиддатнок ва «таҷовузкорона» истифода шудааст, ки дар натиҷа заминҳои корам хосияти замин-сармоявии худро гум карда, раванди аз гардиш беруншавӣ (ҳоло қариб 3,5 фоизаш) мушоҳида мешавад. Киштгардонро (севаоборот) метавон гуфт, ки аз хотири кишоварзон гӯё рафтааст.

Пӯсту пашм, низ ашёи (натуралӣ) саноатӣ буда, бо арзиши хеле ночиз берун аз кишвар рафта истодааст, ки онҳо чун захираҳои нодир ва мухим барои корхонаҳои саноатии хориҷиён хидмат мекунад. Фақат соли 2004 тибқи маълумоти омори оҷилии мақомоти гумрук 354,9 тонна пашм берун аз кишвар шудааст, ки беш аз 53 фоизи содироти он ба чор корхонаҳои (ҶММ) ҷумҳурӣ рост меояд. Нархи ҳар тоннаи он аз 190 то 776 долларро ташкил медиҳад, ки фарқияташ хеле бузург – 586 доллар аст. Дар ҳамин давра, беш аз 3981 тонна пӯст низ, дар ҳаҷми 1336,6 ҳазор доллар содир шудааст, ки қисми зиёди он ба давлати Чин рафтааст. Нархи ҳар як тоннаи он ба ҳисоби миёна 356 долларро буда, фарқияти нархи

---

[1] Рӯз. Минбари халқ, 17.02.2007

[2] Рӯз.Ҷумҳурият 7 декабри соли 2006

поёниву болои он то 250 долларро ташкил медиҳад. Ин ҷо мо фарқияти нархи максималӣ ва минималии фурӯшро нишон додем, ки он хеле бузург аст. Ин фарқият, агар аз як тараф оид ба лаппиш ва ё тафрикаи сифати ашё шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар фазои мусоиди хосияти ҳаннотӣ (спекулятивӣ) ва ё фаъолияти пинҳонии (ғайрирасмии) тоҷиронро, низ инъикос мекунад. Масалан, аз рӯи таҳлили агентии стандартизатсия, соли 2006 аз 131700 дона пӯсти чорвои калон 0,028 фоизаш бо навъи якум, 0,4 %- навъи дуюм, 6,3 фоизаш навъи ғайристандартӣ баҳо дода шудааст. Чи тавре, ки мебинем, беш аз 93 фоизи пуст чун навъи ғайристандартӣ- пӯстпора (лоскут) баҳо дода шудааст, ки арзиши он аз 1,2 то 4,4 долларро ташкил медиҳад. Яъне, «ба хориҷа пӯсти аълосифат нею пӯстпора мебаранд» ё ин ки тибқи маълумоти ташхисгарон, баъди шустани пашми дурушт вазни холис - 67,12, қарокӯли- 90 ва маҳинпашм - 50% боқӣ мемонад. Аммо, корхонаҳои пашмшӯии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 25-30 фоизро ба қайд гирифтанд.[1] Ин ҷараён на танҳо ҳавасмандиву маъсулияти чорводорро ба истеҳсоли пӯсту пашм пахш мекунад, балки инкишофи ин соҳаро бозмедорад, барои соҳибони молу ашё зарари калони иқтисодӣ меорад. Барои ҷамъовариву содиротӣ пӯсту пашм (на барои коркарду тавлиди маҳсулоти саноатӣ) 13 корхонаҳову (ҶММ) ширкатҳои хусусӣ, беш аз 130 ҷамъияти миёнраву ташкилотчигириро муттаҳид карданд. Бояд таъкид кард, ки онҳо имконият доранд, ки на танҳо нигоҳубину коркарди аввалияи пӯсту пашмро балки маҳсулоти чармиро (саноати) истеҳсол кунанд.

Тадриҷан гузариш аз содироти ашёи хом (пахта, пашм, пӯст ва ғ) ба коркарди ниҳоии онҳо, истеҳсоли маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазир, аз иқтисодиёти кишоварзӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ- кишоварзӣ роҳест ба инкишофи устувор, таъмини рушди мунтазами иқтисодӣ, пойдорӣ дар риштаи сурхи рушди иқтисодӣ ва ҷаҳишҳои бузург дар ин

[1] Карими Давлат, Бозори гарми пусту пашм ба манфиати кист?, «Ҷумҳурият» 26 апрели 2007

самт. Маҷрои рушди саноати кишвар, бахусус саноати коркард, имконият медиҳад, ки меҳнат, захираҳои меҳнатӣ самараи баланд тавлид намояд, арзиши нави иловагӣ бунёд кунад ва шуғлнокии иқтисодиётро боло бардорад. Назарияҳои иқтисодӣ исбот кардааст, ки меҳнати инсон нахуст омили пешбари иқтисодӣ буда, пеш аз ҳама ба туфайли соҳаҳои саноате, ки ба коркарду истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва ё ниҳоӣ сарукор дорад, самараии бузург медиҳад. Худ функсияи (назарияи) Коба - Дуглас шаҳодат медиҳад, ки саҳми меҳнат дар афзоиши ММM беш аз 70 фоизро ташкил мекунад. Бинобарон аз тарафи Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мешавад, ки «ашёи хоми ватанӣ то ҳадди ниҳоӣ коркард шавад ва дар шакли маҳсулоти тайёр истеҳсол гардад. Ба масъалаи коркарди харҷи бештари пилла, пахта ва пӯст, низ диққати ҷидди додан лозим аст». Барои бартараф кардани монеаҳо дар роҳи рушди иқтисодӣ ва таъмини инкишофи истеҳсолоти саноатӣ нақши танзими давлатӣ дар давраи гузар хеле муҳим аст. Панҷ асосҳои илмие, ки дар ин ҷода, мудири шӯъбаи сиёсати саноатии Пажуҳишгоҳи тадқиқоти иқтисоди, Назаралӣ Хоналиев, таъкид кардааст, қобили дастгирист.

Ба ғайр аз монеаҳои дар боло зикр шуда боз монеаҳое вуҷуд доранд, ки аз омилҳои ичтимоӣ-маданӣ, ниҳодӣ (институтсионалӣ), опортунистӣ ва ахлоқи иқтисодӣ бармеояд. Ин омилҳо таҳлили алоҳидаи мукаммалро талаб менамояд, ки онҳо дар боби чорум омадааст.

## 1.5. Самараи Парето ва ё «қонуни тиллоӣ» дар иқтисодиёт

Ташаккул ва пазиши иқтисоди миллӣ дар маҷрои табии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуқӯ меояд. Маҳз низоми бозорӣ ба равандҳои иқтисодӣ мавҷи объктивӣ-табии мебахшад. Мӯъҷиза ва ё фишанги ин ҷараён рақобат мебошад. Бинобарон мо тасмим гирифтем, ки ба вуқӯоии ин ҳодисотро

дар иқтисоди милламон мушоҳидаву таҳлил намоем, то ин ки дар идоракунӣ мавриди истифода қарор гирад.

Самара ва ё нафъи рақобати озод (рақобати такмил) аз давраи А.Смит ва шояд аз ӯ ҳам пештар, ба ҳама маълум буд. Аммо мазмуни мукаммал ва қаърии он, ки «вай (рақобати озод) захираҳои истеҳсолиро самаранок тақсим мекунад» аз тарафи олими итолиявӣ Вильфредо Паретто (1848-1923) муайян карда шуда буд. Иқтисодчиён чунин ҳодисот ва ё муайяниро чун «самараи Паретто» ном додаанд. Ин самара як шакли ба вуқӯъ омадани «дасти ноаён» ва ё «қонуни тиллоӣ» ҳам мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, махсусан дар бозори рақобати озод, болоравӣ ва ё беҳтаршавии вазъи иқтисодии як гурӯҳи иштирокчиёни бозор ва ё субъектҳои иқтисодӣ маҳз дар натиҷаи паст шудани вазъи иқтисодии дигар гурӯҳи субъектҳо, таъмин мешавад. Ба ибораи дигар, гурӯҳи иштирокчиёни бозор ва ё субъектҳои иқтисодӣ дар вазъи самараноки фаъолияти иқтисодӣ қарор мегиранд, агар фаъолияти иқтисодии гурӯҳи дигар иштирокчиёни бозор дар вазъи нисбатан паст қарор гирифта бошад. Дар чунин шароит, чи тавре ки иқтисодчиён таъкид мекунанд, тақсимшавии захираҳои истеҳсолӣ чун «самараи Паретто» ба вуқӯъ меояд. Пас, дар шароите, ки «самараи Паретто» вуҷуд дорад ва ё амал мекунад, истифодаи сарфакорона ва ё самараноки захираҳои истеҳсолӣ ба назар мерасад. Агар, фаъолияти иқтисодӣ беҳтару самаранок, аммо вазъи фаъолияти дигаре бетағйир монда бошад, пас дар раванди истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ҳолатҳои ғайрисамаранок ва ё ғайрисарфакорона ҷой дорад. Масалан, соли 2004 майдони кишти пахта нисбат ба соли 2003 2,7 ҳазор гектар зиёд шуда буд. Майдони кишти дигар зироатҳои кишоварзӣ бошад, 5 ҳаз. га зиёд шудааст. Пас, чи тавр ки мебинем ин ҷо «самараи Паретто»ҷой надорад. Зеро, захираҳои замини кишт ҳоло бисёр аст, ки онҳо мавриди истифодаи самаранок қарор надоранд. Илова бар ин, рақобати

озод ва ҳавасмандии бузург дар истифодаи самараноки замин, низ дар кишварамон чандон назаррас намебошад. Бояд қайд кард, ки дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ «самараи Паретто» каме, агарчӣ тира бошад ҳам, ба вуқӯъ омадааст. Масалан, солҳои 2004 ва 2005 двр вилояти Суғд беш аз 90 фоизи маҳсулоти чорводориро хоҷагиҳои аҳолӣ ва беш аз 7 фоизи онро корхонаҳои сектори ҷамъиятӣ истеҳсол кардаанд. Маҳсулнокии чорво низ дар хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба корхонаҳои сектори ҷамъиятӣ баланд аст. Аммо бояд қайд кард, ки дараҷаи рушди истеҳсоли маҳсулоти чорводори дар ин давра, дар хоҷагиҳои аҳолӣ қариб 8 фоиз ва дар корхонаҳои сектори ҷамъиятӣ беш аз як фоизро ташкил дод. Ҳарчанд дараҷаи рушди хоҷагиҳои аҳолӣ афзалнок, яъне якчанд маротиба баланд бошад ҳам, аммо ба талаботи «самараи Паретто» ҷавобгӯй намебошад. Пас, захираҳои истеҳсолие, ки барои соҳаи кишоварзӣ сафарбар мешавад, самаранок истифода намешавад. Соҳаҳои аграрии мо зина ба зина ба муносибатҳои бозории воқеӣ қадам ниҳода истодааст ва боварӣ дорем дар ояндаи наздик бо ташаккули шуури иқтисодӣ (бозоргонӣ) воқеан фарогир мешавад.

Ҳамин тариқ, «самараи Паретто» меъёрест, ки оид ба истифодаи самаранок ва ё ғайрисамараноки захираҳо ахбор медиҳад. Бояд қайд кард, ки вай чи тавр тақсим кардани захираҳоро нишон намедиҳад. Ӯ фақат ба ду масъалаи бунёдии (фундаменталии) бозор «чи бояд истеҳсол кард?» ва «чӣ тавр, бо кадом технология?» ҷавобгӯй мебошад. Бинобарон истеҳсолгарон бо тариқи бозор супориши иҷтимоии ҷамъиятро қабул намуда, барномаи истеҳсолии худро таҳия мекунанд ва дар ин раванд тақсими самараноку нафъноки захираҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, «самараи Паретто» маҳз дар бозори рақобати озод ба вуқӯъ меояд.

Моҳият ва аслҳои бозори рақобати озод, умуман муносибатҳои воқеъии бозорӣ, маҳз ба туфайли пойдории моликияти хусусӣ ва гуногуншаклии моликият дар иқтисодиёт

ба вуқӯъ меояд. Амалияи башарӣ исбот кардааст, ки аслан пешрафти иқтисодии кишварҳои мутараққӣ марбут ба моликияти хусусӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ғанӣ гаштани буҷаи ин кишварҳоро фаъолияти самарабахши корхонаҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ мусоидат кардааст. Зеро ки 90% буҷаашон аз ҳисоби ин корхонаҳо ташаккул меёбад.

Федератсияи Русия ва Қазоқистон, ки нисбат ба мо раванди ғайридавлатикунониро барвақт оғоз карда буданд, бинобарон пешрафти иқтисодии ин кишварҳо, нисбат ба дигар кишварҳои ИДМ суръатнок гардидааст. Масалан, дар ҷумҳурии Қазоқистон, ки нисбат ба дигар давлатҳои муштараккулманофеъ рушди иқтисодии бештар дорад, сатҳи таворрум соле ба ҳисоби миёна 6,6%-ро ташкил дод.

Ғайридавлатикунонӣ дар ҷумҳурии мо аз соли 1991 оғоз ёфта, алҳол 7769 иншооту корхонаҳо ғайридавлатӣ гардонида шудаанд. Аз ҷумла 97,3%-и онро иншоотҳои хурд ташкил медиҳанд. Соли 2005 670 иншоот, аз ҷумла 141 корхонаҳои калону миёна, 571 иншооти хурд, 965 воситаҳои нақлиёту таҷҳизоти қаблан истифодашуда, фурӯхта шуданд. Маблағи онҳо 43502992 сомониро ташкил медиҳад.[1] Дар вилояти Суғд бошад, беш аз 200 муассисаҳои хусусӣ бо гардиши назаррас фаъолият мекунад. 142 муассисаҳои миёна ва 6000 муассисаҳои хурд фаъолияти иқтисодӣ дорад, ки дар он 45600 коргар кор карда, 25% захираҳои меҳнатиро фаро мегирад. Бо нерӯи соҳибкорони вилоят 60 фоизи маҳсулоти саноатӣ, 39% пахта, 26% ғалладона истеҳсол шудаанд.[2]

Чи тавре, ки рақамҳо нишон медиҳад вазни қиёсии корхонаҳои хусусию ғайридавлатӣ дар истеҳсоли ҷамъи маҳсулоти миллӣ сол аз сол боло рафта истодааст. Аз тарафи дигар, заминаҳои иқтисоди бозорӣ ҳам дар самти вертикалӣ ва ҳам дар самти гаризонталӣ (қаърию паҳноии муносибатҳои бозорӣ) бараъло намоён аст. Фақат зарур аст, ки дахлпазирии

---

[1] Рӯзномаи. Тоҷикистон, 2феврали соли 2006 саҳ. 5

[2] Рӯзномаи. Соҳибкор 20 декабри соли 2005 саҳ. 4

сохторҳои идоракунанда ва мавҷи бюрократии онҳоро маҳдуд намуда, фазои эҷодкориву ташаббусҳои бузургро дар сатҳи микроиқтисодӣ солим гардонем. Бояд қайд кард, ки пас аз фурӯхтани амволи (корхонаҳои) давлати бо тендерҳои инвеститсионӣ, пешрафти иқтисодии корхонаҳои шакли нав суръатнок гашт. Зеро дар ин раванд бо соҳибмулкони нав қарордод баста мешавад, ки барои пешравии истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави кор, баланд бардоштани маоши коргарон ва ғайраро маблағгузори карда мешавад. Ин ҷо фишангҳои назорати (мақсаднок) истифода бурдани захираҳои истеҳсолии фурӯхташуда пайдо шуда, талаву тороҷи он боздошта мешавад. Дар давоми солҳои 2004-2005 дар тендери инвеститсионӣ 41 корхонаи миёнаву калон (дар ҷумҳурӣ) хусусӣ гардонида шудааст. «На танҳо тендерҳои инвеститсионӣ, умуман ғайридавлатӣ гардонидан самараи хуб дод. Мо санҷиш гузарондем - мегӯяд раиси Кумитаи амволи давлати. Он нишон дод, ки 77% ё 5649 корхонаи хусусигардонидашуда фаъол шуданд. Шумораи коргарон қариб 13000 афзуд, маоши онҳо зиёд шуд». Бо баробари афзудани теъдоди корхонаҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ тақсимшавию истифодаи захираҳои истеҳсоли - замин, сармоя, меҳнат ва қобилияти соҳибкорӣ чун «самараи Паретто» ибтидо мегирад.

Хусусигардонӣ, ки барномаи давлати буд, бинобарон корхонаи «Гулистон», низ ғайридавлатӣ гаштааст.Баъди хусусигардонӣ, дар ин корхона зиёда аз 14 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шуд, бо таҷҳизотҳои муосир таъмин гашт. Дар натиҷа нуфузи коргарон ба 400 нафар расида, маоши миёнаи онҳо беш аз 200 сомониро ташкил дод. Бояд қайд кард, ки қаблан ҳамаги 40 нафар коргарон ба қайд гирифта шуда буд ва ягон таҷҳизотҳои ободнамонда буд. Ё мегирем, ҷамъияти саҳҳомии «ЖБК-6»-и шаҳри Душанбе, ки 3 сентябри соли 2004 фурӯхта шуда буд. Агар ҳаҷми истеҳсолияш то хусусигардонӣ 232,9 ҳ. сомонӣ буд, пас баъди хусусигардони корхона, дар соли

2005 796,8 ҳазор сомонро ташкил дода, беш аз 3 маротиба афзудааст.[1]

Ҳадаф аз хусусигардонӣ дар симои соҳибкор, пуштибон ва хуҷаини ҳақиқиро пайдо кардани моликият мебошад.Тавлиди чунин муносибат, бекор хобидани захираҳо, аз байн рафтану ғорат шудан ва истеҳсоли бесифати молу хизматҳоро раҳоӣ мебахшад. Яъне, ба самараноку сарфакорона истифода бурдани захираҳо ҷараёни табии мебахшад. Чи тавре ки дар боло таъкид шуд, болоравии натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии яке аз ҳисоби танг шудани вазъи иқтисодии дигаре ба вуҷуд меояд. Бинобарон, тафрикашавии табақаҳои ҷамъиятӣ - бой, миёнаҳол ва камбизоат, махсули фаъолияти «самараи Паретто» мебошад. «Маро бештар рушди иқтисодиёт ба ташвиш меорад -мегӯяд Уилям Пейтон намояндаи доимии барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон – агар он ба ҷониби паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шуда бошад».[2]

Агар рушди истеҳсолот фақат ҳадафи паст кардани сатҳи камбизоатиро дошта бошад, пас маҳдудияти фаъолияти «самараи Паретто» мушоҳида мешавад. Дар ҳақиқат, амалиёти «самараи Паретто» омили муҳими рушди иқтисодӣ бошад ҳам, аммо аз нигоҳи иҷтимоӣ вай самаранок ва ё оптималӣ намебошад. Зеро вазъи дигари иштирокчиёни бозор ва ё субъектҳои ӣқтисодӣ паст мешавад.

Дар мавриди ҳаллу фасли муаммоҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, миёни иқтисодчиён, бештар баҳсу мунозираҳои мухталиф вомехӯрад. Ҳангоми баррасии барномаҳову дурнамоҳои рушди иқтисодии кишвар гурӯҳе ба аслҳои бозори рақобати озод (бозори озоди такмилёфта) ва гурӯҳи дигаре, ба аслҳои бозори бо ном нотакмил, яъне бозори аз тарафи давлат танзимшаванда такя мекунанд. Яъне, бархӯрди ақидаҳои неоклассикӣ ва неокейнсӣ мушоҳида мешавад. Ин, албатта, табиист. Чунон ки Ҷ.Кейнс таъкид карда буд: **«ғояи**

[1] Рузномаи «Тоҷикистон» 2.02.06 С.5

[2] Рӯзномаи. «Тоҷикистон» 6.04.06. с.5.

**иқтисодчиён ва сиёсатмадорон - ҳарчанд онҳо ҳақ ҳастанд ва ё саҳв мекунанд - аҳамияти хеле бузург дорад, нисбат ба оне, ки мо фикр мекунем. Дар ҳақиқат, маҳз онҳо ҳукмрони ҷаҳон ҳастанд».[1]**

Ба андешаи мо, дар алоҳидагӣ ҷудо кардани типпи бозори такмилёфта ва нотакмил, ин пеш аз ҳама, модели илмиест, ки барои омӯзишу таҳқиқи иқтисоди бозорӣ истифода шудааст. Яъне, вай абстрактсияи илмиест, ки тадқиқотгарро барои тахлили илмии муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад.Аммо,дар амалия ин моделҳо ба воқеият чандон наздик намебошанд ва ба тозагӣ онҳоро пайдо кардан ҳам ғайриимкон аст.

Бозори озод - абстрактсияи маҳз аст: ҳам дар замони муосир ва ҳам дар замони пешин (бо андозаи муайян) танзими бозор ҷой дошт. Зеро шароитҳои бозори озод мавҷудияти давлатро маҳдуд мекунад. Олими барҷастаи англис Т.Гобсс, ки ба ташаккули А.Смит, махсусан, ба тавзеҳи «инсони иқтисодӣ»-и он таъсири калон расонидааст, ҳанӯз асри 17 дар китоби «Левиафан» (1651) чунин қайд карда буд: **«манфиатҳои шахсии инсон, ки аз рафтори эгоистии он бармеояд хеле тавонотарин ва хеле харобкунандатарин рафтори инсонӣ мебошад. Аз ин ҷо, зарурати давлати авторитарӣ (ҳукмраво) ба миёна меояд, ки лаҷоми эгоизми фардии инсонро боздорад».** Ё ҳаким У. Хайём таъкид мекунад:

«Эй чархи фалак, харобӣ зи кинаи туст,
Бедодгарӣ шеваи деринаи туст»

Пас, талаботи инсонӣ, андешаҳои ҷаҳонсози он, пайдоиш ва такмили давлату давлатдориро сабаб гаштааст.

Имрӯзҳо, баъзан ақидаҳое вомехуранд, ки гӯё гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ташкили бозори озодро боис мегардад. Ва маҳз он, ба вуқӯъ омадани ташаббусу фаъолияти соҳибкориро мусоидат карда, некӯаҳволии мардумро беҳтар мекунад.

---

[1] Дж. Кейнс Обшая теория занятости, процента и денег. М.: 1978. С. 458

Дар ҳақиқат озодии пурраи фаъолият вуҷуд надорад ва нахоҳад буд. Ҳанӯз Н.И Бухарин қайд карда буд, ки субъектҳои иқтисодӣ дар фаъолият ва рафтори худ аз муҳити ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Г.В. Плеханов таъкид кардааст, ки озодии фаъолияти иқтисодӣ худ аз худ вуҷуд надорад, балки аз дарку омӯзиши қонунҳои иқтисодӣ бармеояд ва бо ҷараёни итоату мутобиқшавии фаъолият ба он, вобастагӣ дорад. Олими барҷастаи амрикоӣ Ч. Гелбрейт (солҳои 50 - уми асри 20) мегӯяд, ки « **дар замони муосир бозори озоди давраи А.Смит вуҷуд надорад ва он касе, ки ба он даъват мекунад вай инсони касалии рӯҳӣ мебошад».**[1] Зимнан бояд қайд кард, ки ҳатто А.Смит оид ба камбудӣ ва хосиятҳои манфии он, ки ба инсоният фалокатҳо меорад, таъкид намуда буд.Бозори озод ва «дасти ноаён»-ӣ А.Смит - ин фаъолияти стихиявии қонунҳои объективии иқтисодӣ мебошад. Шароите, ки дар он фаъолияти хеле созандагии манфиатҳои шахсӣ ва қонунҳои стихиявии рушдӣ иқтисодӣ ба вуқуъ меояд, **А.Смит** қоидаи табии ном додааст. Дар ин ҷараён, ҳар як истеҳсолгар ҳамчун «инсони иқтисодӣ» фаъолият карда, ҷуръат мекунад, ки бо кадом роҳе набошад даромад ва ё фоидаи баландро ба даст орад. Бинобарон, олими барҷастаи англис А. Маршалл таъкид карда буд, ки ҳатто беҳтарин хосиятҳои истеҳсолоти давраи муосир (давраи иқтисоди бозорӣ) гузаранда буда, барои иҷрои ҳадафҳои нафъовар ва ё барои иҷрои миссияи таърихии азхудкунии нафънокӣ хизмат мекунад, ҳамчунон ки сохтори табақавӣ иҷро карда, ҳадафи ҷустани роҳҳои беҳтарини шакли ташкили марҳилаи фараҳи ояндаро доштанд. Назарияи марксистӣ, низ ба ин ақидаҳо такя намуда, назарияи иқтисодии синфи коргарро эҷод карда буд. Ҳамин тариқ, дар ҷомеа наметавонад озодии иқтисодии пурра ҳукмрон бошад. Аммо, озодии иқтисодии кофӣ зарур аст, то ин ки аз як тараф, ба вуқӯъ омадани «самараи Паретто» - ро мусоидат кунад ва аз

---
[1] Экономическая теория. М. 1995. с 99.

тарафи дигар, инкишофи суратноки иқтисодиёт ва бозори мӯътадилу тамаддун, танзимшавандаро таъмин намояд.

Бояд қайд кард, ки тамаддун ва ҷараёни гуманизатсияи ҷомеаи давлати иҷтимоиро тавлид карда, бозори танзимшавандаро тақозо менамояд. Ҳадафи асосии давлат дар ин раванд бо нарм кардан ва ё боздоштани зарбаҳо ва ё оқибатҳои манфии бозор барои кулли шаҳрвандон ва ё табақаҳои камбизоати ҷомеа мебошад.

Тибқи Сарқонуни ҷумҳуриамон Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон гардида, модели бозори рӯ ба иҷтимоиёт нигаронидашударо қабул намудааст. Чунин модели бозор се рукн ва ё самтҳои зеринро дар бар гирифта, ҳамчун меъёри баҳодиҳии инкишофи ҳаёти ичтимоӣ – иқтисодии ҷомеъа арзёбӣ мекунад.

**Якум.** Ҳимояи манфиатҳои кулли шаҳрвандони кишвар ва бунёди шароити мусоид барои ҳар як инсон то ин ки зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро ноил гардад. Ҳадафи асосии давлат – ин зина ба зина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Пайваста ба арзиши маҷмӯи маҳсулоти милли даромади буҷаи давлат, низ ғани гашта истодааст. Масалан, агар дар таи панҷ соли охир маҷмӯи маҳсулоти миллӣ 60 фоиз зиёд шуда бошад, мувофиқан даромади буҷа аз 600 млн сомонӣ дар соли 2001 ба 1,6 млрд. сомонӣ дар соли 2005 зиёд шудааст. Соли 2006 ин рақам 2,2 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Агар соли 2001 38 фоиз буҷа (148 млн.с.) ба соҳаҳои ичтимоӣ сафарбар шуда бошад, пас соли 2005 50 фоиз, яъне 750 млн сомонии буҷа ба ин соҳа сафарбар шуд. Аз ин ҳисса, 336 млн. сомониаш ба соҳаи маориф ва 106 млн. сомониаш ба соҳаи тандурустӣ сафарбар мешавад. Чи тавре ки рақамҳо нишон медиҳанд, қисми даромади буҷаи кишвар, нисбат ба соли 2005 251 млн. сомонӣ зиёд шудааст, ки 64 фоизи он фақат ба соҳаи иҷтимоӣ равона мешавад. Яъне, тамоили ақали иҷтимоигардии иқтисодиёт ва буҷаи кишвар ба 0,64 баробар аст: аз ҳар як сомонии афзоиш 64

дирамаш ба соҳаи иҷтимоиёт равона шудааст. Илова бар ин, дар таи панҷ соли охир, аз 70 млн сомони, ки аз Фонди захиравии Президенти кишварамон барои рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ҷудо шуда буд, 85 фоизаш ба соҳаҳи иҷтимоӣ рост меояд. Фақат барои 20 намуди кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоату шаҳрвандони эҳтиёҷманд соле 40 млн. сомонӣ харҷ мешавад. Ба тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор бо ҳисоби миёна ба ҳар як нафар дар як моҳ 405 сомонӣ масраф мешавад.

**Дуюм,** рукни бозори рӯ ба иҷтимоиёт нигаронидашуда – ин барномагирии дарозмуддат мебошад. Дар кишвари мо бо иқдоми Президенти кишварамон барномагирии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ичтимои - иқтисодӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Барномаҳои рушди ичтимоӣ – иқтисодии кишвар барои солҳои 2001- 2005 барзиёд иҷро шудааст . **«Тоҷикистон аввалин кишварест, ки байни 82 давлати рӯ ба инкишоф барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо дастгирии СММ самтҳои асосии Стратегияи Миллии Рушдро барои солҳои 2007 – 2015 - ум таҳия намуд. Мақсади асосӣ аз он ҷорӣ намудани низоми самарабахш ва шаффофи идораи давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад».**[1] Соли равон, бояд барномаҳои коркарди нахи пахтаи дар кишвар истеҳсолшавандаро барои давраи то соли 2015, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз алюминийи аввалия, металу сангҳои қиматбаҳо, барқарорсозии боғу токпарварӣ, соҳаи занбӯрпарварӣ барои солҳои 2006 – 2010, беҳтар намудани вазъи таъминоти аҳолии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 таҳия гашта, ба Ҳукумати Чумҳурӣ пешниҳод гардад. Аз тарафи Президенти кишварамон таъкид карда шуд, ки барномаи махсуси дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои барқӣ дар давраи солҳои 2007 -2020 ва

---

[1] Паёми Президенти Жумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон. 20 апрели соли 2006

дурнамои рушди энергетикии Тоҷикистон то соли 2025 зарурати давр буда, омил ва роҳҳои таъмини истиқлолияти энергетикиро бояд инъикос кунад.

Барои густариш додани сиёсати иҷтимоии давлат лоиҳаи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ омода буда, таҳияи Нақшаи дарозмуддати таъсиси ҷойҳои корӣ, Консепсияи шуғли аҳолӣ барои солҳои 2007 – 2015, барномаҳои милли дастгирӣ ва густариши соҳибкории хурду миёна, муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2010 дар радифи ҳадафҳои навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифтааст. Чи тавре ки аз Пайёми Президенти кишварамон бармеояд, рукни дуюми бозори рӯ ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ва хосиятҳои давлати иҷтимоӣ баръало мушоҳида мешавад.

**Сеюм.** Фаъолияти бунёдгарии давлат дар густаришу инкишофи иқтисодиёти Миллӣ, низ рукн ва меъёри давлати иҷтимоиву бозори рӯ ба ичтимоиёт нигаронидашуда мебошад. Дар ин раванд, вазни қиёсӣ ва ё ҳиссаи сектори давлатӣ, бояд то 30 фоизро ташкил диҳад.

Ҳукумат, ба корхонаҳои азиме, ки аҳамияти умумимиллӣ дорад ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир карда, вазифаи тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии захираҳоро ба самту соҳаҳое, ки иқтидору истиқлоли иқтисоди миллиро муайян мекунад, иҷро менамояд. Масалан, заводи алюминии тоҷик – корхонаи калонтарини мамлакат ба шумор меравад. Зеро вай 41 фоиз ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва захираи содиротии кишварро ташкил медиҳад. Бинобарон, ҳукумат барои ҷорӣ намудани технологияи муосир барои ин корхона аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Ҷидду ҷаҳди Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди босуботи соҳаи энергетика, саноати маъдани кӯҳӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ ва ғайраҳо оид ба иҷрои мақсадноки вазифаи тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад. «**Дар доираи ин ҳадафҳо солҳои охир дар**

**кишварамон нерӯгоҳи барқии обии «Помир – 1» ва 26 нерӯгоҳҳои барқӣ ба истифода дода шуда.... сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла «Роғун», «Сангтӯда – 1» «Сангтӯда – 2 » оғоз карда шуд».** Кушода шудани роҳи мошингарди Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Карокурум, нақби Анзоб ва ғайраҳо далели вазифаҳои бунёдгарии давлат мебошад. Ҳамчунон азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Хуҷанд – Мастчоҳ, Айнӣ – Панҷикент, бунёди нақби Шаҳристон. ки маблағи сохтмони онҳо 820 миллион сомонӣ мебошад, идомаи амалигардии ҳадафҳои иқтисодии ҳукуматӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, рукнҳои асосии бозори рӯ ба ичтимоиёт нигаронидашуда ва давлати иҷтимоӣ дар кишварамон барҷаста мушоҳида мешавад.

Самара ва ё нафъе, ки дар натиҷаи фаъолияти «самараи Паретто» ба вуҷуд меояд, давлат онро метавонад ба воситаҳои фишангҳои мухталифи иқтисодӣ, азнавтақсимкунии захираҳову даромадҳоро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва мӯътадилкунии нобаробариҳо истифода барад. Дар ин раванд, ғанӣ кардани буҷаи давлатӣ бояд на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёру ҳаҷми андоз, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон таъмин гардад

Фаъолияти «самараи Паретто» омили муҳими инкишофи иқтисодӣ аст. Тамоми масъалаҳои иқтисодӣ ва назарияҳои сиёсат ба он такя мекунад. Масалан, ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодии давраҳову марҳилаҳои инкишофи иқтисодӣ, ки самтҳои афзалноку дигаргунсозии таркиби иқтисодиёти миллиро муайян мекунад, бешубҳа аз аслҳои «самараи Паретто» бармеояд. Масалан, бехатарӣ ва истиқлоли энергетикии кишвар, воридшавӣ ба инфраструктураи ҷаҳонӣ, афзалнок эълон кардани соҳаи маориф бечунучаро консентратсияи захираҳоро бо ин самтҳои номбурда зиёд карда, инкишофи дигар соҳаҳоро суст мекунад. Ин ҷо,

фишангҳои «самараи Паретто» бошуурона ва мақсаднок истифода мешавад.

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА ВА СИЁСАТИ МИНТАҚАВӢ

*«Бузургон дар музофотҳо тавлид мешаванду дар шаҳрҳои калон аз олам чашм мепӯшанд»*

## 2.1. Иқтисодиёти минтақавӣ: моҳият, муаммо ва роҳҳои ҳалли он

Масъалахои назариявӣ ва амалии иқтисодиёти минтақавӣ, махсусан иқтисодиёти манотиқи наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Оиди моҳият ва вазифаҳои иқтисодиёту сиёсати минтақавӣ ақидаҳои мухталиф ҷой дорад, ки ин бевосита, дар амалӣ гардонидани ҳадафҳо ва воситаҳои тадбиқ гуногунандеширо тавлид мекунад.

Таҳлилҳои таърихи иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ақидаҳову назарияҳо оид ба иқтисодиёти минтақавӣ характери даврагӣ дорад. Яъне, дар як давра афзалияти урбанизатсия, индустрализатсия, консентратсия, монополизатсия ва мутамарказшавӣ ҳукмрон бошад, дар дигар даврахои таърихӣ афзалияти деурбанизатсия, худинкишофӣ ва мустақилият мушоҳида мешавад. Ин ду даврҳои мухталиф давра ба давра якдигарро иваз мекунанд.

Ҳамин тариқ, раванди инкишофи минтақавӣ ва идоракунии он зери таъсири ду ибтидо – мутамаркази ва ғайримутамаркази қарор мегирад. Таърих гувоҳи медиҳад, ки ҳадди ақали як аз ин ибтидоҳо – яъне ҳукмронии мутлақи яке аз онҳо низоми (системаи) дигарро тавлид мекунад. Чуноне ки юнониҳо таъкид карда буданд, монархия – деспотия, аристократия – плутократия ва демократия – хаосро тавлид мекунад. Таҷрибаҳои таърихӣ, моро водор мекунад, ки оид ба мавчудият ва амалиёти конуни умумӣ эволютсияи таркиби

ташкилӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Омӯзиш ва донистани он барои ҳалли мушкилоту муаммоҳо имконияти васеъ медиҳад. Масалан, таркибу сохтори ташкилии дилхоҳ наметавонад дар мӯҳлати хеле дароз фаъолият кунад, агар оид ба такмили он чораҳои қатъӣ наандешем. Зеро тибқи диалектикаи инкишоф, тадриҷан маҷмӯи манфиатҳое пайдо мешаванд, ки онҳо на ҳама вакт ба ҳадафҳои аввала (ибтидоӣ), ки маҳз барои он ташкил шуда буд, мутобиқ ва ё ҷавобгуй бошанд. Чунин, метаморфози ҳадафҳову манфиатҳо дар таносуби идораи мутамаркозӣ ва минтақавӣ (ғайримутамаркозӣ), низ ба вуқӯъ меояд. Вақте ки идоракунии мутамаркозӣ аз ҳадди акал мегузарад, вай аз омили рушд ба омили боздошт, карахтӣ ва депрессия, деградатсияи иктисодиёт, табиат, инсон мубаддал мегардад. Яъне «гипертрофия»-ӣ мутамаркозӣ монеъаи инкишофи ноҳияҳо, таназзули ташаббусҳо, ҳифзи муҳити зист, шароити зисти мардум ва ғайраҳоро боис мегардад. Дар акси ҳол, яъне аз ҳадди ақал берун рафтани тафрикаи минтақаҳо (ноҳияҳо), низ омили боздории инкишофро ба вуҷуд меорад. Ин ҷо, минтақа ва ё ноҳияҳо аз нигоҳи ҳудуди, тавоноии иқтисодӣ ва нуфузи аҳолӣ хосияти илмӣ – оптималии худро гум мекунад. Илова бар ин, таносуби идоракунии мутамаркозӣ ва маҳаллӣ (минтақавӣ) дар равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ коста мешавад. Дар ин ҷода, чунон мувозинату таносуби марказу ноҳияро аз нигоҳи илмӣ бояд муайян кард, ки ҳамҷӯрӣ ва ҳамрайии манфиатҳои маҳалллу умумимиллиро мусоидат кунад.

Дар адабиётҳои иқтисодии шуравӣ мафҳуми иқтисодиёти минтақавиро академик Н. Н. Некрасов ворид кардааст. Ба акидаи вай иқтисодиёти минтақавӣ бояд маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ иқтисодии ҳар як минтақаро омӯхта, ҷойгиркунию истифодаи самараноки неруҳои истеҳсолкунандаро мусоидат кунад. Манотиқи иқтисодӣ – ин зерсистемаи хочагии халқ, ё иқтисодиёти миллӣ, ки дар асоси хамдастию ҳамкории тақсимоти соҳавию ҳудудии меҳнат ташкил ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки муайян кардани объекти иқтисодиёту сиёсати минтақавӣ моҳияти онро пурра мекунад. Дар корҳои ҷамъбастии ташкилоти байналмиллалӣ оид ба ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ (ОЕСД) қайд карда мешавад, ки объекти иқтисодиёт ва сиёсати минтақавиро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ нобаробарии минтақавӣ – фарқият дар сатҳ ва шароити ҳаётгузаронӣ, шуғлнокӣ ва бекорӣ, дараҷаи рушди иқтисоди минтақа, шароити соҳибкорӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, сиёсати минтақавӣ шакли дахлпазирии давлатро дар тамоми ҷузъи таркибии минтақа талаб менамояд. Ин ҷо, на танҳо фишангҳои иқтисодӣ, балки дигар фишангҳои ғайрииқтисодии таъсиру танзим бояд истифода шавад.

Ҳадафи фаъолияти иқтисодии минтақа, пеш аз ҳама, барои таъмини сатҳи баланди сифати ҳаёти мардум ва паст (минимум) кардани нобаробариҳо равона карда шудааст. Иқтисодиёти минтақа бояд ба асосҳои (принсипҳои) зерин такия кунад: а) омузиши васеъи талаботи аҳолии минтақа, вазъ ва динамикаи ташаккули бозор, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва хочагиҳову корхонаҳои алоҳидаи минтақа; б) муҳайё кардани шароитҳо барои мутобиқ шудани таркиби иқтисодии минтақа ба омилҳои дохилию беруна (экзогению эндогени); в) ҳавасмандӣ ва фаъол кардани манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа.

Амалигардонии ҳадафҳои қайдшуда, интихоби воситаву фишангҳои мушаххасро талаб менамояд, ки онҳоро пас аз муайян кардани сабабҳову решаҳои нобаробариҳои минтақавӣ муайян кардан мумкин аст. Бинобарон, пеш аз ҳама зарур донистем, ки сабабҳои нобаробариҳоро таҳқиқ кунем. Якум, минтақаҳои иқтисодӣ, бо шароитҳои табии-иқлимии зисти мардум ва соҳибкорӣ аз ҳамдигар фарқи кулли доранд. Кишварамон, гарчи кучак бошад ҳам, аммо аз шароитҳои Арктикӣ (Помири Шарқӣ) сар карда то шароитҳои биёбону нимбиёбон, тропикию субтропикро доро мебошад. Ин шароит бечунучаро, ба ташкили истеҳсолоту соҳибкорӣ хусусиятҳои

фарққунанда мебахшад. Дуюм, сифат, самт ва доираи истифодабарии захираҳои табии «ҳосилноки»-и минтақаро муайян карда, ҳамчун омили таъсирбахшанда ба рушди соҳаҳои кишоварзию ҷангал, азхудкунии канданиҳои фоиданоки табии баромад мекунанд. Дар ин раванд шароити ҷойгиршавии саноат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, низ зери таъсир қарор мегирад. Сеюм, минтақаҳое, ки дар гушаи дурдасти кишвар қарор гирифтаанд, аз алокаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ маҳдуд мебошанд. Бинобарон, маҳз ба туфайли боло рафтани хароҷоти нақлиётӣ, нархи молу хизматҳо баланд гардида боиси маҳдудияти муносибатҳои бозорӣ мешавад. Дар ин шароит, инкишофи иқтисодии минтақа аз ҷараёни инкишофи иқтисоди-иҷтимоии умумимиллӣ хеле қафо мемонад. Чорум, куҳнашавии таркиби истеҳсолоти минтақа, дермонӣ аз технологияҳои навин (навкунии технологӣ) қарор гирифта, дар зинаи тақсимоти технологии истеҳсолот, ки ба истеҳсоли ашё ва ё маҳсулоти мушаххас таъсир мерасонанд (махсусан дар шароити кандашавии робитаҳои иқтисоди): афзалияти агломератсия (ҷойгиршавӣ) дар нуқтаҳои алоқаҳои байнисоҳавӣ ва нокифоягии ҷойгиршавии аҳолӣ ва ғайраҳо. Панҷум, шароитҳои сиёсӣ, самтҳои сиёсати умумимиллӣ ва минтақавӣ, омилҳои институтсионалӣ (муносибатҳои этники, оину русумҳо, динӣ, қавмию авлодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо), сатҳи худмухтории минтақа, ташаккулу рушди таърихӣ ва ғайраҳо хусусиятҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро муайян мекунанд. Шашум, назорати пай дар паи берунаи корхонаҳои дар минтақа воқеъбуда ва паст будани вазни қиёсии корхонаҳое, ки соҳибкорони маҳаллӣ идора мекунанд: ин ҳодисот болоравии сатҳи фаъолнокии манфиатҳову ҳавасмандии аҳолии минтақаро дар самаранок истифодабарии захираҳо ва инкишофи иқтисодӣ бозмедорад. Ва ниҳоят, омилҳои иҷтимоӣ-маданӣ, сатҳи урбанизатсия (шаҳршавӣ) маълумотнокии аҳолӣ, мавҷудияти марказҳои илмӣ ва ғайраҳо

омилҳои муҳими суръатнокии ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва инкишофи иқтисоди мебошанд.

Ба ғайр аз ин омилҳои сабабию объективӣ, боз як қатор, нобаробариҳо дар вазъи иҷтимои-иқтисодии манотиқи гуногуни кишварамон мушоҳида мешавад, ки характери субъективӣ дорад. Аксар вақт, сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлатамон дар маҳалҳо эҷодкорона тадбиқ намешаванд. Бинобарон ислоҳоти куллии иқтисодӣ дар минтақаву маҳалҳо бо суръати гуногун идома меёбад: раванди ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият, тақсими замину ташкили хочагиҳои деҳқонӣ бе назардошти шароитҳои объективию таърихии минтақаҳо пиёда мегардад, ки он дар натиҷа ҳодисоту оқибатҳои ғайрисамаранокро тавлид мекунад. Ё ин, ки либерализатсияи нархи молу хизматҳои аҳамияти умумичамъиятӣ дошта, масалан, молу хизматҳои энергетики, нақлиёт ба тезутундшавии нобаробариҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ оварда мерасонад.

Нотакмилии раванди тафрикаи ҳуқуқии ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ дар бобати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва таъсир ба иқтисодиёт, зери назорати қатъӣ карор нагирифтани тафрикаи даромади аҳолӣ (паст шудани сатҳи зисти мардум) миёни табакаҳои гуногун дар минтақа (маҳалҳо) ба носолимии вазъи иҷтимои-иқтисодии мардуми минтақа мусоидат карда, омилҳои боздории инкишофи иқтисодиро ба вучуд меорад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар манотиқи наздикӯҳӣ ва кӯҳии ноҳияҳои Истаравшан, Ғончӣ ва Шаҳристон сатҳи даромади аҳолӣ ба ҳар як фарди қобили меҳнатдошта нисбат ба нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ 1,8 маротиба паст аст. Дараҷаи нобаробарии тақсими даромадҳо миёни табақаҳои аҳолӣи аз рӯи каҷхати Лоренц, нисбат ба нишондиҳандаи умумиҷумҳурияви беш аз 2 маротиба зиёд аст.

**Иқтисодиёти минтақавӣ бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунад:** 1.Дар доираи истеҳсолот: истеҳсоли молу хизматҳо тибқи барномаи минтақа ҳам барои бозори дохилӣ ва

ҳам барои беруна; истеҳсоли молу хизматҳои ҷамъияти--роҳи автомобилгард, роҳи оҳан, кабудизоркунӣ, туризм, тандурустӣ, манзил, нуқтаҳои мадани-равшаннамоӣ ва ғайраҳо) 2.Дар доираи тақсимот: ташаккули минтақавии роҳҳои тақсимоти молу хизматҳо, захираҳо, сармоя, даромадҳо ва ҳоказо. 3. Дар доираи мубодилот: ҳавасмандкуниии фурӯши молу хизматҳо, хизматҳои сервисӣ; ташкили реклама, ташаккули системаи ахбори чамъиятӣ ва коммуникатсия, базаи факту ракамҳои оморӣ ва ғайра 4.Дар доираи истеъмол: таъмини сатҳи оқилонаи истеъмол, танзими расму оини динию милли ва ғайраҳо.

Дар шароити кунуни, ки минтақаҳо ба муносибатҳои бозорӣ ворид шуда истодаанд, меъёри нави муайян кардани минтақа ҳамчун субъекти иқтисоди бозорӣ ба миён омадааст. Ғунҷоиши бозори минтақавӣ (маҳаллӣ) ба сатҳи тахассусшавии меҳнати чамъиятӣ, тақсимоту кооператсия алоқаманд аст. Мақоми минтақа на аз шаклҳои моликият муайян мегардад, балки бо тарзи идоракунии иқтисодиёт, муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодии минтақа ва марказ, ки метавонанд зиддиятҳо дошта бошад, алоқамандӣ дорад.

Дар давраи собиқ СССР минтақаҳо ва ё ноҳияҳои иқтисодии Иттиҳоди Шӯравӣ муайян шуда буд, ки таҷрибаи таърихию амалии онро метавон истифода бурд. Осиёи Миёна ҳамчун ноҳияи ҷудогонаи иқтисодӣ ба накша гирифта мешуд, ки чумҳурии мо ҷузъи таркиби онро ташкил медод. Маҷмӯи ҳудуди ҷанубии Точикистон, ки инкишофи иқтисодиёти минтақавиро инъикос мекард, низ таҷрибаи амалӣ хоҳад шуд. Давлати соҳибистиқлоли моро зарур аст, ки ба омӯзишу таҳқиқи иқтисодиёти минтақавӣ, махсусан минтақаҳои наздикӯҳиву кӯҳистон аҳамияти ҷидди диҳад.

Дар давлатҳои ҷудогонаи дунё аслҳову тарзҳои муайян кардани минтақаҳои иқтисодӣ ва тафрикаи вазифаҳои идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ (минтақавӣ), ҳамҷӯрии макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ бо роҳҳои мухталиф ҷорӣ

мегардад. Аммо, дар давлатҳои унитарӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иқтисодиро асосан ҳокимияти марказӣ муайян мекунад, ки бевосита фишангҳои макроиқтисодӣ (монетарӣ, фискалӣ, сиёсатӣ тиҷоратӣ) ва микроиқтисодӣ (фишангҳои танзими меҳнат, сармоя (соҳибкорон) истифода мешаванд.

Барои рушду инкишофи иқтисодиёти минтақа фишангҳои микроиқтисодӣ таъсирӣ хеле мусбӣ мебахшад. Вазифаҳои аввалиндараҷаи ин фишанг, дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ равона шудааст. Агар захираҳои меҳнатӣ оиди таклифот ба қувваи корӣ ахбор медоштанд, онҳо ба ивазкунии касбу ихтисос ва ҷои зист омода мебуданд. Аммо чунин вазъият дар минтақаҳои наздикӯҳи ва кӯҳистон мушоҳида намешавад. Илова бар ин, дар шароити маҳдуд қарор гирифтани корхонаву хочагиҳои ин минтақаҳо ва бӯҳрони иқтисодӣ, нуфузи бекорон меафзояд. Азбаски ҷойҳои кории нав хеле суст пайдо мешаванд, ивазкунии ихтисос низ маъно надорад. Ҷойивазкуни ба марказҳо ва берун аз чумҳурӣ ягона роҳи наҷот аст. Аммо бояд қайд кард, ки мигратсия, берун рафтани мутахассисони баланддараҷаву соҳибихтисос шикасташавии мувозинати демографӣ ва таркиби иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ки имконияти инкишофи соҳибкориро суст мекунад. Дар натиҷаи мигратсияи стихиявӣ вазъи ичтимоӣ – иктисодӣ бисёр ноҳияҳои дурдаст хеле паст шудааст. Аз ин лиҳоз, барои ҷумҳуриямон зарур аст, ки самти дуюми фишангҳои микроиқтисодиро – ҷалбкунии сармояро боз ҳам фаъол намояд. Ин самти фишанг ба шароити дохила ва берунаи хочагиҳову корхонаҳо таъсир мерасонад. Фишангҳое, ки ба танзими дохили корхонаҳо таъсир мерасонанд чунинанд:

1. Таъсиррасонӣ ба таркиби хароҷотӣ хочагиҳои амалкунанда, ба мақсаде, ки вазъи молиявии он устувор гардад. Дар ин ҷода, барои он ки ҷойҳои кори маҳдуд нагардад, дар бисёр кишварҳо (масалан дар ИМА) бузургии андозҳоро аз музди

меҳнат ва фоида паст мекунанд. Дар бисёр давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, ин ҳадаф бо роҳи муайян кардани ҳафтаи нопурраи корӣ, рухсатии маъмурӣ (бемузд) боздоштани болоравӣ ва пардохти музди меҳнатӣ амалӣ мегардид. Коргарон, низ бо умеди рӯзҳоиояндаи нек ба ин рафтор ризоият медиҳанд.

2. Барои беҳтар кардани ташкили таркиби истеҳсолот ва технология ба хоҷагиҳо грантҳо (қарзҳои бе бозгашт) дода мешавад. Дар ҳақиқат ин роҳро, дар ҷумҳурӣ бояд ҳаматарафа истифода бурд, зеро бе воридшавии инвеститсияи беруна, бисёр хоҷагиҳо наметовонанд (дар мӯҳлати кӯтоҳ) мавқеи худро дар бозор устувор кунанд. Субсидияҳои бебозгашти давлатӣ, низ чун грант хизмати арзанда мекунанд, агар давлат истифодаи мақсадноки онро (азнавсозии таркибии иқтисодиёти минтақа) зери назорати ҷамъияти қарор диҳад.
3. Ёрии амалӣ расонидан ба таҳияи барномаҳову нақшаҳои алтернативӣ, дурнамои фаъолияти минтақа ва пайваста бо он ғизои молиявию-моддӣ, бешубҳа вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаро рӯ ба инкишоф сафарбар мекунад. Дар шароити ҷумҳуриамон, дар бисёр минтақаҳо хоҷагиҳову корхонаҳои монотахассусшуда ташаккул ёфта буданд, ки дар мавриди муфлисшавӣ ( аз кор бозмондан) сатҳи бекори афзуда, даромади буҷаи маҳал яку якбора кам мешавад. Дар ин шароит, дигар коргоҳҳои алтернативӣ вуҷуд надоранд, то ин, ки шуғлноки таъмин гардад. Илова бар ин дар тӯли солҳои дароз идеологияе ташаккул ёфта буд, ки маъмурияти хоҷагиҳо (корҳонаҳо) ба тамомӣ чабҳаҳои ҳаёти коргарону деҳқонон масъуле мешаванд ва одамон, низ одат карда буданд, ки дар шароити вазнин ба коргоҳи худ такя карда, умед банданд.
4. Танзими шароити берунии фаъолияти хоҷагиҳо, ҳадафи ҳавасмандкунии инкишофи иқтисодии минтақа ва бартараф кардани набаробариҳоро дорад. Бо коргоҳову

хоҷагиҳои типи нав шароите бояд муайяан кард, ки онҳо «ба пой хезанд» ва самаранок фаъолият кунанд. Чунин танзим бо роҳи назорати маъмурӣ, андозҳо, таъмини инфраструктураҳо, додани грантҳову субсидяҳо, имтиёзҳо ба иҷро мерасад.

Назорати маъмурӣ, самтгирии маблағгузоронро ба минтақаҳои иқтисодии муайяншуда мусоидат карда, ҷойгиршавии онҳоро дар минтақахои инкишофёфта манъ мекунад. Чунин сиёсат, қариб, ки хароҷоти муайянро талаб наменамояд.

Андоз ҳамчун фишанги танзим мақоми барҷаста дорад. Паст кардан ва ё имтиёзҳои андозӣ барои минтақаҳое, ки масъалаҳои шуғлнокӣ ва инкишофи иқтисодӣ бе ёрии давлат имконнопазир аст, хеле аҳамияти калон дорад.. Таъмини инфраструктура дар шакли омӯзондан ва азнавомӯзондани коргарон, роҳҳову таъмини воситаҳои нақлиёт, алоқа ва ҳоказо инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоии минтақаро ҷоннок мекунад. Умуман, танзими шароитҳои беруна ба ҳавасмандкунии инкишофи шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва муносибатҳои бозорӣ равона шудааст.

Бояд қайд кард, ки сарчашмаҳои дохилии минтақа дар рушду нумӯъ таъсир расонида ба инкишофи зиндагии минтақа ва ҳавасмандкунии омилҳои дохилӣ яке аз роҳҳову ҳадафҳои рушди иқтисодиёти минтақа мебошад. Тарзу услуби ҳавасмандкунии инкишофи эндогенӣ, асосан, бо фаъол кардани тавонову нерӯи дохили минтақа, ки захираҳои табиӣ, муҳити иқтисодӣ (истеҳсолот, нақлиёт, сармояи иқтисодии андӯхташуда ва вазъи сармояи инсониро (ихтисос, маълумот, нерӯи ташаббускории аҳолӣ, қобилияти соҳибкорӣ) дар бар мегирад, алоқамандӣ дорад. Ин инкишоф бояд аз тарафи давлат ҳавасманд карда шавад. Фишангҳое, ки ба технология ва тарзу услуби маъмули ташкили истеҳсолот ва соҳибкорӣ такъя мекунад чунинанд: ҳавасмандкунии соҳаҳои хизматрасонӣ;

ҷоннок кардани сохибкории хурду миёна; бунёди зонаҳои махсус ва оффшорӣ («муассисаҳои бурунмарзӣ»).

Танзими давлатӣ пештар, асосан бо туфайли моликият ва корхонаҳову хоҷагиҳои давлатӣ амалӣ мегашт. Дар шароити кунунӣ, ки раванди ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият тарҳрезии муносибатҳои бозориро муайян мекунад, танзими мустақими давлати бо воситаи ташкилотҳои маблағгузории давлатӣ иҷро мегардад. Чи тавре, ки дар Паёми Президенти кишвар қайд шудааст « дар соҳаи пулию қарзӣ сиёсати давлатӣ бояд ба рушду тараққи додани маблағгузории хурд ва инфраструктураи он дар деҳот ва минтакаҳои дурдасти кӯҳистон равона карда шавад». 1(Рӯзномаи «Ҷумхурият» 19 апрели соли 2005 с -2.) Ташкилотҳои маблағгузор, ки зери назорати давлат қарор мегирад, бояд ду вазифаи асосиро иҷро кунад. Якум, ба минтақаҳои наздикӯҳи ва кӯҳӣ маблағгузорони навро бояд ҷалб карда ҳавасмандии онҳоро таъмин намуд, то ин ки ба бунёди корхонаву иттиҳодияҳои хусусии нав ва васеъшавии таҷҳизотҳоро мусоидат кунад. Дуюм, лоиҳаҳои давлатии азхудкунию истифодабарии захираҳо, кушодани корхонаҳои муштарак ва ғайраҳо, ба эҳё ва рушди иқтисодиёти минтақаҳо саҳми бузург мегузоранд.

Дар ин ҷода, давлатҳои Скандинавия ва Хитой таҷрибаи бой доранд. Дар ин давлатҳо иттиҳодияҳои маблағгузориии минтақави, ки вазифаҳои бонкро иҷро мекунанд, ташкил шуда, ба рушди соҳибкории хурду миёна равона шудааст. Ба ғайр, аз ин, иттиҳодияҳои давлатии рушди минтақа ташкил шудааст, ки то иҷрои ҳадафҳои гузоштташуда, маъмурияти махсуси минтақавӣ, ки аз намояндагони ҳукумати марказӣ ва маҳал иборат аст, фаъолият мекунад. Пас аз иҷрои вазифаҳо, ин маъмурият барҳам мехурад. Ин роҳест, ки сиёсати иқтисодии давлатиро, мушаххас ва нишорас амалӣ мегардонад.

Дар минтақаҳо, бояд ба соҳаҳои хизматрасонӣ аҳамияти ҷидди дод. Зеро онҳо хосияти маҳдуд (маҳаллӣ) дошта

зудпаҳновар нестанд. Соҳаҳои хизматрасониро ба гуруҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

1. Хизматрасонии (инфраструктура) истеҳсолӣ – ҳуқуқӣ, муҳосиботӣ, консалтингӣ, суғуртавӣ ва ғайраҳо.
2. Хизматҳои соҳаи тақсимот – нақлиёт, тиҷорат – (савдои яклухт, чакана), алоқа.
3. Хизматҳои фардӣ – меҳмонхона, ошхона, устахонаҳои таъмирӣ ва ғайраҳо.
4. Хизматҳои иҷтимоӣ – ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии тандурустӣ, маълумот, ва ҳоказо.

Дар минтакаҳои наздикӯҳию кӯҳӣ махсусан, ба хизматҳои гурӯҳи I ва IV аҳамияти ҷидди бояд дод. Зеро онҳо ташаккули муносибатҳои бозориро мусоидат карда, тадбиқи сиёсати иҷтимоиро роҷеъ ба камбизоатӣ ба иҷро мерасонанд. Ба натиҷаҳои фишангҳои бозории инкишофи хизматҳои тандурустӣ ва маъориф, чандон боварӣ кардан бо мақсад мувофиқ намебошад. Зеро аксари аҳолии ин минтақаҳо барои пардохти ин хизматҳо маблағи кофӣ надоранд. Бинобарон назорату сарпарастии ин соҳаҳоро бояд давлат бо ӯҳдаи худ гирад, то ин хизматҳо барои кулли мардум дастрас гардад. Тибқи Паёми Президенти кишвар барои ҳифзи иҷтимоӣ « тадбиқи лоиҳаҳои дигари сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 1 миллиарду 300 миллион самонӣ пешбини шудааст». Барои беҳбудии вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ ва маорифу тандурустӣ «17 лоиаҳои сармоягузорӣ, ки маблағи умуми онҳо 483 миллион сомониро ташкил медиҳад мавриди тадбиқ қарор дорад». («Ҷумҳурият» 19 апрели сол 2005).

Соҳибкории хурду миёна, яке аз роҳҳои инкишофӣ минтақа буда, бо бекорӣ ва тағийроти таркиби иқтисодиёт бархӯрд дорад. Вай шуғлнокиро таъмин намуда, дар зинаҳои аввали инкишофи иқтисодии минтақа саҳми бузург дорад. Соҳибкории хурду миёна одамонро ба муносибатҳои истифодабарии омилҳои дохили, захираҳои маҳаллӣ, ташакулли бозори маҳаллӣ мусоидат мекунад. Саҳми

созандагии ин намуди фаъолиятро таҷрибаҳои ҷаҳонӣ исбот кардааст. Бинобарон дар Паёми Президенти кишварамон такид мешавад, ки бе пешрафти соҳибкории хурду миёна ба рушди рӯзафзуни иқтисодиёт, зиёд намудани ҷойхои корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ноил шудан ғайриимкон аст. («Чумхурият» 12.04.05). Таҳияи қонун « Дар барои ҳимоя ва дастгирии соҳибкории хурду миёна» талаботи рӯз аст.

Дар ояндаи наздик, мо бояд ба ташкили минтақаҳои соҳибкории озод аҳамият диҳем. Минтақаи соҳибкории озод воситаи инкишофи эндогении (омилҳои дохилии) минтақа ва соҳибкории хурду миёна мебошад. Ташаббуси ташкили чунин минтақа аз поён – ҳукуматҳои маҳаллӣ оғоз меёбад. Зеро, онҳо бо муаммоҳои маҳал бархӯрд доранд. Барои баланд бардоштани ташаббусу фаъолнокии минтақа бояд аз идоракунии бюрократӣ даст кашид.

Якум, зарур аст, ки тамоми назоратро аз намудҳои фаъолият ба истиснои ифлос кардани муҳит, зарари солими, ҳавфи хатар ва дигар фаъолиятҳоро, ки қонун манъ кардааст, маҳдуд ва ё тамоман дур карда шавад. Дуюм, китъаҳои заминҳои ҷамъиятиро дар ҳудуди минтақа, дар давраи муайян, ба мардум тақсим карда шавад. Сеюм, кулли инкишофҳои навро аз назорати иҷоравӣ озод карда шавад. Чорум, соҳибкоронро, аз андози даромад аз сармоя, ки аз инкишофи фаъолияти худ ба даст овარданд, бояд озод кард. Панҷум, ба соҳибкорон бояд кафолат дод, ки дар давраи муайян қонуни андоз тағйир намеёбад. Назорат ба муайян кардани бузургии музди меҳнат, нарх ва шуғлнокӣ ба ӯҳдаи маъмурияти минтақа вогузор мегардад. Одатан ин шароитҳо ба туфайли шартномаи миёни ҳукумати марказию минтақа дар мӯҳлати муайян (10 сол) таъмин карда карда мешавад. Дар шартнома оид ба сабукии фискалӣ, озод кардани назорати локалӣ (маҳаллӣ), содда кардани нишондодҳову ҳисоботи омориву давлатӣ, тарифҳои гумрукӣ ва ғайраҳо дарҷ мегардад.

## 2.2. Омилҳои иқтисодии инкишофи шаҳрҳо
### (дар мисоли шаҳри Хуҷанд )

Манфиатҳову омилҳои иқтисодии инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ ва дар ин раванд рушди соҳаҳои илму фарҳанг ва сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама дар шаҳрҳо ба вуқуъ меояд. Симои тамаддуни иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии миллатҳоро, низ инкишофи шаҳрҳо инъикос менамояд. Дар ҷараёни агломератсияи корхонаҳо ва консентратсияи истеҳсолот васеъшавию паҳноии шаҳрҳо ба вуҷуд омада, пайваста ба раванди инкишофу тадбиқи дастовардҳои илму техника, симои зоҳирии онҳо замонавӣ мегардад.

Шаҳри Хуҷанд маркази маъмурӣ - фарҳангӣ, пешбари муносибатҳои бозори ва тадбиқгари техникаву технологияи навин дар қаламрави вилоят ба ҳисоб меравад. Рушду нумуи шахр дар солхои охир бо рангу таровати нав хеле барчаста мушохида мешавад. Ороиши намуди зохирии шаҳрҳо ва маҳаллоти аҳолинишин дастовардҳои навтарин илму техника ва санъати меъмориро истифода бурдан, усулҳои пешқадами бинокорӣ дар амалияи шаҳрсозӣ мавод, маснуот ва масолеҳи замонавиро корбаст кардан дар маркази сиёсати шаҳрдории ҳукумат қарор дорад. Дар шаҳри Хуҷанд бойигарии хеле бузурги моддию зеҳнӣ ҷойгир шудааст. Бинобарон, вай мисли дигар шаҳрҳо маҳаки фаъолияту имкониятҳои иқтисодӣ мебошад. Зеро муносибатҳои бозорӣ - аслҳо ва масъалаҳои фундаменталӣ ва ё бунёдии он, (ки панҷто мебошад) пеш аз ҳама, дар ин ҷо ба вуқӯъ меояд. Масалан, ташкили истеҳсолот (масъалаи чи тавр бояд истеҳсол кард?) масъалаи ҷойгиршавӣ, яъне дар куҷо истеҳсол карданро дар бар мегирад. Умуман, ба рушду нумӯи шаҳрҳо якчанд омилҳо таъсир мерасонанд, ки фаъолияти таъсирбахши онхо дар инкишофи шахри Хучанд,низ назаррас аст. **Якум**, афзалияти паҳнои ва ё маконӣ омили бунёдии инкишофи иқтисодии шаҳрҳо мебошад. Таҳлили корхонаҳои азим нишон медиҳад, ки онҳо бояд дар ягон нуқтаи муайяни ҷуғрофӣ қарор гиранд, то ин ки манбаи

ашёву захираҳо, бозори фурӯш наздик ва хизматҳои нақлиётиву алоқа қулай бошад. Зеро, хароҷоти нақлиётӣ ва ё хароҷоти боркашонӣ, ки хароҷот барои ба корхона кашонидани захираву ашё ва хароҷот барои ба истеъмолгар дастрас кардани маҳсулоти тайёрро дар бар мегирад, мавқеи муҳими стратегиро дар барномагирии фаъолияти иқтисодӣ ишғол мекунад.




Нақшаи 2.2. Ҳаҷми маҳсулоти саноати (млн.сом.бо нархи ҷори)

Хароҷот ба нақлиёту алоқа паст мешавад, агар истеҳсолгарон корхонаҳои худро дар наздикии ашё ва ё гузорандаи захираҳои истеҳсолӣ ва харидорон (истеъмолгарон) ҷой диҳанд. Умуман, ҳамон корхонаҳое, ки агломерат ташкил дода дар паҳлуи якдигар ва бозори худ қарор гиранд, афзалияти иқтисодиро ба даст меоранд.

Дар давраҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳарчанд ба ин асլҳои ҷойгиркунӣ аҳамият дода мешуд, аммо барои пурзӯр кардани тақсимоту кооператсияи меҳнат дар паҳноии умумишӯравӣ, корхонаҳои саноатии шаҳр, чандон, ба пуррагӣ ба коркарду азхудкунии ашёву захираҳои маҳаллӣ ва пайдо кардани истеъмолгари худ мустақилият надоштанд. Пас аз ноил гаштан ба истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ имконият ва шароитҳо барои агломератсияи нав пайдо шуда бошад ҳам, аммо бо сабабҳои фарсудаву кӯҳна будани таҷҳизотҳову технологияи корхонаҳо ва танқисӣ дар сармоягузорӣ якчанд мушкилотҳо ба миён омада буд. Хушбахтона пас аз оштиву ризоияти миллӣ аз соли 1997 то соли 2000-ум мӯътадилшавии ҷараёни фаъолияти

иқтисодӣ ва аз соли 2001-ум устуворӣ дар инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ пойдор гардид. Бояд таъкид кард, ки шаҳри Хуҷанд, умуман вилояти Суғд дар ҷараёни ташаккули таърихии худ бо инфраструктураи ҷаҳони (роҳҳои оҳану ҳавоӣ ва автомобилгард) пайваст шуда буд, ки ин омил бо суръат гардидани инкишофи иқтисодии давраи нав таккон бахшид. Соли 2005 аз ҳисоби ҳамаи манбъҳои сармоя фондҳои асосӣ ба маблағи 15550,6 ҳазор сомонӣ ба кор андохта шуданд, ки нисбат ба соли 2000-ум 6,4 маротиба афзудааст. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоя соли 2005 20316,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 2,6 фоиз зиёд шудааст. Чунин шароитҳои мусоид фароҳам омад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2005 178,4 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2004 21,7 фоиз ва нисбат ба соли 2001. беш аз 72 фоиз баланд шудааст. Корхонаҳои саноатии шаҳри Хуҷанд беш аз 23,4 фоизи ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилоятро истехсол кардааст. Истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ба як нафар аҳолӣ қариб 497.2 сомониро ташкил медиҳад, ки ин рақам нисбат ба нишондиҳандаи умумивилоятӣ 3 баробар баланд аст.




Нақшаи 2.3.[1] Истеҳсоли молхои истеьмолӣ ба ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ)

Ҳамин тариқ, ҷойгиршавӣ ва мутобиқгардии корхонаҳои саноатӣ ба ашёву захираҳои истеҳсолот аз як тараф, такмилгардиву васеъшавии хизматҳои нақлиёту алоқа, аз тарафи дигар, васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва

[1] Рақамҳои дар ин қисмат истифодашуда ба "Омори солонаи вилояти Суғд - 2004" ва рӯзномаи «Тирози ҷаҳон» аз 18.01.06 такия шудааст.

рушди иқтисодиёти шаҳрро мусоидат кардааст. Яке аз мӯъҷизаи агломератсия ба вуқӯъ омадани «занҷири индустриалӣ» мебошад. Инкишофи технологӣ ба он мусоидат кардааст, ки раванди истеҳсоли маҳсулот ба аслхои тақсимоти технологӣ такя намуда хеле чуқуру мураккаб гаштааст. Бисёр корхонаҳои соҳаи саноат ҳамон маҳсулотро истеҳсол мекунанд, ки он барои корхонаҳои ҳам дохили ва ҳам бурунмарзӣ ашё мебошад. Ихтисосшавӣ водор мекунад, ки корхонаҳо барои паст кардани хароҷоти нақлиётӣ чораҳо андешанд, бештар дар паҳлуи якдигар ва наздикии ашё ҷой гиранд. **Дуюм**. Рушду васеъшавии доираи истеҳсолот нафъ ва ё сарфаи дохилиро ба вуқӯъ меоранд, ки он низ омили дигари иқтисодии инкишофи шаҳр мебошад. Консентратсияи паҳноии (маконии) корхонаҳо асоси васеъшавии ҳаҷми истеҳсолот ва болоравии сарфаро ташкил медиҳад. Агар, бозорро миқдори ками истеҳсолгарон ишғол карда бошанд, пас самараи истеҳсолӣ баланд мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки ба як корхона ва ё истеҳсолгари калон чандин бозорҳои пароканда хизмат карда, нархи истеҳсолотро арзон мекунад. Азбаски аҳолии шаҳр бисёр аст, бинобарон онҳо ташаккули бозори калонро мусоидат мекунанд ва истеҳсолгарон имконият пайдо мекунанд, ки дар асоси васеъкунии истеҳсолот хароҷоти воҳиди маҳсулотро паст карда, фоидаи мусбӣ ба даст оранд. Чунин нафъ ва ё сарфаро сарфаи дохилӣ аз васеъшавии истеҳсолот меноманд, ки он аз сатҳи истеҳсолоти дохилии фирмаҳо бармеояд, Масалан, инкишофи корхонаҳои ЧСШК «Телеком», корхонаи муштараки «Сомонком» ва «Дӯстӣ - Амирхон» аз таъсири ин омил бармеояд. Оиди васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ рақамҳои зерин шаҳодат медиҳад. Соли 2005 молҳои истеъмолӣ ба маблағи 41368,6 ҳазор сомонӣ истеҳсол карда шуданд, ки аз сатҳи соли 2004-ум 31,8 фоиз зиёд аст.




Нақшаи 2.4.[1] Гардиши моли чакана (млн. сомонӣ)

Маҳсулоти ба фурӯш баровардаи корхонаҳои саноатӣ 116429,9 ҳазор сомониро ташкил дода, ки аз он 76,8 фоизаш ба хориҷа рафтааст. Ҳаҷми гардиши моли чакана бо нархи ҷорӣ нисбати соли 2004-ум 9,6 фоиз афзудааст. Ғунҷоиши бозори дохилӣ васеъю ғанӣ гашта истодааст.

**Сеюм**. Нафъноки ва ё сарфаи беруна аз васеъшавии доираи истеҳсолот, низ инкишофи иқтисодии шаҳрро мусоидат мекунад. Агар омили якум ва дуюм бевосита мӯъҷизаи инкишофи ҳаёти иқтисодии шаҳрро таъмин кунад, пас омили сеюм ба он ғайримустақим таъсир мерасонад. Зеро ба вуқӯъ омадани натиҷаи ин омил ва ё таъсири он дар ҷараёни васеъшавии гурӯҳи корхонаҳо ва ё соҳа (на танҳо як корхона) мушоҳида мешавад. Ин васеъшавӣ дар натиҷаи муттаҳидшавӣ ва иттиҳодияҳои корхонаҳои ҳамҷинс ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд, на танҳо имконияти бо нархи насбатан паст ба даст овардани захираҳо, балки муайян кардани вазъи бозор пайдо мешавад. Иттиҳодшави васеъшавии ғунҷоиши ҳам бозори захираҳо ва ҳам бозори предметҳои истеъмолиро таъмин намуда, талаботҳои мухталифро қонеъ мегардонад. Аз ин ҷост, ки мутамарказшавии истеҳсолот ва ҷазбшавии аҳолӣ ба шаҳр боло рафта, ҷараёни худтакрористеҳсолкунии кумулиятивиро боис мегардад. Масалан, корхонаҳои муштараки шаҳри Хуҷанд

[1] Рақамҳои дар ин ғисмат истифодашуда ба "Омори солонаи вилояти Суғд - 2004" ва рӯзномаи «Тирози ҷаҳон» аз 18.01.06 такия шудааст.

ба маблағи 98616,4 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 55,3 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти тамоми корхонаҳои шаҳр мол баровარданд. Ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшидаи корхонаи муштараки «Кабоол-Тоҷик-Текстлайз» бошад, ба маблағи 46751,9 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол кард.

**Чорум**. Инкишофи соҳаҳои инфраструктурӣ бечунучаро омили муҳими рушди иқтисоди шаҳр буда, боиси афзалият дар хароҷот ва ё сарчашмаи сарфа (нафъ, фоида) мебошад. Маҳз, шаҳр аст, ки дар он инфраструктура ба мисли таъмини обу барқ, иншоотҳои тозакунанда, воситаҳои нақлиёт, хизматҳои тадқиқотию технологӣ, реклама, хизматҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо инкишоф ёфта, барои ҷойгиршавию васеъшавии корхонаҳои саноатӣ ҳавасмандию манфиат пайдо мекунад. Инфраструктураи бою рангин, нерӯи интегралии инкишофи иқтисодиёти шаҳрро афзун мекунад. Аз рӯи маълумотҳои идораи алоқа соли 2005 даромади тарифӣ 27929,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки аз он 13 фоизаш ба даромади корхонаҳои тобеи ҶСШК «Телеком» мансуб аст. Даромади корхонаи муштараки «Сомонком» 24,3 млн сомониро ташкил дод. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба солҳои пешин пай дар пай афзуда истодааст. Соли 2005 бо воситаи ҳамаи намудҳои нақлиёт 179,3 ҳазор тонна бор кашонида шудааст.

Сернуфузии аҳолии шаҳр боиси таклифоти баланди сармаранок гашта, пешниҳоди самараноки моли хизматҳои рангорангро таъмин мекунад. Мавҷудияти театр, хизматҳои баланди тиббӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, варзишӣ, ки аз нигоҳи тиҷорат дар шаҳрҳо имконпазир аст, рушди пайдарпайи дорад. Умуман, ҳаёти пурмазмуни муосир, ки таклифоти самаранокро тавлид мекунад, маҳз, дар шаҳр имконпазир аст. Ин чунин маъно дорад, ки шаҳр на танҳо маркази истеҳсолоти индустриалӣ, балки маркази истеҳсолу пайдо кардани молу хизматҳои арзон ҳам мебошад, ки истеъмолгарон метавонанд талаботҳои худро ба пуррагӣ қонеъ гардонанд. Агар индекси истеҳсоли маҳсулот дар таи панҷ соли

охир дар вилоят ба ҳисоби миёна 7,2 фоизро ташкил дода бошад, пас дар шаҳри Хуҷанд ин нишондиҳанда 5,7 фоизро ташкил додааст.




**Нақшаи 2.5.**[1] Хизматрасонии пулаки ба аҳолӣ (ҳаз сомони)

Чи тавре, ки маълум аст, ҳар як инкишоф муаммои худро тавлид мекунад ва аз тарафи дигар муаммо ҷузъи таркибии инкишоф аст. Раванди пайдарпайи агломератсия ва консентратсияи ҷуғрофии саноат, пас аз марҳилаву ҳудуди муайян ба худ зиддиятҳо месозад, ки он дар шакли муаммоҳои ҷузъӣ ва алоҳидагӣ зина ба зина ба вуқӯъ меояд. Масалан, боловарии консентратсияи истеҳсолот ва афзудану васеъ шудани корхонаҳои саноатию индустриалӣ, баланд шудани нархи қитъаи замин ва рентаро мусоидат кардааст. Азбаски пешниҳоди қитъаҳои замин ғайричандирӣ ва ё маҳдуд аст, бинобарон боловарии нархи он қимматшавии ҷойгиршавии корхонаҳои нав ва ё васеъшавии онҳоро маҳдуд мекунад. Илова бар ин талабот ба манзили истиқомат ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрҳо таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, раванди паҳноии атрофишаҳрӣ ва ё ҷойгиршавии корхонаҳо дар канори шаҳр оғоз меёбад.

[1] Рақамҳои дар ин қисмат истифодашуда ба "Омори солонаи вилояти Суғд - 2004" ва рӯзномаи «Тирози ҷаҳон» аз 18.01.06 такия шудааст.




Нақшаи 2.6.[1] Ба истифодадиҳии манзил (ҳазор метри мураббаъ)

Бояд қайд кард, ки бештари муаммоҳо ва ё ҳодисоти негативӣ, ки бо урбанизатсияю агломератсия алоқаманд аст, зери таъсири омилҳо ва ё самараи ғайриасосӣ (побочный) ба вуқӯъ меояд. Масалан, бозор қудрат надорад, ки ба рафтору қарорҳои шахсон ва корхонаҳои алоҳида дуруст баҳо диҳад. Ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ аз нигоҳи манфиатҳои иқтисодӣ ва эгоистии худ рафтор доранд. Оид ба муаммоҳои умумишаҳрӣ чандон самимонаву манфиатнок фикру рафтор намекунанд. Бо баробари консентратсияи истеҳсолот вазъи экологӣ ва ифлосшавии обу ҳаво суръатнок мегардад. Бинобарон, дар қарори мақомоти иҷроияи давлатии шаҳри Хуҷанд, таъкид шудааст, ки кумитаи хифзи муҳити зист бояд фаъолияташро дар мавриди мубориза зидди вайронкунандагони муҳити атроф пурра дигаргун намояд. Илова бар ин, танбашавии нақлиёт ҳаракати захираҳои истеҳсолиро маҳдуд мекунад, ки дар натиҷа хароҷоти истеҳсолӣ баланд мешавад. Бинобарон баҳри ҳаддалимкон истифодаи пурратари имкониятҳои муассисаҳои нақлиётии боркаш ва мусофиркашон таъмини низоми муайяни ҳаракати микроавтобусҳо бояд чораҷӯӣ намоем. Ҳамин тариқ, агломератсия дар ибтидо созанда буд ва баъдан таҳти таъсири қонуни атрофия қарор гирифта, паҳнои шаҳр ва раванди ҷойгиршавии корхонаву манзили истиқомат дар канору атрофи шаҳр оғоз меёбад.

[1] Рақамҳои дар ин қисмат истифодашуда ба “Омори солонаи вилояти Суғд – 2005» такия шудааст.

## 2.3. Воридшавии ноҳияҳои кӯҳӣ ба шоҳроҳи инкишофи иқтисоди миллӣ (дар мисоли ноҳияи Ғончӣ)

Дар давраи панҷ соле, ки сипарӣ шуд инкишофи пайдарпайи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халк, умуман, устувории рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурӣ ва вилоятамон, хеле барҷаста мушоҳида шуд. Дар чунин фазои динамизм тамоми ноҳияҳо, на танҳо, «парвоз» кард, балки саҳми мушаххасе ҳам гузошт. Барои тавсияи умумии вазъи ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ таҳлили ноҳияи Ғончиро, чун объекти интихобӣ ва ё модели типпикунонидашуда, мавриди таҳлил қарор додем.

Дар ин давра ноҳияҳо, аз он ҷумла Ғончӣ ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти милливу минтақавӣ (вилоят) ба комьёбиҳои назаррас ноил гашт. Бо баробари фароҳам омадани шароиту имкониятҳои қонунии мусоид, вай тавонист тамоми захираҳои иқтисодии дар ҳудуди ноҳия вокеъ бударо нафънок истифода барад ва ба шоҳрохи умумии инкишофи иқтисодӣ-ичтимоии ҷумҳуриву вилояти ворид шавад. Ноҳия аз захираҳои меҳнатӣ ва сарватҳои табиӣ, умуман тавоноии (патенсиалӣ) табиӣ ва иқтисодӣ хеле бой аст. Масалан, аз 125 ҳазор нафар аҳолии ноҳия, қариб 35 фоизи он аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (захираҳои меҳнатии фаъол) ба ҳисоб меравад. Маҳз, муътадилшавии вазъи иқтисодӣ-ичтимоӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ буд, ки нуфузи машғулин афзудаст. Масалан, соли 1995 дар ҳадамоти шуғли аҳолӣ 1003 нафар чун бекорон ба қайд гирифта шуда буд, пас соли 2005 ин рақам 3,4 маротиба кам шудааст. Музди миёнаи ҳармоҳаи кори кормандони кироякор дар ноҳия таи солҳои 2000-2005 аз 6 сомонӣ то 37 сомонӣ ва кормандони истеҳсолоти саноатӣ бошад аз 9,3 сомонӣ ба 58 сомонӣ расидааст. Дар ноҳия беш аз 34 ҳазор гектар заминҳои киштбоб мавҷуд аст, ки дар он кишти галладона, картошка, сабзавот, хӯроки чорво, пахта ва гайраҳо парвариш карда мешавад.

Пас мебинем, ки аз чор омили истеҳсолот (замин, меҳнат сармоя, қобилияти соҳибкори) дар ноҳия фақат замин, ки он сарватҳои табииро низ дар бар мегирад ва захираҳои меҳнатӣ хеле фаровон буда, аммо танкисӣ ба сармояи молияви хис мешавад.Бояд кайд кард, ки ба туфайли дастгирии Хукумати Ҷумҳури ва вилоят аз як тараф, ҷидду ҷаҳди хукумати ноҳияву соҳибкорону саховатмандони диёрсози ноҳия аз тарафи дигар, хаҷми сармоягузорӣ афзуда, ба инкишофи соҳаҳои мухталиф таккон бахшидааст. Масалан, хаҷми маблағгузориҳои давлатию аҳолӣ ва хориҷие, ки ба кор даровардани фондҳои асосӣ сафарбар шуда буд соли 2005 2100,4 ҳазор сомониро ташкил додаст, ки нисбат ба соли 2000ум беш за 7,3 маротиба зиёд шудааст. Ноҳия, ҳарчанд мавзеи аграрӣ бошад ҳам, аммо ба инкишофи соҳаи саноати аҳамияти ҷидди додааст. Дар натиҷа, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2005 ба нархи муқоисави 618,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000 12 маротиба афзудааст.

Чи тавре, ки дар боло қайд шуд, ноҳия хусусияти аграрӣ дошта ба чорводорию зироатчигӣ машғул аст. Бинобарон, зарур донистем, пеш аз ҳама ба таҳлилу баррасии муаммоҳои ин соҳа даст занем. Соли 2005 саршумори чорвои калони шоҳдор ба 31307 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2001 24 фоиз ва гусфанд бошад, ба 47 475 ҳазор сар расида 30 фоиз зиёд шудааст. Мувофиқан, ширҷӯшӣ аз ҳар сар модагов ба 778 кг расида 40 фоиз баланд шудааст. Пашмтароши аз ҳар сар гусфанд 1,2 килограммро ташкил дода нисбат ба соли 2001 33 фоиз зиёд шудааст. Истеҳсоли гушт дар вазни зинда, соли 2005 1471 сентнерро ташкил дод, 8400 сентнер шир истеҳсол шуда буд, ки нисбат ба соли 2001 2,5 маротиба зиёд аст. Ба ғаллакорию картошкакорӣ ва боғу токпарварӣ таҷрибаи бой дошта, истеҳсоли ин маҳсулотҳо, низ зиёд шудааст. Ноҳия аз соли 2002 ба пахтакорӣ низ камар бастааст. Ҳарчанд, нақшаи истеҳсоли пахта иҷро нашуда бошад ҳам, аммо соли 2005 майдони кишт ба 2,6 маротиба ва ҳосилноки аз ҳар як гектар

майдони кишт ба 29 фоиз ва ҷамъи ҳосили пахта ба 3,5 маротиба афзудааст.

Дар ноҳия, махсусан, таи панҷ соли охир воқеӣ гаштани муносибатҳои бозорӣ ба назар мерасад. Корхонаҳои хурду миёнаи хусусӣ ва саҳҳомӣ фаъолияти соҳибкории фардӣ (мустақил) тадриҷан зиёд шуда, ба истеҳсолу таъмини маҳсулоти ниёзи мардум машғул мебошанд. Ин равандҳо буд, ки бозори маҳаллӣ ғани гашта, гардиши моли чакана соли 2005 ба 4888,4 ҳазор сомонӣ расидааст. Ин рақам, нисбат ба соли 2000 беш аз 2 маротиба афзудааст. Хизматрасонии пулакӣ бошад 3465,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2001 64 фоиз афзудааст. Маҳз, зарурати объективию воқеии ҷалб кардани мардум ба муносибатҳои бозорӣ ба миёна омад, ки ба ғайр аз маркази ноҳия, боз дар ҳудуди минтақаҳои Калининобод, Муҷун, Далён ва Хуштоири Мухлон бозорҳо арзи вуҷуд карданд. Ин ходисот на танҳо васеъю гани гаштани бозори маҳаллиро мусоидат кард, балки ба суръатнок гардидани инкишофи иқтисодиву ичтимоии ноҳия таккон бахшид. Ислоҳоти замин ва ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ дар охири соли 2005 ба пуррагӣ ба анҷом расидааст. Муваффақиятҳое, ки дар боло зикр шуд, ин албатта оғоз аст ва тахкурсиест барои рушди суръатноки ҳаёти иқтисодӣ-ичтимоии давраҳои оянда. Пайваста ба ин комёбиҳо як қатор муаммоҳо мавҷуд аст, ки бе ҳалли онҳо инкишофи бефосила имконнопазир аст.

**Якум**. Нохия, аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар гӯшае ҷойгир шудааст, ки аз алоқаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ нисбатан маҳдуд аст. Ин вазъият, махсусан ба манотиқи кӯҳӣ ва наздикӯҳии он мушоҳида мешавад. Илова бар ин бо туфайли боло рафтани хароҷоти нақлиётӣ нархи молу хизматҳо ва захираҳои истеҳсолӣ баланд шуда, карахтии инкишофи муносибатҳои бозориро боис гардидааст. Дар ин шароит инкишофи иқтисодии ноҳия аз ҷараёни инкишофи иқтисодӣ-ичтимоии умумимиллию умумивилоятӣ чандон қафо

мондааст. Масалан, сатҳи даромади аҳолӣ ба ҳар як фарди қобили меҳнатдошта нисбат ба нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ 1,5-1,8 маротиба паст аст.

Ин муаммо, дар раванди бунёди иншоотҳои бузурги умумимиллӣ ва тадбиқи ҳадафҳои созандагӣ, халли худро меёбад. Оғози сохтмони нақби Шаҳристон, шохроҳҳои замонавии Душанбе-Хучанд-Бустон ва хати барқи баландшиддати ЛЭП-500, барои инкишофи соҳаҳои ноҳия такони бузург хоҳад бахшид. Бинобарон, таъмиру замонавӣ кардани роҳҳои автомобилгарди Истаравшан-Калининобод ва Ғончи–Калинободро, ки ба шохроҳҳо пайваст мешаванд, бояд дар мадди аввал қарор гирад.

**Дуюм**. Кӯҳнашавӣ ва ё ба таклифоти бозор мувофиқ набудани таркиби истеҳсолот, дермонӣ аз технологияи навин, ки ба истеҳсоли ашьё ва ё маҳсулоти мушаххас таъсир мерасонад, яке аз муаммоест, ки оид ба он чораҳои зарурӣ бояд андешид. Масалан, деҳқон гандум мекорад, аммо баъзан гандуми худро бо нархӣ арзон фурӯхта, орд ва ё гандуми Қазокистон мехарад. Бинобарон ҷобаҷогузории навъҳои серҳосил, ба эътидол овардани низоми устувори тухмпарварӣ ва зотпарварӣ, омили асосии пешрафти соҳаҳои кишоварзӣ хоҳад шуд. Ташкили хоҷагиҳои тухмпарварӣ ва зотпарварӣ, ки ба ҷустуҷӯю паҳн кардани навъҳою зотҳои ба минтақа мувофиқ, бояд мусоидат кунанд,талаботи замон аст. Бояд кайд кард, ки тибқи қонуни нави андоз, барои ин хоҷагиҳо имтиёзҳои хеле баланду ҳавасмандкунанда муайян шудааст

**Сеюм**. Бояд қайд кард, ки баъзе объектҳои андозбандӣ барои шароити ноҳия чандон мусоид намебошад. Чунончи, андоз аз замин ба кадастр ва ё харитаҳои замин, ки солҳои 70-ум таҳия шуда буд, такя мекунад. Ҳол он ки бисёр қитъаҳои заминҳои кишти минтақаҳои ноҳия бо сабаби танқисии об кайҳо аз обёрӣ маҳрум шудаанд ва ё соле як маротиба обёрӣ мешаванд. Аммо онҳо дар радифи заминҳои обӣ дохил шудаанд. Аз тарафи дигар, бисёр киштзорҳои ин минтақа аз

ҷоҳҳои зеризаминӣ, яъне бо ёрии мошинҳо (пойгоҳҳои обкаш) обёрӣ мешаванд, ки он бо баробари боло рафтани нархи барқ хароҷоти маҳсулотро баланд мекунад. Ҳангоми андозбандӣ ба ин заминҳо бояд хосияти обёрии сунъии онҳоро ба назар гирифт. Аз ин лиҳоз, зарур аст, бо таъсиси комиссияи босалоҳият ин ҳолатҳоро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, пешниҳодҳои мушшахас тайёр намуд.

**Чорум**. Ҳосилнокии меҳнати соҳаҳои кишоварзӣ хеле суст боло рафта истодааст. Аз ин лиҳоз, хароҷоти истеҳсолӣ, низ баланд шудааст. Яке аз омили дар чунин вазъият қарор гирифтани соҳаҳои кишоварзӣ, паст шудани вазни киёсии сатҳи механикикунонии равандҳои меҳнату истеҳсолот буда, коста шудани системаи мошин мебошад. Таи солҳои охир адади техника ва мошинҳои соҳаҳои кишоварзӣ кам шудаанд. Барои он ки техникаву мошинҳои аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мерос мондаро ба истифода омода созем, масрафи хеле бисёрро талаб менамояд. Зеро, нархи қисмҳои эҳтиётӣ ва маводи сузишворӣ хеле боло рафтааст. Ин ҷо паритети (ҳампоягии) нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва нархи ашёхову техникаи мансуб ба соҳаи кишоварзӣ вайрон шудааст. Ин муаммо, албатта характери умумимиллӣ дошта барои ҳалли он Ҳукумати Чумҳури (Вазорати кишоварзӣ) чораи зарурӣ хоҳад андешид. Ҳалли ин муаммо дар сатҳи ноҳияву хоҷагиҳо ҳам имкониятҳо дорад. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи механикикунонии соҳаи кишоварзӣ ин ташкили ассосиатсияҳо (ширкатҳо) ва иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Зимнан бояд қайд кард, ки санадҳои амалкунанда роҷеъ ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ваколат медиҳанд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ иттиҳодияҳо ташкил кунанд. Пурсиши анкетии роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, низ ибрози ин ақидаро карданд. Дар натиҷа онҳо метавонанд, дар назди иттҳодияву ширкатҳо муассисаҳои хизматӣ техникаву таъмини нуриҳо, пойгоҳи мошинӣ-тракторӣ, ташкилотҳои сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ, ки маблағҳои соҳибкорони маҳаллию аҳолиро ба худ ҷалб

мекунанд, ва ғайраҳоро таъсис диҳанд. Дар ин раванд, имконияти самараноку афзалнок истифода бурдани захираҳои молиявию техникии мавҷуда ва пурра кардани таркиби пойгоҳҳои мошинию техникӣ пайдо мешавад. **Панҷум**. Алоқамандӣ ва ягонагии замин бо таҷҳизотҳои ирригатсионию мелиоративӣ истифодаи самараноки заминро мусоидат мекунад ва заминро чун воситаҳои истеҳсолот баррасӣ мекунад. Аммо, чунин алоқамандӣ дар системаи хоҷагии об ва сиёсати инвеститсионии ин соҳа бо сабаби маҳдудияти манфиатҳои соҳавию вазорат ва ҳудудӣ чандон инъикоси худро пурра намеёбад. Масалан, обе, ки аз рӯдҳои кӯҳии ҳудуди ноҳияи Ғончи ҷорӣ мешавад, бештари он ба обанбори Катасой ворид мешавад, ки он ба хоҷагии оби ноҳияи Истаравшан мансуб аст. Деҳқонони минтакаи Калининобод ва Далёни ноҳия бошад, ин оби рӯдҳои худро бо нархи муайян мехаранд ва даромад аз ин обҳо ба хоҷагии об равон мегардад. Ба фикри мо зарур аст, ки иттиҳодияи хоҷагиҳои оби ин ду ноҳия ташкил шавад, ба манфиат мувофиқ аст. Ба ғайр аз ин, сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосии хоҷагии об ва дар вазъи ғайриқаноатбахш қарор гирифтани таҷҳизотҳои обёрикунандаву мелоративӣ низ, сабаби камшавии заминҳои оби гаштанд. Тадқиқотҳо, нишон медиҳад, ки дар натиҷаи коста шудани системаи обёриву мелоративи қариб 25 фоизи ҳосили соҳаи кишоварзӣ талаф мешавад. Аз тарафи дигар, вазъияти монополии хоҷагиҳои об, нархҳои баланди хизмати он ба хароҷоти маҳсулоти кишоварзи таъсири калон мерасонад. Масъулини соҳа ва раисони ноҳияхоро зарур аст, ки доир ба амалӣ гардонидани лоиҳаҳои инвеститсионии Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати азнавтаҷҳизонидан ва таъмири пайгоҳҳои обкашӣ, барқарор кардани системаҳои ирригатсионӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Бинобарон зарур аст, ки дар асоси таҳлилу омузишҳо лоиҳаҳои инвеститсиониро оид ба таҷдиди системаи ирригатсионӣ ва умуман оббёрӣ кардани

киштзорҳои паҳновари ноҳия таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ пешниҳод кард.

## 2.4. Минтақаи махсуси (озоди) иқтисодӣ

Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву ичтимоии мамлакат дар соли 2006 ва вазифаҳои минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон (31 январи соли 2007) ба вазоратҳои дахлдор таъкид шуда буд, ки «бо мақсади ҷалби бештари сармоягузории мустақим дар бобати дар солҳои наздик дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд» Дар партави ин суханронии Президенти кишвар дар саҳифаҳои рузномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ оид ба зарурати минтақаи озоди иқтисодӣ, манотиқ ва шаклу самтҳои ташкилии он ақидаву изҳорот (декларатсия) ва пешниҳод ба чашм мерасад. Барои он, ки чизеро бунёд кунему онро идора карда тавонем, пеш аз ҳама зарур аст, ки моҳияти онро дарк намоем. Бинобарон, мо низ тасмим гирифтем, ки аз нигоҳи назариявӣ боз як бори дигар оид ба моҳияти минтақаи озоди иқтисодӣ ибрози андеша намоем.

Нахуст таъриф ва ё моҳияти расмӣ ва мушаххаси минтақаи озоди иқтисодӣ 18 маи соли 1973 дар конвентсияи Киотӣ баррасӣ шуда буд. Дар он таъкид шуда буд: минтақаи озоди иқтисодӣ – ин ҷузъ ва ё қисми мушаххаси қаламрави кишвар, ки дар он ҷо молу хизматҳои воридшаванда (импорт) одатан аз ҳудуди назорати миллии гумрукӣ берун қарор мегирад, яъне аз назорати гумрукӣ озод буда, андозҳои мӯътадил муайян мегардад. Пас мебинем, ки моҳияти ин мафҳум ҳануз солҳои 70-уми қарни гузашта тарҳрезӣ шудааст. Бояд таъкид кард, ки минтақаи озоди иқтисодӣ чун яке аз шаклҳои минтақаи комплексӣ асосан категория ва ё мафҳуми иқтисодиёти сотсиалистӣ мебошад, яъне вай (ин мафҳум) дар кишварҳои сотсиалистӣ пайдо шудааст. Масъалаи бунёд ва

фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳануз анҷоми солҳои 70-ум ва оғози солҳои 80-уми асри 20-ум, ки дар давлатҳои сотсиалистӣ ислоҳоти иқтисодӣ - ворид кардани элементҳои бозор дар иқтисодиёти сотсиалистӣ ибтидо гирифта, мавриди бахсу талошҳо шуда буд. Бунёди ин минтақаҳо ҳадафи таҷрибагирии фишангҳои бозории хоҷагидорӣ, бунёди «сотсиализми бозорӣ», ҳавасмандкунии ҷалби технологияи навин ва сармояи хориҷиро дошт. Дар ин ҷода миёни кишварҳои собиқ сотсиалистӣ давлатҳои Чину Югославия ба муваффақиятҳои калон ноил шуда буданд.

Дар шароити кунунӣ, ки раванди ҷаҳонишавӣ кулли кишвархои ҷаҳонро дар бағали худ оғуш кардаасту, шакли бозории хоҷагидорӣ шакли афзалиятнок арзёбӣ шудааст, зарур аст, ки мафҳуми минтақаи озоди иқтисодиро аз нигохи имрӯз тавсиф диҳем. Пеш аз ҳама, озодии фаъолияти ҳудуд ва ё марзи ҷудогона дар қаламрави мамлакат мутлақ набуда, балки нисбӣ мебошад. Ин ҳудуд ва ё минтақаро озод меноманд, ба он маъно, ки молу хизматҳои воридшаванда ба ин марзи қаламрави кишвар аз тарифҳои гумрукӣ, ки барои кулли иқтисодиёти миллии кишвар такя ба санадҳои қонунӣ муайян гаштааст, озод карда шудааст. Ба ибораи дигар молҳое, ки фақат ба ин минтақа аз хориҷи кишвар ворид шудааст, чун воридот ба ҳудуди давлат аз қайд (декларатсия) гузаронида намешавад. Аммо, бояд таъкид кард, ки қонунҳо соҳибмулкону сармоягузоронро аз тартиботи ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ озод накарда, балки фақат сабукӣ мебахшад. Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шакли хоҷагидорӣ ва ё низоми иқтисоди бозориро қабул намудааст ва аз тарафи дигар минтақаи озод моҳиятан на мутлақ, балки нисбӣ аст, бинобарон ақидаи олим-иқтисодчии рус, академик Е.Авдошкин қобили дастгирист, ки вай таъкид кардааст: агар мафҳуми минтақаи озоди иқтисодиро чун минтақаи махсуси иқтисодӣ ном гирем ба мақсаду моҳият мувофиқ аст. Ин минтақа дар доираи қонунҳои умумии фаъолияти иқтисодии

кишвар қарор гирифта, фақат барои баъзе фаъолияти соҳаву минтақаҳо тартиботи (режими) муайяни иқтисодӣ, ки нисбатан сабуку имтиёзнок аст, муайян мегардад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонии таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд, ки барои ҳар як тамсил ва ё шакли ММИ лифофаи (пакети) махсуси санадҳову ҳуҷҷатҳои имтиёзӣ ва ҳавасмандкунӣ муайян шудааст. Дар адабиётҳои иқтисодӣ одатан чор гуруҳҳои асосии имтиёзҳо таъкид шудаанд:

1.Имтиёзҳо барои тиҷорати беруна, яъне ин ҷо содда кардани тартиботи амалигардонии фаъолияти тиҷорати беруна ба мисли паст ва ё бекор кардани боҷи воридоту содирот пешбинӣ шудааст. 2. Имтиёзҳои молиявӣ дар намуди барқарор (муайян) кардани нархи паст барои хизматҳои маишӣ, иҷорапулӣ барои истифодаи замин ва бинову иншоотҳои истеҳсолӣ, ҳамзамон пешниҳод кардани ёрдампулӣ (субсидия) аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва карзи имтиёзноки давлатӣ ба субъектҳои фаъоли минтақа, муайян карда мешавад.Ҳатто, ба ММИ дар давраи муайян (то муддати 5 сол) ҳуқуқи дар ихтиёри худ боздоштани тамоми пардохтҳои фискалиро, ки субъектҳои дар минтақа воқеъбуда ба буҷаи миллӣ ва ташкилотҳои болоӣ интиқол мекарданд, доро мегарданд. Албатта, пас аз муҳлати муайяншуда ин маблағҳои ҳатмиро бо фоизи муайян бармегардонанд. Яъне, дар ин маврид қарзи бучавию андозӣ истифода мешавад. Ин тарзу услуб барои ноҳияҳое, ки дар дотатсияи давлатӣ қарор доранду сатҳи бекориву камбизоатии ноҳия пардохтҳои трансфертии калонро талаб менамояд, аз нигоҳи иқтисодӣ хеле қулай аст. 3. Имтиёзҳои фискалӣ, ки бо вазифаҳои ҳавасмандкунии андозу андозбандӣ ба намудҳои муайяни фаъолияти соҳибкорӣ алокамандӣ дорад: ин имтиёзҳо метавонад андоз аз фоида, даромад, амвол ва сатҳи меъёри андозу масъалаҳои умуман ва ё қисман озод кардан аз андозбандиро дар бар гирад. 4. Имтиёзҳои маъмурӣ, ки аз тарафи маъмурияти минтақаи

махсуси иқтисодӣ барои сабук кардани тартиботи муҳоҷирати шаҳрвандони хориҷӣ, қайдгирии муассисаҳо ва хизматрасониҳои мухталиф чораҳо андешида мешавад. Бояд таъкид кард, ки таркиби лиффофаи (пакети) махсуси имтиёзҳову ҳавасмандкуниҳоро, ки барои минтақаҳои махсуси иқтисодии мухталиф муайян шудаанд, бо шаклҳои иловагии хавасмандкуниҳову имтиёзҳо, ки барои суръат бахшидан ба раванди падидшавии манфиатҳои минтақа, рушди инфрасохторҳои он, коркарди ашёи маҳаллӣ барои содирот ва ғайрахо таккон медиҳад, метавон пурра кард ва такмил дод.

Таърихи бунёди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ асосан ду шакли ташкилии онро сайкал додааст: ҳудуди-манотиқӣ ва функсионалӣ. Ҳарчанд дар тарҳрезиву бунёди онҳоаслҳои ягонаи тартиботи махсуси иқтисодӣ воқеъ аст, аммо миёни он шаклҳо хусусиятҳои фарққунанда низ, мушоҳида мешавад. Дар шакли ҳудудӣ-минтақавӣ корхона, ташкилотхое, ки дар марзи ҷудогонаи қаламрави кишвар воқеъ аст, дар фазои тартибот ва ё фишангҳои иқтисодии имтиёзнок қарор мегиранд ва он минтақа чун шакли сиёсати минтақавӣ ба вукӯъ меояд . Дар шакли функсионалӣ бошад, кулли имтиёзҳову тартиботи махсуси иқтисодӣ ба фаъолияти соҳибкории ҷудогона (соҳавӣ) новобаста аз ҷойгиршавии ҳудудӣ ва ё минтақавии он муайян карда мешавад. Интихоби яке аз ин ду шаклҳо аз ҳадафу вазифаҳои мушаххас, ки бояд дар натиҷаи ташкили ин минтақаҳо ба иҷро расад, бармеояд. Масалан, минтақаҳои махсуси иқтисодии ҳудудӣ барои ҳалли муаммоҳои рушди минтақаҳои муайяни мамлакат, тадбиқи сиёсати минтақавӣ таъсис дода мешавад. Шакли функсионалии фазои махсуси иқтисодӣ бошад, асосан дар мавриди азнавсозӣ ва тағйирдиҳии куллии таркиби иқтисодиёти миллӣ ва ё соҳаҳои алоҳидаи хочагии халқ муайян карда мешавад. Ин шакл хеле фасеҳу чандир буда, имконият медиҳад, ки минтақаҳои дақиқ дар фаъолияти соҳаҳои алоҳида таъсис ёбад. Аз тарафи дигар, он барои сармоягузорони хориҷию ватанӣ

хеле қулай аст, зеро ҷойгиршавии корхонаҳо аз нигоҳи ҳудудиву манотиқӣ маҳдуд набуда, метавонад дар тамоми гушаву канори мамлакат қарор гирифта бошад. Бинобарон, ин имконият медиҳад, ки дар ҳамкори бо корпоратсияҳои хориҷӣ конгломерати «минтақаҳои дақиқ» - комплекси саноатӣ бунёд гардад. Бунёди чунин коргоҳҳо ҷойҳои кории иловаги пайдо карда, ҷалби техника ва технологияи навин, маданияти нави идоракунӣ ва ғайраҳоро мусоидат мекунад. Таъсиси чунин минтақаҳо дар ноҳияҳое, ки зичии аҳолиашон баланду захираҳои меҳнатии изофагӣ доранд ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, дар замони муосир яке аз омилҳо ва ё фишангҳое, ки ҳавасмандшавии сармоягузории хориҷиро ба минтақа баланд мекунад ин нисбатан паст будани арзиши қувваи корӣ аст. Дар ҷумҳурии мо барои инкишофи соҳаҳои энергетикӣ, саноати коркарди кӯҳӣ, мошинасозӣ ва ғ. тартиботи махсуси иқтисодӣ муайян шудааст, ки он ба шакли функсионалии ММИ шабоҳат дорад.

Аммо, бояд таъкид кард, дар ҳаёти воқеии ҷомеа шакли ҳудудӣ, яъне минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (таҳти унвони минтақаҳои озоди иқтисодӣ) хеле паҳнгашта мебошад. Ин шакл барои ҷумҳурии мо ҳам аҳамияти калон дорад. Зеро, ташаккули иқтисодиёти миллии том ва бозори миллии воқеӣ бе таъмини шароити мусоиди баробар дар фаъолияти иқтисодӣ барои минтақаҳои мухталифи кишвар, ва ё бе таъмини таносуби минтақавӣ ногузир аст. Бинобарон сиёсати минтақавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба он равона шудааст, ки минтақаҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва дурдасти кишвар аз маҷрои умумии инкишофи иқтисодӣ - иҷтимоии кишвар берун намонад. Дар тадбик ва суръат бахшидани ин раванд таъсиси минтакаҳои махсуси иқтисодӣ омили муҳим мебошад.

Иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё сиёсати «дарҳои кушод» ба низоми соҳибкории озод такя мекунад. Бояд таъкид кард, ки элементҳои алоҳидаи ММИ, махсусан шакли функсионалии он дар санадҳои конуниву фаъолияти

иқтисодии кишварамон мушоҳида мешавад (нигаред ба имтиёзҳое, ки дар Кодекси андозу гумруки Ҷумҳурии Точикистон инъикос шудааст). Акнун зарур аст, ки онҳоро гурӯҳбандии мушаххасу нишонрас намуда, зери назорату идоракунӣ қарор диҳем. Илова бар ин ба таъсиси шакли худудӣ, яъне минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (ММИ) аҳамияти ҷидди диҳем. Шабаҳи ин минтақаҳо дар ҷумҳурии мо ба назар мерасад. Барномагирии давлатии инкишофи иқтисодӣ-ичтимоии ноҳияҳои Мастчоҳ ва Шаҳринав барои солҳои то 2015, аллакай дар худ элементҳо, ҷанин ва ё падидаҳои ММИ-ро доро мебошанд Агар арифметикаро аз худ накунем, пас азхудкунии алгебра, махсусан математикаи олӣ хеле гарон аст. Имрӯз зарур аст, ки пеш аз ҳама, «арифметика»-и минтақаҳои махсуси иқтисодиро ташкил намоем. Тамоми ҳодисоти иктисодӣ ба инкишофи озоду судманд майл мекунад, агар мо бунёди онро вобаста ба муҳити кишварамон аз элемент ва ё шаклҳои соддаи таҷрибавии он оғоз намоем. Яке аз шакли оддии минтақаи махсуси иқтисодӣ ин минтақаи савдои озод мебошад. Минтақаҳои савдои озод ин марз ва ё минтақаи қулай, ки субъетҳои фаъоли он аз назорати фазои гумрукии миллӣ озод буда, ба амалиётҳои ҷобаҷокунӣ, коркарди молҳои воридшуда, ки ҳадафи ба шароити бозори дохилии кишвар (упаковка, маркировка, назорати сифат) мувофиқ карданро дорад, машғул мебошад. Дар мавридҳои мусоид, дар он чо васлкунии маҳсулоти тайёр (техникаву тачҳизотҳо) аз деталҳои маҳалливу хориҷӣ ба иҷро мерасад ва барориши баъзе намудҳои маҳсулот аз ашёи маҳаллӣ низ, истеҳсол мегардад. Яъне, ин метавонад тадриҷан ба фаъолияти тиҷоративу истеҳсолӣ гузарад: фаъолияти тиҷоратӣ бо фаъолияти саноатӣ-истеҳсолӣ омезиш мегардад. Ин минтақаҳо одатан дар аэропортҳо, дар чорраҳаҳои бузурги байналмиллалӣ (роҳҳои оҳан, автомобилгард, обӣ) таъсис дода мешавад. Таъсиси аэропортҳову истгоҳҳои роҳи оҳани озод дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд Қурғонтеппа, дар фосилаи марзӣ-

сарҳадии шоҳроҳҳои кишварамон хеле муфиду қулай аст. Зеро ин нуқтаҳо дорои инфрасохторҳо, ба мисли анборҳо, терминалҳо, техникаҳои борбардору борфурор, таъмини устувори обу барқ, газ, гармидиҳи ва ғ. мебошанд, ки барои таъсиси он сармоягузории бузург талаб намешавад. Минтақаҳои савдои озод, пеш аз ҳама ба мақсади зиёд кардани содирот, ҳавасмандкунии сармоягузории хориҷӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, тайёр кардани мутахассисону коргарони нав, ворид кардани технологияи навин, истеҳсоли ивазкунандагони маҳсулоти воридотӣ ба туфайли ташкили фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дар дохили минтақа ва ғ. ташкил карда мешавад. Дар мавриди барномагириву корҳои ташкилӣ зарур аст, ки болравии нишондиҳандаҳои ҳадафиро нисбат ба нишондиҳандаҳои умумимиллӣ дар madди аввал гузошт. Яъне, дар барнома таҳлили илмии нишондиҳандаҳои ҳадафӣ бояд инъикос ёбад.

Тадриҷан пойдор шудани низоми иқтисоди бозорӣ, бахусус дар мавриди таъсиси ММИ зарур аст, ки вазифаҳои идораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи фаъолияти иқтисодӣ-хоҷагидориро такя ба асноди қонунӣ (бо қабули санадҳои қонунӣ), хеле возеҳу равшан ҷудо намоем. Ҳадафи ин кор бояд дар содда, мушаххасу нишонрас кардани василаи идоракунӣ ва баланд бардоштани хуқуқи минтақаҳо, зинаи поёнии иқтисоди миллӣ дар идораи давлативу иқтисодӣ-хочагидорӣ равона шуда бошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2007 низ таъкид шудаааст, ки «ба мақсади ташакулли низоми рушди милли салоҳият, вазифа ва нақши мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлат такмил дода мешавад, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва чалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷараён, муҳокимаи қарорҳои қабулшаванда ва тадбиқи онҳо таъмин мегардад»

Бояд қайд кард, ки муносибати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои иқтисодӣ набояд ба асдҳои (принсипи) итоати маъмурӣ - фармондиҳӣ қарор гирад, зеро ин хилофи моҳияти иқтисоди бозорӣ мебошад. Амалия нишон додааст, ки дар мавриди ҷой доштани чунин шакли идоракунӣ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ (корхонаву хоҷагиҳо) ғайримуташаккилӣ, паст шудани дараҷаи ташабусскори ва ҳавасмандӣ мушоҳида мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки мақомоти иҷроияи давлатӣ ба надстройка (болосохтор) дохил мешавад ва он бояд ба базиси (қувваҳои истеҳсолкунанда-зерсохтор), ҷомеа-иқтисодиёт хидмат кунад, яъне ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда мусоидат намояд. На баръакс! Пас зарур аст, ки нақш ва ё сатҳи хизматрасонии мақомотҳои давлатиро муайян кунем? Амалия нишон дод, ки функсияи маъмурии мақомоти иҷроияи давлати ва вусъат наёфтани хизматрасонӣ ҳатман падидаҳои суистеъмолии маъмурӣ ва идораи субъектҳои иқтисодро тавлид кард, ки ин вазъият имконият намедиҳад, то ин ки мо вазифаҳои ташкилӣ-роҳбарии мақомоти давлатиро дар фаъолияти хоҷагидорӣ муайян намоем. Аксар ба чашм мерасад, ки мақомоти роҳбарикунанда, ба ҷои он, ки ба сатҳи поёнӣ -- корхонаву ташкилотҳо хидмат кунад, баръакс онҳоро маҷбур месозад, ки дар атрофи мақомот пар-пар зананд. Ин ҷараён хилофи қонуни объективии иқтисодӣ мебошад. Зарур аст, ки параллелизми идоракуниро дар таркиби мақомоти маъмурӣ ва монеаҳои бюрократиро барҳам диҳем, то ин ки кулли фаъолияти роҳбарикунандаи тамоми зинаҳо дар воқеъ дар роҳи хизматрасонии истеҳсолот ва фаъолияти иқтисоди бошанд. Хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти иҷроияи давлатӣ бояд дарк кунанд: маҳз онҳо барои мардуму субъектҳои хоҷагидор, на мардуму субъектҳои неъматсоз барои онҳо! Сохтор ва асдҳои идоракунӣ, ки сифатҳои зеҳниву эҷодкории зинаҳои поёни, бахусус захираҳои меҳнатиро (коргаронро) поймол мекунанд, ба худ нобоварии ҷиддӣ, омилҳои боздошти

инкишофиро тавлид мекунанд. Бисёр сохторҳои давлативу соҳавӣ дар зинаи поёнии минтақаву ноҳияҳо вазифаҳои такрориро иҷро мекунанд, ба идораву назорати як соҳа дахли якчанд (се – чор) сохтор мушоҳида мешавад. Ҳисобҳои тақрибӣ нишон медиҳанд, ки беш аз 40 фоизи хароҷоти истеҳсолиро, хароҷотҳои расмию ғайрирасмии бюрократӣ (транссаксионӣ) ташкил медиҳад. Сохтори идораи фаъолияти иқтисоди-хочагидориро, меъёри коркунони онро пайваста ба истеҳсоли ҳаҷми молу хизматҳо ва ё аз рӯи саҳми соҳаву минтақаҳо дар бунёди маҷмӯи маҳсулоти миллӣ муайян кунем. Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти коркунони сохтори идоракунандаро бояд эҳё кард. Иҷрои ин корҳо на танҳо таъсиси ММИ-ро суръат мебахшад, балки таъсиси ММИ воқеан амалигардии тарзу услуби иқтисодии идоракуниро мусоидат мекунад ва ба пазиши муносибатҳои бозорӣ таккон медиҳад. Масъалаҳои хизматрасонӣ ба зинаҳои поёнӣ - ташкилоту муассисаҳо ва хочагиҳо омили муҳими пешрафти кишвар, таъмини некуаҳволии халқ мебошад. Ислоҳоти имрӯз - ин ислоҳоти куллии надстройка, табаддулоти бузург дар ғояҳои роҳбарикунӣ ва тарзу услуби роҳбариву идоракунӣ мебошад.

Ҷудо кардану мушаххас намудани вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва зинаҳои мухталифи идоракунӣ дар идораи бевоситаи фаъолияти иқтисодӣ пеш аз ҳама ба он равона шудааст, ки бештари вазифа ва тарафҳои идоракунӣ фаъолияти иқтисодиву хоҷагидориро ба сатҳи поёнӣ (микроиқтисодӣ) интиқол дода, масъулияти идоракунии макроиқтисодӣ ва вазъи умумии иқтисодиёти миллиро ба дӯши мақомоти маркази идоракунии давлатӣ вогузор гардад. Яъне, масъалаҳои кучак ба зинаи поёнӣ ва корҳои бузурги умумимиллӣ ба зинаи болоӣ ҷавҳари тақсимоту фаъолият бояд бошад. Ба дӯши мақомоти иҷроияи давлатӣ чунин вазифаҳо вобаста аст: барномагирии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар; вазоратҳо – ҳамоҳангсозии муассисаҳо,

корхонаву хочагиҳо; мақомоти фискалӣ – руёнидани андоз, ба вуқӯъ овардани вазифаҳои иқтисодии андозу андозбандӣ ва танзими он; мақомоти молиявӣ- назоратӣ фаъолияти молиявию-сармоявии корхонаҳо; мақомоти ҳуқукӣ – арбитраж ва назорати иҷрои қонунҳо; мақомоти стандартӣ- назорат аз рӯи сифат ва тартиботи муқарраршуда ва ғ.

# БОБИ 3. ИСЛОҲОТИ АГРАРӢ ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**«Сеҳри моликият регро ба тилло табдил медиҳад»**

**Артур Янг**

**«Замин барои инсони заҳматкаш ба мисли бонки амонатгузорӣ аст»**

**Алфред Маршалл**

## 3.1. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ): муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он

Инкишофи бахши хусусӣ, ба роҳ мондани шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ дар соҳаи аграрӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити кунунии ҷумҳуриамон ташкил ва фаъолияти самараноки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) яке аз роҳҳои муҳими таъминоти беҳатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд, мо дар бахши хусусии соҳаии аграрӣ, аз он ҷумла, хоҷагиҳои деҳқонӣ ба як қатор дастовардҳо ноил шудем, аммо монеаҳову мушкилиҳо дар ин раванд пайдо шудааст. «Мушкилоту проблемаҳои ҳалталаб дар соҳаи кишоварзӣ хеле зиёданд ва ин соҳа ҳанӯз ҳам ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Дар ин робита лозим аст, ки масъалаи таҳияи Стратегияи ягонаи рушди соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал гузошта шавад».[1] Табиист, ки ҳар як инкишоф ва навовариҳо ба худ муаммоҳоро доро аст ва дар раванди ташаккулу рушд, инкору монеаҳоро

[1] Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2006

тавлид мекунад. Зеро диалектикаву мазмуни инкишофи ҳодисотӣ ҳам, маҳз чунин аст.

Муаммоҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) хосиятҳои умумӣ, махсус ва мушаххасро доро мебошад. Аз тарафи дигар, онҳоро дар давраҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат таҳлил менамоянд. Бинобар он мо тасмим гирифтем, ки асосҳои назариявии ин муаммоҳо, сабаб ва оқибати онҳоро барраси кунем.

Он муаммоҳе, ки мураккаб ҳастанд, одатан дар шакли фишурда ифода меёбанд. Зеро бо сабаби вуҷуд доштани мушкиливу монеаҳо ва мавҷуд набудани дастгоҳи таҳлил, баъзе иқтисоддонҳову сиёсатмадорон аз ҳалли онҳо худдорӣ мекунанд. Чунин вазъият оиди муаммоҳои дарозмуддати иқтисодиёти аграрӣ мушоҳида мешавад. Таҳлилҳои таърихи иқтисоди аграрӣ нишон медиҳанд, ки деҳқон дар ягон давлати дунё ва марҳилаҳои таърихӣ, нисбат ба дигар соҳаҳои ғайриаграрӣ даромаду фоидаи калонро ба даст наовардааст. Чаро?

Дастгоҳу фишангҳои таклифоту пешниҳоди бозориро истифода бурда, дурнамои мушаххасу дақиқи ин муаммоҳоро баррасӣ кардан имконпазир аст. Яъне, муаммои дар боло зикр шуда аз сабабҳои зерин бармеояд. **Якум**, дар кулли кишварҳои ҷаҳон сатҳи чандирии (эластикии) таклифот ба маҳсулоти кишоварзӣ аз бузургии нархи он, хеле паст мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки харидорон, истеъмолгарони маҳсулоти кишоварзӣ ба тағйирёбии нархи он маҳсулотҳо чандон ҳассос намебошанд. Масалан, коэффиценти эластикӣ дар кишварҳои пешрафта ба 0,20 – 0,30 баробар аст. Яъне, барои он ки харидорон (истеъмолгарон) ҳаҷми таклифот (хариди) худро ба 10% зиёд кунанд, бояд нархи маҳсулоти деҳқон ба бузургии 40 – 50% паст шавад. Пас, мебинем, ки ҳаҷми фурӯш бо бузургии нарх алоқамандии хеле суст дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ маълум аст, ки омили асосие, ки ба чандирии таклифот аз нарх боис мегардад, ин ҳодисоти ивазшавӣ ва ё ивазкунии неъматҳо мебошанд. Яъне, вақте ки нархи ягон маҳсулот, (масалан гӯшти

мурғ), паст мешаваду нархи дигаре (гӯшти гов) доимӣ мемонад, пас истеъмолгарон (бар ивази гушти гов) истеъмоли неъматҳои арзонро (гӯшти мурғ)-ро зиёд мекунанд. Чунин раванд, дар тамоми маҳсулоти ивазшаванда амал мекунанд. Аммо дар ҷомеаи нисбатан бой, махсусан барои маҳсулоти хӯрока ин ҳодисот, яъне «самараи ивазкунӣ» хеле мӯътадилу карахт (суст) ба вуқӯъ меояд. Бо ибораи дигар, истеъмолгарон бо хӯрокхурии чор ва панҷмаҳал намегузаранд, ҳарчанд нархи ягон маҳсулоти хурока арзон шуда бошад ҳам. Илова бар ин маҳдудияти биологии талаботи инсонӣ низ ба ҳодисоти ивазшавӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, болоравии ҳаҷми фурӯши маҳсулоти деҳқон бо пастравии бузургии нарх ба даст меояд. Аз ин ҷо, болоравии бузургии даромаду фоидаи деҳқон хеле махдуд аст.

**Дуюм**, хосияти ғайриэластикии таклифоти маҳсулоти деҳқон аз нарх чандон тоқатпазир аст. Аммо, ташвишовар он аст, ки болоравии ҳаҷми пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ, нисбат ба ҳаҷми таклифот бар он, пастравии нарх ва даромади деҳқонхоро мусоидат мекунад. Ин раванд дар натиҷаи ташаккулу инкишофи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки масъулиятнокӣ, ҳисси хоҷагидории онҳоро баланд карда, татбики техникаву технологияи навинро мусоидат кардааст, хеле барҷаста мушоҳида мешавад. Аз тарафи дигар миқдори хеле зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ ба он мусоидат кардааст, ки онҳо новобаста аз як дигар барномаи истеҳсолии худро мустақилона ва бе танзими якдигар муайян карданд. Табиист, ки дар ин шароит ғунҷоиши бозори дохилӣ маҳдуд буда ҳаҷми таклифот нисбат ба ҳаҷми пешниҳод паст аст. Азбаскӣ бештар аз 70% -и аҳолӣ дар деҳот зиндаги мекунанду бештар меҳнати дастӣ ҳукмрон аст, бинобар он сатҳи даромади онҳо хеле паст аст. Дар кишварҳои сусттараққикарда, истеъмолгарон қисми зиёди даромади худро барои ба даст овардани маводи ғизо – маҳсулоти кишоварзӣ масраф мекунанд. Бо баробари боло рафтани бузургии даромадҳо аз ҳадди ақал, муаммои

гуруснаги бо муаммои «сер» зиндагӣ кардан гузашта, ҳаҷми хароҷот ба озуқа нисбатан паст мегардад. Истеъмолгарон, дар ин шароит, оиди зиндагии хуш сарбанд шуда, бештар ба харидани неъматҳои саноатӣ тамоил мегиранд ва ба маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти ночиз медиҳанд. Тадриҷан, (бо баробари боло рафтани даромади аҳолӣ), вазни киёсии хароҷот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии хароҷот паст мешавад. Дар ин раванд таклифот ба маҳсулоти кишоварзӣ бо ҳаҷми даромадҳо хосияти ғайричандириро (ғайриэластикиро) мегирад. Таҳлили иқтисодӣ нишон медиҳад, ки афзоиши даромадҳо ба 10%, ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти кишоварзиро ҳамаги 2% зиёд кардааст. Пас аз ноил гаштан ба сатҳи минималии даромадҳои аҳолӣ, бузургии истеъмоли неъматҳои хӯрока ба ҳар як фарди ҷомеа доимӣ гашта, ҳаҷми маҷмӯи таклифот ба маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби зиёд шудани нуфузи аҳолӣ – истеъмолгарони иловагӣ, боло меравад.

Ҳамин тариқ, дар мавриди ҳукмронии хосияти ғайриэластикии таклифот аз нарху даромади аҳолӣ ва афзудани ҳаҷми пешниҳод нисбат ба ҳаҷми таклифот тамоили таназзули даромади (фермерҳо) деҳқонхо ба вуқӯъ меояд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳаҷми даромад ё фоидаи деҳқон бо нишондиҳандаи мутлақ афзояд ҳам, аммо нисбат ба сатҳи болоравии даромаду фоидаи соҳаҳои ғайриаграрӣ (саноат, нақлиёт ва гайраҳо) хеле паст аст. Илова бар ин, нархи маҳсулоти деҳқон нисбат ба нархи захираҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешавад, паст аст. Масалан, нархи 1кг гандум 1 сомонӣ бошад, пас нархи захираҳо – сузишвори – 2,2 с/л, нурии минералӣ – 3 сомон /кг, тухми -1,50 с/кг ва гайраҳо.

**Сеюм**. Хосияти бозори рақобати озод, маҳз дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меояд. Зеро дар ин соҳа миқдори хеле бисёри истеҳсолгарон фаъолият бурда, дар бозор ҳиссаи ночиз доранд ва ба ташаккули нархи бозори маҳсулот таъсири муайяне намебахшанд. Нарх ва даромади пасти соҳаи

кишоварзӣ деҳқононро водор мекунанд, ки тарки ин соҳа карда ба шаҳрҳо раванд. Онҳо, ҳарчанд соҳаро тарк кунанд ҳам, аммо қитъаи замин - сармояи асосии онҳо ба дигаре мегузарад, ки боз ҳамон муаммоҳои дар боло зикр шуда амал мекунанд. Иқтисодчиён таъкид мекунанд, дар соҳаҳои кишоварзӣ ҳамавақт захираҳои меҳнатии изофагӣ вуҷуд дорад ва шароити тарк кардани фермерҳо аз ин соҳа хосияти доимии бахши аграрӣ мебошад.

Як қатор муаммоҳо вуҷуд доранд, ки дар давраи кӯтоҳмуддат (дар давоми сол ва ё давраи истеҳсолӣ) намоён ба вуҷуд меояд. Дар солҳои алоҳида, мо метавонем лаппишҳои барҷастаи нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва мувофиқан бузургии даромади деҳқонро мушоҳида кунем. Дар ин шароит, ҳодисоти ғайримӯътадил ва лаппишҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, хеле тезутунд мешавад. Хоҷагии деҳқонӣ, оид ба танзиму назорати истеҳсолот маҳдудият дорад. Хушксолӣ, сармоҳои ғайричашмдошт, зарар аз ҳашаротҳо ва дигар ҳодисоту офатҳои табиӣ боиси паст шудани ҳосил мегардад. Баръакс, давраи вегетатсионии хеле хубу мусоид ҳосили фаровон меоварад. Яъне, шароитҳои табиӣ, обу ҳаво таъсири барҷаста дорад, аммо зери назорат қарор намегирад. Аз тарафи дигар, соҳаи кишоварзӣ бузургии рақобати баландро доро аст, (зеро нуфузи хеле бисёри истеҳсолгарони маҳсулоти якранг фаъолият дорад), бинобарон хоҷагиҳои деҳқонӣ, воқеан имконияти васеъ надоранд, ки иттиҳодияҳои калони фаъолро созанд, то ин ки истеҳсолоти худро танзиму назорат кунанд. Дар шароити амал кардани хосияти гайричандирии таклифот тамоили паст шудани ҳаҷми истеҳсолот, мутаносибан болоравии нарх мушоҳида мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳосили паст боиси болоравии даромади деҳқон шуда, ҳосили фаровон самти аксиро мегирад.

Чи бояд кард, ки муаммоҳои умумӣ ва махсуси дар боло зикршуда ҳалли худро ёфта, вазъи иқтисодиву молиявии деҳқонро муътадил гардонад? Пеш аз ҳама, дар шароити хеле

боло рафтани ҳаҷми пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ ва мувоффиқан танг шудани гунчоиши бозори дохилӣ зарур аст, ки ба бозори чаҳонӣ роҳ кушода ба фурӯши маҳсулоти деҳқон кӯмак расонем. Дар ин ҷода бояд фишангҳои иқтисодии давлат, квотаи содиротӣ, тарифҳои гумрукӣ, нақлиёти трансмиллӣ мусоидат кунад. Аз тарафи дигар, суръатнок гардонидани интегрцияи соҳаи кишоварзӣ бо соҳаҳои саноат, инкишофи соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ омили муҳими рушди соҳаи аграрӣ мебошад. Таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки содироти маҳсулоти ниҳоӣ даромади калон меорад. Масалан, нархи як тонна нахи пахта дар бозори чаҳони 1200 доллари ИМА мебошад. Аз як тонна пахта 0,88 тонна ришта истеҳсол мешавад, ки нархи он 1480 доллар аст. Аз як тонна ришта бошад 6991,9 метр матои тайёр ҳосил шуда, ҳар ҳазор метри онро 450 доллари мехаранд. Хароҷоти коркарди 100 метри матои хом 3,4 доллар аст. Чунон ки бармеояд, агар нахи пахтае, ки имсол ба хориҷ содир шуд (133,1 х.т.) метавонист ба маблағе 187150 ҳазор доллар фоидаи соф биёрад.[1] Коркарди дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ (картошка, помидор, пиёз, меваҷот, тарбузу харбуза ва г.), низ даромади калон меорад. Таҳия ва қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкории хурду миёна», ки вай бояд тамоми ҷабҳаҳои фаъолияту ҳимояи онро дарбар гирад, талаботи руз буда, дар халли муаммоҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мушкилкушо хоҳад гардид.

Мо дар боло, қонуният ва муаммоҳои умумии соҳаи аграрӣ ва хоҷагии деҳқониро дида баромадем, ки он барои тамоми кишварҳои дунё арзи вуҷуд дорад. Бояд қайд кард, ки шароитҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, муносибатҳои сиёсӣ, ичтимоӣ-иқтисодии кишварҳои алоҳида омили муҳими таъсирбахшанда ба инкишофи соҳаи аграрӣ мебошад. Махсусан, муносибатҳои ичтимоӣ – иқтисодии ҷомеа фазои ҷамъиятии фаъолияти

---

[1] Рознomai «Тоҷикистон» №15 (381) 14 апрели соли 2005

иқтисодӣ мисли «рӯҳ», ки дар ҷисм ҷон мебахшад, макоми бузург дорад.

Акнун монеъаҳоеро, ки дар роҳи инкишофи хоҷагиҳои деҳқонӣ вуҷуд доранду аз сохтори иқтисодӣ – ичтимоии ҷумҳуриамон бармеояд, таҳлил менамоем.

Ҳадафи фармони Президенти кишварамон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома оид ба бозсозии сохтори корхонаҳои кишоварзӣ» (25июни соли 1996) баланд бардоштани ҳисси хоҷагидорӣ, ба деҳқон баргардонидани замин ва истифодаи самаранокии он мебошад. Дар натиҷа, раванди ташкили хоҷагиҳои деҳқони авч гирифт ва агар соли 1995 миқдори хоҷагиҳои деҳқони 1750 ададро, майдони кишт 2,9 ҳазор гектарро дарбар мегирифт, пас соли 2005 ин ададҳо мувофиқан ба 21 ҳазор ва 415 ҳазор гектарро ташкил дод. Майдони кишт ба ҳар як хоҷагии деҳқони қариб 38 гектарро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд, иқтисоди аграрии ҷумхурӣ ба туфайли инкишофи бахшҳои хусусӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба дастовардҳои назаррас ноил шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз монеаҳову мушкилоти зиёде дар садди роҳи рушди онхо қарор доранд. «Санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, хоҷагиҳои деҳқонӣ то ҳанӯз пурра муайян нашудаанд».[1] Масалан, номусоидат будани низоми андозситонӣ суръати ҳавасмандкунии фаъолияти хоҷагидориро паст мекунад. Кодекси нави андоз, ки аз январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифтааст, бешубҳа як қатор сабукиҳо таъмин намуда, ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонии бисёр манотиқи ҷумҳуриамонро мусоидат мекунад. Масалан, кам кардани андоз аз фоида аз 30% то 25%, як қатор имтиёзҳое, ки андозро аз фоида озод мекунад (моддаи 145), хароҷотҳое, ки ба тадбиқу илму техника, селексия сарф мешавад аз даромади умуми тарҳ мешавад (ниг. ба фасли XVII-и Кодекси андоз) ва

[1] Пайёми Президенти Чумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Жумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели 2005

ғайраҳо. Аммо бояд қайд кард, ки баъзе объектҳои андозбандӣ чандон ба ҳақиқати илмӣ наздик намебошанд. Чунончӣ, андоз аз замин ба кадастр ва ё харитаҳои замин, ки солҳои 70-ум таҳия шуда буд, такя мекунад. Хол он ки бисёр китъаҳои замини кишти минтақаҳои кӯҳистон алалхусус Ғончӣ, Шаҳристон Истаравшан бо сабаби танқисии об кайҳо аз обёрӣ маҳрум шудаанд ва ё соле як маротиба обёри мешаванд. Аммо онхо дар радифи заминҳои обӣ дохил шуданд. Аз тарафи дигар, бисёр киштзорҳои ин минтақа аз чоҳҳои зеризаминӣ яъне бо ёрии мошинҳо (пойгоҳҳи обкаш) обёрӣ мешаванд, ки хароҷоти бисёреро талаб менамоянд. Ҳангоми андозбандӣ ба ин заминҳо бояд хосияти обёрии сунъӣ-- «иктисодӣ»-и онҳоро ба назар гирифт.

Андоз аз чарогоҳҳо, низ кишоварзону чорводоронро ба ташвиш овардааст. Бештари чарогоҳҳои ин минтақа санглох буда, фоида аз парвариши чорвои хурд хеле ночиз аст. Дар ин ҷода зарур аст, ки объекти андозбандиро на аз масофаи чарогоҳ, балки вобаста ба бузургии фоида аз чорвои хурд (гусфандпарварӣ) муайян кард.

Яке аз омили дигаре, ки ҳавасмандкунии деҳқонро суст мекунад, ин надонистан ва ё дарк накардани моҳияти низоми андозситонӣ ва механизми амалигардонии он мебошад. Дар хақиқат, дар маҳалҳо, ҳоло механизми иҷрои раванди андозситонӣ ва маъракаи фаҳмондадиҳии Кодекси нави андоз чандон каноатбахш намебошад.

Инкишофи хоҷагии деҳқонӣ, умуман бахши хусусии соҳаи аграрӣ бе рушду такмили низоми молиявии бонкӣ имконнопазир аст. Мутаассифона, низоми бонки ҷумҳуриамон барои соҳаҳои кишоварзӣ каноатбахш хизмат намекунад. Деҳқонхо барои гирифтани қарзҳои миёнамуддату дарозмуддат аз бонкҳо имконияти хеле маҳдуд доранд. Бар замми ин, фоизи қарзии бонк хеле баланд аст 24-30%. Ҳоло он ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, агар фоизи қарзӣ аз 10% баланд бошад, онро номӯътадил ва ё беадолат мешуморанд.

Тибқи рақамҳои кумитаи омори ҶТ соли 2004 (то январи соли 2005) аз хаҷми умумии маблағгузории қарзи бонки, ҳиссаи қарзҳои кӯтоҳмуддат -32% ва дарозмуддат ҳамаги 9,8% -ро ташкил медод . Карзҳои кутоҳмуддат дар давраи хеле кӯтоҳ 3-6 моҳ дода шудааст, ки он барои тадбиқи бисёр лоиҳаҳои истеҳсолӣ нокифоя аст.

Бонкҳои тиҷоратии мавҷуда бошанд, бештар фаъолияти онҳо дар шаҳрҳои калону маркази ноҳияҳо маҳдуд шуда, бисёре ноҳияҳои дурдасту кӯҳистон комилан аз хизматрасонӣ маҳрум мебошанд.

Сохтори маъмурию бюрократии институтҳои иқтисодӣ ва коррупсия, низ садди роҳи инкишофи соҳаи аграрӣ гаштааст. Чунин монеаҳо боиси паст шудани рейтинги иқтисодӣ кишварамон гаштааст, ки дар натиҷа муҳити сармоягузории хориҷию ватанӣ номусоид шуда, истифодаи ғайрисамаранокии захираҳои молиявию табиӣ, инкишофи «иқтисоди ниҳон» авҷ гирифтааст. Соли 2004, ҶТ аз ҷиҳати индекси озоди иқтисодӣ дар миёни 155 давлати ҷаҳон, мавқеи 144 –умро гирифтааст. Яъне, вай ба гуруҳи давлатҳои «ғайриозод» дохил мешавад. Аз тарафи дигар, ҷумҳуриамон аз нигоҳи индекси коррупсия дар миёни 146 кишвари дунё, ҷойи 133 –юмро ишғол намуда, ба гуруҳи давлатҳои сатҳи коррупсияи баланд дохил шудааст.[1] Бонки чаҳони ҳангоми гузаронидани пурсиш аз соҳибкорон, маълум кардааст, ки 80% -и онҳо иброз карданд, ки барои дарёфти қарордод ва ё иҷозатнома (литсензия) бояд ришва диҳанд. 48%-и онҳо оид ба эътимод надоштанашон нисбат ба судҳо ҷиҳати ҳуқуқи моликият баён намуданд.[2] Гирифтани (сертификат) – ҳуқуқи истифодаи замин барои деҳқон хароҷот аз 300 то 700 доллари ИМА талаб намуда, зиёда аз 30 то 140 рӯз интизори мекашанд. Ҳоло он ки Ҳукумати ҷумҳури пардохт барои гувоҳномаро ба маблағи шаш доллар муқаррар намудааст. Азбаски деҳқонон барои гирифтани қарзи бонкӣ

[1] Рӯзномаи «Тоҷикистон» №14 (380) аз 7 апрели соли 2005).

[2] Word Bank/ Word Development Report 2005 саҳ. 86

маҳдудиятҳо доштанд, бинобарон ноилоҷ ба карзҳои фючерсӣ муроҷиат карданд. Таҷрибаҳо нишон дод, ки ҳангоми иҷрои шартномаи фючерсӣ дар бисёр мавридҳо нархи захираҳои истеҳсолӣ (сузишворӣ, нуриҳо ва г.) аз нархи муқаррари 2- 3 маротиба баланд гардиданд. Дар натиҷа то соли 2003 карзҳои умумии фючерсӣ назди ширкатҳои кардиҳанда ба 255 млн.долл. расид. (ниг.»Садои мардум», 3 феврали соли 2005). Ҳамин тариқ, дар фаъолияти хочагиҳои аграрӣ, умуман иқтисодиёти миллиамон вазни қиёсии хароҷоти трансаксионӣ, инститсионалӣ - бюрократӣ афзуда истодааст, ки даромаднокии хоҷагиҳоро паст карда, деҳқонро аз ҳавасмандию дилгармӣ дур мекунад.

Дар партави қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкори дар ҶТ» ва қарори Ҳукумати ҶТ аз 3-юми декабри соли 2004, №469 «Дар бораи консепсияи рушди соҳибкорӣ дар ҶТ дар давраи то соли 2015 зарур аст, ки зуд фонди дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерҳо) таъсис намоем. Фонди мазкур барои маблағгузорӣ, тараққи додани инфраструктураи соҳибкорӣ, мусоидат ва ҷалби сармоягузорӣ хориҷию ватанӣ ва ғайраҳо метавонад саҳми бузург гузорад. Аз тарафи дигар тибқи Қонун «Дар бораи ташкилоти маблағгузории хурд» заминаҳои ҳуқуқии ҷалби маблағҳои ватанӣ пайдо шудааст, ки он метавонад бо бонкҳои ватанию хориҷи рақобати солим тавлид кунад.

## 3.2 Корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ) дар бозори «классикӣ» қарор доранд

Рақобати иқтисодӣ неруи бузургест, ки мувозинати бозор ва ташаккули нархи озоди бозориро таъмин мекунад. Рақобатҳои иқтисодӣ гуногун мешаванд, аммо рақобати озод ташаккули бозори такмилёфтаро ва ё рақобатиро ташкил медиҳад. Ҳарчанд рақобати озод дар амалия нодир аст, вале соҳаҳое вуҷуд доранд, ки бо модели бозори рақобатӣ монанд аст. Масалан, соҳаи кишоварзи ба истисноии соҳаи пахтакорӣ

(ки ба он бозори ҷаҳонӣ, рақобати монопсонии истеъмолгарони пахта дар арсаи ҷаҳон таъсир мерасонад) ва сол аз сол зиёд шудани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки модели бозори классикӣ ва ё рақобатиро ба хотир меоранд, моро водор мекунад ба ин мавзӯъ боз назари тоза афканем. Аз тарафи дигар, таҳлили фаъолияти бозори рақобатӣ аҳмияти илмӣ – амалӣ дорад ва барои хулосабандии мантиқӣ хизмат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки рақобати озод чунин система ва ё зерсистемаи иқтисодӣ, ки таъсири хар як субъект ва ё иштирокчии раванди фаъолияти иқтисодӣ бар вазъи умумии бозор хеле ночиз аст. Яъне, хар як субъект (хочагиҳои мухталиф) ҳангоми қабули қарорҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба нархҳои озоди бозорӣ такя мекунад, аммо бо ташаккули бузургии нарх таъсир намерасонад. Бозори рақобати озод чунин хусусиятҳоро дорад. 1.Шумораи хеле бисёри истеҳсолгарон ва ё фурӯшандагони бо ҳам новобаста, таҳкурси ва ё ҷузъи таркиби бозори рақобатиро ташкил медиҳанд 2.Хоҷагиҳои рақобатӣ аслан маҳсулоти стандартӣ ва ё якранг истеҳсол мекунанд, ки харидорро фарқ надорад аз кадомин маҳсулот харад. 3. Дар шароити рақобати озод, баъзе хоҷагиҳо имконият пайдо мекунанд. ки назорати хеле кӯчакро аз болои нархҳои маҳсулот ба ихтиёр гирад. 4. Хоҷагиҳо метавонанд пайваст бо омӯзиши вазъи бозори рақобатӣ соҳаро тарк кунанд ва ё ба он ворид шаванд, умуман ягон монеаҳо ба мисли санадҳои қонунӣ, технологӣ, молиявӣ ва ғайраҳо вуҷуд надоранд, ки ба пайдоиши хочагиҳои нав таъсир расонанд.

Чи тавре ки мебинем тамоми он хосиятҳои дар боло зикр шуда дар соҳаҳои кишоварзии ҷумҳуриямон ба назар мерасад. Акнун таҳлил менамоем, ки ин хоҷагиҳо дар доираи ин муносибатҳо чи тавр фаъолият кардаанд?

Ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ , асосан аз соли 1994 инкишофи худро оғоз намуда буд. Махсусан, баъди фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996 тахти

рақами 522 « Оид ба ислоҳоти муассисаҳову ташкилотҳои кишоварзӣ » шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ хеле афзудааст. Агар соли 1997 дар вилояти Суғд 460 хоҷагиҳои деҳқони амал мекард, пас имрӯз шумораи онҳо беш аз 3724 ададро ташкил медиҳад. Онҳо соли 2005 беш аз 28 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла 37 фоизи маҳсулоти растанипарварӣ ва 2,72 фоизи маҳсулоти чорводориро истеҳсол карданд. Умуман, дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ, вазни киёсии хоҷагиҳои деҳқонӣ-28%, сектори ҷамъиятӣ-20% ва хоҷагиҳои аҳоли-52%-ро ташкил медиҳад. Ин рақамҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин хоҷагиҳои мухталиф ба вазъи бозору ташаккули нарх, дар алоҳидагӣ таъсир расонида наметавонанду балки ба талаботи бозор мутеъ мегарданд. Яъне, модели бозори рақобатиро шабохат медиҳад.

Агар мо ба дараҷаи ихтисосгардии хоҷагиҳои деҳқонӣ назар афканем, мебинем, ки онҳо асосан маҳсулоти якранг ва ё стандартиро истеҳсол мекунанд. Масалан, 347 хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ба самти истеҳсоли зироатҳои ғалладона шуғл баста, беш аз 81 фоизи фурӯши ин маҳсулот ба души онҳост. 96 хоҷагиҳои деҳқонӣ ба картошкапарварӣ машғул буда, беш аз 88 фоизи фурӯшро муаяйан мекунанд. 47 хоҷагҳои деҳқонӣ 70 фоизи фурӯши сабзавотро ба ӯҳда доранд. (такя ба рақамҳои ҳисоботии хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст). Чи тавре ки мебинем фурӯшандаҳои маҳсулоти якранг хеле бисёр ва мувоффиқан интихоби харидорону истеъмолгарон хеле васеъву фарох аст. Пас таклифот, бештар амали муайянкунандаи нархи бозорӣ гашта, чандон ба манфиати фурушандагон ( истеҳсолгарон) хизмат намекунад. Ҳамин тариқ, хосияти дуюми бозори рақобатӣ низ, барҷаста мушоҳида мешавад.

Ҳарчанд хоҷагиҳои алохида вазъи бозору бузургии нархро зери назорати худ гирифта натавонанд ҳам, аммо агар мо бозори алоҳидаи ( индивидуалии) ягон маҳсулоти мушаххаси кишоварзиро таҳлил намоем, пас ноҳияҳои ҷудогонаи ба ягон

маҳсулоти кишоварзӣ ихтисос шуда, метавонанд ба сатҳи зарурӣ ( хеле ночиз ҳам бошад) ба бузургии нарх ва вазъи бозор таъсир расонанд. Масалан, ноҳияҳои кӯҳистони вилояти Суғд, беш аз 86 фоизи истеҳсоли картошкаро ба ӯҳда доранд. Махсусан, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар истеҳсолу фурӯши картошкаи баландсифат мақоми хоса дорад.Ин ноҳия, аз ҳар як га, беш аз 387сентр картошка истеҳсол мекунад, ки арзиши аслии ҳар сентри он 20 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин ҷост,ки хосилнокии истеҳсоли картошкаи ноҳия нисбат ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ, масалан Ҷиргатол 8-9 фоиз баланд буда, арзиши аслиаш 37% паст аст. Мувоффиқан, ҳаҷми фуруши маҳсулот ва фоидаи он баланд аст.[1] Бечуначаро, хоҷагиҳои деҳқонии ин ноҳия, бо чунин арзиши аслии пасти истеҳсоли картошка, метавонанд нархи бозориро муайян кунанд ва ҳатто бо роҳи паст кардани нархи картошка ҳаҷми фурӯшро (пешниҳодро) зиёд намуда фоидаи калон ба даст оранд. Яъне, онҳо дар шароити рақобати озод, имконият пайдо мекунанд, ки аз болои нарх назорат бурда, манфиат гиранд.

Бозори рақобати озод, гуё «имтиҳонест», ки тамоми субъектҳои хоҷагидор ва ё иштирокчиёни онро аз санҷиши бузург мегузаронад. Он хоҷагиҳое, ки нерӯву тавоноии бузург доранд, вазъи бозорро омӯхта, пайваста бо он захираҳои истеҳсолии худро самаранок истифода мебаранд ва фоидаи иқтисодӣ гирифта метавонанд, дар соҳа мавқеи устуворро ишғол мекунанд.

Хоҷагиҳое, ки аз ин «имтиҳон» намегузаранд, соҳаро тарк мекунанд. Бояд таъкид кард, ки яке аз хосиятҳои фарккунандаи соҳаи кишоварзи дар он аст, ки ҳаракату дигаргуншавии захираҳои истеҳсолӣ хеле маҳдуд мебошад. Масалан, агар соҳибкорон, иҷоракорон ва ё соҳибмулкони соҳаи кишоварзӣ ба лаппишҳои бозори рақобатӣ тоб наоранд, тарки соҳа мекунанд. Аммо замини кишт, таҷҳизотҳои обёрикунанда,

---

[1] Файзуллоева К.Н Особенности организации и развития сельского хазяйства горных районов «Таджикистан». Автореферат, Душанбе 2004.с12.

сармояҳое, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии замин сарф шуда буданд ва дигар фондҳои асосии мансуб ба соҳаи кишоварзӣ боқӣ монда, фақат соҳибону истифодабарандаи худро иваз мекунанд.Аз тарафи дигар, одатан тарки соҳа чандон ба вуқӯъ наомада, балки таркиби истеҳсолот тағйир меёбад. Азбаски солҳои 2003-2004 истеҳсоли картошка нисбат ба соли 2002 40% зиёд шуда, ҳачми пешниҳодро дар бозорҳои вилояти Суғд баланд кард, бинобарон нархи он наметавонист, ҳатто хароҷотҳои деҳқононро руйпуш кунад. Бо ин раванд, албатта, баста шудани роҳҳои бозори чаҳонӣ, алалхусус бозорҳои ҷумҳурии ҳамсояи Ӯзбекистон, низ мусоидат кард. Дар натиҷа, деҳқонони ноҳияҳои Ғончи Истаравшан ва Шаҳристон соли 2005 ба парваришу истеҳсоли картошка чандон дилгарм нашуда, ба васеъ кардани истеҳсоли маҳсулоти галладона ва хуроки чорво, ки ҳачми он нисбат ба соли 2004 мувофиқан ба 8 ва 7% зиёд шудааст, аҳамият доданд. Ин буд, ки соли равон, маҳсусан моҳҳои декабру январ, нархи картошка то ба як сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2-3 маротиба зиёд аст.Пас, табиист, ки соли 2006 деҳқонон боз ба васеъ кардани истеҳсоли картошка ҳавасманд мегарданд. Ҳамин тариқ, лаппишу вазъияти бозор тарку воридшавиро ба соҳа ва тағйирёбии таркиби истеҳсолотро муайян мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ маҳсулоти худро дар бозори рақобатӣ (такмилёфта) фурӯхта, вале захираҳои истеҳсоли худро (сармоя, таҷҳизотҳо, сузишвори ва ғайра) аз бозори монополӣ ва ё ҷаҳонӣ бо нархҳои баланд мехаранд. Ин ҳолат ононро дар вазъияти ногувори иқтисодӣ қарор дода, хароҷоти истеҳсолиашонро баланд менамояд, ки боиси маҳдуд гаштани даромади пулии онҳо мегардад. Рақамҳои омори нишон медиҳанд, ки фақат соли 2005 нисбат ба соли 2004 нархи сузишворӣ ба 1,5-2 маротиба афзудааст. Аз ин ҷост, ки соли 2005 ба хоҷагиҳои кишоварзии шаклҳои мухталифи вилоят нисбат ба соли 2004 бензин 42,2% ва сузишвории дизели 21,7%

кам ворид шудааст: индекси баркашони 198%-ро ташкил додааст. Нархи коргарони кироя ва ё музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кор, ки ба кормандони кирояи соҳаи кишоварзии вилоят ҳисоб карда шудааст 88,3 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта қариб 8% зиёд шудааст. Қарздорӣ аз пардохти музди кор то 1ноябри соли 2005 дар тамоми хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ 2601,4 ҳазор сомонӣ ва бо назардошти карздории солҳои гузашта 3058,9 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоят то 1 декабри соли 2005 танҳо 71% тракторҳои гуногунтағма дар ҳолати коршоямӣ қарор дошта, аз он ҷумла дар хоҷагиҳои ноҳияҳои Айни-38% Панҷакент-50%, Ашт ва Ғончи -53%, Шаҳристон-55%, Истаравшан-57%-ро ташкил дод. Ҳамаги 52% автомобилҳои боркаш дар ҳолати дурусти техникӣ қарор доранду халос. Тухмипошаку плугхо ва дигар мошинҳои кишоварзӣ низ, дар чунин вазъият қарор доранд.[1] Чи тавре ки рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, болоравии нархҳои захираҳои истеҳсолӣ, нисбат ба нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ афзалнок аст. Азбаскӣ хароҷоти истеҳсол аз маҷмӯи нархи захираҳои истеҳсолии истифодашуда ташаккул меёбад, бинобар он болоравии арзиши аслии воҳиди маҳсулотро мусоидат мекунад. Нархҳои маҳсулотҳои кишоварзиро бошад, таклифоти истеъмолгарони (харидорони) бозорҳои вилоят муайян мекунад, ки бузургии он чандон баланд намебошад. Дар натиҷа, хоҷагиҳо фоидаи иқтисодӣ ва ё даромади пулии кофиро ба даст намеоранд. Дар ин вазъият онҳо на танҳо техникаву мошинҳои кишоварзии навро харида наметавонанд, балки он техникаву таҷҳизотҳое, ки аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мерос мондааст, истифода бурда ҳам наметавонанд. Ин вазьият аз номусоидатӣ ва вайроншавии таносуби бозори захираҳои истеҳсолӣ, бозори неъматҳои истеъмолӣ ва даромади аҳолӣ бармеояд, ки танзиму даҳлнопазирии давлатро талаб менамояд. Дар ин ҷо, бояд консепсияи паритет (ҳампоягӣ)

[1] Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд. январ-ноябр, Хуҷанд с 2005 с. 15-16

маҳаки сиёсати аграрӣ ва танзими давлатии соҳаи кишоварзиро ташкил диҳад. Консепсияи паритети нархро метавон дар ифодаи воқеӣ ва номиналӣ баҳо дод. Дар мазмуни паритети воқеӣ мо доимияти даромади воқеии деҳқононро дар назар дорем. Масалан, агар деҳқон соли 1995 аз фурӯши 100 кг гандум, 8кг гушт, ё ин ки 20кг равған ва ё 28 кг қандро харида метавонист, пас соли 2005 низ чунин таносуб ё вазъият бояд пойдор бошад. Дар ифодаи паритети номиналӣ бошад, таносуби нархи фуруши маҳсулоти кишоварзӣ ва нархи молу хизматҳое, ки деҳқон истеъмол мекард, бояд дар бузургии доим карор гирад. Дар ин раванд, индекси паритетӣ (ҳампоягии) нарх ҳамчун нисбати нархи маҳсулоти кишоварзӣ бар нархи молҳое, ки деҳқон мехарад, ҳисоб карда мешавад. Масалан, соли 2004 индекси молҳои озуқае, ки пайдоиши соҳаҳои кишоварзи буд 102, 7%, аз он ҷумла индекси картошка 49,2%, сабзавот 70,8 фоизро ташкил мекард. Аммо, молҳои ғайриозука 109,7% ва хизматрасонии пулаки 114,7% ташкилро дод. Пас, индекси паритет нисбат молҳои ғайриозука 98% ва нисбати хизматрасонӣ 89% аст. Аз ин ҷост, ки сиёсати ҳампоягӣ ва ё паритетии давлат ин индексро то 100 фоиз бояд баланд кунад. Индекси паритетӣ нисбат ба нархи захираҳо, ки барои соҳаи кишоварзӣ истифода мешавад, низ бетағйир мемонад Ба ғайра аз ин, консепсияи номбурдаро барои баробаркунонии музди миёнаи кормандони соҳаи кишоварзӣ, метавон истифода бурд. Масалан, соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, соли 2004 беш аз 41% маҳсулоти умумиминтақавиро истеҳсол кардааст. Аммо музди миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ 37,5 сомониро ташкил додааст, ки он нисбат ба музди меҳнати ҳармоҳаи коркунони саноат 34% , алоқа 19% , сохтмон 38% ва нақлиёт 41% -ро ташкил медиҳад. Мебинем, ки бузургии маоши коркунони соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо 2-3 маротиба паст аст.

Давлат ба хотири нигоҳ доштани паритети нарх, одатан маҳсулоти изофаи кишоварзиро, ки ҳаҷми пешниҳодро дар

бозор нисбат ба таклифот зиёд мекунад, бо нархҳои муайян, ки доимияти даромадҳои деҳқононро таъмин мекунад, бояд харад. Масалан, ҳукуматҳои баъзе кишварҳои ҷахон ғалладона ва дигар маҳсулотҳои кишоварзиро, ки солҳои пешин истеҳсол шуда буданду нисбат ба таклифоти бозори ҳамон давра изофа буд, харида ҳамчун захира нигоҳ медоранд. Бояд таъкид кард, ки ҳаҷми ин захираҳо, ҳатто ҳаҷми истеъмоли солонаи доҳилиро ташкил медиҳанд. Агар давлат имконияти бо нархҳои мӯътадил хариданро надошта бошад, пас барои содирот кардани маҳсулоти изофаи кишоварзӣ шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

Бояд ба назар гирифт, ки соҳаи кишоварзӣ асоси беҳатарии озуқаворонии кишварро ташкил медиҳад. Маҳз хамин аст, ки кулли кишварҳои тамаддуни дунё, ин соҳаро зери ҳимояву дастгирии бевоситаи худ мегиранд. Беҳуда нест, ки тибқи назарияҳои иқтисодии классикӣ нархи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи арзиши (хароҷотии) маҳсулоти заминҳои камҳосил бояд муайян шавад. Маҳдудияти заминҳои истифодаи кишоварзӣ, афзудани нуфузи аҳолӣ ва беҳудудии талаботҳои моддии инсон, ҳар як фарди заминиро водор мекунад, ки ба хар як қитъаи замин-модар бо масъулияту бузурги созандагӣ таваҷҷӯҳ зохир намояд. Сиёсати аграрии чумхурӣ, низ чунин ҳадафро дорад. Масалан, ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзи дар вилояти Суғд дар таи солҳои 1995-2005 қариб, ки бетағйир мондааст. (ҳамаги 0,4% кам шудааст). Аммо мазраъ дар ин давра қариб 10% кам шудааст, ки таҳлили алоҳидаро талаб менамояд. Умуман, бояд қайд кард, ки ҳукумати кишвар пайваста бо таъмини устуворӣ ва рущди соҳаи хоҷагии халқ, зина ба зина сарпарастиву ҳимояи соҳаи кишоварзиро ба дасти худ гирифтааст. Таҳия ва қабули қонунҳои Ҷумҷурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзи» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкории хурду миёна», ки вай бояд тамоми ҷабҳаҳои фаъолияту ҳимояи онро дарбар гирад,

талаботи рӯз буда, дар ҳалли муаммоҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мушкилкушо хоҳад гардид. Кодекси андоз ва иловаву таҳрирҳое, ки дар он шудааст, бешубҳа як катор сабукиҳо таъмин намуда, хавасмандии хоҷагиҳои деҳқониро мусоидат мекунад.

Ба назари мо зарур аст, ки дар партави конун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкори дар ҶТ» ва қарори ҳукумати Ҷ Т аз 3-уми декабри соли 2004 №2469 «Дар бораи консепсияи рушди соҳибкорӣ дар ҶТ дар давраи то соли 2015» фонди дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқон (фермерҳо) таъсис намоем. Фонди мазкур барои маблағгузорӣ, тараққи додани инфраструктураи соҳибкорӣ, мусоидат ва ҷалби сармоягузории хориҷию ватанӣ ва ғайраҳо метавонад саҳми бузург гузорад. Аз тарафи дигар тибқи қонун «Дар бораи ташкилоти маблағгузории хурд» заминаҳои ҳукукии ҷалби маблағҳои ватанӣ пайдо шудааст, ки он метавонад бо бонкҳои ватанию хориҷӣ рақобати солим тавлид кунад.

Сабаби асосие, ки муаммои хоҷагиҳои деҳқониро тавлид кардааст, ин тақсими нодурусти захираҳо миёни соҳаҳои кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтсодиёт мебошад. Масалан, дар деҳот беш аз 73% аҳолӣ зиндагӣ карда 57% тамоми машғулини захираҳои меҳнатии вилояти Суғд фаъолият мекунад. Соли 2004 8,8% маблаггузории қарзии бонкҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ рост омадааст. Маблагҳои корхонаҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 13% маблагҳои корхонаҳои хоҷагии халқи вилоятро ташкил додааст; дар суратҳисоби бонкҳо бошад 5,3% буд. Ба дӯши корхонаҳои саноатӣ ва нақлиёт беш аз 67% маблағҳо рост меояд.[1] Ба ғайр аз ин шумораи хеле бисёри хоҷагиҳои деҳқонӣ истифодаи оқилонаи захираҳоро чандон мусоидат намекунанд. Ин сабабҳо аст, ки даромади деҳқонон нисбатан паст мебошад. Бинобарон, сиёсати давлат дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо ба таъмини доимияти сатҳи даромади деҳқонон самт дошта бошад, балки ба мӯътадилкунии нобаробарии тақсими

[1] Омори солонаи вилояти Суғд 2005, Хуханд, 2006

захираҳо ва истифодаи самараноки он, низ мусоидат кунад.Яке аз роҳҳои самаранок ва окилона истифода бурдани захираҳои соҳаи кишоварзӣ ташкили иттиходияҳо ва ё (ширкати) ассосиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Зимнан бояд қайд кард, ки санадҳои (конунҳои) амалкунанда роҷеъ ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ваколат медиҳанд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ иттиходияҳо ва ассосиатсияҳои истеҳсолӣ ташкил кунанд. Пурсиши анкетие, ки миёни 467 роҳбарони хоҷагиҳои деҳқони гузаронида шудааст, нишон дод, ки бинобар маҳдуд будани захираҳои моддию техникӣ ва замин оиди тадриҷан иттиходияҳо ташкил кардан, ибрози акида карданд.[1] Масалан, бисёр корхонаҳои кишоварзии нохияҳои Зафаробод ва Мастчоҳ пас аз гузаштан ба хочагиҳои деҳқонӣ боз иттиходияҳо ва ё ассосиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқониро, албатта, бо хоҳиши худ ташкил намуданд. Ташкили чунин ассосиатсияҳо сарфаи захираҳои моливию моддиро, кариб 25 фоиз зиёд кард. Масалан, барои муроҷиату ҳисобу китоб ба сармоягузорон ва ё бонкҳо ба ҷои 10-12 роҳбарони хоҷагии деҳқон як нафар намояндаи онҳо иштирок мекунанду халос. Аз тарафи дигар, барои бонкҳову сармоягузорон, низ ин кор манфиат меорад, зеро дар ин раванд, хароҷотҳои трансаксионӣ (умумихоҷагӣ) ва «бюрократӣ» кам мешавад. Ассосиатсияҳо, метавонанд муносибатҳои истеҳсолӣ-иқтисодии худро бо фурӯшандагони захираҳо ва дигар субъектҳои иқтисодӣ, ба монанди ташкилотҳои таъмини техникӣ, хизматрасонӣ, харидорон, васеъ намуда, манфиатҳои худро химоя намоянд. Онхо,имконият доранд муассиасҳои хизмати техникӣ, стансияҳои мошинӣ-тракторӣ, таъмини нуриву заҳрдоруҳо ва ғайраҳоро ташкил кунанд. Дар ин раванд, барои ташаккул ва инкишофи агромаркетинг шароити мусоид пайдо мешавад, ки он муайян кардани таркиби пешниҳод ва таклифот, ташаккули нархи фурӯшро дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ таъмин

[1] Д. Бобочонов Развития фермерского движения в Согдийской области: проблемы и перпективи Хучанд, 2005г. с.98.

мекунад. Бунёди хизматҳои пахнкунандаи навидҳои илм, вазъи бозор, санадҳои қонунӣ, ки деҳқононро барои ҳалли муаммоҳои худинкишофӣ ва донишангезӣ кӯмак мекунад ба шароитҳои ташаккули маркетингро суръат мебахшад.

## 3.3. Хоҷагиҳои деҳқонӣ: рӯ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ

Дар мавриде, ки хароҷот, масраф, харҷу мараҷ мегӯянд, бевосита мафҳуми сарфа ва сарфакорӣ, низ пайдо мешавад. Дар урфият, вақте ки иқтисодчӣ ва ё иқтисоддонро ба забон мегиранд, онҳоро пеш аз ҳама, ба мафҳумҳои сарфакорӣ ва сарфа кардани ашёву захираҳои гуногун, тавсия медиҳанд. Чунин баҳодиҳӣ, албатта, хеле маҳдуд аст. Бигзор маблағҳои хеле калон сарф шавад. Аммо муҳимаш дар он аст, ки вай чи қадар нафъ ва ё даромад меорад. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти иқтисодӣ, ба ғайр аз маҳфуми хароҷоти истеҳсолӣ, боз маҳфуми хароҷоти иқтисодӣ истифода мешаванд. Бинобарон зарур донистем, ки дарки моҳияти хароҷоти иқтисодӣ ва ба вуқӯъ омадани онро дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ, алахусус хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳлил намоем.

---

Аз захира ва ё ашёи дилхоҳ якчанд намуди маҳсулотро истеҳсол кардан мумкин аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки истеҳсоли як намуди маҳсулот аз ҳамон ашё ва захира истеҳсоли дигар намуди маҳсулотро инкор ва ё маҳдуд мекунад. Пас, мебинем, ки аз ягон захираи дилхоҳ якчанд намуди маҳсулотро истеҳсол кардан мумкин аст. Соҳибкор, хоҷагидор аз ин маҷмӯи маҳсулотҳое, ки захираҳо метавонад тавлид кунад, истеҳсоли ҳамон намуди маҳсулотро интихоб мекунад, агар он нафъ ва ё даромади баланд орад. Масалан, аз як га замини обӣ деҳқон метавонад 4-4,5 тонна гандум, ё 2,5-3 тонна пахта, ё то 5 тонна донаи маккаӣ ва ғ. истеҳсол кунад. Яъне, аз захираи заминӣ имконият дорад якчанд намудҳои маҳсулотро истеҳсол кунад.Дар ин раванд, деҳқон пайваста бо

омӯзиши вазъи иқтисодӣ ва бозорҳои мухталиф истеҳсоли ҳамон маҳсулотро интихоб мекунад, ки барои вай даромади баланд меорад.Яъне, озодии интихоби фаъолияти иқтисодӣ ба вуқӯъ меояд. Ҳамин тариқ, хароҷоти иқтисодӣ ин раванди истеҳсоли ягон маҳсулоти самаранок, ки истеҳсоли дигар маҳсулотро инкор мекунад, ифода менамояд. Ба ибораи дигар, хароҷоти иқтисодӣ ҳамон пардохтҳои пулие, ки корхона, соҳибкор, хоҷагидор барои ба даст овардани захираҳои истеҳсолӣ харҷ мекунад, то ин ки он захираҳоро аз истифодаи алтернативӣ боздорад. Дар ин раванд, мафҳуми хароҷоти алтернативӣ, яъне ифодаи арзиши як маҳсулот дар маҳсулоти дигар ба фарҳанги иқтисодӣ ворид мегардад. (Масалан, 1кг нахи пахта ба 7-8 кг гандум ва ғ. баробар аст).

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи самаранокии фаъолият баҳодиҳии хароҷоти истеҳсолиро истифода аз тақозои алтернативии (муқоисавии) маҳсулоти гуногун, дар зери мафҳуми хароҷоти иқтисодӣ ҷой доданд.Хароҷоти иқтисодӣ ин мафҳумест, ки на танҳо тарафҳои техникии ҷузъҳои хароҷотро, балки таҳавуллоти шуурӣ, қобилияту истеъдоди кордонӣ ва хислатҳои «инсони иқтисодӣ»-ро ифода мекунад. Ҳангоми таҳлилҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, пурсишҳои анкетӣ сӯҳбатҳо бо сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ, муайян кардем, ки барҳе аз хоҷагиҳои деҳқонӣ, деҳқонони асил, воқеан ҳам, ҳисси хоҷагидориву санъати фаъолияти бизнесӣ (соҳибкорӣ) ва ташкили истеҳсолиро азхуд кардаанд. Тамоми заҳмату кӯшишҳои худро ба он сафарбар мекунанд, ки захираҳои дар ихтиёри худ бударо, алалхусус замину обро, самаранок истифода баранд ва аз натиҷаҳои худ, ҳам моддиву, ҳам маънавӣ қонеъ гарданд.

Тамоми хароҷотро аз нигоҳи пардохти пулӣ ба хароҷоти дохилӣ ва беруна ҷудо мекунанд. Маҷмӯи маблағҳои пулие, ки барои харидани захираҳо аз берун - бозор сарф мешавад, хароҷоти беруна меҳисобанд. Хоҷагиҳо, табиист, ки захираҳои худиро, яъне дохилиро доранд ва барои онҳо маблағ харҷ

накарда, истифода мебаранд. Истифодаи ин захираҳоро хароҷоти дохилӣ меноманд, ки хароҷоти молиявиро талаб намекунанд. Фарқияти ин хароҷотро бо мисоле шарҳ медиҳем. Фарз мекунем, ки хоҷагии деҳқонӣ 10 га замин, бошишгоҳи саҳроӣ, техникаҳои кишоварзӣ, коргарон, аъзоёни оила ва ғайраҳоро доранд. Барои ба даст овардани ин захираҳо деҳқон маблағи муайян сарф намекунад. Агар вай замини худро ба иҷро медод, пас аз ҳар га, фарз кардем, 500 - 1000 сомонӣ иҷорапулӣ мегирифт. Ҳамин тариқ, аз сармояааш фоиз, аз бинову техникааш иҷорапулӣ ба даст меовард, коргаронаш ба ҷои дигар кор карда маош мегирифтанд. Азбаски ин захираҳои дохилиро худаш истифода мебарад, пас аз иҷоропуливу фоиз ва музди меҳнати коргарону узви оила дар ҷои дигар, маҳрум мешавад. Пас, ин ҷо мебинем, ки захираҳои дохилӣ арзиши алтернативӣ пайдо мекунанд, ки онро метавон, чун арзиши пулии хароҷоти дохилӣ тавсия дод.

Вобаста ба ҷудо намудани хароҷоти дохилӣ ва беруна, фоидаи иқтисодӣ ва муҳосиботиро, низ таъкид мекунанд. Фоидаи иқтисодиро чун фарқи даромад аз фурӯш ва маҷмӯи хароҷоти дохиливу беруна муайян мекунанд:

$R_{и} = Q \cdot P - \sum C$

Дар ин ҷо: Rи –фоидаи иқтисодӣ, QxP –ҳаҷми фурӯш ва ∑C -маҷмӯи хароҷоти дохиливу беруна. Фоидаи муҳосиботӣ (бухгалтерӣ)-ро бошад, чун фарқи маблағи фурӯши маҳсулот ва хароҷоти беруна муайян мекунанд:

$R_{б} = Q \cdot P - C_{б}$ Дар ин ҷо: $C_0$ -хароҷоти беруна.

Бисёр хоҷагиҳои кишоварзӣ, алалхусус, хоҷагиҳои деҳқонӣ, чунин ҳисобкуниро расман набаранд ҳам, аммо дар рафтор ва ҷараёни фаъолияти истеҳсолиашон ба назар мегиранд, ки мушоҳида мешавад. Даромад ва ё фоидаи иқтисодиву муҳосиботиро дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонӣ метавон муайян кард. Зеро ки Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ то ин дам дар 16 шаҳру ноҳияи мамлакат марказҳои ахборию маркетингӣ ташкил карда,

онҳоро бо компютер, принтер, факс ва дигар воситаҳои ахбору техникӣ таъмин намудааст. Ин имконият медиҳад, ки оид ба фаъолияти онҳо таҳлилҳои иқтисодӣ гузаронида, пешниҳоду дархост оид ба такмили хоҷагидорӣ пешкаш кунем.Зеро онҳо яке аз субъектҳои пойгоҳии соҳаи кишоварзӣ ва иттиҳодияҳои агросаноатии кишвар буда, маҳз ташаккули муносибатҳои нави хоҷагидорӣ аз ин ҷо ибтидо мегирад.Чи тавре, ки маълум аст, муносибатҳои иқтисодӣ дар бархӯрду амалигардии манфиати иқтисодӣ ба вуқӯъ меояд.Манфиати деҳқонон маҳз дар моликият ва истифодабарии озоди замин ифода меёбад.Агар деҳқон ин ҳуқуқи моликиятро пайдо кунад, пас хисси маъсулиятнокии он боло рафта, хоҷагидории воқеӣ аз поён тавлид мешавад.Ин ҷараён дар низоми иқтисодии кишвар самараи кумулятивӣ бахшида, дар ташаккули шаклҳои васеи корхонаҳои кишоварзӣ (ассосиатсияҳои гуногун, иттиҳодияҳои аграрӣ-саноатӣ-молиявӣ в ғ.) заминаҳои иқтисодӣ пайдо мекунад.Ҳадафи асосии сиёсати аграрии Ҳукумати Ҷумҳурӣ, маҳз ҳаминро фарогир аст, ки бинобар ин равандҳоро дар соҳаи аграрии кишварамон давра ба давра мушоҳида мекунем.

Дар ҳақиқат, саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ дар инкишофи соҳаи кишоварзӣ хеле назаррас аст. Соли 2005 беш аз 40 фоизи маҳсулоти умумии кишоварзиро онҳо истеҳсол карданд. Ҳоло дар соҳаи кишоварзӣ 28542 хоҷагии деҳқонӣ бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин шудааст. Шумораи саҳмдорони замин ба 681 ҳазор нафар мерасад. Онҳо соҳиби 415 ҳазор гектар замин мебошанд, ки аз он 298 ҳазор гектараш обӣ аст (рӯз. «Ҷумҳурият»,12 декабри соли 2006). Пас мебинем, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ тадриҷан ба субъектҳои асосии хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мубаддал гашта истодааст: маҳз дар заминаи инкишофи озоди иқтисодии онҳо, минбаъд метавон иттиҳодияи (ассотсиатсияҳои) воқеии хоҷагиҳои деҳқониро ташкил дод, ки ҳамҷӯриву ҳамбастагии манфиатҳои иқтисодии онҳоро ифода мекунад.

Акнун, даромади муҳосиботӣ ва иқтисодиро дар мисоли хоҷагии деҳқонии «Анушервон»-и (Нодирова З) ноҳияи Ғончӣ дида мебароем. Ҳоҷагӣ соҳиби 5 га замини лаълмӣ мебошад. Вай асосан ба истеҳсоли гандуми тирамоҳӣ сарукор дорад. Барои истеҳсоли гандуми тирамоҳии соли 2006 чунин хароҷотҳои берунаро ба иҷро расонидааст. Яъне, сарфи маблағи он барои ба даст овардани ашёву захираҳои истеҳсолӣ аз берун (бозор) дар сомонӣ чунин аст: тухмӣ - 600 сомонӣ, сӯзишворӣ - 600 сомонӣ нуриҳои минералӣ -500 сомонӣ, маблағи обёрӣ -200 сомонӣ, иҷораи трактору комбайн -300 сомонӣ. Ҷамъи маблағҳои сарфшуда – хароҷоти беруна 2200 сомониро ташкил дод. (ниг. ба таблитсаи поён). Азбаски аъзоёни хоҷагӣ, аз аъзоёни оилаву авлод ташкил ёфтааст (онҳо 9 нафар) бинобарон чун анъана дар давоми сол маош нагирифта, ҳосили ғундоштаашонро мутобиқи ҳадафҳои оилавӣ истифода мебаранд. Андози ягонаи заминро, низ аз ҳисоби ҳосили гирифташуда мепардозанд. Пас мебинем, ки барои замин, коргарон ва нақлиёт (мошини газ-52 дорад) хароҷоти беруна надорад, яъне маблағи муайянеро барои ба даст овардани ин захираҳо намепардозанд. Аммо, ин омилҳоро истифода мебаранд, ки онро хароҷоти дохилӣ меноманд. Барои муайян кардани хароҷоти дохилӣ арзиши алтернативии ин омилҳоро дар ифодаи иҷорапулӣ ва музди меҳнати миёнаи коргарон муайян мекунем. Фарз мекунем, ки иҷорапулии замини лаълмӣ ба ҳисоби миёна 300 сомониро ба ҳар як га замин дар як сол ташкил медиҳад. Пас, 5 га замин арзиши алтернативии 1500 сомониро дорад.Агар иҷорапулӣ аз воситаҳои нақлиёт дар як сол 1440 сомониро ташкил диҳад, пас ба ҳисоби миёна 50 рӯзаш дар хоҷагии деҳқонӣ истифода шудааст, ки он ба 200 сомонӣ баробар аст. Агар маоши миёнаи коргаронро дар як моҳ, ба ҳисоби миёна 100 сомонӣ гирем, пас онҳо дар хоҷагӣ қариб 90рӯз кор карданд, ки маоши умумии онҳо (9Х 100Х3) 2700 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, хароҷоти дохили (1500+200+2700) 4400 сомониро ташкил додаст.

Ҷадвали 3.1

Хароҷоти беруна ва дохилӣ барои 5 га замин

| Захираҳое,ки аз берун харида шудааст. | Хароҷоти беруна сомонӣ | Захираҳои дохилӣ, ки хоҷагӣ худ доро аст. | Хароҷоти дохилӣ дар арзиши алтернативӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Тухм | 600 | Замин, иҷорапули | 1500 |
| Сӯзишворӣ | 600 | Мошини боркашон (Газ 52) иҷорапулӣ (дар 50 рӯз) | 200 |
| Нурии минералӣ | 500 | Аъзоёни хоҷагӣ, маоши 9 нафар коргарон дар 90 рӯз | 2700 |
| Маблағи оббери | 200 | ----- | ----- |
| Иҷораи техника (трактор, комбайн) | 300 | | |
| Ҷамъ | 2200 | Ҷамъ | 4400 |

Хоҷагӣ аз 5 га замини корам 6 т. гандум истеҳсол кардааст, ки ба 3000 сомонӣ (6000 х 0,5с) баробар аст. Коху хошок ба маблағи 1800 сомонӣ баҳо дода шудааст. Чамъи даромад, аз фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (3000+1800) 4800 сомониро ташкил дод.

Даромади умумии буғалтерӣ ба (4800-2200) 2600 сомонӣ баробар аст. Даромади умумии иқтисодӣ бошад (4800-{2200+4400}) ба 1800 баробар аст. Яъне, хоҷагӣ фоидаи иқтисодӣ нагирифта, баръакс зарари иқтисодӣ дидааст. Ҳаҷми фурӯши умумии маҳсулоти он, ҳамагӣ 400 сомонӣ аз хароҷоти дохилӣ баланд асту халос.Агар хоҷагӣ ба аъзоёни худ кормузд ҷудо мекард, пас, ҳатто соҳиби фоидаи мӯътадил ҳам намегашт. Ин ҷо, ба ҷои фаъолияти истеҳсолӣ, хоҷагӣ захираҳои дохилии худро (замин, воситаи нақлиёти хусусӣ) ба иҷора медоду, коргарони ӯ - аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ дар дигар ҷой кор мекарданд, аз нигоҳи иқтисодӣ нафънок (фоидаовар) мебуд. Фарз мекунем, ки иҷорапулии замини лаълмӣ ба ҳисоби миёна 300 сомонӣ ба як га дар як сол (ё 30 фоизи маҳсулот) мебошад. Пас 5 га замин ба соҳибаш 1500 сомонӣ маблағ меорад, иҷорапулӣ аз воситаи нақлиёти хусусӣ бошад, (автомобили Газ -52) дар як сол 1440 сомониро ташкил хоҳад дод. Аъзоёни

хоҷагии деҳқонӣ –коргарон, ки 9 нафар мебошанд, берун аз хоҷагӣ кор карда, моҳе 100 сомонӣ ба ҳисоби миёна маош мегирифтанд, пас даромади меҳнатӣ дар як сол 10800 сомонӣ буд.Ҳамин тариқ, даромади солонаи хоҷагии деҳқони 13300 сомониро ташкил медод, ки нисбат ба даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ 2,7 маротиба зиёд буд. Деҳқон, барои он ки ҳаҷми даромади фурӯши маҳсулоти худро ба дараҷаи ин рақам -13300 сомонӣ расонад, бояд ҳосилнокии ҳар як га заминро аз 12 сентнер гандум то 35 сентнер расонида, истеҳсолу фурӯши коҳу хошок ва ё хӯроки чорворо то 4000 сомонӣ мерасонид. Яъне, равандҳои хоҷагидории деҳқон ҳамон вақт ба сатҳи моҳияти пурраи фаъолияти иқтисодӣ мерасад, ки агар ҳосилнокии замин хеле боло рафта, деҳқон аз он фоидаи иқтисодӣ гирад, ҳавасмандӣ пайдо кунад ва шуғли асосии худро дар ин соҳа пайвандад. Сабабҳои пайдоиши чунин ходисоти ногувор аз маблағу сармояи зарурӣ танқисӣ кашидани хоҷагиҳои деҳқонӣ бармеояд. Дар натиҷа онҳо наметавонанд талаботҳои агротехникиро ба пуррагӣ иҷро намоянд, ба селексия ва тадбиқи натиҷаҳои илм шомил бошанд, обёрии сунъӣ ва дигар технологияи навини истеҳсолиро тадбиқ кунанд. Онҳо фақат барои нигоҳ доштани хоҷагиашон ба умеди рӯзҳои нек, таъмини сатҳи минималии зиндагии оилаҳои худ шуғл доранд. Оид ба гирифтани фоидаи иқтисодӣ, (азбаски имконият надоранд), ҳатто фикр ҳам намекунанд. Дар мавриди кам шудани кор дар хоҷагиашон ба бозорҳои меҳнати ғайрирасмӣ (бозори мардикорӣ) рафта, аз паи пайдо кардани қутти лоямуд мешаванд.

Новобаста аз ин таҳлилҳо бояд қайд кард, ки пас аз ислоҳоти замин ва баланд шудани шумораҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳисси хоҷагидорӣ, масъулиятнокӣ ва инкишофи озоди иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад. Масалан, дар заминҳои лаълмӣ, ки хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия имрӯз фаъолият мебаранд, то давраи ислоҳот 7-9 сентнерӣ аз ҳар га ғалладона мегирифтанд, имрӯз бошад аз 12 то 15 сентнер ва аз

он ҳам зиёдтар расидааст. Дар заминҳои обие, ки имрӯз хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият дорад, аз ҳар га замин то 20-30 ҳазор сомонӣ даромад мегиранд, ҳол он ки то ислоҳот 400-700 сомонӣ буду халос.

Таҳлили мо дар асоси тақозои фаъолияти истеҳсолии хоҷагии деҳқонӣ ва фаъолияти сармоядор-иҷоракор ба иҷро расид. Бештари хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар заминҳои лаълмӣ сарукор доранд, дар чунин вазъият қарор дорад. Ин ҷо мо, тадриҷан ба вуҷуд омадани табақа ва ё синфҳои сармоядорон-иҷоракорон («капиталист-иҷоракор) ва «заминдорони нав»-ро мушоҳида мекунем. Яъне маҷрои ҷоришавии сармоя ба соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳо мушоҳида мешавад, ки ин раванд хатари боз дуршавии деҳқонро аз замин хоҳад тавлид кард. Деҳқон, ки аз замин дур шуд, замин-модар «бепадар» гашта (У.Пете), тадриҷан хосияти замин-сармоя, низ паст мешавад. Деҳқонону кишоварзони асил сармояи бебаҳои инсониест, ки (бо камтарин арзиш) дар тӯли таҷрибагирии авлоду наслҳои инсонӣ ва донишҳои амалӣ (эмпирикӣ) ба вуҷуд омадааст, ки онро, ҳатто бо ташкили низоми тайёр кардани кадрҳои маълумотнок барои ин соҳа (дар сатҳи дилхоҳ) пайдо нахоҳем кард.Бинобарон, бисёр давлатҳои мутараққии ҷаҳон барои нигоҳ доштани деҳқонони асил дар соҳаҳои кишоварзӣ ғамхорӣ зоҳир карда, ҳаргуна фишангҳои иқтисодию дастгириҳои давлатиро истифода мебаранд.Хароҷоти буҷетӣ барои пиёдасозии сиёсати аграрӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои охир дар ИМА 271, Канада 238 кишврҳои Иттиҳоди Аврупо 580 ва Туркия 124 доллар буд. Дар Тоҷикистон бошад, ин рақам ҳамагӣ 0.74 долларро ташкил медихад.Субсидияи давлатӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ қатъ гаштааст: агар солҳои 1985-1990 ҳиссаи кишоварзӣ дар буҷети умумӣ то 20 фоизро ташил медод, пас соли 2000 ин саҳм ба 3 фоиз фаромад.[1]

Кишвари моро чун кишвари аграрӣ ва агросаноатӣ баҳо медиҳанд. Пас, мо метавонем пайваста ба инкишофи соҳаҳои

[1] Рӯз. «Ҷумҳурият», 16 январи соли 2007

аграрӣ иқтидори содиротии кишварамонро баланд бардошта, дар таъмини бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, ки онҳо дар радифи маводи зарурати аввалиндараҷаи инсонӣ қарор мегиранд, ҳиссаи назаррас гузорем.Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф, пайваста ба сармоягузорӣ бояд ба тадбиқи натиҷаҳои илмӣ диққати ҷиддӣ диҳем. Муносибати илм ба ин соҳа буд, ки дар Чин аз ҳар гектар замини обӣ то 120 сентнерӣ гандум, шолӣ ду баробари он пахта, дар Исроил бошад 50-60 сентнерро ташкил медиҳад.[1]

## 3.4. Пахтакорӣ аз нигоҳи хароҷоти иқтисодӣ

Натичаҳои самараноки истеҳсоли пахта аз масрафи неруи коргарон ва захираҳои мухталиф алокамандӣ дорад. Дар ин раванд бузургии нарх дар чунон сатҳ бояд қарор гирад, ки фаъолияти шиддатноку ҳосилнокии меҳнатро ҳавасманд намояд, то ин ки маҳсулоти талабшуда истеҳсол шавад. Дар адабиёти иқтисодӣ ва амалия одатан маҷмӯи масрафҳоро хароҷоти воқеии истеҳсолот меноманд. Маҷмӯи маблағе (пуле), ки барои пардохт кардани масрафи захираҳо равона шудаанд, хароҷоти пулии истеҳсолот меноманд. Онҳо заминаи нарх ва ё нархи пешниҳоди маҳсулотро ташкил медиҳанд. Хароҷоти истеҳсолии маҳсулот ба маҷмӯи нархи пешниҳоди миқдори мувоффиқи омилҳои (захираҳои) истеҳсолии ба он зарур, баробар аст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мафҳуми хароҷоти иктисодиро бояд дарк кард ва истифода бурд, ки он оид ба самаранокӣ ва нафънокии (фоиданокӣ) масрафи захираҳо шаҳодат медиҳад. Мазмуни хароҷоти иқтисодӣ аз нодирӣ, маҳдудият ва истифодаи мухталифи (алтернативии) онҳо бармеояд. Интихоби захираҳо (замин, сармоя ва меҳнат) барои истеҳсоли пахта, бешубҳа истеҳсоли дигар маҳсулоти кишоварзии алтернативро маҳдуд мекунад. Пас, хароҷоти

---

[1] Рӯз. «Ҷумҳурият» 12 декабри 2007

иқтисодии захираҳои дилхоҳ, ки барои истеҳсоли ягон маҳсулот интихоб шудааст, бо нарх ва ё арзиши вариантҳои беҳтарини истифодаи онҳо баробар аст. Масалан, истеҳсоли як кг нахи пахта аз нигоҳи бозори ҷаҳони ба 13-15 кг гандум баробар аст. Бинобарон масрафи захираҳо барои истеҳсоли пахта, аз нигоҳи хароҷоти иқтисодӣ, варианти беҳтарин ҳисобида мешавад. Таҳлили хароҷоти иқтисодӣ, таҳлили хароҷоти ақалро дар бар мегирад. Ҳарчанд тарзу услуби ҳисоб кардани хароҷоти акал ва тадбиқи амалии он дар амалия ва ё фаъолияти хоҷагидорӣ истифода намешавад, аммо он дар назарияи хароҷоти иқтисодӣ мақоми хоса дорад. Илова бар ин, вай дар ҷараёни раванди истеҳсолот, махсусан дар фаъолияти деҳқонони асил таҳияи накшаҳои соҳибкорӣ (агарчӣ аҳамият надиҳем ҳам) хоҳ нохоҳ ба вуқӯъ меояд. Фазову шароитҳои муносибатҳои бозорӣ маҷбур месозад, ки онро дарк намоем, ба арзишу нархи маҳсулот назорат кунем.

Ҳаҷми (парвариши) истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла пахта, ва сатҳи ақали коркарду кишти заминҳои корам (яъне, ҳадди ақали хароҷоти сармояву меҳнат ба майдони кишт), аз шароити вазъи таклифот ва пешниҳоди бозор бармеояд. Он аз як тараф, бо таъсири таклифот, яъне бо нуфузи харидорон (истеъмолгарон) шиддатнокии истеъмол ва даромади онхо, аз тарафи дигар, бо таъсири пешниҳод, яъне майдони кишт ва ҳосилнокии он, миқдор ва сифати олотҳое, ки барои кишту парвариш истифода мешавад, танзим мешавад. Бояд қайд кард, ки ба вазъи ҳаҷми истеҳсоли пахта таклифот ва пешниҳоди бозори ҷахонӣ таъсир мерасонад ва мутобиқи бузурги он муайян мегардад. Ин омилро ҳарчанд ҷомеа ва соҳа дарк кардааст, аммо дар хочагиҳо, чунин дарки мушаххас назаррас намебошад. Шояд, миёнараву шартномаҳои фючерӣ ин таъсирро ғуборолуду тира карданд. Ҳамин тариқ, хароҷоти истеҳсолот, шиддатнокии таклифот, ҳудуди истеҳсолот ва нархи он дар ҳамҷӯрӣ ва муштарак ҳамдигарро ба танзим меоранд. Ин раванди объективиест, ки бояд мавриди омузиш

қарор гирифта дар заминаи он барномаҳои истеҳсолӣ таҳия гардад.

Азбаскӣ ҳосилнокии заминҳои кишти пахта дар таи панҷ соли охир бетағйир мондааст ва ба бузургии нисбатан паст -- 18,5 сентнер қарор дорад, бинобарон боиси хароҷоти баланди истеҳсоли он гаштааст. Ғунҷоиши материалу ашёҳо (материалоёмкость) ба воҳиди маҳсулот, низ боло рафтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хароҷот бар воҳиди майдони кишт ва маҳсулот тамоили болоравиро дорад. Дар ин ҷода ду самтро бояд қайд кард.

1.Бояд таъкид кард, ки афзоиши маблағгузори (хароҷоти иловагӣ) ба 1 га майдони кишти пахта на ҳама вақт болоравии хароҷотро тавсия медиҳад. Ин раванд, дар бисёр мавридҳо аз болоравии сатҳи интенсификатсияи соҳа -андохтани нуриҳои маъданӣ, селексия ва тухми баландсифат ва ғайраҳо, бармеояд. Дар шароити интенсификатсияи пай дар пайи илмӣ, одатан дараҷаи афзоиши маҳсулот аз ҳар 1 га нисбат ба дараҷаи болоравии хароҷоти меҳнату воситаҳои гардон бояд афзалнок бошад. Аммо, ин қоида ва ё конуният дар соҳаи пахтакорӣ мушоҳида намешавад. Яъне, раванди болоравии хароҷоти иловагиро рушди интенсификатсия боис нагашта, балки дигар омилҳо сабаб шудааст. Масалан, дар соҳаи пахтакории вилояти Суғд соли 2004 ба ҳар 1га майдони кишти пахта 225кг нуриҳои маъдани андохта шудааст, ки нисбат ба соли 2000 53,1% зиёд аст. Аммо хосилнокии пахта дар ин давра ҳамагӣ ба 5,7% зиёд шуда, 18,5 сентнерро ташкил додааст.

2. Афзоиши хароҷот бар воҳиди маҳсулот ва ё ба 1га майдони кишт дар ченаки арзиш оид ба афзоиши воқеии хароҷот баҳо дода наметавонад. Яъне, майдони кишти пахта, оё тамоми ғизоҳоро тибқи агротехника гирифтааст ва ё бо сабаби маҳдудияти даромадҳо он муяссар нагаштааст? Зеро дар ин раванд омили нарх, яъне болоравии нарх, захираҳои моддию техникӣ низ таъсир мерасонад. Бояд қайд кард, ки тибқи рақамҳои омории вилояти Суғд соли 2005 нисбат ба соли 2000-

ум индекси маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна 11,5% ва боркашонӣ 55% зиёд шудааст. Музди меҳнат, ки ҷузъи таркибии хароҷот мебошад, ба ҳисоби миёна 49% афзудааст. Ба болоравии сатҳи музди меҳнати воқеӣ, нархи чаканаи молҳои истеъмол ва хизматҳо таъсир мерасонад. Дар натиҷа, фарқият миёни музди меҳнати номиналӣ ва воқеи хеле бузург мешавад. Дар ин шароит, болоравии хароҷоти номиналиро, чун болоравии воқеӣ шуморидан саҳв аст. Бинобарон мавҷуд набудани нархҳои муқоисавӣ ба захираҳои моддӣ, баҳодиҳии дақиқи ҳаракати материалгунҷоишӣ ва ё хароҷоти моддию пулиро таъмин намекунад. Ҳамин тариқ болоравии дараҷаи хароҷоти воҳиди маҳсулот (пахта) аз таворруми (инфлятсияи) хароҷотӣ бармеояд. Азбаскӣ нархи фурӯши пахта, нисбатан доимӣ аст, бинобарон хоҷагиҳо фоидаи дилхоҳро ба даст намеоранд. Ба ибораи дигар, дараҷаи болоравии бузургии хароҷоти пахтакорӣ дар шароити нисбатан доимияти нархи фурӯши пахта, нисбат ба дараҷаи болоравии фоида афзалнок мебошад.

Ҳосилнокии меҳнат, низ дар пахтакорӣ хеле суст боло рафтааст, ки он яке аз сабабҳои хароҷотӣ баланд гаштааст. Чунин вазъият, аз паст шудани вазни киёсии сатҳи механизатсияи равандҳои меҳнату истеҳсолот бармеояд. Вазни киёсии меҳнати дастӣ афзудааст. Зеро системаи мошин дар пахтакорӣ метавон гуфт, ки барҳам хӯрдааст: дар тамоми корхонаҳои кишоварзӣ ва хочагиҳои деҳқонии вилоят дар соли 2005 нисбат ба соли 1995 микдори тракторҳо беш аз 25%, тухмипошакҳо – 16%, адади мошинҳои пахтачин- 52%, адади автомобилҳои боркаш - 37% кам шудааст. Илова бар ин, соли 2005 ҳамаги 71% тракторҳои гуногун, 67% тухмипошакҳо, 72% плугҳои тракторӣ, 52% автомобилҳои боркаш дар ҳолати коршоями карор доштанд. То якуми декабри соли 2005 ба корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳконӣ 19045 тонна сузишвории дизелӣ ва 823 тонна бензин ворид шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 27,7 % ва 72,4%

кам мебошад.[1] Тадқиқотҳои махсуси илмӣ нишон додааст, ки хар як соати меҳнати мошинӣ - 36 соат меҳнати дастиро, аз он ҷумла дар корҳои пеш аз коштан - 45 соат, дар давраи нигоҳубин - 48 соат, дар давраи ғунучин – 24 соатро иваз мекунад. Бояд қайд кард, ки дар ИМА хароҷоти меҳнатӣ ба 1 кг пахта 15-20 маротиба нисбат ба кишварҳои Осиёи Маркази кам мебошад.[2]

Ҳамин тариқ, агар мо нерӯи технологӣ ва системаи мошинаро таъмин накунему хароҷот ба 2-3 маротиба паст нашавад, маҳсулоти пахтаи мо наметавонад партнёри комили бозорӣ ҷаҳонӣ гардад. Ба сифати нахи он низ, бояд аҳамияти ҷиддӣ дод. Дар зери таъсири инсон ҳосилнокии табиӣ замин ба ҳосилнокии иқтисодӣ ва ё самаранок табдил меёбад, ки он ба ҷамъи ҳосилнокии табиии ва сунъӣ, ки инсон сохтааст, баробар аст. Зимнан, бояд таъкид кард, ки хосияти муҳими замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар он аст, ки дар мавриди дуруст истифода бурдани он, барвақт хурда нашуда, ё ин нафънокиаш кам нашуда, балки доимо беҳтар мешавад. Ҳануз дар асри 19 К. Маркс дар асари худ "Нищета философии" дар раванди танқиди Прудон таъкид карда буд, ки "Агар замин ҳамчун воситаи истеҳсолот истифода нашавад, вай сармоя намегардад" ва на замин сармоя, балки замин ҳамчун ҷисми физикави ва ё табии, замин-модар метавонад, доимӣ бошад ва ё зери қонуни таназзули нафъноки ва ё хосилноки карор гирад. Хусусияти пай дар пай истифодаи он, бояд дар якборагӣ раванди такрористеҳсолкунии он бошад. Бинобарон ҳосилнокии замин метавонад беҳудуд боло равад, агар маблағгузории меҳнат ва илм боло равад. Ва маҳз дар ин раванд, замин ба сифати воситаи истеҳсолот ва сармояи асосӣ баромад мекунад. Ба назари мо, солҳои охир ин заминаҳои назариявию бунёдӣ аз мадди назар дур гаштааст. Аз ин рӯ хосилнокии заминҳои пахта таи панҷ соли охир қариб, ки

---

[1] Вазъи ичтимоӣ иқтисоди вилояти Суғд: январ ноябр. Ҳучанд 2005. с 15-16.

[2] Ф.К.Каюмов эффективность АПК в условиях перехода к рынку М: 1992. с. 126)

бетағиир мондааст, ҳарчанд хароҷот ба 1 га афзудааст. Боз таҳлиламонро идома медиҳем.

Мафҳуми замин – сармоя ва ё ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот имконият медиҳад, ки моҳияти иқтисодӣ, раванди зироаткории обиро (обёришавандаро) дарк намоем. Системаи ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар баробари худ воситаи муҳими меҳнатӣ буда, натиҷаҳои маблаггузориро ифода мекунад. Тамоми тадбирҳои беҳтаркунии хосияти замин, ки бо обёрӣ кардан алоқамандӣ дорад, метавон чун хосияти иқтисодии замин баҳо дод. Алокамандӣ ва ягонагии замин бо таҷҳизоти ирригатсионию мелиоративӣ хосилнокӣ заминҳои обиро муайян карда, фаъолияти онро чун воситаҳои истеҳсолот таъмин менамояд. Аммо чунин алоқамандӣ дар системаи об ва сиёсати инвеститсионии ин соҳа бо сабаби маҳдудияти манфиатҳои соҳавию вазоратӣ чандон пурра инъикоси худро намеёбад, дар натиҷа бисёр заминҳои оби аз заминҳои истифодаи кишоварзӣ берун рафта, сифати замин – сармояро гум мекунад. Дар давоми солҳои 2000-2005 ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар вилоят беш аз 10 % аз он ҷумла мазраъ бошад беш аз 5 % кам шудааст. Бояд қайд кард, ки сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосии хоҷагии об ва дар вазъи гайриқаноатбахш қарор гирифтани таҷҳизотҳои обёрикунандаву мелиоративӣ, низ сабаби камшавии заминҳои обӣ гаштанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи коста шудани системаи обёриву мелиоративӣ кариб 25% ҳосили кишоварзӣ талаф мешавад. Аз тарафи дигар вазъияти монополии хочагиҳои об, нархҳои баланди хизматҳои он ба хароҷоти пахтакорӣ таъсири калон мерасонад. Дарвоқеъ истифодаи муътадили таҷҳизотҳои обёрикунанда ва мелиоративӣ, албатта аз таъмири чориву бунёдӣ алоқамандӣ дорад. Иҷрои ин кор маблаггузориро талаб менамояд, ки он бевосита нархи обёриро қиммат мекунад.

Дар минтақаҳои пахтакорӣ метавон гуфт, ки киштгардон умуман аз байн рафтааст. Дар давоми 10-15 соли охир дар як

замин пай дар пай пахта мекоранд. Ин буд, ки хосилнокии замин паст шуда харочот баланд шудааст. Сифатнокии нахи пахта, низ таназзул ёфтааст. Илмҳои аграрӣ асосҳои илмии киштгардон, таркиби майдони кишт, картаи ивазкунии растаниҳо, тарзу услуби беҳтаркунии майдони мазраи тоза, растаниҳои мобайнӣ ва гайраҳоро таҳия кардааст. Исбот шудааст, ки дар шароити ноҳияҳои пахтакор киштгардони пахта – юнучка хеле самаранок аст. Дар холати тадбиқи чунин киштгардон барои гирифтани 1 кг пахта, нисбат ба хароҷоти маъмул, яъне андохтани нурии азоти 34 %, фосфор 37 %, оби кишт 21 %, масрафи меҳнат 24 % паст мегардад. Дар 1 га майдони юнучка беш аз 600-650 кг азоти биологӣ ғун шуда солимгардии замин аз элементҳои химиявӣ ба амал меояд. Дар ин раванд, ҳосилнокии мустахками чорводорӣ ба вуҷуд меояд.[1]

Акнун саволе ба миён меояд, ки чаро солҳои охир киштгардон иҷро намешавад ва гӯё боз ба системаи монокултурӣ гузаштем? Ин раванд ба назари мо, аз ин сабабҳо бармеояд. Якум, балансси заминҳои обӣ ва нақшаҳои (супоришҳои) истеҳсоли пахта хеле шиддатнок аст. Иҷрои супоришҳои истеҳсоли пахта заминаи хавасмандкунӣ ва ҷазодиҳии, роҳбарони хоҷаги гаштааст. Аммо ин ҳавасмандкуниву ҷазодиҳӣ чандон на ташаббусу эчодкориро, балки тамоми системаи зироаткориро (пахтакориро) ба иҷрои накша мутеъ кардааст, ки ин раванд ба инкишофи монокултураи пахта мусоидат карда, доираи истеҳсоли чорворо танг намудааст. Дуюм, азбаскӣ пахта хосияти садфоизаи молиро дорад, бинобарон хаҷми фуруши он нисбат ба дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ 2-3 маротиба зиёд аст. Ин вазъият кишоварзонро ҳавасманд мекунад, ки ҳарчи бештар ба пахтакорӣ аҳамият диҳанд. Аммо дар ин раванд онҳо фақат оид ба давраи кӯтоҳмуддат фоидаи солона (на оянда ) фикр мекунанд, ки дурнамои соҳаро тира мекунад. Сеюм, тарзу услуби идоракунии маъмурӣ-фармондиҳӣ, ҳоло ба пуррагӣ аз

[1] Ирназаров и др.Севооборот в хлопководстве, Ташкент. 1990.

байн нарафтааст. Таркиби майдони кишт ва ассортименти истеҳсолот аз “боло” муайян мешавад. Ин раванд ҳам, аллбатта аз хосиятҳои давраи гузариш, ки заминаҳои объективӣ дорад, бармеояд. Зеро кишоварзони мо, ҳоло ба пуррагӣ озодии интиҳоби истеҳсолиро, ки яке аз принсипҳои асосии бозор аст, дарк накардаанд. Бинобарон зарур аст, ки давлат ҳамчун институти муҳими иқтисодӣ танзимгару пешбарандаи фаъолияти иқтисодӣ бошад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиханд, ки соҳаи пахтакорӣ аз нигоҳи харољоти иқтисодӣ, дар сатҳи умумидавлатӣ дарк шуда бошад ҳам, аммо дар қаъри муносибатҳои аграрӣ ва хоҷагиҳои алоҳида чандон барҷаста мушоҳида намешавад.

## 3.5. Муаммоҳои сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ

Дар рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар оид ба такмили фишангҳои молиявӣ-қарзӣ, сохтори институтсионалии соҳаҳои кишоварзӣ, алалхусус, пахтакорӣ, ақидаҳову пешниҳодҳои мухталиф ба назар мерасанд. Мо низ тасмим гирифтем оид ба ин масъала як назари бунёдӣ – таҳлили назариявӣ кунем. Охир, маҳз назария[1]ҳои бунёдӣ таҳавуллоти сифатиро (револютсияи илмӣ-техникӣ) мебахшад, ки он баъд ба таҳавуллоти миқдориву амалӣ (прогрессияи илму техника) мубаддал мегардад.

Муаллифи мақолаи «Шакли нави маблағгузории хоҷагиҳои пахтакор кадом аст?» дуруст таъкид кардааст, ки истифодабарии тарзу услуби фючерии қарздиҳии пеш аз содиротии хоҷагиҳои пахтакор то солҳои 2000-ум ба мақсад мувофиқ буд. Зеро дар он замон низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қудрати қонеъ гардонидани таклифотро бо маблағҳои қарзӣ надошт. Ҳадафи асосии ташкили қарздиҳии

[1] Рӯз.Ҷумҳурият аз 31 октябри 2006

фючерӣ на танҳо нигоҳ доштани соҳаи пахтакориро дошт, балки ба назари мо, вай вазифаи тадриҷан ворид кардани пахтакоронро ба муносибатҳои воқеии бозорӣ, бозори ҷаҳонӣ, дарк кардани соҳаи пахтакориро чун соҳаи зарурии содиротӣ ва ғ., низ бояд иҷро мекард. Ҳарчанд қисми аввали ин ҳадафҳо иҷро шуда бошад ҳам, аммо солҳои охир фаъолияти онҳо зидди манфиатҳои аввала тамоил гирифтааст. Яъне, амалиёти қонуни атрофияи сохтор (система) боло гирифт: фаъолияти сармоягузорони фючерӣ хосияти монополӣ гирифт ва аз тарафи дигар, дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои тарафайн, (ҳарчанд фаъолият дар соҳаи пахтакорӣ қатъ нашуда бошад ҳам) соҳа рӯ ба таназзул ниҳод. Масалан, соли 2005 ҳамагӣ 447,9 ҳазор тонна пахта истеҳсол шуда буд, ки 73,4 фоизи нақшаро ташкил додааст. Ҳосилнокии ҳар гектар бошад, 15,5 сентнер буд.[1]

Одатан, корхона ва ё субъектҳои иқтисодӣ, ки истеҳсолкунанда ва ё фурӯшандаи неъмат ва ё молу хизматҳои ягона мебошанд, онҳоро субъектҳои монополӣ меноманд. Аммо бояд таъкид кард, ки дар мавриди субъектҳои иқтисодӣ - бонк, сармоягузорон, иттиҳодияҳои истеҳсолкунанда, таъминкунанда ва ё истеъмолгари ягонаи захираҳо (замин, сармоя, меҳнати интелектуалӣ ва ғ.) будан, низ монополия ҷой дорад. Сармоягузорон, қарздиҳандгони фючерӣ бошад, ҳам таъмингари ягонаи сармояи қарзӣ ва ҳам харидор ва ё содиркунандаи ягонаи нахи пахта (монопсония) баромад мекунанд. Маҳз, на «дасти ноаён», балки соҳиби «дасти дутарафа»ва бузургии вазн буданд, ки соҳаи пахтакории кишвар, зери ҳукмронии монополии онҳо қарор гирифтааст. Ин ҳолат, бечунучаро ба вуқӯъ омадани оқибатҳои манфии иқтисодӣ -- Х-самаранокӣ (тақсими ғайрисамаранок ва ноадолатонаи захираҳо) мусоидат мекунад. Ба мақсаде, ки роҳҳои бартараф намудани чунин вазъи ногуворро баррасӣ кунем, зарур донистем хосиятҳои моҳиятии монополияро дида

[1] Рӯз.Ҷумҳурият, 11 ноябри соли 2006

бароем. Барои он ки ҳодисотро идора кунем, пеш аз ҳама зарур аст, моҳияти онро дарк намоем.

Пеш аз ҳама, дар мавриде, ки ҳокимияти монополӣ ҳукмрон мегардад, пас таъминкунандагони захираҳои иқтисодӣ (техника, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, нуриҳо ва ғ) ва харидори маҳсулот як ва ё 3-4 субъект мебошад. Бинобарон аз нигоҳи истеъмолгарон ва ё таклифот ба захираҳои истеҳсолӣ таъминкунандагони алтернативии бисёреро надоранд ва ҳамзамон истеҳсолгарони нахи пахта барои харидор ва ё содиркунандаи дигар пайдо кардан имконият надоранд. Дар ин раванд хоҷагиҳои пахтакориро зарур аст, ки аз хизмат ва ё сармояи ин субъектҳо, ба кадом шароите набошад, истифода баранд ва ё аз истифодаи он - шуғл ба пахтакорӣ даст кашанд.

Аз тарафи дигар, ҷое, ки монополия ҳукмрон аст, муборизаи рақобатӣ ҷой надорад. Субъектҳои монополӣ (агентҳои сармоягузорон) имконият доранд «нархҳои диктатури»-ро муайян карда, назорати нархро ба ихтиёри худ гиранд. Зеро маҳз онҳо ҳаҷми пешниҳоди захираҳоро (сармояи қарзиро) муайян мекунанд. Чунин шароити монополӣ дар схемаи қарздиҳии фючерӣ ҷой дошт, ки хоҷагиҳои пахтакор ҳамаи имконияти пасту баланд кардани нархро ба захираҳои моддӣ-техникии воридотшаванда ва ғ. аз даст доданд.

Бояд қайд кард, ки субъектҳои монополӣ ҳамҷинсҳои худро намемонанд, ки ба соҳаи фаъолияти онҳо ворид шаванд. Яъне ба воридшавии дигар субъектҳои сармоягузор монеъа мегузоранд.Масалан, агар дар соҳа гӯем, ки 4 маблағгузори азим фаъолият кунаду ҳар яки он ¼ ҳиссаи бозорро назорат намояд, пас табиист, ки сармоягузорони рақобатии дигар ба ин соҳа ворид шуда наметавонад.Сармоягузорони нав ба ин бозор чун сармоягузорони кӯчак (айсберг) ворид шаванд ҳам, аммо имконияти васеъшавӣ ва тоқатпазирро надоранд. Зеро чунин сармоягузорони кӯчак, ҳатто бонкҳои мухталиф, чун сармоягузорони «чоргонаи бузург» имконият надоранд, устуворона ба ин соҳа қадам ниҳанд. Охир, сармоягузорон -

қарздиҳандагони бузург, худ низ содиркунандаи нахи пахта ҳам мебошанд. Бинобарон, онҳо намехоҳанд ин силсила манфиатҳои худро (ҳам қарздеҳ ва ҳам содиркунанда) аз даст диҳанд. Ҳамин тариқ монеаҳои молиявӣ барои ворид шудан ба соҳа (сармоягузорони алтернативиро) халал мерасонанд. Илова бар ин дастгирии давлат, сохторҳои давлатӣ, дахлпазирии шахсони соҳибмансаб, ки ба инкишофи вазъи монополии сармоягузорон мусоидат кардааст, омили монеасоз дар роҳи инкишофи пахтакорӣ шуд. Барои пешгирии чунин вазъият амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2000 ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2006, тахти №899 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба таъмини фаъолияти пурсамари хоҷагиҳои пахтакор ва сармоягузорон мавриди истеҳсол, коркард ва фурӯши пахта» такконе бахшидааст, яъне, дахолат кардани раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои пахтакор манъ шудааст. Аммо ҳодисоти дахлпазирии хизматчиёни давлати дар шакли ғайримустақим, ҳанӯз ба назар мерасад.

Маҳз ба вуқӯъ омадану идома ёфтани хосиятҳои монополии қарздиҳии фючерӣ буд, ки вазъияти молиявии аксари хоҷагиҳои пахтакорӣ бад шуда, онҳо дар назди содиркунандагони нахи пахта (ки вазифаи агентҳои маблағгузорони хориҷиро иҷро мекарданд) дорои қарзҳои хеле гарон шуданд. «Дар натиҷа маблағи қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор бо хароҷоти соли 2005 ба 227 миллион доллари ИМА расид, ки барои фаъолияти мӯътадили кори хоҷагиҳои пахтакор мушкилоти зиёде ба миён овард».[1] Илова бар ин пастшавии нархи ҷаҳонӣ ба нахи пахта ва ҳамзамон афзоиши нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, техникаву қисмҳои эҳтиётии техникаҳои соҳаи кишоварзӣ, низ ба таназзули ин соҳа сабаб шудааст. Бояд таъкид кард, ки миёни сармоягузорони монополӣ, (онҳо дар соҳа кам нестанд) бояд рақобати монополӣ вуҷуд медошт. Рақобати монополӣ дарвоқеъ

[1] Рӯз.Ҷумҳурият 11. ноябри соли 2006

омезиши монополия ва рақобатро мушаххастар карда, ҳаҷми васеи рақобатро дар ҳиссаи вазъи монополӣ бояд дар бар мегирифт. Умуман, рақобати монополӣ, чун вазъи бозори сармоя (қарз), ки сармоягузорон на чандон бисёр сармоя (яъне хизматҳои якранг) пешниҳод менамоянд. Дар ин шароит, ҳар як сармоягузор ҳиссаи на чандон калонро дар соҳаи пахтакории ҷумҳурӣ дошта, назорати нархи бозорӣ ва имконияти ҳамкорӣ дар муайян кардани нархи хизматҳо (фоизи қарзӣ), бояд маҳдуд мебуд. Аз нигоҳи назарияи илмӣ, дар мавриди фаъолияти, якчанд сармоягузорон алоқамандӣ ва вобастагии миёни онҳо бояд суст бошад ва мустақилият дар муайян кардани сиёсати маблағгузорӣ, новобаста аз рақибони худ, ба назар бояд мерасид. Масалан, қарори паст кардани фоизи қарз ба 2-3 фоиз ва ё дигар шароитҳои имтиёзнок, ки аз тарафи яке аз сармоягузорон қабул шудааст, барои дигар сармоягузорони рақобатӣ суст паҳн шуда, умуман ҳассосӣ ва ё чандирии дар тағиирёбии вазъи бозори сармоя хеле ночиз бояд бошад. Аммо, мутаассифона, чунин хосиятҳои рақобати монополӣ дар бозори сармояи соҳаи пахтакорӣ чандон барҷаста ба назар намерасад, ки ин оид ба мавҷуд будани созишу ҳамкориҳои махфӣ миёни агентҳои сармоядор шаҳодат медиҳад.

Аз тарафи дигар, тафрикаи хизматрасонии сармоягузорӣ, яке аз хосиятҳои муҳими рақобати монополӣ мебошад, ки аз рақобати озод фарқ мекунад. Яъне, маблағгузорон тарзу услуб ва шаклҳои мухталифи хизматрасонии сармоягузориро истифода мебаранд. Масалан, тафрикабандии фоизи қарзӣ бевосита ба сифати нахи пахта, инкишофи пайдарпаи соҳа чун нерӯи содиротӣ, мақсаднок истифода бурдани сармоя пайваста ба ҷараёни технологии парвариши пахта, сари вақт пардохтани маблағи фурӯши маҳсулот ва ё қабул аз сари замин, бо таҷҳизоту олотҳо, захираҳо таъмин кардани мизоҷони худ (нисбатан аз нархи бозорӣ арзон) ва ғ. Зимнан бояд қайд кард, ки зери танқиди сахт қарор додани сармоягузорони монополӣ

аз рӯи адолат намебошад. Зеро, таҷрибаҳои ҷаҳонӣ исбот кардааст, ки дар соҳаҳое, ки рақобати монополӣ ҷой дорад, нарх (фоизи қарзӣ) ва ҳаҷми пешниҳод аз шароити рақобати озод, чунин барҷаста фарқ намекунад. Хосияти чандирии таклифотҳои истеҳсолкунандагон (истеъмолгарони сармоя) ба сармоя кафолат медиҳад, ки дар ҷамъбаст онҳо рақобатӣ мебошанд. Илова бар ин, тафрикаи хизматҳо, ки ба сармоягузорони монополӣ хос аст, бо истеъмолгарони сармоя имконият медиҳад, ки як қатор ҳизматҳои мухталифу имтиёзнокро бо завқу хоҳиши худ ба даст оранд. Ҳамон қадаре, ки сатҳи тафрикаи хизматҳо баланд аст (мисли хизматрасонии Индиго - Сомонком), ҳамон қадар таклифоту эҳтиёҷоти мухталифи истеъмолгарон (пахтакорон) қонеъ мегардад ва ҳамон қадар интихоб васеъ мешавад. Агар чунин тарзу услуби солими тафрикабандии сармоягузорон барои соҳаи пахтакорӣ ҷой медошт, пас инкишофи пайдарпаи соҳа мушоҳида мешуд. Аммо сармоягузорони соҳаи пахтакорӣ ба тафрикае даст заданд, ки ба бархӯрди манфиатҳои тарафҳо оварда расонид. Дар натиҷа сармоягузор аз як тараф, раисони ассотсиатсияву хоҷагиҳои пахтакорӣ аз тарафи дигар, овораи қонеъгардии манфиатҳои худ гашта, деҳқону замин бе сарпаноҳу бесоҳиб монд (деҳқони оддӣ миёни синфи сармоядору соҳибмулк зери истисмор қарор гирифт). Яъне, сармоягузорон, истифода аз шартнома бо раисони ассотсиатсия ва хоҷагиҳо баргардонидани қарз ва фоизи онро на ба шакли пулӣ, балки дар шакли натуралӣ - нахи пахта қабул намуд. Кафолату хавфи қарзӣ ва бозор пурра ба дӯши ҳоҷагиҳои пахтакор ва қисман ба миёнаравҳои молиявӣ (агентҳои сармоягузор) гузашт. Эмин доштани пахтакоронро аз лаппишҳои бозори ҷаҳонӣ ягон кас ба дӯши худ нагирифт. Чунин хавфҳо дар мавриде паст мешавад, ки агар барномаи истеҳсолии хоҷагиҳои пахтакорӣ иҷро шавад, ҳосилнокии пахта аз ҳар га баланд гардад ва нархҳои ҷаҳонӣ барои пахта мӯътадил бошад.

Сармоягузорон, умуман ба нигоҳубин ва парвариши пахта ҳавасманд нестанд ва табиист, ки дар ин давра назорат, ҳам намекунанд: фақат дар давраи ҷамъоварии пахта пайдо мешаванд. Аз тарафи дигар, пахтакорон-деҳқонон бевосита масъулин ва ё сармоягузорони худро намешиносанд ва бинобарон чандон ҳавасмандӣ ва дилгарми дар истеҳсоли пахта ҳис намешавад. Охир, онҳо маблағи фурӯши пахтаи худ ва маҳсулотҳое, ки аз пахта ҳосил мешавад (равған, кунҷора, тухмӣ ва ғ) сари вақт гирифта наметавонанд. Бисёрии онҳо бо психологияи даврони Шӯравӣ фаъолият мекунанд: гӯё давлат қарзҳои онҳоро мебахшида бошад. Дар ҳақиқат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2003, таҳти №542 қарзи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба танзим дароварда, аз ҷумла 132 млн. сомонӣ қарз аз эътибор соқит шуда буд. Албатта, ин дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ, дар бобати баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва инкишофи соҳаи пахтакорӣ буд.Бахшидани қарз,ки ба мазмуни иқтисодии хавасмандкуниву танзим чандон мувофиқ нест, бинобарон, минбаъд дигар роҳҳои дастгирии давлатӣ истифода мешавад(на бахшидани қарз).

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шакли кунунии қарздиҳии фючерӣ дар соҳаи пахтакорӣ ба мақсад мувофиқ намебошад. Аз тарафи дигар, соҳаи пахтакорӣ, маҳз ба туфайли сармояи қарзӣ нигоҳ дошта шудааст ва инкишофи минбаъдаи ин соҳа ба он вобастагӣ дорад. Бинобарон зарур аст, ки оид бо такмили шаклҳои сармоягузории соҳаи пахтакори чораҳои зеринро андешем: **Якум**. Вазъияти кунунии соҳаи пахтакорӣ, муаммоҳои ба амал омадаро ҳар як тарафҳо аз нигоҳ ва хости худ арзёбӣ карда, кашмакашиҳо доранд. Ва ин муаммоҳоро фақат худи онҳо метавонанд ҳал намоянд ва ба як нуқтаи буриш оянд (охир, шартномаҳо миёни онҳо буд). Аз тарафи дигар, пахтакорон ва корхонаҳое, ки ба ин соҳа алоқамандӣ доранд, бо низоми қарздиҳии фючери шинос шудаанд ва нозукиҳои онро дарк намудаанд. Бинобарон, ба

назари мо, бояд сохтореро ташкил дод, ки дар он ба нигоҳубину парвариш, коркард ва содироти пахта тамоми тарафҳо ҳавасманд бошанд: сармоягузор, миёнарави молиявӣ, хоҷагиҳои пахтакор, корхонаҳои коркарди маҳсулоти пахтагин, инфрасохтори соҳа, содиркунандагон ва ғ. Яъне, дар заминаи шартномаҳо ва ё муносибатҳои фючерии ташаккулёфта ассотсиатсия ва ё иттиҳодияи молиявӣ-агросаноатиро бунёд кунем, ки дар он нуқтаҳои бурриши манфиатҳои онҳо шаффоф гашта ба инкишофи соҳаи пахтакорӣ ҳавасманд бошанд. Барои ташкили чунин сохтор Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои гузаштан ба Стандарти байналмиллалии пахта» аз 3 апрели соли 2006 таҳти рақами 1414 мусоидат мекунад.

**Дуюм**. Таҷрибае, ки ҶСК «Агроинвестбонк» таи ду соли охир гузаронидааст қобили қабул аст. (ниг. ба рӯз. «Ҷумҳурият» аз 31 октябри соли 2006). Яъне, аз тарафи бонкҳои ватанӣ ба хоҷагиҳои пахтакор танҳо дар шакли пулӣ қарз дода шавад. Ин шакли сармоягузорӣ фақат он хоҷагиҳоро, ки назди сармоягузорон-содиркунандагони нахи пахта қарздор нестанд, фаро мегирад. Ин роҳи воқеии гузариш ба бозори рақобатӣ ва истифодаи самаранокии захираҳои иқтисодӣ аст. Дар ин раванд интихоби иқтисодӣ ҷой дошта, раванди иқтисодӣ, бозорӣ ва меъёри самаранок идома меёбад. Аз ҳама муҳимаш дар он аст, ки дар ин ҷо худинкишофӣ ва рақобати озод дар бозори сармояҳо ибтидо мегирад.

**Сеюм.** Инвесторони хориҷӣ, агар корхонаҳои муштарак дар соҳаи пахтакорӣ накушоянд, пас фақат бо туфайли бонкҳо фаъолияти худро идома диҳанд. Қарз, бозгардонии қарз, фоиз бояд ба маънои томаш дар шакли пуллӣ идома ёбад. Яъне, бонкҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ, тамоми шарту шароити инвесторонро ба ӯҳда гирад. Аз тарафи дигар хоҷагиҳои пахтакор қарзро барои киштукор ва парвариши пахта дар шакли пулӣ гирад ва қарзро бо фоизаш, низ дар шакли пулӣ баргардонад.

**Чорум**. Оид ба фурӯши пахта, низ бозори озод бошад, яъне хоҷагиҳои пахтакор бо хоҳиши худ бо ин ё он ширкатҳои содиркунанда оид ба фурӯши пахтаи худ шартномаҳо бандад. Яъне, онҳо ба фурӯши озоди нахи пахтаи худ имконият пайдо кунанд ва барои инкишофи соҳа ҳавасманд бошанд.

Хурсандибахш аст, ки имрӯзҳо аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдиду Тараққиёт барои дастгирӣ кардани хоҷагиҳои пахтакор ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст, ки дар ин раванд барои тадбиқи шаклҳои лизинг шароити мусоид фароҳам меояд.

## 3.6. Таҳлили таркиби хароҷот дар хоҷагиҳо

Хароҷоти иқтисодӣ, ташакулли нархи молу хизматҳо ва ҳаҷми истеҳсолотро, муҳақиқон одатан дар давраҳои мухталифи фаъолият, яъне пайваста бо омили вақт, таҳлил менамоянд. Зеро, омилҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулот, молу хизматҳо иштирок мекунанд вобаста ба фосилаву раванд ва давраҳои (кӯтоҳ ва ё дароз) истеҳсолӣ, ба лаппишу тағирёбии ҳаҷми истеҳсолот таъсирҳои мухталиф доранд.

Мо дар ин ҷо, тасмим гирифтем, ки лапишҳои (тағирёбии) хароҷоти иқтисодӣ, нарх ва ҳаҷми истеҳсолотро дар давраи кӯтоҳ таҳлил намоем: ҳар таҳлили мо асосан ба ин давра мансуб аст.

Чи тавре, ки амалияи фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, тағирёбии истеҳсоли ҳаҷми маҳсулот дар давраи кӯтоҳмуддат, асосан аз ҳисоби таъғирёбии ҳаҷми ашё, меҳнат ва дигар захираҳои гардон таъмин мегардад. Ҳаҷми фондҳои асосӣ таҷҳизотҳои корхонаҳо бошад, бетағир мемонад:табиист, ки корхона, ҳоҷагиҳо дар як муддати кӯтоҳ, наметавонанд фондҳои асосии худро васеъ кунанд ва ё азнавтаҷҳизонанд. Вай, имконият дорад, ки ҳаҷми истеҳсолоти худро бо туфайли шиддатнок истифода бурдани таҷҳизотҳои мавҷудаи худ, бо пайваст кардани ҳаҷми васеъи захираҳои гардон, афзун намояд. Аммо, ин афзуншавӣ то як сатҳи муайян идома ёфта, пас

раванди таназулли истеҳсоли маҳсулоти ақал оғоз меёбад. Яъне, амалиёти қонуни таназулли боздиҳӣ мушоҳида мешавад.

Инобарон дар мавриди таҳлили истифодаи захираҳо, хароҷоти онҳоро аз нигоҳи ҷараёни тағйирёбии ҷузъию сифатӣ (динамикӣ) ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. **Якум**, захираҳо ва ё омилҳои доимӣ - фондҳои асосии истеҳсолӣ, техникаву таҷҳизотҳои, ки дар давраи истеҳсолӣ бетағйир мемонанд. Хароҷоте, ки новобаста аз тағирёбии ҳаҷми истеҳсолот доимӣ мемонанд, хароҷоти доимӣ ном дорад. Масалан, аммортизатсияи фондҳои асосӣ, пардохтҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои болоӣ, андози амволи замин, бозгардонии карзҳо ва ғ. Ин хароҷот новобаста аз тағйирёбии истеҳсолот ва ё қатъ шудани он, вуҷуд дорад.

**Дуюм**, захираҳои гардон, ки дар давраи истеҳсолот харҷ шуда сарчашмаи асосии тағйирёбии ҳаҷми маҳсулот мебошад. Яъне, маҷмӯи хароҷот ки бо тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот алоқамандӣ дорад: харҷи ашё, сӯзишворӣ, хизматҳои нақлиётӣ ва ғ..

Агар мо ин элементҳои хароҷот ва ё захираҳои истеҳсолиро дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ тахлил намоем, пас ҳузновар аст. Масалан, захираҳои доими, ба мисли техникаву мошинҳо соли 2006 нисбат ибтидои солҳои 90-ум хеле кам шудаанд. Соли 1991 хоҷагиҳои пахтакории кишвар беш аз 37 ҳазор адад трактор доштанд, ҳоло 19,9 ҳазор адад мондааст, ки беш аз 47 фоиз кам шудааст. Аз 18307 адад мошинҳои боркаш, ҳоло 7660 адад мондааст, ки 52,7 фоиз кам шудааст. Имрӯз дар ҷумҳурӣ бо ҳисоби миёна ба як трактор 370 га. замин кишт мешавад, ҳоло он, ки меёр ба 55-60 га. баробар аст. Ҳоло як трактори шудгоркунанда ба 26, як комбайн ба 119 ва 1 тухмипошак ба 29 ҳоҷагҳои деҳқонӣ рост меояд. Аксари техникаи мавҷудаи соҳа, ҳам хеле фарсуда шудааст, ки истифодаи онҳо 15-20 фоиз, масалан, ҳосили пахтаро талаф мекунанд. Мошинаҳои кишоварзӣ, комбайнҳо шабакаҳои обёрикунанда, бошишгоҳҳо ва ғайраҳо, низ хеле коҳиш

ёфтааст.[1] Чи тавре, ки мебинем таҷҳизотҳо, дар давраи истиқлол тадриҷан хеле кам шудааст. Раванди азнавкунии фондҳои асосии истеҳсолӣ, хеле суст ва ё баъзан мушоҳида мешавад. Табиист, ки бо чунин вазъи техникии соҳаи, боло бардоштани истеҳсолот хеле гарон аст. Ҳар сатҳи истеҳсолӣ, ки дар баъзе хоҷагиҳо нисбатан ба солҳои пешин боло рафтааст, асосан аз ҳисоби ҷузъҳои хароҷоти тағйирёбанда ноил шудааст.

Омилҳои тағирёбанда (хароҷоти тағйирёбанда) агарчӣ ба нархҳои номиналӣ боло рафта бошад, ҳам аммо дар баҳодиҳии воқеъӣ (реалӣ) кам шудааст. Барои руёнидани 25-30 сентенер пахта тибқи талаботи илмӣ-агротехникӣ 500 кг нурии азотӣ, 600-700 кг нурии фосфорӣ ва ҳамчунон сӯзишвории дизелӣ ва равғани трансмиссионӣ лозим аст. Аммо, тибқи омори вазорати кишоварзӣ дар соли 2005 заминҳо бо нуриҳои азотӣ 71,1%, фосфорӣ 31,6% ва калий 6, 6% таъмин шудаанд.

Хоҷагиҳо тақрибан 50-55 фоизи мавдои сӯзишвори дарёфт карданду халос. Пас мебинем, ки дар чунин шароит, хароҷоти тағйирёбанда низ, омили васеъ кардани ҳаҷми истеҳсолот шуда наметавонанд. Зеро, дар шароити боло рафтани нархи захираҳои истеҳсолӣ хоҷагиҳо маблағҳои кофӣ надоранд. Барои мӯтаъдил фаъолият кардани хоҷагиҳо, яъне ба қадри имкон боло бардоштани истеҳсоли пахта (аз хисоби захираҳои гардон (тағйирёбанда)) зарур аст, ки ба як гектар замин то 1700-2000 сомонӣ маблағ сафарбар шавад.

Дар раванди таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва хароҷоти иқтисодӣ маҳфумҳои хароҷоти умумӣ, миёнаву ақал истифода мешавад. Хароҷоти умумӣ маҷмӯӣ хароҷоти доимӣ ва тағйирёбандаро дар бар мегирад. Бояд таъкид кард, ки агар истеҳсолот қатъ шавад ва ё ҳаҷми он ба сифр баробар бошад, пас хароҷоти доимӣ боқи мемонад. Яъне, ҳаҷми умуми масрафҳо ва ё хароҷот ба бузургии хароҷоти доимӣ баробар аст. Масалан, хоҷагии деҳқонӣ, агар замини худро истифода набарад ва ягон намуди маҳсулот истеҳсол накунад, ҳам аммо

[1] Рӯз. «Ҷумҳурият» 7 декабри соли 2006

андози замин, пардохти маблағи муайян ба ташкилоти болои (масалан ассосиатсия), фоизи қарз, амортизатсияи фондҳои асосӣ ва ғ. чун хароҷот вуҷуд дорад. Дар мавриди истифодабарии захираҳову истеҳсоли маҳсулот ҳаҷми умуми хароҷот мутаносибан ба бузургии хароҷоти тағирёбанда тағйир меёбад (боло меравад). Соҳибкорону хоҷагидорон дар ин раванд имконият доранд, тағйирёбии ҷузъиву сатҳи хароҷоти тағйирёбандаро зери назорат гиранд ва оид ба самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ чораҳои қатъӣ андешанд. Масалан, хоҷагии деҳқонии «Сурхоби» ноҳияи Зафарабод ҳар сол барои 100 га замини пахта ҳафт тонна сӯзишвории дизелӣ истифода мебурд. Вақте, ки он дар мавриди култиватсия ва дигар коркарди байни қаторҳои пахта ба ҷои мошини кишоварзии чорқатора (плуги) шашқатораро истифода бурд, пас беш аз 2 тонна сӯзишворӣ сарфа намудааст. Ё ин, ки дар хоҷагии ба номи Абдураҳим Ҷумаев вақте, ки замин ях кард, ба ҳар як гектар 250-300кг суперфосфат пошида шудгор намуданд. Ба ҳар гектар майдон, ки сералаф буд 40-50 тонна нурии органикӣ ва 500-600кг суперфосфат пошида бо якаплуг дар чуқурии 70-80 см шудгор намуданд. Дар натиҷаи харҷи чунин захираҳо, яъне хароҷоти тағйирёбанд аз ҳар як гектар 26 сентенерӣ ва аз кишти чигити зери пленка 40-45 сентенер пахта рӯёнида шуд. Маҳз, бо туфайли самаранок истифода бурдани захираҳои гардон - хароҷоти тағирёбанда, ҳаҷми истеҳсоли худро баланд мекунанд ва пайваста ба барномаи истеҳсолӣ бузургии онҳоро мутаносибан тағйир медиҳанд. Имрӯз мебинем, ки деҳқонон асосан барои пайдо кардани ашёву захираҳои гардон (нурӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаҳо, тухми, маводҳои кимёвӣ ва ғ.) саргардон мебошанд. Оид ба азнав-кардани техникаҳои кишоварзӣ ва дигар фондҳои асосӣ, яъне оиди васеъ кардани қисми захираҳои доимӣ имконияти молияви надоранд ва бинобарон дар истифодабарии ин воситаҳои

-------------------------------------

* Рӯз. «Ҷумҳурият» 16 январи соли 2007

мавҷуда қонеъ доранд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳо пайваста ба талаботу фаъолияти бозор барномаҳои истеҳсолии худро муайян мекунанд. Дар ин робита мавқеи хароҷоти миёна, ки бо бузургии нархи молу хизматҳо тақозо мешавад, аҳамияти калон доард. Бинобарон корхонаҳо тамоили тағирёбии хароҷоти миёнаро зери назорату идоракунӣ қарор медиҳанд. Табиист, ки дар ин маҷро таҳлили таркибӣ, яъне бузургии миёнаи хароҷоти доимӣ, тағйирёбанда ва умумӣ зарур аст. Бузургии хароҷоти миёнаи ин намуди хароҷотҳоро чун нисбати маҷмӯи хароҷот бар ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда муайян мекунанд.

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, бузургии хароҷоти доимӣ ба ҳаҷми маҳсулот чандон алоқамандӣ надорад. Бинобарон, бо болоравии ҳаҷми маҳсулот бузургии миёнаи хароҷоти доимӣ паст мешавад. Дар амалия ин хароҷотро, одатан, тақсими хароҷоти умумихоҷагӣ (умумӣкорхонавӣ) ном доданд.Бузургии хароҷоти тағирёбандаи миёнаро низ, чун нисбати ҳаҷми хароҷоти тағирёбанда бар ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда муайян мекунанд. Ҳисоб кардани ин нишондиҳандаҳо барои барномасозии истеҳсоливу соҳибкорӣ чун обу ҳаво зарур аст. Ба ғайр аз ин нишондиҳандаҳо, боз бузургии хароҷоти ақалро низ, дар адабиёти иқтисодӣ таҳлил менамоянд. Агарчӣ ҳисоб кардани ин бузургӣ дар амалия воқеан во намехурад, аммо дар раванди фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ, бахусус, дар рафтору кирдори деҳқонони асил мушоҳида мешавад. Бинобарон мо тасмим гирифтем, ки таҳлили назариявии онро барои хонандагон пешкаш намоем ва шояд он тадбиқи амалӣ ҳам ёбад.

Дарвоқеъ, тарзу услуби ҳисоб кардани хароҷоти ақал ва тадбиқи амалии он дар амалия ва ё фаъолияти хоҷагидорӣ истифода намешавад, аммо он дар назарияи хароҷоти иқтисодӣ мақоми хоса дорад. Илова бар ин, вай дар ҷараёни рафтори истеҳсолӣ, таҳияи нақшаҳои соҳибкорӣ (агарчӣ аҳамият надиҳем ҳам) хоҳ нохоҳ ба вуқӯъ меояд.

Хароҷоти иловагӣ ва ё изофагӣ, ки барои истеҳсоли боз як воҳид ва маҷмӯи иловагии истеҳсоли маҳсулот харҷ шудааст, ҳароҷоти ақал ном гирифтааст. Онро бо чунин формула ҳисоб кардан мумкин аст.

МС = ТС\ Q ва ё МС = ДС\ ДО,

Дар ин ҷо ТС в ё ДС – афзоиши ҳароҷоти умумӣ
ДО- афзоиши махсулот

Дар ассотиатсияи хоҷагиҳои деҳконии «Суғдиён»- и ноҳияи Зафаробод таҳлили хароҷоти ақалро дар мисоли истеҳсоли пиёз мегузаронем.

Чадвали 3.2.

| Ҳоҷагиҳои деҳқонӣ | Истеҳ[-соли пиёз, т | Х{ароҷоти умумӣ, т\сомонӣ | Харо-ҷоти ақал ба ҳар 10 тон, сомо-нӣ. | Ҳаҷми фур\, сомо-нӣ | Фоида сомо-нӣ. | Фоидаи ақғал, сомонӣ. | Фоидаи ақал ба ҳар воҳиди хароҷоти ақал, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 10 | 700 | ---- | 1500 | 800 | ___ | -- |
| 2 | 20 | 1400 | 700 | 3000 | 1600 | 800 | 1.14 |
| 3 | 30 | 2000 | 600 | 4500 | 2500 | 900 | 1.5 |
| 4 | 40 | 3000 | 1000 | 6000 | 3000 | 500 | 0.5 |
| 5 | 50 | 4050 | 1050 | 7500 | 3450 | 450 | 0.42 |
| 6 | 60 | 5900 | 1850 | 9000 | 3100 | 350 | 0,2 |
| | | | | | | | |

Чи тавре, ки аз ҷадвал мебинем ҳамаи шаш хоҷагиҳои деҳқонии ассотиатсия пиёз истеҳсол мекунанд. Дар сутуни 4-и ҷадвал хароҷоти ақал барои ҳар як 10 тонна истеҳсоли маҳсулоти иловагӣ нишон дода шудааст. Чӣ тавре, ки мебинем

барои 10 тон. маҳсулоти иловагии дуюм хароҷоти ақал 700 сомонӣ, барои сеюм 600 сомонӣ ва ғайра қарор гирифтааст. Таҳлили ақал нишон медиҳад, ки барои хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсоли 30 тонна пиёз, яъне қатори сеюм дар ҷадвал хеле самаранок аст. Зеро ҳароҷоти ақал фоидаи ақали хеле калонро (900сомониро) таъмин кардааст. Пас аз қатори сеюм, афзудани хароҷоти ақал ва паст шудани фоидаи ақал мушоҳида мешавад. Зеро, ба ин ҷараёни қонуни таназзули боздиҳии омилҳо таъсир мекунад. Мазмуни ин қонунро шарх медиҳем. Афзудани ҳаҷми истеҳсолот дар давраи кӯтоҳмуддат бо туфайли васеъ кардани омилҳои (ҳароҷоти) тағйирёбанда (меҳнат, ашё, замин) таъмин гашта, бузургии ҳароҷоти доимӣ (таҷҳизотҳо, воситаҳои нақлиёт, амортизатсия, андозу пардохтҳо ва ғайраҳо) бетағир мемонанд. Аммо, истифодаи пайдарпаи ҳар як омили тағйирёбанда (масалан, меҳнат) аз нуқтаи муайян сар карда (дар мисоли мо қатори сеюм) таназзули ҳосилнокии омилро боис мегардад. Бузургии хароҷоти ақал, то лаҳзаҳои болоравии ҳосилнокии омил паст шудан мегирад. Хангоми оғоз шудани раванди пастшавии хосилнокии омил, тадриҷан болоравии хароҷоти ақал мушоҳида мешавад. Пас, самараи ҳароҷоти ақал то бузургии баробарии ҳароҷоти ақал ва фоидаи ақал идома меёбад. Дар, мисоли мо, ин бузургии баробар миёни истехсоли аз 30 то 40 тонна пиёз воқеъ аст, ки дар он ҳар як сомони хароҷоти ақал бо фоидаи ақал баробар мегардад. Чи тавре, ки мебинем дар мавриди истеҳсоли 30 тонна пиёз ба ҳар як сомонии ҳароҷоти ақал 1, 5 сомонӣ фоидаи ақал рост меояд. Дар қатори чорум бошад, ин бузургӣ 0,5 сомониро ташкил додааст. Пас, ҳади ақали истеҳсолот дар миёни қатори сеюм ва чорум қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, консепсияи масрафи ақал барои хоҷагиҳои шаклҳои мухталиф аҳамияти стратегӣ дорад: вай имконият медиҳад, ки ҳамон дараҷа ва ё бузургии ҳароҷотро муайян кунем, то ин ки назорату идораи фаъолияти хоҷагидорӣ

таъмин гардад. Бузургии ҳароҷоти ақал «арзиши» воҳиди иловагии истехсоли махсулотро муайян карда, самти сарфаи захирахоро нишон медиҳад. Яъне, ҳамчун индикатор нишон медихад, ки агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро кам кунем чи қадар сарфаи ҳароҷот мешавад ва агар зиёд намоем чи қадар фоидаи иловагӣ ба даст меорем. Ба ибораи дигар, тақозои ҳароҷоти ақал ва фӯрӯши ақал имкон медиҳад, ки фоиданокии (наъфнокии) таъғирёбии хаҷми истеҳсолотро муайян кунем.

Алоқамандии ҳароҷоти ақалро бо бузургии миёнаи хароҷоти доимӣ (АҒС) ва тағйирёбанда (АУС) таҳлил менамоем. Агар бузургии МС аз бузургии АТС паст бошад, пас АТС поён меравад ва баръакс. Яъне, то лаҳзае, ки хати каҷи МС аз хати каҷи АТС паст (поён) будан, бузургии АТС тамоили пастравӣ дорад. Дар акси ҳол бошад, ин бузургӣ самти болоравиро мегирад. Дар нуқтаи буриш, ки МС=АТС аст, бузургии АТС нуқтаи минималӣ гирифта аз пастравӣ бозмеистад. (нигар ба расми 2.)

Ҳамин тариқ хати каҷи МС хати каҷи АТС-ро дар нуқтаи минималии АТС мебурад. Азбаски МС ҳамчун хароҷоти иловагӣ ба хароҷоти умумӣ ва ё хароҷоти таъғирёбанда (УС) дохил мешавад, бинобарон барои таҳлили алоқамандии МС ва АУС (хароҷоти таъғирёбанда) хати буриши МС ва АУС-ро дар нуқтаи минималӣ истифода бурдан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки алоқамандии миёни МС ва АҒС (хароҷоти доимӣ) дар давраи кӯтоҳмуддат вуҷуд надорад. Зеро АҒ бо таъғирёбии ҳаҷми маҳсулот вобастагӣ надорад.




Нақшаи 3.1.

Хати каҷи МС хати каҷи АТС ва АҒС-ро дар нуқтаи минималии онҳо мебурад: агар бузургии МС аз бузургии АТС ва АУС хурд бошад, пас бузургии онҳо (АТС, АҒС) самти поёнравиро мегирад ва агар МС калон аз АТС ва АУС аст, самти аксӣ оғоз меёбад.

Дар тадқиқотҳои илмии намояндагони мактаби неокласикӣ тадбиқи тарзу услуби ҳисоби деферентсиалӣ дар таҳлили равандҳову ҳодисоти иқтисодӣ хеле моҳирона истифода шудааст. Истифодаи оқилонаи захираҳо, яъне истифодаи алтернативӣ ва самараноки онҳо, ки наъфнокии баландро таъмин мекунад, ҳадафи тадбиқи тарзи математикӣ-деференсиалӣ мебошад. Ҳадафи асосии корхонаҳоро, ки зинаи ибтидоии истеҳсоли молу хизматҳоро ташкил медиҳанд, одатан, дар забони математикӣ бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст.

Umax = (R-C)* = MR-MC = 0 (1)

ва ё MR = MC (2)

Дар ин ҷо R- даромад , С- хароҷот,

Агар наъфнокӣ ва ё фоида мақсади фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳо бошад, пас сатҳи максималии он ба қиммати сифрии нахустҳосилаи фарқи даромад ва хароҷоти ақал баробар аст. Формулаи (2), чун қоида талаб менамояд: хоҷагӣ барои он , ки фоидаи максималӣ ба даст орад, бояд ҳангоми муайян кардани барномаи истеҳсолӣ ва нархи он ба баробарии хароҷот ва даромади ақал такя кунад.

Мазмуни иқтисодии бузургиҳои ақал дар он аст, ки дар мавриди тағйироти истеҳсоли мол ва хизмат ба бузургии кӯчак (dQ) функсияи даромадҳо f(R) ва ё хароҷот F(C) бо қоидаи бузургиҳои ақал таъғир меёбад.Воҳиди иловагии маҳсулот хароҷоти иловагиро талаб менамояд ва бояд ҳамзамон даромади иловагӣ орад.Мафҳуми даромад ва хароҷоти ақал аз нуқтаи назари математика унвони ҳосилаи аввал, хосияти бузургии қатори (тартиби) дуюмро доро аст.

Маҳфуми даромад ва хароҷоти ақал, дар адабиёти иқтисодӣ дар моделҳои графикӣ, ки фишангҳои ҳаракати бозорро иниъкос кардааст, хеле моҳирона истифода шудааст. Дар он ҷо тағйиротҳои таркибии даромадҳо ва хароҷот чун бузургиҳои фарқӣ ҳисоб карда шудааст:

MR = (R2 – R1) | (Q2 – Q1) (3)

MC = (C2 – C1) | (Q2 –Q2) (4)

Дар ин ҷо R2, R1- мувоффиқан даромади давраҳои ҷорӣ в гузашта,

Q1Q2 - мувоффиқан ҳаҷми молу хизматҳои давраи ҷорӣ ва гузашта,

C2,C2 – хароҷоти давраҳои ҷорӣ ва гузашта.

Агар хароҷоти миёна суръати умумӣ барои истеҳсоли маҳсулоти мушаххас бошад, пас афзоиши хароҷотро ҳисоб карда мо ҳосилаи тартиби дуюмро, яъне суръатнокиро пайдо мекунем. Дар низоми иқтисодии воқеъӣ суръатнокӣ ҳама вақт ғайримунтазам (нобаробар) ва ё ноҳамвор аст, ки оид ба

хосияти ғайрихатии инкишофи равандҳои иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.Тибқи қонунҳои механика, дар он ҷое, ки мунтазамиятӣ ҳис намешавад, пас дар ин мавридҳаракати хаттӣ, низ ҷой надорад. Мафҳуми суръат ва суръатнокии хароҷот, ки барои раванди истеҳсолоти дилхоҳ муайян мегардад, ба қонунҳои ҳаракати физикии материя шабоҳад дорад. Бинобарон, метавон аппарати мувоффиқи математикиро истифода бурд.

## 3.7. Об захира ва неъмати иқтисодиёт

Бо инкишофи иқтисодии ҷамъият об ҳам дар доираи захираҳои нодир ва маҳдуд дохил шуда, ба радифи неъматҳо ва ё захираҳои иқтисодӣ ворид мегардад. Бинобарон дар конференсияи Дублин, ки соли 1992 тахти унвони «Об ва мувозинати экологӣ: масъалаҳои инкишоф дар қарни 21» баргузор шуда буд, қайд шудааст: «Об дорои арзиши иқтисодӣ мебошад ва новобаста аз истифодаи мухталиф, онро бояд ҳамчун мол эътироф кард».[1]

Дар ҳудуди ҷумҳурии мо 11,2 фоиз ҳавзаи захираҳои оби Осиёи Марказӣ воқеъ буда, 65 фоизи захираи оби ҳавзаи баҳри Арал ташаккул меёбад. Бояд қайд кард, ки ҳамагӣ 20 фоизи захираи обӣ ва ё 11,3 фоизи ҳаҷми ҳавзаи Арал истифода мешаваду халос. Чи тавре мебинем кишварамон аз захираҳои обӣ хеле бой аст, аммо истифодабарии он як қатор муаммоҳои ҷуғрофӣ ва иқтисодиро дорост.

Дар вилояти Суғд, беш аз 75 фоизи захираҳои обӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ истифода мешавад, ки он 152657 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Умуман, дар ҷумҳуриамон заминҳои обӣ беш аз 93 фоизи маҳсулоти кишоварзиро медиҳад. Аммо заминҳои обӣ ҳамагӣ 14 фоизи заминҳои истифодаи кишоварзиро ташкил медиҳад. Дар манотиқи шимоли ҷумҳуриамон 215,1 ҳазор гектар заминҳои обӣ мавҷуд

[1] Резномаи «Республика». 28.02.2001. с.4)

буда, заминҳои озоди обёришаванда 120 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Муайян шудааст, ки барои гирифтани 1 тонна гандум 1500 метри мураббаъ ва дар давраи вегетатсионӣ як га майдони ҷуворимакка 3000 метри мураббаъ, карам 8000 ва шолӣ 12000-20000 метри мураббаъ об сарф мешавад.[1]

Далелҳои дар боло зикршуда исбот мекунад, ки об ва заминҳои обӣ омили бузурги рушди иқтисодии соҳаҳои аграрӣ мебошад. Бинобарон мафҳуми замин-сармоя ва ё ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот имконият медиҳад, ки моҳияти иқтисодии раванди зироаткории обиро (обёришаванда) дарк намоем. Тамоми тадбирҳои беҳтаркунии хосияти замин, ки бо обёрӣ кардан алоқамандӣ дорад, метавон чун хосияти иқтисодии замин баҳо дод. Алоқамандӣ ва ягонагии замин бо системаҳои обёрикунанда, таҷҳизотҳои ирригатсионию мелиоративиро низ, бояд ба назар гирифт.

Дар ҳудуди ҷумҳурии мо 11,2 фоиз ҳавзаи захираҳои ҳосилнокии заминҳои обиро муайян карда, фаъолияти онро чун воситаҳои истеҳсолот таъмин менамояд. Бояд қайд кард, ки солҳои охир сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосии хоҷагии об ва дар вазъи ғайриқаноатбахш қарор гирифтани таҷҳизотҳои обёрикунандаву мелиоративӣ яке аз омилҳои кам шудани заминҳои обӣ гаштанд. Масалан, дар давоми солҳои 2000-2005 ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ беш аз 10 фоиз, аз он ҷумла мазраъ бошад 5 фоиз кам шудааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи коста шудани системаи обёриву мелиоративӣ қариб 25 фоизи ҳосили кишоварзӣ талаф мешавад.

Ба системаи обёрикунӣ ҳусни таваҷӯҳ зоҳир кардани ҳукумат ва зери ҳимояву назорати қатъӣ гирифтани ин омили асосии соҳаи аграрӣ, ҳам решаву зарурати таърихӣ дорад ва ҳам дар баробари маҳдудият пайдо кардани захираҳои обӣ, дар мадди аввали сиёсати аграрӣ бояд қарор гирад. Карл Маркс

---

[1] Ниг. ба фишурдаи маърезаҳои конфронси илмӣ-амалии хумҳуриявӣ таҳти унвони «Захираҳои оби Тохикистон ва истифодаи оғилонаи онҳо». Хуханд. 25.-26.04.2003. с.28,36,71

дар мақолаи худ таҳти унвони «Британское владычество в Индии» навишта буд, ки дар кишварҳои Осиё, аз давраҳои қадим идораи давлатӣ асосан ба се соҳаи муҳим аҳамияти ҷиддӣ медод: молия, ҳарбӣ, корҳои ҷамъиятӣ». Соҳаи сеюм асосан ба идораи истифодаи сарфакорона ва ҷамъиятии об машғул буд. Зеро системаи обёрии сунъӣ, ки асоси зироатчигии Шарқро ташкил медод, дахлпазирии мутамарказии давлатиро талаб менамуд. Идоракунии мутамарказӣ ва ҳамҷӯрии ҷамъиятӣ оид ба истифодаи об, инкишофи худро дар шароити ҳукмронии моликияти давлатӣ (дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ) бар захираҳои табиӣ ва ба нақшагирии мутамарказӣ боз ҳам васеътар ифода ёфта буд.

Ин анъанаҳо буд, ки бо баробари гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, оид ба истифодаи обу системаи обёрикунанда ва мелиоративӣ як қатор муаммоҳо пайдо шуданд. **Якум**, рафтори психологии ҷиддие, ки аз анъанаҳои шакли зиддибозории идоракунӣ боқӣ мондааст—ин тафаккур оид ба ғамхории давлат ба таъмини обёрӣ ва сохтору иншоотҳои обёрикунанда мебошад. Ҷамъияте, ки дар он обҳои кишт ҷузъи таркибии тарзи ҳаёти аҳолӣ аст, анъана шудааст, бояд аз ҳукумат кафолати бехатарӣ ва химояи худро ба системаи обёрӣ, талаб дошта бошад. Ин буд, ки бемасъулиятии хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ оид ба эҳтиёту таъмир кардани таҷҳизотҳои обёрикунанда то давраи муайян ба назар мерасанд ва ҳоло ҳам идома меёбад. Монеаи психологию иҷтимоӣ дар он аст, ки деҳқонон обро чун тӯҳфаи табиат, дар давраҳои тӯлонӣ истифода мебурданд. **Дуюм**, ҳарчанд тибқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон таҳти рақами 281 аз 25 июни соли 1966 истифодаи об пулакӣ шуда буд, бинобарон пардохтҳои мустақим набудан, ҳавасмандию масъулият оид ба сарфакорона истифода бурдани об пайдо нашуда буд. Захираҳои обҳои кишоварзӣ то ҳол самараноку оқилона истифода намешаванд. Масалан, барои парвариши пахта меъёри обёрӣ 4-8 ҳазор метри мурабба ба як га буда, аммо дар воқеъ 12-16 метри мурабба сарф мешавад.

Барои вилояти Суғд меъёри илмии обҳои кишт ба ҳисоби миёна барои ҳамаи растаниҳо 12,2 ҳазор метри мурабба тасдиқ шудааст. Коэффисиенти фаъолияти нафънокии бештари системаи обёрикунанда бо ҳисоби мутахассисони ин соҳа 0,5-0,6-ро ташкил медиҳад. Чунин бемасъулиятиҳо инкишофи равандҳои намакину ботлоқшавиро мусоидат кард, ки ба пастшавии ҳосилнокӣ ва аз майдони истифодаи кишт берун рафтанро боис гашт. Ин яке аз шаклҳои бар абас рафтани меҳнати ҷамъиятист, ки аз кор накардани фишангҳои иқтисодии хоҷагидорӣ ҳам дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам хоҷагии об мебошад. Хароҷоти изофаи воситаҳои нақлиётии оби системаи обёрӣ, низ оид ба коэффисиенти пасти системаи обёрӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин шароит андешидани чорабиниҳо оид ба истифодаи сарфакоронаи об ва баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои обӣ ба миён омадааст.

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар истифодаи обҳои кишт ва ташаккули нархи бозории он такмилу ҷоннок кардани фишангҳои иқтисодии зироаткории обиро мусоидат карда, муаммоҳои дар боло зикршударо ҳал хоҳад кард.

Ин раванд, аз як тараф водор мекунад, ки маблағгузории буҷавии хоҷагиҳои обро, ки нақлиёти онро то хоҷагиҳо таъмин мекунад, барҳам диҳад. Аз тарафи дигар-хоҷагиҳоро водор мекунад, ки таҷҳизонидану таъмири шабакаҳои дохилии обёрикунандаро суръатнок гардонанд.

Нархгузорӣ ба оби кишт танзиму такмилро талаб менамояд. Зеро муносибатҳои бозорӣ зарурати ба шароити якранг қарор гирифтани хоҷагиҳоро тақозо мекунад. Охир, имрӯз тафрикаи нарх ва иловаҳо барои шароити бади (объективии) хоҷагидорӣ вуҷуд надорад. Барои харидорони бозорӣ муҳим нест, ки дар кадом шароит маҳсулот истеҳсол шудааст. Масалан, нархи маҳсулоти кишоварзиро пеш аз ҳама сифати он ва вазъи таклифоту пешниҳоди бозор муайян мекунад. Ҳангоми истифодаи обҳои кишт ва фурӯши он бояд ҳосилнокии замин ва дигар омилҳои объективии истеҳсолоти

кишоварзиро бояд ба назар гирифт. Азбаски хоҷагиҳои об дар ноҳияҳову шаҳрҳо ба хосияти монополияи соф (табиӣ) ва бозори монополӣ шабоҳат дорад, бинобарон масъалаи ташкили истеҳсолот ва ташаккулёбии нархи обу хизматҳои ин ташкилот таҳлили васеи алоҳидаро талаб менамояд, ки оид ба натиҷаҳои тадқиқот дар китоби алоҳида ба чоп хоҳад расид.

# БОБИ 4. АХЛОҚИ ИҚТИСОДӢ

**Ҳар кас, ки дур аз даъвати раҳмон бувад,**
**Гадочашм аст, гарчӣ ӯ султон бувад.**

*Ҷалолиддин Балхӣ*

**«Ҳеч гоҳ касе аз фароҳамоварии неъматҳои гуногун барои худ даст накашидааст. Вале охир неъматҳои бузургтарин, ки инсон ба худ бахшида метавонад, мувоффиқи қонуни хиради хеш амал кардан аст. Ва ин қонун туро мефармояд, то ҳамеша барои дигарон хайру некӯиҳо бинамоӣ, ки ин сарвати олитарин барои худ бувад»**

*Марк Аврелий*

## 4.1. Коррупсия: моҳият, омилҳои авҷгирӣ ва оқибатҳои он

Шоири ширинбаёни тоҷик Гулназар фармудааст:

Эй Ватан !
Аз ту бихоҳам лаби ноне,
Ки набандад лаби ман.!

Таърихан тамоми пайғамбарон, пешвоёну дохиёни қавму миллатҳо, ҳодимони сиёсиву давлатӣ дар ҳама давру замон саъю кӯшиш ба харҷ медоданд, то ҷомеъае бунёд кунанд, ки дар он яке ва ё гурӯҳе мақоме дошта набошад, ки дигареро бихарад ва дигаре дар вазъияте қарор нагирад, ки маҷбур шавад худро бифурӯшад .

Бунёди чунин ҷомеаи идеалӣ орзуву ормони тамоми инсоният ва муборизаву ҷидду ҷаҳд ҳам, дар хусуси зина ба зина офаирниши он равона шудааст. Ва ин шоҳроҳи воқеии инкишофи тамаддуни инсонӣ аст. Ташкили давлат, ки тавлид андешаҳои ҷаҳонсози инсонӣ аст, ҷузъи таркибии тамаддун

буда, бунёди ҷомеаи солим, демокративу ҳуқуқ-бунёд маҳаки ҳадафи асосии онҳоро ташкил медиҳад.

Аммо, аз давраҳои қадим то имрӯз як падидаи номатлуб бо ном коррупсия дар паҳлуи ихтироъҳову тамаддунҳо, чун тарафи зид арзи ҳастӣ мекунад. Ин зуҳурот, агар сари вақт ошкор нагардаду, оид ба бартараф кардани он чораҳои қатъӣ дида нашавад, пас вай чун кирми себ аз дохил ҷомеаро хӯрда, ба пойдорӣ ва амнияти миллату кишвар хатари ҷиддӣ меорад.

Азбаски ин зухуроти номатлуб, махсусан, дар давраи гузариш аз як низоми хоҷагидорӣ ба низоми дигар, хеле ҷоннок гашта, шароити мусоид пайдо мекунад, зарур донистем оид ба назария, мафҳум ва решаҳои он боз як бори дигар назар афканем.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва публитсистӣ оид ба мафҳуми «коррупсия» ақидаву гузоришҳо ва таърифҳои мухталиф вомехӯрад. Умуман, коррупсия калимаи лотинӣ буда, маънояш ришва додан, яъне ришвахурӣ ва худфурӯшии шахсиятҳои барҷастаи ҷамъиятӣ, сиёсӣ, маъмурини давлативу хоҷагӣ ва мансабдорон дар назар дошта шудааст. Мафҳуми «коррумпироват», низ аз калимаи лотинӣ буда, маънои он касеро бо пул ва ё неъматҳои моддӣ харидан мебошад.[1]

Дар луғати калонҳаҷми русӣ - тоҷикӣ коррупсия чун ришвахурӣ ва фасодӣ маънидод шудааст. Миёни мардум, ҳам аксаран чунин баҳо медиҳанд. Бояд қайд кард, ки ин ҳодисоти негативӣ, яъне коррупсия маънои васеъ дошта, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро оид ба сӯистеъмоли вазифа, ки дар натиҷаи раванди ғайриқонунӣ ва ё ғайриадолатона аз худ кардани даромадҳо ва бойигариҳои ҷамъиятӣ ба амал меояд, ифода мекунад. Масалан, дар низоми ҳуқуқии Рум (римская право) маънои он, чун шикастан, вайрон кардан, хисорот овардан ва харидан баён шуда, ҳадафи фаъолияти зиддиқонуниро дар фаъолияти сохторҳои ҳифзи

[1] Лехин И.В. Петров Ф.Н. «Словара иностранных слов». М. 1954. с. 369.

ҳуқуқӣ ва суд доро аст. Чунин рафтор дар мафҳуми «korrupere» ифода меёбад. Ин мафҳум аз омезиши калимаҳои лотини «korrei», яъне якчанд ширкаткунандагон аз ҷонибҳои гуногун ва мафҳуми «rumpere» - шикастан, маъюб кардан, осеб ворид кардан, манъ кардан ба вуҷуд омадааст.[1] Пас мебинем, ки коррупсия ба мафҳуми васеъи «korruper» мубаддал гашта, фаъолияти мустақилеро, ки он амалиёти якчанд нафарро дар назар дошта, ҳадафи хароб кардан ва ё вайрон кардани раванди дурусти қонуниро дар роҳбарӣ, идораи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайраҳо дорад. Ҳамин тариқ, коррупсия падидаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ буда, ҳадафи шикаст додани дастгоҳи роҳбарӣ ва барои манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ ҳал кардани масъалаҳои ғаразнок, истифода бурдани маъмурон ва коркунони давлатӣ мебошад. Дар роҳномаи СММ «Доир ба мубориза ба муқобили коррупсия» - ин ҳодисоти нангин чун сӯистифодаи вазифаву мансаб барои ба даст овардани даромади шахсӣ муайян гардидааст. Аз нигоҳи назариявӣ, шахси мансабдор имконият дорад, ки захираҳоро на барои манфиатҳои ҷамъиятӣ, (коллективи меҳнатӣ), балки барои талаботҳои шахсии худ тақсим намояд ва ё истифода барад. Ин имкониятҳо ҳар лаҳза, дар шароити мусоид, метавонад ба вукӯъ ояд.

Гузариши Ҷумҳури Тоҷикистон ба низоми нави иқтисодӣ, (бозорӣ), ки давраи муайяни таърихиро талаб менамояд, аз як тараф, ҷангҳои бемаънии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-ум, аз тарафи дигар, барои авҷ гирифтани зухуроти коррупсионӣ шароити мусоид фароҳам овард. Умуман омилҳое, ки инкишофу авҷгирии коррупсияро ба вуҷуд овroutand, метавонем ба гурӯҳои зерин тақсим намоем.

**Якум** ҳанӯз, дар Давлати шӯравӣ, пас аз солҳои 80-ум, ин зуҳурот фарогирии худро пайдо карда буд. Низоми ҳукуқии Иттиҳоди шӯравӣ на танҳо мафҳуми пурраи коррупсияро дар бар намегирифт, балки он ба анъанаҳои фарҳангӣ ва миллии

[1] Шамолов А.А. Коррупсия нигоҳе ба сайри таърихии он. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз», №1.с.2005.с131.

ҳар як халк чандон мувофиқ набуд. Дар он замон маҳфуми коррупсияро марбут ба ҷомеъаи буржуазӣ дониста, ба муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодии он мепайваст. Ин мафҳум дар асноду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба расмият шинохта нашуда, ба мафҳумҳои «порахурӣ», «сӯистифода аз мақомоти давлатӣ» «чашмпӯшӣ» ва ғайраҳо истифода мешуданд. Дар мактуби пӯшидаи Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ «Доир ба пурзӯр намудани мубориза ба муқобили порахурӣ ва дуздии моликияти халқӣ» аз 29 марти соли 1962 зикр гардидааст, ки порахурӣ ин «падидаи иҷтимоӣ буда, маҳсули ҷомеъаи истисморӣ ба ҳисоб меравад».[1] Чунин идеология ва баҳодиҳӣ буд, ки ин зуҳуроти номатлуб дар санадҳои ҳуқуқӣ чандон инъикоси мушаххаси худро наёфта, ба авҷгирии решаҳои он дар солҳои 80-ум шароити мусоид овард. Пас аз пошхурии Қудрати Шӯравӣ ва истиқлоли давлатии ҷумҳуриҳои бародар, он хусусияти байналмиллалӣ гирифт.

**Дуюм.** Гузариш ба иқтисоди бозори ва либерализми муносибатҳои иҷтимоии- иқтисодӣ, авҷгирии ин ҳодисотро мусоидат кард. Зеро ин гузариш бе таҳияи санадҳову меъёрҳои ҳукуқии онҳо, эълон шуда буд. Дурусту дақиқ дарк накардани мазмуни муносибатҳои бозорӣ, аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ, ташаккули шуури иқтисоди бозориро боздошт, ки дар натиҷа омодагӣ ва фаъолияти онҳо дар низоми нави иқтисодӣ бешуурона ва тангназарона буд. Ин ҷараён буд, ки қариб кулли субъектҳои иқтисодиву сиёсӣ тибқи аслҳои воқеии бозор фаъолият карда натавониста, балки худ объекти «хариду фурӯш»гаштанд. Умуман, либералӣ шудани муносибатҳои ҷомеа «пардаи шарм» - ро рабуда, рафтори бештари ашхосон аз доираи назми ахлоқ берун рафт. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудан ва ё маҳдудияти заминаҳои ҳуқуқии гузариш ба низоми нави иқтисодӣ, дар ибтидои солҳои 90-ум ба вусъат ёфтани ҳодисоти коррупсионӣ мусоидат карда, ин зуҳурот ба рафтори қариб ки оммавӣ мубаддал гашт. Ба ин раванд,

---

[1] Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». №1 2005 С.133

ҷангҳои бемаънии шаҳрвандӣ, низ суръат бахшид. **Сеюм.** Муносибатҳои бозорӣ барои рушди қонунҳои табиӣ инкишофи иқтисодӣ, яъне мубориза барои ҳаёт, рафтори эгоистии фардӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар ин шароит, ҳар як фарди ҷомеа ҷуръат дорад, ки ба кадом роҳе набошад (албатта, роҳи осонро меҷӯяд) даромад пайдо кунад. Барои соҳибмансабон ва маъмурин имконияти бо ришваситонӣ пайдо кардани даромад вуҷуд дорад. Онҳо бо ин роҳ, на танҳо талаботҳои моддии худро қонеъ мегардонанд, балки ҳирси ғун кардани бойгариву амвол авҷ мегирад. Бинобарон, метавон гуфт, ки коррупсия яке аз сарчашмаҳои андӯхти аввалин сармоя, низ мебошад.(ҳарчанд ин сармоя ба мақсад истифода нашавад ҳам). Хизмтчиён ва гурӯҳи дигари кормандон, ки маоши ночиз доранду аз рафтори соҳибмансабону маъмурин бохабаранд, онҳо низ ҷуръат доранд, ки барои пардохти нархи зиндагӣ ва пур кардани «сабати истеъмолӣ» даромадҳои иловагиро бо тариқи ришва пайдо кунанд. Ҳамин тариқ ҳодисоти коррупсионӣ хосияти занҷирӣ пайдо мекунад.

**Чорум**. Урфу одатҳои милливу фарҳангӣ, этникию институтҳои ғайрирасмӣ, низ метавонанд омили инкишофи коррупсия гарданд. Ҳаким Носири Хисрав фармудааст:

Адл ворисi ҳама осори ақли пок аст,
Ақл офтоби дил асту адл аз он зиёдаст

Дар ҳақиқат, дар ҷомеае, ки маърифату фарҳанг рӯ ба таназзул мениҳад, барои инкишофи ҳодисоти коррупсионӣ имконияту шароитҳои васеъ фароҳам меояд. Дар давраҳои 5-6 соли аввали истиқлолияти давлатиамон тамоили таназзули маърифату фарҳанги ҷомеамон мушоҳида мешуд. Метавон таъкид кард, ки аз ҳар се нафар мардуми коршоям ду нафари он, на танҳо мазмуни Сарқонуни ҷумҳуриямонро, балки аз чанд модда иборат будани онро намедонанд. Қонунҳову меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодиро, низ ба дараҷаи

кофӣ намедонанд. Пас, онҳо на танҳо талаб кардани қонунро, балки ҳимояи ҳуқуқу озодии худро чӣ тавр амалӣ мекунанд?!

Мардуми шарифи Тоҷикистон хеле бо тамкину дурандеш мебошанд. Онҳо сулҳу ризояти миллие, ки бо талошҳои пайгиронаи Сарвари давлатамон, мӯҳтарам Эмомалии Раҳмон ба даст омадааст, чун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, аз кулли ҳодисотҳои пасту номатлуб боло мегиранд. Бинобарон, ба корҳои номатлуби нангини баъзе соҳибмансабону маъмурин чашм мепӯшанд ва онҳоро ба ҷазои Султони Ҳақ месупоранд. (Ба хотире, ки оромии кишвар пойдору ҷовидона бошад.) Бархе мардуми кишвар зери шиори «шӯхӣ макун ба арбоб, ӯ мезанад ба ҳар боб» фаъолият карда, аз фош кардани зуҳуроти коррупсионӣ худдорӣ мекунанд ва худро ба канор мегиранд.

Пас, мебинем, ки дарку таҳлили омилҳои дар боло зикршуда, барои таҳияву такмили санадҳои ҳуқуқӣ, фишангҳову дастгоҳи бартараф кардани зуҳуроти коррупсионӣ ҳидмат мекунад. Ин кор на танҳо вазифаи Ҳукумат ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ мебошад, балки дастҷамъии фаъолияти кулли азҳобҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, зиёиён ва ҳар як фарди ҷомеа низ аст Дар ин кори неки солимгардонии ҷомеа таҳияи Идеологияи ягонагии Миллӣ, низ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Чи тавре, ки дар боло зикр кардем, коррупсия, низ дар паҳлӯи дигар зуҳуротҳои номатлуб (экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона, нашъаҷаллобӣ ва ғ.) амнияти давлату ҷомеаро халалдор сохта оқибатҳои зеринро меорад. **Якум**, ҷомеъа, сохтор ва аҳли меҳнатӣ, ё ки онро коррупсия чун заҳрпечак фаро гирифтааст, омилҳои рушд, ташаббусу эҷодкориҳо, меҳанпарастию худшиносии миллӣ ва хислатҳои инсондӯстиро пахш карда, маҳдуд мекунад. Соҳибмансабу маъмурини нопок дар ин шароит тамоми арзишҳои милливу умумбашариро ба пулу бойигарии моддӣ, чен мекунанд. Ин ҷараён, пойдории давлату ҷомеаро таҳдид мекунад. «Агар дар кишвар даҳ ҳаромхур бошад, ҳоким наметавонад, ки як нафареро пайдо кунад, то дар мудофиа ё ҳуҷум истифода барад – таъкид

кардааст Шан Ян ҳокими вилояти Хитой дар асри 4 то мелод».[1]* Бояд қайд кард, ки маҳз авҷгирӣ ва ба ҳадди аъло расидани ришвахурӣ дар замони бозсозии горбачёвӣ, яке аз сабабҳои асосии заиф гаштани низоми давлатдорӣ ва шикасти сиёсии ин давлат гашта буд. «Дар ёддоштҳои дастгоҳи раҳбари КМ ХКИШ «Доир ба пурзӯр намудани мубориза ба порахурӣ дар солҳои 1975-1980»,ки таърихи сабти он 21 маи соли 1981 мебошад, чунин омадааст, ки дар соли 1980 беш аз 6 ҳазор ҳодисаҳои порахурӣ муайян гардиданд ва ин нисбат ба соли 1975 50% зиёд мебошад».[2] Пас, дар замони бозсозӣ авҷгирии он боз ҳам суръатнок шудааст. Умуман, қави гаштани робитаҳои сохторҳои тафтишотӣ бо гурӯҳҳои ҷиноятпеша, порахурӣ дар сохтори ҳифзи ҳуқуқ, дастнорас будани роҳбарони воломоқоми давлативу ҷамъиятӣ соҳибмансабони маъмурии барои сохторҳои тафтишоти ва ғ. заиф гаштани пояҳои идеологияи сиёсӣ, назорати мутамарказонидашударо мусоидат намуда, метавонад пойдориву устувории давлату ҷомеаро суст кунад.

**Дуюм.** Ин ҳодисоти номатлуб баробарии табиӣ, иқтисодӣ ва адолати иҷтимоиро поймол мекунад. Вақте ки ин зуҳуроти номатлуб хосияти (паҳноии) занҷирӣ мегирад, алоқаву муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҷомеъ на ба тақсимоту кооператсияи меҳнати судманду нафъовар такя мекунад, балки бо туфайли тақсимоти даромадҳои ғайриқонунӣ (ғайриадолатона) соҳиб мешавад. Яъне, муносибатҳои иқтисодӣ - иҷтимоии воқеӣ аз меҳвари худ дур шуда, муносибатҳои негативии ғайриадолатона, махсусан дар доираи тақсимот, афзалият пайдо мекунад. Дар иқтисодиёти ҷомеъа хароҷоти бюрократӣ, транссаксионӣ (хароҷоте, ки барои нигоҳ доштани институтҳои низоми иқтисодӣ сарф мешавад) ва оппортунистӣ ба мисли «шустани» (отмывание) захираҳои молиявӣ, рӯйпӯш кардани камбудиву зарарҳо ва ғайраҳо баланд мешавад. Коррупсия бечунучаро барои инкишофи

---

[1] Рӯз. «Минбари ҳалқ». 17 августи 2005

[2] Шамолов А.А. Коррупсия: нигоҳе ба сайри таърихии он. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз» №1.2005.с128)

«иқтисодиёти таги ях» ва ё «сиёҳ» шароити мусоид фароҳам меорад.

**Сеюм.** Коррупсия ҳодисоти «эрозия»-и захираҳои меҳнатии фаъолро ба вуқӯъ меорад. Махсусан, кормандони ташаббускору зеҳни солиму қавӣ дошта, аз азоби виҷдон дилгир шуда, маҷбур тарки корхона мекунанд. Зеро бо ин қабил коргарони адолатҷӯю поквиҷдон коррупсионерон муросо намекунанд. Охир шиори онҳо (коррупсионерон) бо қавли Шайхурраис Ибни Сино «Ҳарк-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд». Дар натиҷа «ихроҷи» (утечка) кадрҳои соҳибтаҷрибаву баландихтисоси бовиҷдон ба вуқуъ омада, аз кишвар берун меравад. Бояд дарк кард, ки мутахассиси варзидаву кордон чун захира, сармоя ва ё омили иқтисодии нодир буда, барои коргоҳ «рентаи мутлақ» (даромади изофагӣ) меорад. Зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ манфиатҳои шахию гурӯҳиро боло гирифта ин рентаи барои ҷомеа судмандро маҳв мекунанд. Ин омили нодир - сармояи интеллектуалиро давлатҳои хориҷии ба тамаддунрасида хеле қадр карда, эҳтиёт мекунанд. Ва ҳатто аз дигар кишварҳо бо арзиши баланд мехаранд.

**Чорум**. Дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа нобоварӣ барои фардо, оид ба зиндагии ояндаи насли худ ҳис мешавад. Вақте ки ӯ барои ба кор таъмин кардани фарзандони худ, муолиҷаи бемори, хонондану ихтисос додан, ҳимояи ҳуқуқӣ ва ғ. муроҷиат кунаду тамаъ талаб шавад, пас вай аз фазои ҷомеа дилгир мешавад. Ин вазъиятро, метавонад ҳар гуна азҳобҳои сиёсиву ҷамъиятӣ барои манфиати гурӯҳиву мансабталошии худ истифода бурда, халқро чун бозичаи бозори сиёсии худ истифода кунад. Хушбахтона, Президенти кишварамон мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомати ҳифзи ҳуқуқ ба муносибати 80 солагии Прократураи Тоҷикистон, 28 декабри соли 2004 оид ба мубориза зидди ин зуҳуроти номатлуб хеле возеҳона ва қотеона ибрози назар карданд. Чунонки, дар асари «Артхашастра»-и ҳиндуёни қадим

қайд шудааст, ришвахуриро мисли обнӯшии моҳиён дар оби шинокардаашон ташхису муайян кардан мушкил аст. Бинобарон, мубориза алайҳи он саъйю кӯшиши тамоми мардум ва баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеаро талаб менамояд.

## 4.2. Иқтисодиёти ғайрирасмӣ: моҳият ва нишондиҳандаҳо

Вақте мо таъкид мекунем, ки маҷмӯи маҳсулоти миллии кишварамон соли 2010 нисбат ба панҷсолаи қаблӣ 2 маротиба меафзояд, бархе ашхосон, шояд дар шубҳа оянд .Бояд дарк кард, ки дар мавриди пойдории сулҳу оромӣ дар ҷомеа иқтисодиёт бо маҷрои табииаш бефосила инкишоф меёбад. Аммо муаммо дар он аст, ки нобаробарии тақсими захираҳои иқтисодӣ ва даромадҳо ба вуқӯъ омада фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба назар мерасад.Дар натиҷа қариб 40-50 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар рақамҳои омории расмӣ инъикос намеёбад. Бинобар он мо тасмим гирифтем, ки оид ба моҳият ва сабабҳои фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ ибрози назар кунем.

Бозор, умуман, муносибатҳои бозорӣ ба фаъолияти иқтисодии субъектҳо ҷараёни табии мебахшад. Новобаста аз хосияти ғайримуташаккилӣ (стихиявӣ) вай фишангест, ки масъалаҳову ҳадафи иқтисодӣ, ки назди ҷомеа қарор дорад, ба иҷро мерасонад. Аммо ин кор на ҳама вақт ва на ҳама ҳолат ба вукӯъ меояд. Муаммоҳои иқтисодие ҳастанд, ки бозор онро наметавонад ҳал кунад: тавлиди неъматҳои истифодаи умумиҷамъиятӣ, бартараф кардани тафрикаи даромадҳо ва нобаробарии ичтимоӣ-иқтисодии табақаҳои мухталифи ҷомеа, бехатарӣ ва ифлосшавии муҳити зист ва ғ. Зеро муносибатҳои бозорӣ, ҷараёнҳои табиии фаъолият ба амалиёти «дасти ноаён» нерӯ бахшида, рафтори эгоистии одамонро авҷ мегиронад, ки дар натиҷа ҳодисоти харобоварро ба вукӯъ мепайвандад. Чунин ҳодисотро дар адабиётҳои иқтисодӣ «фиаско-бозор» меноманд.

Дар ҳамин шароит, зарурати истифодаи фишангҳои давлатии танзими иқтисодиёт ба миён меояд. Пеш аз ҳама, мақоми давлат дар назму таъмини ҳуқуқии фаъолиятҳои фишангҳои бозорӣ , бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Аз тарафи дигар, ҳеч кас тасдиқ карда наметавонад, ки гӯё тамоми муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ҳаллу фасл мешавад, агар давлат харобаҳову самараҳои манфии бозорро бартараф ва ё рӯйпӯш кунад. Охир, «фиаско- давлат» ва ё фиаско танзими давлатӣ, низ вуҷуд дорад. Зери ин мафҳум, тақсими ғайрисамараноки захираҳову даромадҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи дахлпазирии давлатӣ ба вукӯъ омадааст.Тарафдорони назарияи интихоби ҷамъиятӣ ба хулоса меоянд, ки маҳз бо сабабҳои иқтисодӣ нобаробариҳои сиёсӣ миёни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва аз ин ҷо қарорҳои ғайрисамаранокӣ ва ё ба манфиати умумимиллӣ номувофиқ, яъне фиаско - давлат ба вукӯъ меояд. Масалан, нобаробарӣ барои дастрас шудан ба ахбор, мавҷуд набудани шаффофият дар иҷрои қарорҳои ҳукуматӣ, фаъолияти бевиҷдононаи баъзе соҳибмансабони давлатӣ (бюрократияи давлатӣ) ва ғайраҳоро метавон ба радифи фиаско-давлат дохил кард. Арбобони сиёсиву давлатӣ, табиист, ки мисли одамони оддӣ оид ба манфиати шахсии худ фикр мекунанд. Ин ҷо, имконияти боло гирифтани манфиатҳои шахсии онҳо, нисбат ба манфиати ҷамъиятиву давлатӣ вуҷуд дорад. Дар ин раванд, рафтори баъзе хизматчиёни давлатӣ аз доираи қонуни хирад берун рафта, ҳиссиёту қарзи давлатии худро гум мекунанд. Ҳамин тариқ, фиаско бозор ва фиаско давлат дар зиддият ва ягонагӣ сабаб ва омили пайдоиши иқтисоди пинҳонӣ ва ё доираи фаъолияти «зериях̣ӣ» ( ғайрилегалӣ) мегардад.

Бархе хизматчиёнӣ давлатӣ истифода аз ҷараёни озоду ғайримуташаккили бозор манфиатҳои шахсии худро, (ки бештар пинҳонӣ аст) амалӣ мекунанд. Субъектҳои бозорӣ (соҳибкорон, банкирон, монополистон ва ғ.) бошанд, истифода аз намояндагони «лоббист»-и худ дар ҳокимият, ҷуръат доранд,

қарору қонунҳои давлатро ба манфиати худ ҳал кунанд ва «рентаи сиёсӣ» ба даст оранд.

Фаъолият дар доираи иқтисоди пинҳонӣ бо гузар кардан аз санадҳои қонунӣ идома меёбад. Яъне, бидуни иҷрои санадҳои қонунӣ ва ё саркашӣ кардан аз меъёрҳои қонунии амалиётҳои иқтисодӣ, фаъолият бурда мешавад. Дар ин ҷо, ду гурӯҳ ва ё типпи фаъолияти пинҳониро метавон таъкид кард. **Якум**. Фаъолиятҳои иқтисодӣ, ки мутобиқи санадҳои қонуни амалкунанда манъ набуда, аммо онро одамон бо вайрон кардани қонунҳои андоз ба иҷро мерасонанд. Яъне даромадҳои худро декларатсия намекунанд. Масалан, дарсҳои иловагии устодон дар хонаву утоки корӣ, дуредгарӣ, хизматҳои тиббӣ, истеҳсоли хонагии маҳсулоти ғайристандартӣ ва ғ. Чунин ҳодисоти пинҳонӣ аз як тараф, аз рафтори эгоистии истеҳсолгарону фурӯшандагон ояд, аз тарафи дигар, норасоиҳову нотакмилиҳои меъёру санадҳои қонунӣ, низ заминаи мусоид месозад.

**Дуюм**, фаъолиятҳое, ки санадҳои қонунӣ манъ кардааст. Яъне фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ба мисли истеҳсол ва фурӯши маводи муқаддир, аслиҳаҳои ҳарбӣ, одамфурӯши, фоҳишагӣ ва ғ., ки на танҳо ба инкишофи иқтисоди пинҳонӣ суръат мебахшад, балки ба ҷараёни танзими иқтисодии давлат зарба мезанад ва ба пойдории ҷомеъа таҳдид меорад. Ришвархурӣ, «шустан»-и маблағҳои мақсаднокро, низ (баъзе иқтисодчиён) ба ин гурӯҳ ва ё типология дохил мекунанд.

Оид ба ошкор кардани фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва мубориза алайҳи онҳо сохторҳои масъули давлатӣ амалиётҳо мебаранд, ки мо тариқи расонаҳои ахбор ва гузоришҳои махсус огаҳӣ пайдо мекунем. Масалан, фақат дар як шаҳри Конибодом, аз тарафи полиси андоз дар нимаи аввали соли 2006 ошкор шудааст, ки 45 тонна сӯзишвории дизелӣ ба маблағи 65000 сомонӣ таври қочоқ, яъне бо тартиб додани ҳуҷҷатҳову мӯҳри қалбақӣ ба хоҷагӣ даромад шуда, аз андозсупорӣ пинҳон шудааст, ё ин ки зардолуи яке аз

хоҷагиҳои деҳқонӣ аз тарафи шахси миёнараве ба маблағи 22000 сомонӣ фурӯхта аз худ шудааст.[1]

Дар амалия бархе корхонаву субъектҳои иқтисодӣ дар мавриди хариду фурӯши захираву ашё, нархи онро яктарафаву нисбат ба нархи бозорӣ паст муайян карда, даромади воқеиро кам мекунанд ва бинобарон бузургии андозро, низ ночиз мекунанд. Масалан, дар бештари шартномаи тарафайн сармоягузорони соҳаи пахтакорӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳолатҳое вомехуранд, ки нархи хариду фурӯши чигит муайян намебошад. Бинобарон, бисёр сармоягузорон нархи чигитро яктарафа ба манфиати худ муайян мекунанд. Полиси андози шаҳри Конибодом ошкор кардааст, ки бархе сармоягузорони соҳаи пахтакории ноҳия бо баҳонае, ки хоҷагиҳо аз ӯ қарздоранд, бе маслиҳати пешакӣ бо роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ чигитро ба корхонаи равған фурӯхта ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бо нархи 35 дирами ҳисоб намудааст. Ҳол он ки нархи бозории чигит ба ҳисоби миёна 55 дирамро ташкил медиҳад. Аз рӯи ҳисоби пешакӣ, фақат ду сармоягузор 6611,6 т. чигити хоҷагиҳои ноҳияи Конибодомро бо нархи яктарафа муайян карда, яъне 35-39 дирамӣ фурӯхта ба ҳисоби миёна ба хоҷагиҳо ба маблағи 1321, ҳазор сомонӣ зиёни иқтисоди расонидааст.[2] Табиист, ки зиёни иқтисодӣ - ин паст шудани даромадҳо (ки бо таври сунъӣ ба вуҷуд омадааст) ва мутобиқан паст шудани ҳаҷми андоз ба буҷаи давлат мебошад. Ин мисолҳо, як заррае аз фаъолияти нимсолаи полиси андози як шаҳр мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар тадбиқи қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» суди иқтисодӣ, низ саҳми назаррас дорад. Масалан, дар суди иқтисодии ҶТ дар вилояти Суғд таи солҳои 2005-2006 аз 752 иҷроварақаи судӣ 296 тоаш (қариб 40 фоиз) оид ба рӯёнидани боҷи давлатӣ буд, ки онҳо сари вақт ба нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят фиристода шуда будаанд. Маблағи умумии ба буҷети давлатӣ ворид гардидани маблағи

---

[1] Ниг. муфассал ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» №34 16.08.06.

[2] Ниг.муфассал ба рӯз. «Боҷу хироҷ» №34. 16.08.06 с.6.

боҷи давлатӣ, аз он ҷумла пардохти он зимни пешниҳоди даъво ва бо назардошти иҷроиши санадҳои судии солҳои қаблӣ қабулшуда 203339 сомониро ташкил дод.[1]

Новобаста аз суръат гирифтани ислоҳот дар ҷумҳурӣ, боз зарур аст корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Умуман, мардум ва алалхусус фардҳое, ки ба соҳибкорӣ машғуланд ба меъёру назомномаҳои дақиқ, эҳтиёҷ доранд. Масалан, номгӯи нави маҳсулот ва намудҳои хизматрасонӣ барои сертификати хатмӣ ва музди ин сертификатсия барои омма дастрас намебошад ва дар мавриди дархост онро пайдо кардан мушкил аст. Ашхосоне, ки бо он шинос ҳастанд, мегӯянд, ки дар он зиёда аз 2000 номи маҳсулот ҳаст ва он ҳам бошад на кам аз 15 сол пеш тахия шудааст. Бинобарон, вай кафолати ҳимояи мардумро аз маҳсулоти пастсифат таъмин карда наметавонад ва ҳамзамон, барои истеҳсоли маҳсулоти ғайристандартӣ ва инкишофи иқтисоди пинҳонӣ шароити мусоид меоварад. Ё ин ки, мисоли дигар. Таъғйири дастури нав ба Кодекси андоз, ки аз моҳи январи соли 2005 мавриди истифода қарор гирифта буд, то имрӯз идома дорад. То даме, ки ба ин кор хотима дода нашавад, ҳар як нозири андоз ин кодексро бо таври барои худ муфид шарҳу эзоҳ медиҳад, ки ниҳоят боз ба рушди иқтисоди пинҳонӣ мусоидат хоҳад кард.[2]

То имрӯз муаммоҳое марбут ба ҳимояи ҳуқуқи моликият вуҷуд дорад,ки дар натиҷа масалан, ноадолатона ҷудо кардани қитъаҳои замин ва иҷрои шартномаҳо, пинҳонӣ арзи вуҷуд кардани хариду фурӯши замин ва ғ. мушоҳида мешавад. Мураккабӣ дар танзиму идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ, назорати чандинкаратаи бемазмун ба афзоиши пардохтҳои ғайрирасмӣ ва хароҷоти трансактсионӣ мусоидат кардааст. Бо ин пардохтҳо соҳибкорон беш аз 20 фоиз даромади худро харҷ мекунанд. Дар ҳамин бузургӣ, яъне беш аз 20 фоизи хароҷоти нақлиёт дар боркашонии дохилӣ ба пардохти ғайррасмии

---

[1] Рӯз. «Соҳибкор» 11. октябр соли 2006 с.5.
[2] «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз» №1. 2006 .с 10.

нуқтаҳои назоратӣ-иҷозатдиҳӣ масраф мешавад. Бештари соҳибкорони ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ дар муҳити фаъолияти соҳибкории мураккаб қарор доранд. Бинобарон, ҳар яки онҳо ҷуръат доранд муҳити худии иқлими соҳибкориро ҷӯянд, ки он муносибатҳои ноустуворро бо хизматчиёни давлатӣ ва дигар сохторҳо дарбар мегирад. Ин раванд, бешубҳа мавҷудияти иқтисодиёти пинҳониро боис мегардад, ки ҳаҷми фаъолияти он беш аз 25 фоизи МММ-ро ташкил медиҳад.[1] Илова бар ин, дар натиҷаи ба вукӯъ наомадани сарчашмаҳои ҳавасмандкунию танзими андоз миқдори корхонаҳои хурди соҳибкорӣ (шумораи коргаронаш то 10 нафар) сол аз сол кам шуда дар шакли соҳибкории фардӣ фаъолият дорад. Ин раванд, боз ҳам барои инкишофи иқтисоди пинҳонӣ шароит мусоидат мекунад.

Акнун саволе ба миён меояд, ки оё фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмиро чен кардан мумкин аст? Агар иқтисодиёти пинҳонӣ ба низоми муҳосиботи миллӣ инъикос меёфт, пас онро иқтисоди пинҳонӣ наменомидем. Маҳз чунин аст, ки таҳлилҳои илмии иқтисодӣ такя ба факту рақамҳо омории расми, қонуниятҳои инкишоф ва ҷараёнҳои таркибию тағйирёбии фаъолияти иқтисоди воқеиро чандон мушаххас ва ё шаффоф арзёбӣ карда наметавонанд. Илова бар ин, идоракунӣ, ки зинаҳои ҷамъи ахбори ибтидоӣ, тахлил ва баъд қабули қарорҳоро дар бар мегирад, низ таъсирбахш, судманд ва ё мақсаднок намегардад.

Бояд таъкид кард, ки СММ соли 1993 пешниҳод карда буд, ки кишварҳо дар низоми муҳосиботи миллӣ фаъолияти иқтисоди пинҳониро инъикос намоянд. Муаммо дар он аст, ки чӣ тавр фаъолияти иқтисоди пинҳониро дар низоми муҳосиботи миллӣ инъикос намоем? Азбаски агентҳои ин сектори иқтисодӣ декларатсияи андозӣ намедиҳанд, бинобарон, фақат баҳодиҳии ғайримустақими фаъолияти

---

[1] Таджикистан. «Диагностическое исследование в области торговли»- Документ Весмирною банка. № 32603-Tj -30 июня 2005 – с29.

онҳоро, мо метавонем, каме ба иҷро расонем. Барои ин иқтисодчиён як қатор нишондиҳандаҳоро, ки метавонанд фаъолияти сектори пинҳониро инъикос кунанд, пешниҳод карданд. Аммо вобаста ба интихоби ин тарзу услубҳо натиҷаҳо якранг нахоҳад буд. Маъмултарин ин тарзу услубҳоро баррасӣ мекунем.

**Якум**. Таҳлили таклифот бо пулҳои нақд. Иқтисодиёти пинҳонӣ қисми зиёди пулҳои накдро фурӯ мебарад. Зеро фаъолияти ғайри-легалӣ (пинҳонӣ) дар кишвар бо пулҳои нақд амалӣ мегардад. Ин ҷо, албатта, пулҳои накди аҳолӣ, ки асосан ҳадафи мубодилоти истеъмолиро дошту таклифот бо пул ҳамчун пул ба вукӯъ меояд, бояд истисно (тарҳ) кард. Дар ин шароит арзиши пулҳои нақд нисбат бо пулҳои ғайринақдӣ боло рафта, назми фаъолияти бонкию қарзӣ коста мешавад. Ҳамин буд, ки миёни солҳои 90-ум як рубли накд ба 1,25 рубли ғайринақдӣ қурб дошт.

**Дуюм**. Ҳисоб кардани хароҷоти нерӯи барқ. Азбаски нерӯи барқро захира кардан ғайриимкон аст, бинобарон болоравии дараҷаи харҷ ва ё истеъмоли онро нисбат ба дараҷаи рушди МММ, чун нишондиҳандаи фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ метавон баҳо дод. Яъне, фарқияти бузургии болоравии хароҷоти он нисбат ба дараҷаи рушди МММ оид ба истифодаи он дар сектори ғайрилегалӣ тавсия медиҳад.

**Сеюм**. Фарқият миёни захираҳои меҳнатии воқеиӣ ва расман ба ҳисоб гирифташуда. Охир, бештари захираҳои меҳнатӣ дар кишвар ба сафи бекорон қарор доранд ва онҳо ба пуррагӣ дар марказҳои шуғли аҳолӣ сабт нашудаанд. Аммо, онҳо бозори ғайрасмии меҳнатро (мардикорон) ташкил карда, фаъолияти иқтисодӣ мебаранд, даромадҳо ба даст меоранд, ки ба МММ-и кишвар инъикос намеёбад.

**Чорум**. Фарқият миёни даромадҳо ва хароҷоти ҷамъият. МММ-ро ҳам дар асоси ҷамъи хароҷот ва ҳам ҷамъи даромадҳои ҷамъиятӣ муайян кардан мумкин аст. Охир, даромади яке аз субъектҳо хатман барои дигар субъект хароҷот

мебошанд ва баръакс. Агар ин мувозинат вайрон бошад, пас фаъолияти иқтисодии пинҳон вуҷуд дорад.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ чун тарафи муқобил ва ё акси иқтисодиёти миллӣ дар тамоми кишварҳои дунё арзи ҳастӣ дорад. Сатҳи пастравии он бо ташаккулу такмил ва пухтарасии ҷомеаи қонунбунёд алоқамандии аксӣ дорад. Баҳодиҳии доираи иқтисодиёти ғайрирасмӣ истифода аз тарзу услуби таҳлили таклифот ба пулҳои накд, дар ибтидои асри 21 барои кишварҳои зерин, чунин натиҷа додааст. Яъне, вазни қиёсии он дар Маҷмӯи маҳсулоти миллии давлатҳо ба ҳисоби фоиз чунин буд: Италия-27,2, Шветсия-19,5, Фаронса-14,8, Олмон-14,7, Британияи Кабир-13,0, ИМА-8,8, Шветсария-7,8, (Экономическая теория преступления и наказания. Реферативны журнал, М. РГГУ-2000, выпуск 2. Неформальный сектор экономики зарубежном с.122). Дар Русия, аз рӯи далелҳои расмӣ, вазни сектори иқтисоди пинҳонӣ дар МММ 20-25 %ро ташкил додааст. Баҳодиҳии алтернативӣ, яъне бо истифоди аз тамоми тарзу услубҳо ин нишондиҳанда аз 20 то 50%-и МММ-ро дарбар гирифтааст.[1]

[1] Экономическая и философская газета №48 декабр 2006 с.3.

# БОБИ 5. ИЛМУ МАОРИФ ОМИЛИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Адл аст ворисӣ ҳама осори ақли пок,**
**Ақл аст офтоби дилу адл аз ӯ зиёст.**
**Носири Хусрав**

**«... аз кулли халкҳо ҳамон халқ доимо бузург мемонад, агар вай дар сохаи тафаккуру дониш аз дигрон афзалият дошта бошад».**
**А. Эйнштейн**

## 5.1. Бӯҳрони ақлӣ ва роҳҳои раҳоӣ аз он

Моҳи октябри соли 1998 дар шаҳри Париж зери сарпарастии Юнеско, Донишгоҳи СММ ва дигар ташкилотҳои байналмиллалӣ Конфронс оид ба маълумоти олӣ доир гашта, дар он Декларатсияи байналмиллалиро оид ба маълумоти олӣ барои асри 21 қабул намуда буд. Дар назди соҳаи маориф, бахусус, муассисаҳои таълимоти олии касбӣ вазифаҳои хеле муҳиму муқаддас қарор дорад, ки иҷрои онҳоислоҳоти куллӣ ва қаъран азнавкунии ин соҳаро тақозо мекунад-таъкид шудааст дар Декларатсия. Ин ислоҳот сатҳ ва бузургии басо баланду масъулиятро дорост, ки мислаш дар ягон давру замон мушоҳида намешуд. Зеро ҷомеаи ҷаҳони муосир, ки дар гирдобу бӯҳрони маънавӣ қарор дорад, бояд пеш аз ҳама аз доираи мафкураи софи иқтисодӣ берун рафта, ҷанбаҳои воқеии ахлоқу маънавиётро қабул намояд. «Имрӯз ба низом ва усулҳои байналмиллалии таълим гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисон тақозои замон аст. Зеро равандҳои ҷаҳонишавии бозори умумии интеллектуалӣ ва меҳнат дар назди мутахассисони оянда талабот ва меъёрҳои торафт ҷиддӣ пеш мегузоранд. Бинобар ин, ба роҳбарони донишкадаву

донишгоҳҳо зарур аст, ки таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимии кишварҳои тараққикардаро омӯзанд ва дар ҷараёни таълим истифода намоянд».[1]

Мутобиқи талаботи Консепсияи рушди маълумоти касбӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 484 аз 1 ноябри соли 2006 тасдиқ шудааст, Стратегияи Миллӣ рушди маълумоти олии касбӣ барои солҳои 2007-2015 таҳия гаштааст.Ин ҳуҷҷати барномавиест, ки ислоҳоти куллии ин соҳаҳоро дар кишвар инъикос менамояд, барои зина ба зина пиёдагардии ҳадафҳо мусоидат мекунад ва соҳаи маорифи ҷумҳуриамонро ба шоҳроҳи ҷаҳонии илму маърифат ворид хоҳад кард. Барои амалӣ гаштани ҳадафу вазифаҳои нави муассисаҳои таълимоти олӣ ва ислоҳоти куллии он зарур аст, ки ба чунин самтҳо аҳамияти аввалиндараҷа диҳем. Пеш аз ҳама, тағйироти куллӣ ва рушди таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани сифати он ва ҳамзамон ҳалли муаммоҳое, ки садди роҳи ин соҳа қарор дорад, на танҳо бо фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурӣ, Маҷлисӣ, Олӣ Вазорати маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ вобастагӣ дорад, балки ҷалби фаъоли саросари ҷомеа, созмонҳои ҷамъиятӣ, донишҷӯён ва оилаи онҳо, кулли устодон, олимон, соҳибкорон, намояндагони соҳаҳои мухталифи хоҷагии халк, сектори хусусӣ, расонаҳои ахбор ва ғайраҳоро тақоза мекунад. Ин алоқаи аксӣ! муассисаҳои таҳсилоти олиро водор мекунад, ки масулияти худро оид ба тайёр кардони мутахассисон - сармояи инсонӣ баланд бардоранд ва дарк кунанд, ки барои ҷомеа чи нафъе овардананд, захираҳои молиявию моддии миллӣ, хусусӣ ва байналмиллалиро оё самаранок истифода бурданд ва дар кадом сатҳ ва сифат сармояи инсонӣ пешниҳод намуданд. Ин алоқаи мутақобила, дар шароити муносибатҳои низоми бозорӣ бояд мустақиман ба вуҷуд ояд. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бояд воқеан дарк намоянд, ки маҳз онҳо муассисаи

[1] Зиёиёни миллат- чороғҳои раҳнамои ҷомеа. Суханронии Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалии Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 20.03. соли 2007, Рӯзномаи «Омӯзгор» 30.03.07.

истеҳсолгари ҷузъи неъматҳои интеллектуалӣ - сармояи инсонӣ (омили асосии рушди ҷомеаи муосир) мебошанд ва ин сармояро ба ҷомеъ ба бозори меҳнат онҳо пешниҳод мекунанд. Аз тарафи дигар, ҷомеа, соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба пешниҳоди муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд на таклифот умуман, балки таклифоти самаранок дошта бошанд. Таклифоти самаранок (эффективниӣ спрос), таклифотест, ки пешниҳоди воқеиро тавлид мекунад. Бинобарон, зарур донистем, ки оид ба таркибу моҳияти таклифот ва пешниҳоди бозори хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ чанд акидаву андешаҳои худро иброз намоем. Зеро маҳз ҳамин бозор, бояд арзиши тайёр кардани сармояи инсонӣ, неъмати интелектуаллиро муайян кунад.

Аз нигоҳи сатҳӣ таклифоти самаранок (эффективный спрос) ба мутахассисони олии касбӣ вуҷуд дорад.Бинобар он, бисёр муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба тариқи шартномавӣ ихтисосҳои мухталифро тайёр карда, ғизои молиявӣ пайдо мекунанд ва фаъолияти худро ба таври худмаблағгузорӣ идома медиҳанд. Аммо моҳияту таркиби таклифот ба тайёр кардани мутахассисон, аксаран на ба талаботи воқеии ҷомеа, балки ба муносибатҳову ниҳодҳои ғайрирасмӣ такя мекунад. Масалан, оила ва ё волидайни донишҷӯён бештар барои фарзандони худ, кӯр-кӯрона ихтисос муайян мекунанд ва маълумоти олӣ доданро чун ифтихори таассубкорона дар назди хешу ақрабо ва маҳал мепиндоранд, агар сарватманд бошанд бо истиснои қобилияти зеҳнии фарзандонашон ихтисосҳои обрӯнок ё «замонавӣ»-ро ба кадом арзише набошад интихоб мекунанд, ҳадафи аз сафи армия боздоштанро, низ доранд ва ғайраҳо. Зимнан, бояд қайд кард, ки дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон конкурси (рақобати) довталабон барои ихтисосҳои мухандисиву барномагирии компютерӣ, технологиву конструкторӣ, хизматрасониву коммуникатсия в ғ. хеле баланд аст. Яъне,дараҷаи таклифот ба он ихтисосҳое, ки сектори воқеии иқтисодиёт эхтиёҷ дорад, хеле баланд аст. Дар кишвари

мо бошад, баръакс дар самти бахшҳои хукуқшиносӣ, иқтисодӣ, бахусус молияву андоз рақобати хеле баланд мушоҳида мешавад.

Таклифот ба хизматҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бештар на ба талаботи донишҷӯ такя дорад, балки орзуву талаботи волидайни онҳоро ифода мекунад. Бинобарон дарки масъулияти онҳо (донишҷӯён) барои аз худ кардани барномаҳои таълим ва касбу ҳунар чандон мушоҳида намешавад. Аз тарафи дигар, ҷавононе, ки қобилияти баланди зеҳнӣ ва талаботи воқеӣ барои гирифтани маълумот доранд, бинобар танқисии сармояву имконият онҳо аз фазои таҳсилоти олӣ берун мемонанд. Квотаи президентӣ, ҳадафи фарогир кардани чунин қишрҳои ҷавонон ва ё «гулҳои худрӯй»-ро дорад. Бинобарон зарур аст, ки дар ҷойҳо ин иқдомро ба аслу моҳияташ мутобиқ созем.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки таклифот ба таҳсилоти олӣ аксар вақт ҳадафи кӯр-кӯрона гирифтани ҳуҷҷат дипломи дараҷаи олии касбиро дорад, ки ин раванд боиси (инфлятсия) «таворрум»-и баҳоҳо ва дипломҳо гаштааст. Дар ҷараёни тайёр кардани мутахассисон оид ба сатҳ ва сифати он, такмили барномаҳои таълимию фаннӣ, назорат ва ё таъсир аз тарафи супоришгарон – волидайн, коргоҳҳову ташкилотҳо мушоҳида намешавад. Дар натиҷаи ҳукмронии чунин таклифот мутахассисоне, ки ба ҷомеа пешниҳод мешаванд, бештар бо ҷои кор таъмин намегарданд ва агар бо роҳҳои гуногун кор пайдо кунанд ҳам, чун омили пешбари рушди ҷомеа хизмат карда наметавонанд.Табиист, ки ин тамоили манфӣ тадриҷан ба паст шудани обрӯву эътибори муассисаҳои таҳсилоти олӣ, «беқурбшавӣ»-и дипломҳои хатмкунандагони он мусоидат мекунад.Таърихи инсоният шаҳодат медиҳад, ки бунёди тамаддунҳо ва зиндаву ҷовид мондани миллат маҳз бо рушду камоли илму фарҳанг, мактабҳои илмию адабӣ алоқамандӣ дорад.Бухорову Самарқандро то имрӯз ҷаҳониён, на танҳо чун маркази тамаддунсози Мовароуннаҳр, балки тамоми

Машриқзамин мешиносанд. Зеро мадрасаву мактабҳои илмиву адабии ин шаҳрхо дар гузашта чун мактаби илмии Юнони қадим ба эътирофи ҷаҳонӣ сазовор шуда буданд. Зарур аст, ки ин анъанаи ниёгонамонро эҳё намоем.

Бояд таъкид кард, ки ҷараёни муносибатҳои бозорӣ, зина ба зина ташаккул ёфтани бозори хизматҳои таҳсилоти олӣ нақш ва обрӯи ҳамон муассисаҳои таҳсилоти олиро баланд мекунад, агар хатмкунандагони онҳо бо ҷои кор таъмин гарданд. Шуғлнокӣ ва ё таъмин бо ҷои кор меъёри асосии ченаки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ буда, чун омилӣ муҳими ташаккули арзиши таҳсилот ва ҳаҷми таклифот хидмат мекунад, бояд омили асосии ташаккули арзиш ва ё нархи хизматҳои тахсилоти олии касбӣ бошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Суғд солҳои хониши 2005-2006 27858 нафар донишҷӯй доштанд, ки нисбат ба соли хониши 1990-91 17917 нафар зиёд аст. Дар ҳамин давраи таҳлилӣ мутахассисоне, ки хатм карданд аз 1,6 ҳазор ба 3,7 ҳазор нафар расиданд. Аз он ҷумла барои соҳаи саноат 2,6 ва барои соҳаҳои иқтисод 4,4 маротиба афзудааст. Аммо сатҳи шуғлнокӣ, бо ҷои корӣ таъмин будани онҳо хеле паст аст ва метавон гуфт, ки ононро бозори меҳнат эътироф накардааст. Ҳамзамон, боздиҳии сармояи инсонӣ, он сармояву маблағе, ки барои истеҳсоли онҳо сарф шудааст, умуман мушоҳида намешавад. Аз тарафи дигар, азбаски таклифоти сунъӣ ба хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки зиёд шудааст, мувофиқан арзиш ва ё нархи ин хизматҳо тамоили болоравиро дорад. Аммо бояд қайд кард, ки ин ҷо қонуни бозории ташаккули нархи хизматҳои таҳсилоти олӣ аз аслҳои худ дур рафтааст: арзиш ва ё нархи хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дар асоси арзишӣ ва ё нархи сармояи инсонӣ, ки иқтисодиёти кишвар муайян мекунад, ташаккул ёбад. Ба ибораи дигар, таклифоти бозори меҳнат бар сармояи инсонӣ - маҳсулоти интеллектуалӣ, бояд таклифотро бар хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян кунад (ба мисле, ки маҳсулоти тавлидкардаи замин арзиши

заминро муайян мекунад, ё ин ки таклифот бар маҳсулоти кишоварзӣ таклифот бар заминро муайян мекунад). Яъне, арзиши истеъмолии маҳсулоти интеллектуалӣ, сармояи инсонӣ ва ё мутахасиссон бояд омили асосии ташаккули арзиш ва ё нархи хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ бошанд.Аз ин лиҳоз робитаи донишгоҳ бо хатмкунандагонашон, яъне ба бозори меҳнат, яке аз ниҳодҳоест, ки ба инкишофи муассисаҳои таҳсилоти олӣ суръат мебахшад.Зеро яке аз хосиятҳои фарққунандаи бозори хизматхои таҳсилоти олӣ дар он аст, ки ин ҷо асосан пешниҳод таклифотро муайян мекунад.Бинобар он зарур аст, ки ба таҳлили раванди ташаккули пешниҳоди ин хизматҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳем.

Муассисаҳои таҳсилоти олиро зарур аст, ки талаботи ҷомеаро қаъран омӯхта, пайваста ба самтҳои афзалноки инкишофи иқтисодӣ, на танҳо пешниҳоди хизматҳои таҳсилоти олиро муайян кунанд, балки ба воқеигардӣ ва дарки таклифоти ҷомеа таъсир расонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки илму дониш мувофиқан хизматҳои таҳсилоти олӣ яке аз доираҳои зудтараққикардаистодаи имрӯз ва ояндаи иқтисоду ҷомеа мебошад. Аз баҳодиҳии мутахассисон бармеояд, ки дар ҷаҳони муосир ҳаҷми таклифот ва пешниҳоди хизматҳои тахсилоти олӣ хеле афзуда истодааст. Бахусус, дар кишварҳои мунтазам рӯ ба тараққиоварда дараҷаи солонаи рушди он 10-15 фоизро ташкил медиҳад.[1] Илова бар ин, бояд қайд кард, ки боздиҳии маблағгузорӣ ва ё сармоягузорӣ дар ин соҳа аз 3 то 6 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Яъне ҳар як доллари дар ин соҳа гузошташуда бояд 3-6 доллар самара орад, ки ин барои соҳибкорон объекти нафънок ва диққатҷалбкунанда мебошад. Аммо ин боздиҳӣ яку якбора (дар давраи кутоҳмуддат) ба даст намеояд. Бинобар он, дар тамоми кишварҳои олам ин соҳаро давлат зери сарпарастӣ ва дастгирии худ қарор медиҳад: алалхусус, он кишварҳое, ки ба ҷаҳиши бузург қарор доранд.

---

[1] Понкрухин А.П. Маркетинг образовательных услуг в высшим и последипломном образование.М: Интерпрокс. 1995 .

Илм, дониш ва раванди пешниҳоди он (хизматҳои таҳсилоти олӣ) ба категорияи неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешавад. Натиҷаҳои пардохт ва истеъмоли ин неъмат, чун ба даст овардани илму дониш, қобилияту эҷодкорӣ ва балоравии тахассуси шахс ба вуқӯъ меояд. Истеъмолгари асосии илму дониш шахсият мебошад. Аммо тадбиқи пурраи маълумот ва самараи он дар мавриде ба амал меояд, ки агар корхонаву ташкилотҳо на танҳо натиҷаҳои иқтисодии таҳсилотро аз худ мекунанд, балки барои рушд тадбиқи он шароит мусоидат менамоянд.

Пешниҳод, ки аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олӣ муайян мегардад, бинобар он вай, пеш аз ҳама ба талаботи воқеии ҷомеа такя кунад. Модели (тамсили) иерархияи талабот ба хизматҳои таҳсилоти олиро, мо метавонем аз нигоҳи назарияи А.Маслоу баҳо дода, зербинои пешниҳод қарор диҳем ва барои ба вуқӯъ омадани он мусоидат намоем. Илму дониш, маълумот, пеш аз ҳама барои қонеъгардии талаботҳои физиологӣ - пайдо кардани воситаҳои зист (зиндагонӣ) хидмат мекунад. Дар корхонаву ташкилотҳое, ки мутахассисони варзида, коргарони соҳибмаълумоту эҷодкор фаъолият мекунанд, рентаи иқтисодии иловагӣ тавлид мешавад. Бинобарон, даромаде, ки ин гурӯҳи коргарон ба даст меоранд, нисбат ба дигар коргарони маъмул баланд аст. Соҳибмаълумотӣ кафили беҳатарӣ ва эмин будан аз ҳар гуна хавф ва ё чун «полиси суғурта» то охири умр хидмат мекунад. Дар раванди болоравии илму дониши шахс зинаи олии талаботи инсонӣ, ба мисли худинкишофёбӣ, имконияти амалӣ кардани потенсиали нуҳуфтаи худ, шомил шудан ба созмонҳои бонуфузи ҷомеа, пайдо кардани обрӯву эътибор миёни мардум ба вуқӯъ меояд. Агар, чунин маҷрои табиӣ коста шавад, яъне ҷалб кардани коргарон на аз рӯи ихтисосу маълумоти касбӣ, таҷрибаву эҷодкорӣ, балки аз нигоҳи хешу таборӣ, маҳал ва ё бо воситаи ришва сурат гирад, пас на танҳо иқтисодиёт, балки ҷомеа рӯ ба таназзул менигарад, раванди «эрозия»-и кадрҳо,

шусташавӣи ақл ва ғ. ба вуқӯъ меояд. Аз тарафи дигар, ин чараён боиси дилмондагии ҷавонон аз илмомӯзӣ мегардад. Бинобарон имрӯз зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба фурӯшу истеъмоли маҳсулоти интеллектуалии худ, барои бо кор таъмин шудани хатмкунандагони худ ҳавасманд бошанд ва сегментҳои нави бозори неъматҳои интеллектуалиро дарёбанд. Бо корхонаву ташкилотҳо робитаҳои зичи ҳамкориро устувор карда, дар бунёди ҷойҳои кории нав саҳм гузоранд ва ихтисосҳои худро тарғиби оммавӣ кунанд. Мутахассисони варзидаву соҳибтаҷрибаро ба фаъолиятҳои гуногуни донишгоҳ шомил намуда, афзалияти илму дониш ва эҷодкориро барои шогирдон исбот кунанд, то ин ки рағбати донишомӯзии донишҷӯён зиёд гардад. Кишвари мо аз нигоҳи иқтисодӣ ҳоло бо пуррагӣ азхуд нашудааст. Бинобар он шогирдони мо бояд, ҳанӯз аз давраи донишҷӯӣ барои кушодани ҷои кории нав омода бошанд, яъне минбад на кор ҷӯянд, балки тавонанд, ки ҷои кории нав бунёд кунанд.

Гузаштан ба таълимоти зинагӣ ва низоми кредитӣ тақозои замон аст. Пайваста ба ин, таркиби бозори меҳнат, тафрикаи коргарон, хизматчиён ва мақоми идоракунандагони коргоҳҳои ҳоҷагии халқро бо зинаҳои маълумот бояд мутобиқ намуд. Бояд кулли мардум, коллективҳои меҳнатӣ мафҳуми мутахассиси хурд, бакалавр ва магистрро дарк намоянд.

Ба назари мо ташкили олимпиадаҳои фанниии доимоамалкунанда (дар як сол се маротиба) дар назди ҳар як донишгоҳ, шӯъбаҳои маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳалҳо бояд воситаи асосии қабули донишҷӯёни соли нави хониш ва омили ташаккули пешниҳоди хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ гардад. Довталабоне, ки аз фанҳои марбут ба ихтисос холҳои баланд мегиранд, кумитаи олимпиада шаҳодатномаи ба ягон ихтисос шомил шуданро диҳад. Ҳангоми қабули довталаб ба сафи донишҷӯён ҳатман сӯҳбат гузаронида, оид ба тафаккур, ҷаҳонбинии ӯ аҳамият

диҳем. Зеро дар ҷаҳони технократӣ як инсон робот сохтаасту дигаре ғуломи робот гаштааст.

Қисми таълимии (департаменти таълим) донишгоҳҳо бояд маркази тадқиқотиву таҷрибавӣ (маркази маркетингӣ) бошанд. Онҳо, устодон ва педагогони варзидаро ҷалб намуда, оид ба тарзу услуби навини таълим, таҳияву такмили барномаҳои таълим тадқиқот бурда, таҷрибаҳо гузаронанд ва баъд онҳоро оммавӣ гардонанд. Ҳар як донишгоҳ, роҷеъ ба самти тайёр кардани мутахассисони худ, барномаҳои таълимиро, ки бояд аз талаботи воқеии иқтисодиёти кишвар ва аз заминаҳои коркунони интеллектуалии (олимон, устодони варзида) худи донишгоҳ бармеояд, таҳия карда, барои муҳокимаву тасдиқ ба комиссия ва ё маркази босалоҳияти назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати маориф пешниҳод намояд. Яъне, такрори барномаҳои таълимӣ ва тайёр кардани мутахассисонро маҳдуд намуда, тақсимоти фаъолияти тайёр кардани мутахассисонро мавриди амал қарор диҳем. Ҳадаф он аст, ки ҳар як донишгоҳ «мактаб»-и хоси худро дар тайёр кардани кадрҳо дошта, дар фазои рақобати бозорӣ мақоми муайян пайдо карда тавонад. Пайваста ба ин масъулияти корхонаҳо дар иштирок ба раванди тайёр кардани мутахассисон ва ё захираҳои интеллектуалӣ баланд бардошта шавад. Ин масъулият на танҳо дар санадҳои қонунӣ, балки дар оинномаҳои онҳо хеле равшан дарҷ ёбад ва оид ба ин фаъолият ҳисобот диҳанд. Филиали кафедраҳо, лабораторияҳо, синфхонаҳои таълимӣ ва ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ дар корхонаву ассотсиатсияҳо ташкил ёбад, то ин ки муҳассилин бевосита донишҳои назариявии худро дар истеҳсолот санҷанд ва дониши эмпирики худро афзун кунанд. Мутахассисони варзидаву соҳибтаҷрибаи корхонаҳо на танҳо устод дар корхона, аъзои шӯроҳои олимони донишгоҳу факулта, балки аъзои кафедра ҳам бошанд. Хатмкунандагон бояд рисолаҳои дипломии худро дар назди комиссияи имтиҳоноти давлатӣ дар

ҳамон корхонае, ки дар асоси маводу таҳлили ин корхона рисола тайёр шудааст, ҳимоя кунанд.

Ҳавасмандкунии моддии устодон низ, омили асосии тайёр кардани мутахассисони сифатан нав мебошад. Ба назари мо, шакли контрактии қабули устодон ба кор ба мақсад мувофиқ аст. Зеро дар шароити рақобати бозорӣ неъматҳои «интеллектулӣ»-и ҳар як донишгоҳ бояд ба сифати таълиму истеҳсоли ин неъмат ва баланд бардоштани обрӯву эътибори «мактаб»-и худ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Низоми тафриқа ва баҳодиҳии устодонро худи донишгоҳ мустақил муайян кунад. Дар ин раванд коэффитсиенти сифатии устод аз нигоҳи шогирдони қобилиятнок (ба таври пурсиши анкетӣ), қобилияти илмиву эҷодкорӣ, тадбиқи тарзу услуби навини таълим, маҳсули илмиву методии он, давомоти шогирдон дар дарси ӯ ва ғайра муайян шуда, тафриқаи маоши он таъмин гардад. Ба ғайр аз маоши муқаррарӣ, мукофотҳои моддӣ чун фишанги ҳавасмандкунии истеҳсоли неъматҳои «интеллектуалӣ» тадбиқ гардад, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар кишварамон пажӯҳишгоҳҳои тадқиқоти илмии академиявию соҳавӣ бисёранд. Вобаста ва ё муттаҳид кардани онҳо бо донишгоҳҳо, ба назари мо, ҳам дар ҷодаи омезиши раванди таълим, илм ва истеҳсолот ва ҳам дар омода кардани мутахассисон ба пайраҳаи фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ омили пешрафт хоҳад гашт. Ҳамин тариқ, ташаккули воқеии бозори хизматҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳангии чунин манфиатҳоро мустақиман ба вукӯъ меорад: шахсият- маълумотгирӣ, азхуд кардани илму дониш ва баланд шудани сатҳи тахассуси он; муассисаҳои таҳсилоти олӣ- рушду некӯаҳволии кормандони ӯ; корхонаву ташкилотҳо – афзун шудани иқтидори кадрӣ ва неъматҳои интеллектуалӣ; ҷомеа – такрористеҳсолкунии васеи шахсияту иқтидори интеллектуалӣ.

Дар хотима бояд таъкид кард, бӯҳрони маънавӣ барои ҷомеа нисбат ба бӯҳрони иқтисодӣ хеле тӯлонӣ ва хатаровар

аст. Вай миллатро метавонад чун сӯзиши ҳезуми тар дудкунон хароб кунад.Ҳамзамон, ин ҳодисот решаҳои иқтисодӣ ҳам дорад. Ҳарчанд соҳаи маориф бузургтарин ва серҷанбатарин соҳа бошад ҳам, аммо дар бахши пажӯҳиши иқтисодиёти ин соҳа тадқиқотҳои мушахас ва адабиёти зарурӣ ба чашм намерасад. Бинобар он барои идоракунӣ ва ба роҳ мондани танзими бозори хизматҳои таҳсилоти олӣ, умуман таҳсилот, зарур аст,ки пажӯҳиши илмии иқтисодиёт ва маркетинги соҳаи маорифро ба иҷро расонем.

## 5.2. Истиқлолияти илмӣ тақозои замон

Дар мақолаву гузоришҳое, ки дар рӯзномаҳои даврӣ, бахусус, дар саҳифаҳои «Омӯзгор» ба чашм мерасад, гоҳ-гоҳ оид ба зарурати Комиссияи миллии атестатсионӣ ибрози ақида мешавад. Дар мақолаи директори Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҳ. Афзалов, ки таҳти унвони «Чаро мо Комиссияи миллии аттестатсионӣ надорем?», дар рӯзномаи «Омӯзгор», 12 майи соли 2006 ба чоп расида буд, зарурати таъсиси Комиссияи миллии аттестатсионӣ бо далелҳои хеле равшану возеҳ таъкид шудааст. Ин масъалаи муҳими рӯз ва талаботи замон ҳам мебошад. Гумон мекунем, ки дар он орзуву ормони С. Айниву Б. Ғафуров ва кулли олимони меҳандӯсти ҷомеамон инъикос ёфтааст. Зеро С. Айниву Б. Ғафуров ҳам дар ибтидои таъсиси Ҷумҳурии навбунёди Тоҷикистон дар низоми Иттиҳоди Шӯравӣ барои ташкили Академияи илмҳо, донишгоҳу донишкадаҳои миллӣ талошҳои пайгирона намуда, заҳматҳои беандоза кашидаанд.

Дар ҳақиқат дар хусуси таъсис додани Комиссияи миллии аттестатсионӣ, ба назари мо, аллакай дер мондем. Ин дермонӣ «аз каҷфаҳмию истодагарии як гурӯҳ консерваторон» бармеояд, ки онҳо чандон, мустақилияти зеҳнӣ надошта бандаи мактабҳои илмии бегонагон буданд. Бояд, мо аллакай инкишофи мустакилияти тадқиқотҳои илмӣ, ки талаботи

ҷомеамонро тақозо мекунад,таъмин мекардем. Дар натиҷа мо дастнигари дигарон ҳам шудем. А. Эйнштейн таъкид карда буд, ки «аз кулли ҳалқҳо ҳамон халқ доимо бузург мемонад, агар вай дар соҳаи тафаккуру дониш аз дигарон афзалият дошта бошад». Агар ба мероси ниёгони худ рӯ оварем, пас мебинем, ки онҳо тамаддуну мактабҳои бузурги фарҳангию илмӣ бунёд карда ба арзишҳои умумибашарӣ саҳми бузург гузоштаанд, ки аз он имрӯзҳо ифтихор дорем.

Давраҳои имрӯзи истиқлолият, бо андешаи мо, ин давраи Эҳё буда, миллатамон чун меросбару ворисони ориёну сомониён дар остонаи корҳои бузурги бунёдсоз қарор дорад. Мо бояд имрӯз «киштзоре»-ро ки дар қаъри асрҳо гӯё бесоҳиб буд, шодоб намоем, то ин ки зиндагии фардои моён аз он боз ҳам тару тозатар рӯяд. Ба инкишофи илму маърифат, ки он пас аз нон муқаддастарин аст, аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Маҳз ҳамин аст, ки аз тарафи Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ. Раҳмон ба соҳаи маориф самти афзалнок эълон доштанд. Дар амалӣ намудани ин корҳои бунёдсоз таъсиси Комиссияи миллии аттестатсионӣ, низ омили муҳими пешбаранда хоҳад шуд. Таъсиси чунин сохтор зарурати объективӣ дорад.

**Якум.** Тадқиқотҳои илмӣ, кашфиёту эҷодҳо, ки дар ватанамон ба анҷом мерасад, баҳодиҳиву ҳимояи рисолаҳои илмии муҳаққиқон дар майдони илмии ватанамон доир мегардад, аммо, пас аз иҷозати Маскав ба дипломи дараҷаи илмӣ раисон ва котибони шӯроҳои диссертатсионии маҳаллӣ имзо мегузоранд. Албатта, ин тартиб дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ мутобиқ буд, зеро ҳукумати абарқудрати ягона арзи ҳастӣ мекард. Имрӯз мо истиқлоли давлатӣ дорему соҳиби Ҳукумати миллии мустақил мебошем. Пас, чунин зиддият дар тафаккури мо намеғунҷад ва ба мантиқ ҳам рост намеояд. Гуё мо ба худамон боварӣ надорем. Охир, мо барои фарзандони фарзонаи миллат, бандагони илму эҷод, ҳунару касбҳои гуногун унвонҳои корманди шоиста, арбоби илму техника, ҳунарманди шоиставу мардумӣ дода метавонем, ки мардум

эътирофаш кардааст. Ё ин ки, хушбахтона Академияи илмҳо дорем, ки аъзоёни онҳо унвонҳои узви вобаста ва ё узви Академия, яъне академикҳоро интихоб мекунанд, ки онҳо олимони шинохтаву мактабдор ҳастанд ва ин ҳуҷҷатҳои онҳоро Русия тасдиқ намекунад-ку?! Баъзеҳо дар сӯҳбатҳо иброз мекунанд: дипломи дараҷаи илмиро, ки аз тарафи Русия тасдиқ шудааст, эътирофи ҷаҳонӣ пайдо мекунад ва мутахассисони мо метавонанд дар тамоми кишвари дунё кор кунанд. Дипломи номиналии аз тарафи Руссия додашуда, гӯё барои мутахассисони мо имконият медиҳад, то ин ки дар тамоми кишварҳои дунё кор кунад, чандон ба ҳақиқат наздик намебошад. Ашхосони дипломдору соҳибунвонро мебинем, ки дар кишварҳои ҳамсояи дуру наздик бо сабаби ҳодисоти «протексионизм»-и миллии он кишварҳо ба корҳои нолоиқ ва ё берун аз ихтисос кор мекунанд. Дипломи дараҷаҳои илмӣ, ки Федератсияи Русия солҳои охир ба баъзе мутахассисони мо додааст чи қадар чандон ба малакаву дониши онҳо мувофиқ аст, низ ба ҳама маълум аст ва дар кадом сатҳ қарор дорад чомеа худ баҳо додааст. Барои онҳо тасдиқу додани диплом ба мутахассисони тоҷик ягон зараре намеорад ва ҳам ягон чизеро бой намедиҳанд. Зеро ин олимон барои Тоҷикистон хизмат мекунанд-ку?! Дар ин раванд, алҳол бе масъулиятӣ бештар ҳис мешавад ва баръакс «одамони тасодуф соҳибони унвони илмӣ мегарданд» Бояд таъкид кард, ки шартномаҳои байнидавлатӣ оид ба фазои ягонаи таҳсилоту маълумот ва ворид шудан ба созишномаи Аврупоӣ (Баллон) ин масъаларо аз байн мебарад ва барои эътирофи ҷаҳонии дипломҳо мусоидат мекунад.Аз тарафи дигар, олимон, мутахассисони дараҷаи илмидор барои кишвари худамон зарур, на барои дигарону берун аз кишвар. Натиҷаҳои илмиро, чун захира ва ё сармояи бебаҳо, пеш аз ҳама миллати мо бояд истифода барад ва танҳо он метавонад баҳо диҳад. Агар, аз нигоҳи аслҳои бозор тавсиф диҳем, пешниҳоди маҳсули илми амалиро (прикладная) таклифоти истеъмолгарон муайян мекунад. Пешниҳоди маҳсули илмиро,

агар бозори ҷаҳонӣ пазирад ва ё дар ҳалли муаммоҳои илмии умумибашарӣ сахмгузор гардад, пас шӯҳрати ҷаҳонӣ хоҳад пайдо кард. Дар ин раванд, эътирофи воқеии натиҷаҳои илмӣ ба вуқӯъ меояд. Дар ин ҷода, маҳсули илмии бархе олимони кишварамон аллакай шӯҳрати ҷаҳонӣ гирифтааст. Аммо мутаассифона солҳои охир дар адабиёти илмии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ иқтибосе аз натиҷаҳои илмии олимони кишварамон ба назар намерасад.Бинобарон, чаро мо гуфта наметавонем, ки маҳз забони русӣ забони илмии кишварамон будан азхудкунии ғояҳои илмии муҳаққиқони моро бегонагон аз худ мекунанд. Ин муаммову зиддиятҳои дар боло зикршуда бо баробари таъсиси Комиссияи миллии атестатсионӣ бартараф хоҳад шуд.

**Дуюм. М**авзӯъҳои илмие, ки таҳқиқ мешаванд, бояд пеш аз ҳама, ба ҳалли он муаммоҳо ва гиреҳҳое, ки дар кишварамон ҳаст равона бошад. (махсусан, фанҳои гуманитарию техникӣ). Агар баҳодиҳиву тасдиқкунӣ ба уҳдаи Русия бошад, пас таҳқиқгарон, унвонҷӯён ҷуръат доранд, мавзӯъҳоеро интихоб кунанд, ки ба доираи зеҳнию мактабҳои илмии олимони он кишвар мутобиқ бошад. Ин ҷараён, албатта, самтҳои тадқиқотро аз муаммоҳои барои ҷомеаи мо муҳим дур мекунад. Илова бар ин, талаботу дастурамалҳо ва меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии Росия муайян мекунад, чандон хусусиятҳои милливу минтақавии моро инъикос карда наметавонад. Тадқиқотҳои воқеии илмӣ, пеш аз ҳама, озодандешӣ, мустақилияти зеҳниро талаб менамояд. Дар натиҷа, мо мактабҳои илмии воқеии худро, ки ба пешрафту инкишофи ҷомеаи мо мусоидат кунад, пайдо карда наметавонем. Аз тарафи дигар, мутахассисоне, ки соҳиби унвону дараҷаи илмӣ гаштанд, бархе аз онҳо фидоии илм буда, барои пешрафти илми миллӣ ва инкишофи ҷомеа содиқона заҳмат мекашанд. Бисёриҳо, ки соҳиби унвонҳои илмӣ шуданд, онро бахри ба даст овардани вазифаву неъматҳои моддӣ сӯистеъмол мекунанд. Барои баланд бардоштани масъулияту

маҳсули илмии ин гурӯҳи олимон, унвонҳои дотсентӣ ва профессорӣ дар (мушовараи) коллегияи Вазорати маорифи ҷумҳуриамон ба тасдиқ расонида шаванд ва дар ҳар 5 сол унвондор аз атестатсияи Вазорати маъориф гузарад. Аммо аҷибаш ин аст, ки мо ҳатто мустақилона шаҳодатномаи унвони дотсентиву профессориро ҳам, дода наметавонем. Ин корро, ҳам ба ихтиёри Федератсияи Русия супоридаем ва бечора садҳо устодони дараҷаи илмидоштаи мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои гирифтани шаҳодатномаи дотсентиву профессории намунаи давлатидошта ба мушкилиҳо дучор мешаванд.

Агар Комиссияи миллии аттестатсионӣ таъсис ёбад, пас координатсияи мавзӯъҳои илмӣ (тадқиқотҳои илмӣ) хеле воқеиву амалӣ гашта ба ташаккули мактабҳои илмии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад.Охир, мо худ олимони варзидаву поквиҷдони «класссикӣ» дорем. Ҳоло вақт ҳаст, ки истифода аз нерӯи онҳо (азбаски синни онҳо аз 60 боло аст) ин сохторро таъсис диҳем. Дуруст аст, ки барои баъзе ихтисосҳо, бинобар набудани олимони ин соҳа, Шӯрои илмиро наметавонем таъсис диҳем. Аммо онро бо роҳи тайёр кардани олимони ин ихтисос дар кишварҳои хориҷ ва ё бо ташкили ҳимояи маротибавӣ (разовой) дар шӯроҳои илмии амалкунандаи ба он ихтисос наздик бо таклифи олимони дигар кишварҳоро метавон пайдо кард.(Устод Айниву Б.Гафуров ин таҷрибаро моҳирона истифода бурда буданд.)

**Сеюм.** Рисолаи илмие, ки дар кишварамон тайёр мешавад, асосан бо забони русӣ ҷамъбаст мегардад. Бархе олимони мо дар он ақидаанд, ки забони русӣ забони илм аст ва маҳз ба туфайли ин забон илм инкишоф меёбад. Яъне як раванди славянгаройӣ ҳис мешавад.Дар таърихи худи Русия даврае буд, ки забони муоширати дохилимиллии табақаҳои воломақоми ҷомеа, асосан забони фаронсавӣ буд.Ақидаву афкори илмӣ асосан бо забонҳои фаронсавиву олмонӣ инкишоф меёфт. Бисёр олимон ва мутафаккирони ҳамон

давраи рус инкишофи илми русро такя ба забони русӣ намепазируфт ва ҳатто инкор мекаранд. Гӯё ба ақидаи онҳо илм бо забони русӣ ба инкишофи илм мусоидат намекунад (чи тавре ки чунин ақида, гӯё забони тоҷикӣ забони илм шуда наметавонад дар мо низ имрӯз ҳукмрон аст).Аммо бо ҷидду ҷаҳди абармардони миллати рус, ба мисли М.В.Ломоносов ва олимони баъдӣ имконият пайдо шуд, ки афкору ақидаҳои илмии тавоно бо забони русӣ пайдо шаванд ва Русия чун як кишвари поягузори илми бунёдӣ дар ҷаҳон шинохта шуд. Илова бар ин бояд таъкид кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) забони ҷаҳонишавиро на забони русӣ, балки забони англисӣ иҷро карда истодааст. Дар ин раванд (дар шароити ҷаҳонишавӣ) яке аз муаммоҳои умдаи рӯз, ки дар назди ҳар як миллат қарор дорад - ин таъмини инкишофи устувор аст, ки маҳз бо туфайли забон ва маданият амалӣ мегардад.

Устод М. Шакурӣ хеле хуб таъкид карда буданд, ки бо кадом забоне фикр кунем, пас бо ҳамон забон, тавлид мешавад. Мо тоҷикон, албатта, бо забони тоҷикӣ фикр мекунем. Навиштани рисолаҳо бо забони давлатӣ, бечунучаро пойдории забони тоҷикӣ, алалхусус, забони илмии тоҷикиро таъмин мекунад.

Таърихи инсоният шаҳодат медиҳад, ки бунёди тамаддунҳо ва зиндаву ҷовид мондани миллат маҳз бо рушду камоли забон, илму фарҳанг, мактабҳои илмию адабӣ алоқамандӣ дорад. Бухорову Самарқандро то имрӯз ҷаҳониён, на танҳо чун маркази тамаддунсози Мовароуннаҳр, балки тамоми Машриқзамин мешиносанд. Зеро мадрасаву мактабҳои илмиву адабии ин шаҳрхо дар гузашта чун мактаби илмии Юнони қадим ба эътирофи ҷахонӣ сазовор шуда буд.Забони тоҷикӣ-форсӣ, забони илм ҳам буд ва ҳориҷиён ин забонро омӯхтанд, то ин ки аз гунбази хиради он баҳраманд гарданд. Зарур аст, ки ин анъанаи ниёгонамонро эҳё намоем

Дар мақолаи Президенти кишварамон, мӯҳтарам Эмомалӣ. Раҳмон, ки таҳти унвони «Инсон ва андешаи ҷаҳонсози ӯ» дар рӯзномаи «Минбари халқ» 7 сентябри соли 2005 ба чоп расида буд, чунин таъкид шудааст: «Забонҳое, ки қудрату имконияти ғунҷоиши бозгӯии воқеияту ҳақиқати рӯзгори зудҳаракатро надоранд, ногузир маҳв мешаванд. Умед аст, ки ин пешомади ногувор забони тоҷикии форсиро фаро нахоҳад гирифт, аммо танҳо боумед будан ва хотири ҷамъ доштан пойдории забони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Синову Носири Хисрави Қубодиёниро дар шароити глобализатсия кафолат намедиҳад». Бинобарон, таълифи рисолаҳову асарҳои баландимазмуни илмӣ бо забони давлатӣ, доираи ғунҷоиши забони тоҷикиро васеъ намуда ба пойдории устувори он нерӯ хоҳад бахшид. Агар, реферат ва ё фишурдаи мазмуни асарҳои илмиамонро бо забонҳои ҷаҳонӣ тарҷума намуда, ба маҷаллаҳои бонуфузу байналмиллалӣ ҷой диҳем, пас ҳусни таваҷҷӯҳи ҷаҳониён бо тарҷумаи мукаммали он пайдо хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, таъсиси Комиссияи миллии аттестатсионӣ барои такмилу васеъшавии доираи ғунҷоиши забони илмии тоҷикӣ низ, хизмати бузург хоҳад расонид.

Бо талошҳои пайгиронаи Сарвари давлатамон вазъи иҷтимоӣ -иқтисодии кишвар, ки имрӯз тамоили устуворро гирифтаасту соҳаи маориф соҳаи афзалнок эълон шудааст, бовари комил дорем, таъсиси Комиссияи миллии аттестатсионӣ, низ дастгирӣ меёбад ва он дар давраи навини тоҷикон, омили тамаддунсоз хоҳад шуд.

# БОБИ 6. ХУДОГОҲӢ ВА ТАШАККУЛИ «ИНСОН»-И НАВИ ИҚТИСОДӢ

***«Ман тасдиқ мекунам, ки нерӯву тавоноии таҳлилу баҳодиҳии иқтисодии кули ҳаводиси ҷомеа хеле беназир аст.Зеро вай қобилият дорад, ки шаклҳои серҷабҳаву мухталифи рафтору кирдори инсониро бо ҳам бипайвандад»***

**Гэри Беккер, ҷоизадори мукофоти Нобелӣ**

## 6.1. Тамаддуни ориёӣ: нақши он дар инкишофи хоҷагии ҷамъиятӣ ва идеяи миллӣ

Аз тарафи Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурияти таҷлили «Соли тамаддуни ориёҳо» таъкид шуда буд: «Ман пешниҳод менамоям, ки ба хотири ҳифзи минбаъда ва гиромидошти сарвати зеҳнии аҷдодони хештан, хотирнишон сохтани саҳми пурарзиши ниёгони сарбаландамон дар таърихи башар ва таҳкими ҳуввияти миллии наслҳои оянда Соли 2006-ум соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон карда шавад».

Дар ҳақиқат, омӯзишу бузургдошти тамаддуни ориёӣ, ба акидаи мо, се вазифаи муҳимро дар инкишофи гояҳои миллӣ ичро мекунад. **Якум**, миллати мо комилан ва бо тозаги асли худ, яъне ворисони бевоситаи ориёни бостонӣ будани худро дарк намуда, ифтихор мекунанд, ки онҳо асилнаҷод, воломақом, наҷиб ва тозаандеш ҳастанд. **Дуюм**, онҳо ҳамқавму ҳамнаҷодони худро, ки дар манотиқи Осиёву Аврупо паҳн гаштаанд, мешиносанд ва эҳсос мекунанд, ки фазои тамаддуни Осиёи Марказиро онҳо офаридаанд. Ин ҷараён ба ваҳдати олами инсонӣ ва боз ҳам ба устувору судманд гаштани робитаи ичтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Аврупо мусоидат мекунад. **Сеюм**, беҳтарин хислатҳои баланди инсониро – муҳаббат ба якдигару муҳити зист, «пиндори нек, гуфтори нек,

кирдори нек», ки ба он ҷахони имрӯз нисбат ба пешин хеле эхтиёҷ дорад ба тозагӣ баррасӣ мекунад ва боз барои инкишофи арзишҳои беҳтарини умумибашарӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Ҳанӯз, дар даврахои дунёи қадим, бар хилофи ақидаҳои асотирӣ оид ба таърихи инсоният ҷуръатҳои ноустуворе пайдо шуда буд, ки эволютсияи сатҳи хоҷагидориро дар инкишофи ҷомеаи инсонӣ таъкид мекард. Дар ибтидо Демокрит, баъд, олими руми кадим Лукреций ва ниҳоят олими асримиёнагии араб Ибни Холдун қайд карда буданд, ки одамони қадим чун ҳайвон зиндагӣ карда, он чи ки табиат тӯҳфа мекард онро истеъмол мекарданд ва баъд зироатчигӣ, чорводорӣ ва боз баъдтар гузариш ба ҳаёти шаҳрӣ оғоз ёфт. Гузариш ба зироаткорӣ ва чорводорӣ ҳамчун инқилоби куллӣ на танҳо дар таърихи хоҷагидорӣ, балки дар ҷомеаи инсонӣ пазируфта мешавад. Мақоми ҳалкунандаи ин равандҳоро археологи барҷастаи англис В.Г.Чайлд таъкид намуда, онро бо маҳфуми «инқилоби неолитӣ» истифода кардааст.[1]

Ҳанӯз дар ҷомеаи барвақтаи ориёниҳо, гузариш аз амали ҷамъоварию истеъмол ба хоҷагии истеҳсоли (кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва ғ). оғоз ёфта ба равандҳои тақсимоти меҳнат, ташаккули касбҳои меҳнатӣ, муқимӣ гаштани одамон дар маҳали муайяни зист, ташкили системаҳои обёрикунӣ, нахуст шаҳрҳои барвақти ва ҷоннок шудани сохтори ҷомеавию табақавӣ мусоидат кард.

Ҳадаф аз омӯхтани тамаддуни ориёӣ, барои мо иқтисодчиён, на ба марҳилабандию гурӯҳбандии раванди инкишофи сохти хоҷагидории ҷомеаи инсонӣ равона бошад (зеро ин масъалаҳо аз тарафи кулли олимони ҷомеашиносу муаррихон, хеле васеъ омӯхта шудааст), балки, бояд ба таҳлилу муайян кардани қонунҳои умумӣ ва хусусӣ, ки маҳақи асосии инкишофи ҳаёти ичтимоӣ-иқтисодии инсониятро ташкил медиҳад, самт гирад. Ин масъала ҳам барои имрӯз ва ҳам барои

---

[1] Научные открытия В.И. Вернадского: взгляди в будушее. Казахстан, Боровое 2004. с 166

фардои инсоният аҳамияти калон дорад. Зеро инкишофи устувори ҷомеаи инсонӣ «чунон модели рушдро тақозо мекунад, ки талаботи ҳаётии инсонҳои насли имрӯз, набояд аз ҳисоби маҳрум кардани имкониятҳои наслҳои оянда қонеъ гардад».[1]

Табиатшиносон ва ҷомеашиносон ягонагии умумии амалиёти қонунҳои табии ва биосфериро, хам дар ҷахони моддию табиӣ ва хам дар ҷахони маънавию ичтимоӣ таъкид кардаанд. Ин ягонагӣ ба худ истисно ва ё тарафи диалетикии муқобилро дарбар мегирад. Яъне, махз ба туфайли тақсимоти функсионалиӣ миёни чузъхои организми том аз як тараф ва алоқамандии онҳо аз тарафи дигар, инкишофи бефосилаи организми ҳам ичтимоӣ ва ҳам табиӣ ба вуқӯъ меояд. Дар баробари ин, мубориза барои ҳаёт ва ё зинда мондан, ҳамон организмҳои биосфериро афзун мекунад, ки агар онҳо нисбат ба дигар мавҷудоти зиндаи табиат, ба нафъгирии муҳити иҳоташуда хеле беҳтар мутобиқ шудаанд. Амалиёти чунин қонунҳо буд, ки инқилоби иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаҳои барвақтии ориёниҳо ба вуҷуд омад. Қонуни мубориза барои хаёт, ҳамонҳоро то имрӯз зинда мононд, ки онҳо беҳтар ба муҳит мутобиқ шуда, онро барои ҳадафҳои худ истифода бурданд ва дар ин раванд ба муҳити зисти худ нафъ оварданд. Яъне, чӣ тавре, ки иқтисодчиёни давраи навин мегӯянд, инсон таклифоти самаранок тавлид кард, то ин ки аз тарафи муҳити иҳоташуда, пешниҳоди оқилонаву самаранок, низ баррасӣ гардад. Ҳамин тариқ мубориза барои зист ва хаётгузаронӣ ҳамон халқҳоро абадзинда кардааст, ки агар ҳар як узву фарди он қобилияти ҷонфидоиро барои нафъи муҳиту қавми худ доштанд ва бинобарон хислатҳои баланди истифодаи ҷомеавию ваҳдати муҳити иҳоташударо дода буданд.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр шуд, дар давраи ориёниҳо сохти ҷомеавию табақавӣ ва баъдтар бо устувор гаштани дини авастоӣ сохтори ҷомеавию давлатӣ инкишоф ёфт. Сохтори

---

[1] Колтюч В.А. На пути к устойчивому развитии цивилизации.\\ Свободная мысл. 1992 .№14.с.4

табақавӣ дар давраи худ хеле нафънок буд. Вай, он арзишҳои хуби инсониро тавлид кард, ки на танҳо дар олами муосир мерос мондааст, балки барои таҳияю тадбиқи таълимоти ноосферӣ ва инкишофи устувори инсоният аҳамияти калон дорад. Сохти табақавӣ дар инкишофи ташкили ҷамъият ва истеҳсолот нақши муҳим гузошта, тадриҷан (эволютсионӣ) тараққӣ меёфт. Бинобарон, дар он заҳматҳои наслу авлодҳои хеле бисёри инсонӣ маҳфуз аст. Он сохтор, ба хамон одату оинҳо ва тамоили инсонҳо такя мекард, ки ба тағйиротҳои куллию суръатнок мутобиқ набуданд ва ё имконнопазир буд. Дар давраи ориёӣ шаклҳои ташкилӣ, динӣ, оинӣ, ҳарбӣ ва истеҳсолӣ бо ҳам хеле алоқамандии зич доштанд, ки он аз сохтори табақавӣ бармеомад ва ё тарафи ба вӯкӯъ омадани ин ҳодисот буд. Он халқу миллатҳо, ки пешбари пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ буданд, пеш аз ҳама, ба пойдоркунии сохтори табақавӣ шомил буданд. Ин аз он далолат медиҳад, ки сохтори табақавӣ ба вазъияти хамондавра мувофиқат мекард ва халқияту наҷодҳоро ташаккул дод. Инкишофу ташаккули халқхои ориначот исбот карданд, ки нафънокии ин сохтор нисбат ба норасоиҳои он, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ, барҷаста ба вукӯъ омада, афзалияти худро нишон додааст.

Бешубҳа, ҳар як организми дилхоҳи биосферӣ сифатҳои мухталифро дорост, ки яке фаъолу ҳалкунанда ва дигаре нисбатан пассиву чандон таъсирбахш намебошад. Сифатҳои аввала, афзалнок буда, инкишофу зинда мондани онҳоро таъмин мекунанд. Дар навбати худ, дар раванди мубориза барои ҳаёт ва зинда мондан, баъзе сифатҳою одатҳои авлоди инсонӣ, ки ҳарчанд нафънок набошад ҳам, боқӣ монданд. Аммо онҳо алоқаи доимии худро ба он сифатҳое, ки сарчашмаи инкишоф буд, нигоҳ доштанд. Масалан, баъзе халқияту миллатҳо ба туфайли зафарҳои ҳарбӣ, санъати ҳокимиятдорӣ, тоқатпазирӣ дар меҳнати сангин, тиҷорату меркантализм, андешаҳои ҷаҳонсозу тафаккури баланд ва ғайраҳо то имрӯз зинда монданд. Сохти табақавӣ бошад бо

меҳнати тахассусшуда, умуман тақсимоти меҳнат мутобиқ шуда, ҳар як фард ва ё гуруҳи одамонро маҷбур месохт,ки ба манфиатҳои ҷамъият ва ё талаботҳои махсуси ҷамъиятӣ ҷонфидоӣ кунад.

Акнун марҳилаҳои мобайнии инкишофи хоҷагии ҷамъиятиро истисно мекунем ва ташкили истеҳсолоти муосирро мушоҳида карда мебинем, ки он ба сохтори табақавӣ зид аст. Аммо чандон монандӣ ҳам низ дорад. Аз як тараф, сохти хочагидори шадидӣ ба чандирӣ гузаштааст, тарзи истеҳсолӣ, ки хосияти стреотипӣ дошт, имрӯз, суръатнок тайғир меёбад; муносибатҳои ҷамъияти синфӣ ва вазъи фардҳо дар синфу табақаи худ, ки дар ҳамон замон ба қоидаҳои анъанавӣ муайян мешуд, имрӯз ғайриустувор гашта, шаклҳои худро дар партави тайғироти шароитҳо зуд дигаргун мекунанд. Аз тарафи дигар, ҷонфидоии аъзоёни ҷамъият барои қонеъ гардонидани таклифоти ҷамъият дар доираи истеҳсоли бойигарии миллӣ, мисоли атавизм ва ё бозгашт ба шароитҳое, ки дар қадим низоми табақавӣ буд, мебошад Гап дар сари он аст, ки тақсимоти меҳнат миёни иштирокчиёни мухталифи фаъолияти иқтисодӣ ва миёни фардҳои алоҳидаи як категорияи коргарон, чунон чуқуру деталӣ шудааст, ки онҳо дар сатҳи баланд мутеи якдигар шудаанд ва манфиати воқеии истеҳсолгар, баъзан зери ҷонфидоӣ ба хотири афзун кардани бойигарии моддӣ қарор гирифтааст.

Ҳарчанд яке аз бунёдгарони илми иқтисодии классикӣ А. Смит, афзалияти умумии тақсимоти меҳнатро дар инкишофи хоҷагии ҷамъиятӣ қайд кард буд, аммо зарур донист, ки оид ба камбудӣ ва хосиятҳои манфии он, ки ба инсоният фалокатҳо низ меорад, таъкид намояд. Назарияи ташкили табиӣ («дасти ноаён» ва баъдтар «оптимум Паретто») барои инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият аҳамияти бузург дошта ба қаъри ақли инсоният таъсир бахшид. Аммо ин назария зарарҳо хам овард. Моҳиятан вай мушоҳидаву бартараф кардани тарафҳои манфию харобкунандаро, ки бо пешравию беҳдоштҳои печ дар

печ омезиш дошт, халал расонид. **Якум**. «Дасти ноаён»-и А.Смит - ин фаъолияти стихиявии қонунҳои объективии иқтисодӣ мебошад. Шароите, ки дар он фаъолияти хеле созандагии манфиатҳои шахсӣ ва қонунҳои стиҳиявии рушди иқтисодӣ ба вукӯъ меояд, А. Симт қоидаи табиӣ, ном додааст. Дар ин ҷараён, ҳар як истеҳсолгар ҳамчун «инсони иқтисодӣ» фаъолият карда, ҷуръат мекунад, ки бо кадом роҳе набошад даромад ва фоидаи баландро ба даст орад. Дар натиҷа, вазъи иқтисодии яке аз ҳисоби паст гаштани вазъи иқтисодии дигаре баланду беҳтар мешавад. Дар ин раванд, чи тавре, ки таъкид мешавад, захираҳо чун «оптимуми Паретто» самаранок истифода мешавад. Аз ин ҷост, ки сарвату бойигарии иқтисодӣ ба нуфузи ками аҳолӣ ва ба ихтиёри давлатҳои мутараққии ҷаҳон консентратсия шудааст. Сеяки аҳолии ҷаҳон дар сатҳи пасти зиндагиву қисми зиёди онҳо камбизоатӣ ва гуруснагиро аз сар мегузаронанд. Имрӯз, давлатҳои мутараққии ҷаҳон фоидаи мусбии иқтисодиро метавонанд, фақат аз ҳисоби истифодаву коркарди сарватҳои табиии давлатҳои сусттараққикарда ва фурӯши аслиҳаҳои ҳарбӣ ба даст оранд. Давлатҳои сусттараққикарда бошад, аз ҳиосби фурӯши ашёву бойигариҳои табиӣ ва фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ (тиҷорати маводи нашъамандӣ, одамфурӯшӣ ва ғ.) фоида ба даст меорад. Ҳамин тариқ, қонунҳои табиӣ амалӣ гардонидани манфиаҳои эгоистӣ истифодаи суръатноку бераҳмонаи захираҳои табииро боис гашта, ба таҷовузи муҳити иҳоташуда ва вайроншавии мувозинати табиии мусоидат кардааст. Пас мебинем, «ки инсони имрӯз назар ба ҳазор сол пеш рӯ ба рӯ ба хатарҳои фоҷаниагезтар мебошад».[1]

**Дуюм**, Назарияи ташкили табиии, дар навбати худ, оид ба масъалагузорӣ, низ халал расонид: ҳатто, беҳтарин хосиятҳои истеҳсолоти давраи муосир гузаранда аст, барои иҷрои ҳадафҳои нафъовар ва ё барои иҷрои миссияи таърихии азхудкунии нафъноки хизмат мекунанд, ҳамчунон ки сохтори

---

[1] Э.Ш Раҳмонов. Инсон ва андешаи ҷаҳонсози ӯ\\.Минбари халқ, 7 сентябр соли 2005

табақавӣ иҷро карда, ҳадафи ҷустани роҳҳои беҳтарини шакли ташкили хоҷаги - марҳилаи фараҳи ояндаро доштанд. Ҳамин тариқ, сохти иқтисоди бозорӣ, низ зери қонуни атрофияи сохтор қарор дорад.

Дар назарияи ташкили табии, қонунияте истисно шудааст, ки тибқи он, олотҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнати тадбиқ мешавад, устувору мустахкам ва такмил мегардад. Герберт Спенсер қайд карда буд, ки агар машкхои ақливу ҷисмонӣ ба инсон фараҳу қонеъшавӣ орад, пас онҳо пай дар пай истифода шуда суръатнок инкишоф меёбанд.[1] Инсон аз тадбиқи қобилияти худ қонеъ мегардад, аз фараҳи гирифтааш хушнуд гашта ба такмили он самт мегирад. Сифатҳои зеҳниву эҷодофаринаш, ки боиси инкишофи ҳаёти инсон гаштааст, пеш аз ҳама на барои гирифтани чизе равон буд, балки барои фараҳу қонеъшавии маънавӣ инкишоф меёфт. Ин омили бузург ташкили давлати қонунбунёдро боис гаштааст, ки ин ҳадафҳо бевосита тамоили бунёди бойигарии моддиро надошт. Аз ин лиҳоз, ташкили имрӯзаи истеҳсолотро (муносибатҳои иқтисодиро) ба пуррагӣ омӯхта, чунон бояд такмил дод, ки зинаи поёнии коргарон имконият пайдо кунанд, то ки қобилияти ақлии маҳфузи онҳо ба вукӯъ омада, аз тадбиқи он фараҳ гиранд. Зеро дар раванди амалиёти қонуни мубориза барои ҳаёт ин қобилиятҳо ба вукӯъ намеоянд. Агар маҳдудияти зеҳни инсонӣ барҳам хӯрад, пас танзими самараноки раванди табии пайваста бо пешбинии оянда ба зинаҳои нави инкишоф мегузарад. Сохтори истеҳсолӣ, ки сифатҳои зеҳнӣ зинаҳои поёнии захираҳои меҳнатиро (коргаронро) поймол мекунад, ба худ нобоварии ҷиддӣ, омилҳои боздошти инкишофро тавлид мекунад.

Арзишро на танҳо сармояву меҳнат месозанд, ҳамвора бо он, барои бунёди арзиши моддӣ қобилияти интеллектуалӣ ва эҷодӣ, низ зарур аст. Барои таъкиди мақоми бунёдсозу ҷаҳонсози зеҳну тафаккури инсонӣ консепсияи В.И.

[1] А.Маршалл Принципи экономической науки. Т.1.М.1993 г.с.325

Вернадскиӣ оид ба ноосфера аҳамияти калон дорад. Ноосфера ин системаи «табиат-ҷамъият» буда, дар он ҳокимияти ақли инсонӣ мушоҳида мешавад ва ҷомеа чун элементи олии ташкилкунанда баромад мекунад. «Тайғиротҳову дигаргуниҳо қисман бошуурона, аммо пеш аз ҳама, бешуурона ба вукӯъ меояд, - таъкид мекунад В.И. Вернадскиӣ- маҳз ҳамин аст, ки биосфера тадриҷан ба ноосфера мегузарад. Некӣ ва бадӣ, низ бунёди ноосферӣ аст.»[1] Пас, ноосфера ин раванди табиии мабдаи таърихӣ, моҳиятан ба тамаддуни умумибашарӣ-тамаддуни наслҳои гузаштаву имрӯз ва фардои инсонӣ тааллуқ дорад. Ориёиҳо, низ ба тафаккуру андешаҳои созандагӣ ва тозаи худ дар риштаи тамаддуни умумибашарӣ ворид шудаанд. Дуияте, ки яке аз хусусиятҳои асосии дини зардуштӣ буд, аз муқобилгузории ду мабдаи доимии муҷаррад Некӣ ва Бадӣ ва ё Ростӣ ва Дурӯғ таркиб ёфта буд. Некӣ - ин ростӣ, адолат, рӯшноӣ ва ғ, ки сарвари онро Худои бузург Аҳура - Маздо ба ӯҳда дошт. Бадӣ - ин дурӯғ, хиёнат, ғорат, торикӣ ва ғ, ки худои он Ахриман мебошад. «Мубориизаи ин ду қувваи асосӣ пешрафти ҷаҳонро ташкил медиҳанд.[2] Зимнан бояд қайд кард, ки тибқи ақидаи файласуфи фаронса П.Тейре де Шарден (1881-1955 с.) ноосфера ин «пардаи тафаккуру андешаҳо», ки кураи заминро фаро гирифта, инкишофи он қуллаи омезиши инсон ва худовандро таъмин мекунад. Ин ҷо шояд Худои Некиро дар назар дорад. Дар аҳли ориёӣ, инсони нек дар асоси аҳкомҳои «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» бояд фаъолият кунад. Афзун кардани неъматҳои моддӣ дар ҳаёти осоиштагӣ оид ба рафтори нек шаҳодат медод. Он касе, ки бештар ба ғаллакорӣ шавқу завқ дошт, вай исботи имони қавӣ бар зардуштро ба иҷро мерасонад.

Дини зардуштӣ, ки дини давлатӣ шуда буд, хох нохох ғояҳои он манфиатҳои табақаҳои ҳукмрони ҷамъиятро ҳимоя мекард. Он чи зулму ситаме, ки шоҳон ба халқ мекарданд, «чун

---

[1] Научные открытия В.И. Вернадского: взгляди в будушее. Казахстан, Боровое 2004. с 166.
[2] Б. Г. Гафуров Тоҷикон ч. 1.с.82.

хости Худо» эълон мешуд. Чи тавре, ки Ф. Энгелс қайд карда буд, «ягонагии худо, ки кулли ҳодисоти табиатро зери назорат дошт, ин инъикоси ягонагии золимгарии шарқ буд».[1] Беадолатии шоҳон буд, ки баъдтар дини нави Монӣ пайдо шуд. Ин дин эҳёи қувваи некӣро эълон намуд. «Он ҷое, ки муҳаббат нест, тамоми некӯкориҳо нотакмил аст»-ин буд шиори дини Монӣ. Инсондӯстӣ мағзи ин дин буд.[2]

Ҳамин тариқ, гузариши биосфера ба ноосфера зарурат буда, тайғироти куллии «инсони биосферӣ» «васеъшавии андешаҳ»-ои онро такозо мекунад. Тавлид-и инсонии-нав бо ахлоқу ғояҳои нав, ки нафъи максималиро ба муҳит, муҳаббат ба инсону инсоният пайдо кунад, зинаҳои аввали воқеияти ноосферӣ мебошад. «Инсони иқтисодӣ», ки имрӯз мутеъи талаботҳои модди гашта аз асли худ-маънавиёт дур шудааст, иқтисодчиёнро низ водор мекунад,ки ахлоқи иқтисодиро ба предмети илми иқтисодӣ ворид намоянд. Илм, ки ягона захираи беҳудуди неъматсоз аст, ҳодисоти кайҳонӣ (планетарӣ) гашта, ягонагӣ ва омезиши табиат, ҷамъият, илмҳои табии, техникӣ ва гуманитариро бо таври воқеӣ талаб менамояд.

Бузургдошти тамаддуни ориёӣ, назар ба қаъри таърихи ниёгони худ, омӯзиши хислатҳои баланди инсонии онҳо, самимияту муҳаббати онҳо ба инсону табиат, ки бештар бо тозаандешӣ фарқ мекард, барои тарбияи насли нави инсонӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандии воқеӣ саҳми шоистае хоҳад гузошт.

## 6.2. Роҳи абрешим ва тамаддуни иқтисодии тоҷикон

Ҳанӯз, то вақте ки асари А.Смит «Боигарии миллат...» диққати хонандагонро ба худ ҷалб карда буд, табиатшиносон, биологҳо аллакай муваффақиятҳои калонро оиди омӯзишу таҳқиқотҳои барҷаста нисбат ба тафовути қобилияти ташкилотчигӣ дар намудҳои олӣ ва зинаи пасти ҳайвонот, ноил

[1] Маркс К. Энгельс Ф.Соч. т 27. с.56

[2] Всемирная история экономической мысли Т.1. М.1987с.75

гашта буданд. Асари Малтус, ки дар он оиди муборизаи инсон барои ҳаётгузаронӣ таъкид шудааст, ба хонандагон маълум буд. Дарвин, таъсири мубориза барои ҳаётгузарониро дар дунёи ҳайвоноту набототи омӯхта интихоби табииро ҳамчун (оқибати) натиҷаи доимии мубориза барои ҳаётгузаронӣ ҳисобид.

Ин кашфиётҳо буд, ки бисёре олимони илмҳои гуманитарӣ пайвастагӣ ва ё хосиятҳои умумӣ миёни ташкили ҷамъияти инсонӣ, махсусан, истеҳсолотро аз як тараф ва ташкили табиии ҳайвоноти олиро, аз тарафи дигар, нишон доданд. Албатта, бо инкишофи замона як қатор шабоҳату монандиҳо барҳам хӯрданд, вале хосиятҳои умумӣ илова шудааст, ки оиди амалиёти қавии табиат дар ҷаҳони моддию маънавии ҷамъият шаҳодат медиҳад. Ин ягонагӣ дар қоидаи мавҷудае, ки тибқи он инкишофи организми ҳам ҷамъиятӣ ва ҳам табиӣ бо туфайли тақсимшавии функсияҳои он миёни ҷузъҳои (қисмҳои) мухталифи он, аз як тараф ва фаъол шудани алоқаҳои хеле зичу устувор миёни ҷузъҳои таркибии организм, аз тарафи дигар ба вуқӯъ меояд.

Дар ин раванд, ҳар як ҷузъҳои таркибии организм, нисбатан мустақилу худтаъминшаванда гашта, инкишофу такмилшавии онҳо беш аз пеш ба қисмҳои дигар мутеъ мегарданд. Дар натиҷа, тағйирёбии ночизе дар ягон ҷузъи алоҳидаи организм, бешубҳа ҷузъҳои дигарро низ тағйир медиҳад ва ё таъсир мерасонад. Чунин алоқамандӣ дар шеъри Шайх Саъдӣ хеле дақиқ инъикос ёфтааст:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Тақсимшавии бефосилаи функсияҳо миёни ҷузъҳо, яъне дифференсиатсияи онҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои ҳоҷагии халқ, дар шакли тақсими меҳнат, инкишофи тахассусҳои махсус, дониш, олотҳои меҳнат ва ғайраҳо ба вуқӯъ меояд.

Интегратсия, яъне алоқаю пайвастагиҳои ҷузъҳо, дар навбати худ, пурзӯр шуда ба пайдоиши қарзҳои тиҷоратӣ, нақлиётҳои мухталиф, почта, таҷҳизотҳои чопӣ ва ғайраҳо мусоидат мекунад.

Тибқи назарияҳои муосир организми мутараққӣ, яъне организме, ки дар мубориза барои ҳаётгузаронӣ фаъолият мекунад, ҳоло дар вазъи такмилу коркард қарор дорад: онҳо дар пуррагӣ ҳам дар доираи биологӣ ва ҳам дар алоқаҳои иқтисодӣ такмил наёфтанд. Бояд қайд кард, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ ва илмҳои иқтисодӣ, мо метавонем он қонуниятҳоро таҳлил намоем, ки тибқи он мубориза барои ҳаётгузаронӣ, ҳамон организмҳоро рушду нумӯъ медиҳад, агар вай нисбат ба дигаре бештар ба даст овардани фоиданокиро аз муҳити иҳоташуда таъмин мекунад ва ё мутобиқ шуданд. Таҳлилу тадқиқоти чунин қонун хеле мураккаб аст. Зеро бештари организмҳо муҳити иҳоташударо истифода бурда, аммо ба он ягон нафъе намеорад. Бинобарон, кафолати зинда мондани он организмҳо дар дунёи ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ вуҷуд надорад. Аз ин ҷост, ки муаммоҳои экологию харобшавии муҳити зист инсониятро ба ташвиш овардааст.

Ҳамин тариқ, қонуни «зиндамонии организмҳои бештар мутобиқшуда» чунин маъно дорад: ҳамон организмҳо (система) боқӣ мемонад ва пурқувват мегардад, агар ба муҳит бештар мутобиқ гашта, онро барои қонеъгардии ҳадафҳои худ истифода мебаранд ва дар ин раванд ба муҳит нафъи мусбӣ мерасонанд.

Агар мо ба инсон, ки ақлу забони гӯё дорад, назар афканем, пас мебинем, ки ҳисси қарзу манфиатҳои қавмиаш шаклҳои мухталифро мегирад. Дар ҳақиқат, дар зинаҳои олии ҳаёти инсон, бисёр хизматҳое, ки як фард ба дигаре мерасонад, натиҷаҳои одатҳои ирсӣ ва ё генетикӣ мебошад (мисоле, ки дар мӯрчаву занбӯри асал ба вуқӯъ меояд).

Баъдтар, дар ҳаёти инсонӣ фаъолиятҳои бошуурона ва ахлоқӣ ба вуқӯъ омада онҳо дар зери роҳбарии дурбинонаи

пайғамбарон, имомҳо ва қонунгузорон такмил меёбанд, дар достонҳо инъикос мешаванд. Ҳиссиёти бошуурона зина ба зина аз ҳудуди паҳнои худ (авлодӣ) бурун рафта, асоси рафтори хирадмандонаи инсонро ташкил медиҳад: манфиатҳои авлодӣ, ки мисли тӯдаи гургон ва ё гурӯҳи роҳзанон буд ба ватанпарварии (патриотизми) нек ва ғояҳои динӣ бошад ба муқаддастарин ва тозатарин ғояи инсонӣ мубаддал мегардад. Дар миллатҳое, ки чунин сифатҳо хеле барҷаста инкишоф меёбад, нисбат ба дигар миллатҳо афзалият пайдо карда, метавонанд дар ҷанг, мубориза бар гуруснагӣ, касалиҳо ва камбизоатӣ зафарёб гарданд.

Ҳамин тариқ, мубориза баҳри ҳаётгузаронӣ, дар ниҳоят ба зинда мондани миллатҳо, ки дар онҳо ҳар як фард тайёр аст, ҷони худро баҳри умум ва муҳите, ки зиндагӣ мекунад, нисор кунад ва бинобарон ба истифодаи коллективии муҳити худ бештар мутобиқ шудаанд, мусоидат мекунад. Тадқиқотчиёни илмҳои ҷамъиятӣ аз олимон файласуфони дунёи қадим сар карда то имрӯз таъсири ташкили истеҳсолот ва мубодилотро (тиҷоратро) ба ҳосилнокии меҳнат таҳлил карданд ва мақоми муайянкунандаи онҳоро таъкид намуданд. Ин масъалаҳоро А. Смит ва Д. Рикардо хеле васеъ мавриди таҳлил қарор додаанд. Онҳо афзалияти тақсимоти меҳнатро, ки боиси хамбастагии ҷузъҳои ҷамъият гашта мубодилотро тавлид кардааст ва дар навбати худ барои инсоният имкониятҳои васеи истифодаи захираҳоро пайдо кардааст, нишон доданд. А. Смит қайд кардааст, ки афзоиши нуфузи аҳолии рӯи замин ба ҳаҷми воситаҳои зист фишор меорад. Бинобарон, миллату халқҳое, ки қобилияти ташкилотчигӣ надоштанд ва ё тарзу услуби ба мақсад истифодабарии афзалиятҳои (захираҳои) ҷои истиқоматии худро наҷустанд, миқдоран кам шуданд ва ё тадриҷан аз байн рафтанд.

Забткунии ҷуғрофии кураи замин, ки асосан мазмуни иқтисодӣ дошта бо роҳи истилои ҳарби ва тичорати байналмиллалӣ (тақсимоти иқтисодии ҷаҳон) идома меёбад –

таъкид мекунад олими англис А. Маршалл,[1] устувории миллатҳо ва пойдории давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ муосирро таъмин кардааст (боқи гузоштааст). Маҳз меркантализм буд, ки устувории давлати Британияи Кабир то имрӯз боқӣ монда, забони англисӣ забони умумиҷаҳонӣ шудааст. Бинобарон, В. Ленин ҳам хеле воқеӣ қайд кардааст, ки миллат маҳсули ҷамъияти сармоядорӣ ва муносибатҳои молияву пулӣ аст.

Гуфтаҳои болоро ба он хотир ёдрас шудем, ки онҳо дар тӯли қарнҳои 18-20 ҷамъбаст шуданд, аммо дар асоси маводҳои баъди асри 15, ки меркантализм ҳамчун мактаби иқтисодӣ пайдо шуда буду давлатҳои щарб ба истиқлоли иқтисодиву сиёсӣ омода шуда буданд, такягоҳ шуданд. Илми иқтисодӣ низ, бо ақидаи олими амрикоӣ (австралиягӣ) И.Шумпетер[2] аз ду ҷанба реша мегирад: 1 меркантализм (тиҷорат) ҳамчун далелҳои эмпирики ва 2. нархҳои адолатонаи файласуфони дунёи қадим ва асрҳои миёна.

Мо иқтисодчиён, хонандагони Тоҷикистон оиди аҳамияти таърихию иқтисодии меркантализми ниёгони худ, яъне оиди роҳи бузурги абрешим, ки тамаддуни иқтисодии моро боис гаштааст, чандон маълумотҳои кофӣ надорем ва тадқиқотҳои назаррас (дар бахши илмҳои таърихи афкори иқтисодӣ ва хоҷагии халқ) мушоҳида намешавад.

Бинобарон, мо тасмим гирифтем, ки оиди пайдоишу инкишофи роҳи бузурги абрешим, афкори иқтисодии ниёгонамон шиносоӣ пайдо кунем. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф сафари кӯтоҳи таърихӣ кардем. Зеро таърихи инсоният мушаххас, таърихи афкори иқтисодӣ яке аз пояҳои илмӣ иқтисодӣ мебошад.

Далелҳо оиди тавлиди шаклҳои қадимаи муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва дипломатии миёни давлатҳои Осиёи Миёна дар Авасто инъикос ёфтааст. Эҳтимол дар асри 9-и то

---

[1] А.Маршалл Принципы экономической науки М. 1992г. стр. 73.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин ва асри миёна, китоби 1. Душанбе, Ирфон, 1983. с. 180.

милод дар ҳудуди Эрони муосир бо воситаи Кавказ ва Осиёи Миёна муҳоҷирати бузурги қавму авлоди ориёӣ ба вуқӯ омад. Дар ин ҷо онҳо якчанд иттиҳодияҳои қавмӣ бунёд карда, масканҳои муайянеро ишщол намудаанд. Дар шимолу щарби Эрон давлати паҳноваре таҳти унвони **Мод** ташкил ёфтааст, ки дар арсаи таърих чун шоҳии **Мод** маълуму маъмул гаштааст. Ин давлат Сурия, Гиркания, Парфия, қисми Суғд –қисми ҷанубии Осиёи Миёнаро забт кардааст. Табиист, ки пайдоиши давлат муносибатҳои моликият, мубодилот, тақсимоти захираҳо ва афзун кардани бойигарии миллиро мусоидат мекунад ва низоми муайяни хоҷагидориро ҷорӣ мекунад. Дар ин раванд, бешубҳа, бархӯрди манфиатҳои қавмӣ ба вуқӯъ меояд. Маҳз ин буд, ки Парфиягиҳо бо ёрии саакҳо барои ба даст овардани истиқлоли қавмию иқтисодӣ зидди шоҳии Мод бархестанд ва ҷангҳои тӯлонӣ идома ёфт. Ин ҷангҳои тӯлонӣ бо шартномаи сулҳ миёни саакҳову масагетҳо[1] хотима ёфта, парфиянҳо истиқлоли иқтисодии худро ба даст оварданд. Пас аз ин шартнома муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии байни қавму давлатҳо судманд ощоз ёфт. Дар ин давра, мо ҷанини муносибатҳои дипломатиро, низ эҳсос мекунем.

Дар асри 6 то милод нақши таърихии давлати хаҳоманишинҳо хеле барҷаста аст. Масканҳои гарбии Осиёи миёна дар таркиби ин давлат қарор гирифта, Бохтар, Суғ, Магиана, Хоразм аз тарафи Кир (шоҳи Хахоманишинҳо) забт шуда буданд. Ин давлат бо саакҳову масагетҳо мубориизаи тӯлонӣ бурд, вале ниҳоят бо созишномаи сулҳ ба анҷом расида, муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ равнақу ривоҷ ёфт.

Ба мо маълум аст, ки ёдгориҳои калонтарини хати қадимаи эронӣ Авасто мебошад. Дар он ғояҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ҷой дорад ва мавқеи инсон хеле боло аст. Фаъолияти инсони некӯкор – таъкид мешавад дар Авасто – бояд ба се чиз қарор гирад: пиндори нек, кирдори нек ва гуфтори нек. Инсон бояд бо корномаву фаъолияти некӯи худ, дар ҳаёти осоишта,

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи ыадимтарин ва асри миёна китоби 1. Душанбе, Ирфон, 1983. с. 180.

неъматҳои моддиро афзун кунад. Ин ақидаҳои ичтимоиву иқтисодии Авасто, пас аз чандин қарнҳо, дар асрҳои 18-20-и мелодӣ, дар асарҳои олими англис, Бентам, олими амрикоӣ Маслоу ва олимони австриягӣ Бем-Бавёрк, О. Визер инкишоф ёфтанд. Дар Авасто қайд мешавад, ки мазмуни зардуштӣ хеле пурра ба вуқӯъ меояд, агар инсон бо тамоми ҷуръати худ гандум парварад. Яъне ба кишоварзӣ диққати махсус дода мешавад, ки он ҷанини мактаби физиократии асрҳои 15-18-и французҳоро ташкил медиҳад.

Дар маъхазҳои хитоии асри 2-1-и то милод **Даван –** давлати қадимаи Фарщона тасвир шудааст. Ривоят мекунанд, ки «мардумаш дар тиҷорат моҳиранд, соҳаҳои кишоварзии мутараққӣ дорад, дар ин ҷо токзорҳои калон будааст, юнучқа мекиштанд, хусусан аспҳои Фарғона – ҳамчун аспҳои осмонӣ машҳур буданд, ки ҳар як ашрафзодаи кишварҳои ҳамсоя орзу доштанд, ки чунин аспҳо дошта бошанд»[1] Дар ҳақиқат, водии фарғона, аз нигоҳи маданияту тамаддуни кишоварзӣ дар ҷаҳон нақши намоён дошт. Императорони хитой мекӯшиданд, ки фарғонаро тасхир намоянд.

Зеро забт кардани давлати Даван – Фарғона, барои хитоиҳо имконият медод, ки аз як тараф, аспҳои зотии фарғонагиҳоро, ки гӯё аз аспҳои «осмонӣ» пайдо шуда бошад ба даст оранд (зеро он орзуи деринаи онҳо буд), аз тарафи дигар ба туфайли ҳудуди Фарғона бо кишварҳои Ғарб роҳҳои тиҷоратӣ кушоянд. Хитоиҳо дар ҳуҷуми аввалаашон ба Фарғона шикаст хӯрда, бо тайёрии ҷиддӣ дубора ҳуҷум мекунанд. Халқи Фарғона дар муддати чандин солҳо ҷанги хунину вазнин бурданд, ниҳоят одамони табарруки Фарғона ба хитоиҳо оиди хотима додани ҷанги беамон шартҳо пешниҳод мекунанд. Аз он ҷумла, созишномаи тиҷоратӣ оиди фурӯхтани аспҳои зотиву, тухми юнучқа ва дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ хитоиҳоро қонеъ кард ва ба ҳамин Роҳи бузурги абрешим оғоз ёфт. Ҳамин тариқ, хитоиҳо имконият пайдо карданд, ки

[1] Ҳамон ҷо саҳ. 73.

абрешим, шишавориву чиниворӣ ва дигар маҳсулотҳои худро бо туфайли ҳудуди Фарғонаву Суғд ба кишварҳои Ғарб фурӯшанд. Фарғонагиҳо, истеҳсол кардани абрешимро низ аз худ карданд. Баъдан, фаъолияти иқтисодиву тиҷоратӣ дар давраи қӯшониён ривоҷу равнақ ёфт. Дар ин давра, зироаткории Осиёи Миёна, тамоми анвои зироатии дар асрҳои миёна маъмулро – ғалла, ангуру мева, алафу хошок ва ғайраҳоро парвариш мекарданд. Ҳатто , бисёр халқҳои кишварҳои ба Осиёи Миёна ҳамсоя, парвариши юнучқаву чормағзро аз мардуми мо омӯхтанд. Маҳсулоти зироатӣ ва чорводорӣ хеле хуб ба фурӯш мерафт.

Қӯшониён қисми шарқии Роҳи бузурги абрешимро, ки роҳи асосии байналмиллалӣ буд, хеле устувор дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Зеро маҳз бо ҳамин роҳ, тиҷорати байналмиллалии абрешим ва дигар молҳои нодир ба амал меомад. Ин роҳ аз пойтахти Хитой ба Осиёи Миёна ва баъд бо воситаи Эрон ба кишварҳои шарқӣ, баҳри Миёназамин мерафт. Аз роҳи асосӣ, боз шохаҳои роҳ ба ҷануб–Ҳиндустон, ба шимол бо воситаи баҳри Каспий ба Кавказ ва баҳри Сиёҳ ба давлатҳои ғарб, бо роҳи даштӣ ба Урал ва ғайраҳо ҷудо мешуд. Давлати Кушон, умуман ба муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, робитаҳои тиҷоратӣ аҳамияти ҷиддӣ медод. Зеро аз ин фаъолият, ҳам хазинаи давлат ва ҳам мардум ғанӣ мегашт. Тоҷиронӣ Кушон бо Миср Рим ва Ҳиндустон алоқаҳои тиҷоративу дипломатии хеле баландро доштанд! Муаллифони Рими қадим қайд мекунанд, ки дар давраи шоҳии Августа, Тиберия то Аврелиана фаъолияти бохтариҳо (тоҷирони Бохтариҳо) хеле назаррас буд. Аҳмияти тиҷорат миёни Кушон ва Рим чунон баланд буд, ки Вимо Кадфиз (Кадфизи 2) дар қаламрави кишвари худ ислоҳоти пулӣ (монетӣ) гузаронд. Ӯ бар ивази тангаҳои нуқрагин, ки дар Осиёи Миёна, Ҳиндустон паҳн шуда буд, мисли Рим ба тангаҳои тиллоӣ гузашт. Модоме, ки ислоҳоти пулӣ ҷой дошт, пас муносибатҳои мубодилот ва моливу пулӣ ба дараҷаи баланд инкишоф ёфтааст. Зери

назорат қарор додани Роҳи бузурги абрешим ва инкишоф додани ин роҳ аз тарафи империяи Кушониён ба онҳо имконият додааст, ки на танҳо тиҷорати қисми ҳиндустонӣ, балки қаламрави Осиёи Миёнагии онро ривоҷу равнақ диҳанд. Масалан, тангаҳои римӣ, бусҳои мисрӣ, чизҳои шишагини булӯрӣ, ва дигар молҳои пайдоиши кишварҳои дар атрофи баҳри миёназаминдошта ёфт шудааст. Ба ғайр аз абрешими Хитой ва мӯинаҳои уралӣ (наздиуралӣ), оҳан, лаъли бадахшон ва дигар сангҳои қимматбаҳо дар тиҷорат ҷой дошт. Яъне абрешим, биринҷ, рангвор аз Хитой, ҳунармандии шаҳрӣ бошад аз кишварҳои ғарб савдо мешуд. Инкишофи соҳаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ дар шаҳрҳо ва тиҷорат аз он шаҳодат медиҳад, ки Осиёи Миёна дар давраи кушониён ба муваффақиятҳои калон ноил гаштанд.

Пайваста ба рушди тичорату робитаҳои иқтисодиву фарҳангии кишварҳои дар Роҳи бузурги абрешим воқеъ буда, тамаддуни мардуми ин минтақа инкишоф ёфтааст. Асарҳои санъати Римӣ ба таҳавуллоти санъати кишварҳои Осиёи Миёна таъсири калон расонид, омезиш ёфт. Абрешими Хитой, ки бо туфайли тиҷорат ба Осиёи Миёна меомад, дар ҳамин ҷо тарзи истеҳсоли он азхуд шуда, аллакай дар нимаи асри 1-и пеш аз милод, портҳо байрақи абрешимӣ доштанд. Дар қаламрави Осиёи Миёна ҳаёти шаҳрӣ (урбанизатсия) барвақт оғоз ёфта, бо бисёр кишварҳои дуру наздик робитаҳои тиҷоративу дипломатӣ баста шуда буд. Вилояту ноҳияҳои Суғд, Хоразм, Бохтар (Таҳористон) Фарғона, Хуросон аз нигоҳи иқтисодиву ичтимоӣ пешқадам буданд. Робитаҳои маҳаллӣ (манотиқӣ) тадриҷан робитаҳои қавму авлодиро иваз мекард. Ҷамоатҳои деҳот ба сатҳи муайян иттифоқҳои ноҳиявӣ ҳам буданд. Рушду нумӯи тиҷорати дохилаву беруна, муносибатҳои ичтимоиву иқтисодӣ иттиҳоди қабилаҳои ҳамсоя, раванди омезиши онҳо ва дар натиҷа ташаккули халқиятҳоро боис гардид. Забони форсӣ (дарӣ, тоҷикӣ), ки забони тиҷорат буду манфиатҳои

иқтисодиву ичтимоӣ ва фарҳангии халқҳои ин сарзаминро амалӣ мегардонд, бинобарон оламгир шуд.

Дар асрҳои 4-5 вазъи сиёсии берунии маскани тоҷикон ва минтақаҳои ҳамҷавори онҳо хеле мураккаб буда, тезутундшавии муносибати байниҳамдигарии шоҳии Кушон ва Эрони Сосониён аз як тараф, фаъолияти ҷудогонаи қабилаҳои кӯчманчии хиёниён, кидориён ва ҳайтолиён, аз тарафи дигар, боиси инқирози давлати Кушони Кабир шуд. Махсусан, танг кардани ин давлат аз тарафи Ҳайтолиён робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёнаро бо ҳамсоягони он халалдор намуд. Тиҷорат дар Роҳи бузурги абрешим танг гашт. Дар ан давра таназзули ҳаёти мардуми Хоразм, Порт ва ноҳияҳое, ки зери амалиётҳои ҳарбӣ қарор доштанд, мушоҳида мешуд. Аммо бояд қайд кард, ки Ҳайтолиён ба болоравии ҳаёти иқтисодиву ичтимоии масканҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна мусоидат карданд. Бинобарон, дар Суғд, Таҳористон, Фарғона ва дигар вилоятҳои шарқӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ бошад шаҳршавӣ инкишоф ёфт.

Амалиётҳои ҳарбиӣ байни туркҳо ва ҳайтолиён ба ғоратшавӣ ва хароб гардидани аҳолии осоишта гардид. Аммо туркҳо баъди торумор кардани қӯшунҳои ҳайтолиён ягон мулкҳои Осиёи Миёнаро ишғол накарда, ба вилоятҳои даштҳои шимолу шарқ кӯчида рафтанд. «Тоҷикон-менависад В.В Бартолд–барои туркҳо ҳамчун соҳибони саноат, тиҷорат ва умуман фарҳанги Эронӣ лозим буданд». Яъне онҳо бо истифода аз қобилияти болои зеҳнию тиҷоратии тоҷикон сарватҳои моддӣ ва маънавӣ ба даст меоварданд. «Бинобарон асри 6 –қайд мекунад Н.Турсунов** – бо пайдоиши туркҳо дар сарзамини тоҷикон муносибатҳои ҳарду халқ феълан осоишта ва дар баъзе мавридҳо, ҳатто дӯстона идома намуд». Хоқонии турк бо воситаи тоҷирону бозоргонони соҳибтаҷрибаи суғд ғаниматҳои дар шарқ ғораткардааш ва абрешими дар Хитой бо тариқи боҷ ситондаашонро бар ивази тангаҳои тиллоии Эрону Рум мефурӯхтанд. Дар Византия матои абрешим ҳамчун омили сиёсӣ истифода мешуд ва чун тиллову сангҳои қимматбаҳо

қадр мешуд. Абрешимро императори Византия Юстиниан барои тӯҳфа, ришвадиҳӣ ба иттифоқчиёни худ, харидани аслиҳаву афсарон истифода мебурд.*** Роҳи тиҷорат, яъне Роҳи бузурги абрешим асосан бо шимоли Эрон мерафт. Бинобар он, дар ин савдо, тоҷирони Эронӣ миёнарав буданд.

Онҳо ба тоҷирони Осиёи Миёна (тоҷикон) имконият намедоданд, ки бо мардуми савдогарони Византия бевосита робитаи тиҷоратӣ кунанд. Зеро савдогарони форс аз миёнаравии худ истифода бурда, нархи молро баланд мекарданд ва даромади ниҳоят калон мегирифтанд.

Ҳукумати турк (ҳоқонӣ) ин вазъиятро омӯхта, хостанд бевосита бо давлати Византия робитаи сиёсиву тиҷоратӣ банданд. Ин ҳадаф буд, ки шохаи дигари роҳи абрешим–бо соҳили шимоли баҳри Каспий ба Кавказ ва баъд ба Византия кушода шуд

Матои абрешимро одатан ба содироти Хитой мансуб мекарданд. Аммо навтарин базёфтҳои археологӣ далолат медиҳад, ки шоҳибарӣ ва истеҳсоли ин матоъ дар ибтидои асрҳои миёна дар маскани тоҷикон пурра азхуд шуда буд. Ҷузъи таркибии тиҷорати берунаро ба ғайр аз абрешим, боз аспҳои зотӣ, сангҳои қимматнок ташкил медод. Махсусан санги лоҷуворд дар Хитой бо номи санги хутан маъмул буд, ки он барои шохзодаҳо маводи зебу зевар буд. Мардуми Осиёи Миёна ба истеҳсолу тиҷорати доруворӣ, низ шӯҳрати калон пайдо карда буд. Доруворӣ ва ё малҳам, ки аз чанд моддаи хушбӯй тайёр карда мешуд, барои аҷнабиён нодиртарин мол ҳисобида мешуд. Ин дору барои захми бадан ва хуншорӣ беҳтарин даво будааст. Хосияти шифобахшии ин дору хитоиёнро чунон махбут карда буд, ки миёни онҳо чунин овоза ҳам паҳн шудааст; «агар дасту пои кандашуда бо ин дору ба тан часпида шавад, мисли пештарааш сиҳат шуда меравад».

«Суғдиён –менависад И.Б Бентович* --чармгариро нағз медонистанд» мешии хушсифати олиҷаноб ба ҷои қоғаз мерафт. Ҳамин тариқ, ҳаҷми савдои берунӣ хеле калон буд.

Бозоргонон дар ҷамъият обрӯву эътибори баланд доштанд. Қариб нисфи аҳолии Осиёи Миёна ба тоҷирот ва боқӣ нисфи дигараш ба кишоварзӣ шуғл доштанд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Гургон, Нишопур, Балх, Марв ҳамчун шаҳрҳои бозорргонону сарватмандон маъмул буданд. «Тоҷикон мафҳумҳои бозор ва бозогониро –кайд мекунад Н. Турсунов –ба моҳияти «**ривоҷу равнақ», «чораҷӯӣ, тадбир»**, «**суд, фоида»***  дарк намуданд ва одатан бозор ва тиҷорати бузургро ба иди ҷашнҳои милли хеш мутобиқ менамуданд»

Бозорҳо аз навъҳои ҳаррӯза, ҳарҳафтина, дар як моҳ 2 бор, дар як сол чор маротиба ташкилшаванда иборат буданд. Ҳамин тариқ, бо туфайли Роҳи бузурги абрешим сущдиён ва таҳористони тадбиркор то Ҷопон дар шарқ, Мисру Рум дар щарб, Ҳиндустон дар ҷануб бо Уралу болооби Волга дар шимол тиҷорат мекарданд.

Истилои араб, ғ**азоҳои** забткоронаи вай ба хоҷагӣ ва фарҳангии сарзамини тоҷикон зарбаи сахт расонид. Қатъи назар аз мағлубияти шӯришҳои асри 8 дар ибтидои асри 9 муборизаҳои халқҳои Осиёи Миёна бар зидди арабҳо хеле пурзӯр шуданд. Арабҳо аз ҷунбиши бузурги халқҳои Осиёи Миёна ҳаросида, ба идоракунии давлатӣ ашрофони маҳаллиро ҷалб намуданд. Ҳокимияти арабҳо барои пешравии тиҷорат ғамхорӣ зоҳир намуд.[1] Азбаски сарзаминҳои қисми ҷануб ва шимоли Осиёи Миёна ба империяи хилофати араб пайваст шуда буд, бинобарон барои бозоргонони тоҷик бозорҳои нави Эрон, Ироқ, Сурия, Миср, Хитой, Ҳундустонро дастрас намуд. Қадди роҳҳои корвон шумораи саройҳо – работҳо афзуданд. Инкишофи тиҷорат ва пешаҳои Косибӣ – ҳунармандӣ ба васеъшавии шаҳрҳо мусоидат кард.

Муттаҳид гардидани Хуросон ва Мовароуннаҳр дар атрофи маркази ягона, амалан таъмин намудани мустақилияти мамлакат дар давраи тоҳириён, махсусан Сомониён барои

---

* Н. Турсунов Таърихи тоҷикон.Хуҷанд 2001.С. 257

инкишофи ҳаёти иқтисодии кишвар заминаҳо ба вуҷуд овард. Кишоварзӣ, ҳунармандӣ, кандакорӣ ва тиҷорат минбаъд тараққӣ кард, вусъати шаҳрҳо ва таъмини бехатарии роҳҳои тиҷоратӣ дар давлати Сомониён барои афзун кардани гардиши байни шаҳр ва деҳот аз як тараф, байни кишварҳои ҳамсоя, аз тарафи дигар, шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар асрҳои 9 –10 тиҷорати корвонӣ ба Аврупои шарқӣ, Хитой, Эрон, Кавказ ва кишварҳои арабӣ Осиёи наздик аҳамияти калон пайдо кард. «Ба Итолиё ва Булғор биринҷ, меваи хушк матоъҳои пахтагин, пашмӣ ва абрешимӣ дирҳамҳои нуқра мебурданд. Аз давлати Рус, мулки Булғор ва мамлакати Хазар ба Осиёи Миёна…. мум, пӯст, чорво ва ғулом меоварданд».*

Ҳамин тариқ, роҳи бузурги абрешим дар ташакулли миллати тоҷик ва дигар халқҳои машриқзамин ва тамаддуни иқтисодӣ саҳми бузурги таърихӣ гузоштааст. Кулли исёнҳову ташаббусҳо, ташкили давлату давлатдорӣ, пеш аз ҳама ҳадафҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва зинда мондани кавму миллатҳои ин сарзаминро дошт. «Мо эрониён-мегӯяд олими эронӣ Саид Нафисӣ, –дар сояи исёни Абӯмуслим, Муқанна ва дигарҳо, дар сояи ташкил ёфтани давлати Сомониён ва дар сояи шоирони онзамонаи Мовароуннаҳр ба сифати як миллат соҳиби забон шуда, дар рӯи дунё зинда мондем. Агар он исёнҳо ва ташаббуси Мовароуннаҳриҳо намебуд, имрӯз Эрон ҳам мисли Миср як мамлакати араб шуда, мо эрониён ҳам монанди мисриҳо, араб мегардидем».**

Чи тавре, ки дар урфият мегӯянд, дар ҷӯйе, ки об меомад, боз об меояд. Бо иқдоми бузурги Сарвари кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз Роҳи бузурги абрешим бо мазмуну таровати нав эҳё шудааст. Маҳз бо туфайли эълон шудани сиёсати «дарҳои кушод» Суғдзамин, яъне вилояти Суғд, ки созандаи Роҳи бузурги абрешим буд, чун ҷузъи таркибии иқтисодии миллӣ ба асли худ баргашт. Вай аллакай имрӯз дар бозори ҷаҳонӣ - хоҷагии байналмиллалӣ зина ба зина ворид шуда, ҳаҷми воридоту содирот ва маблағгузориҳои

хориҷа инкишоф ёфта истодааст. Ҳаҷми содироти молу хизматҳо соли 2004 беш аз 140 млн долларро ташкил додааст, ки он нисбат ба соли 2000-ум 11,7% афзудааст. Ҳаҷми воридот низ ба 248,3 млн. доллар расидааст, ки беш аз 28% афзудааст. Агар вазни қисми содирот ба мамолики ИДМ соли 2000-ум 38% ва бо дигар мамолики ҷаҳон 61,9% буд, пас соли 2004 ин нишондиҳандаҳо, мувофиқан 36 ва 64%-ро ташкил дод. Болорваии ҳаҷми содирот бо мамолики берун аз ИДМ, ки 14,7% афзудаасту вазни қиёсии он васеъ шудааст, исботи эътироф гаштани ҷумҳуриамон дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва давлатҳои олам мебошад. Бояд қайд кард, ки беш аз 84 фоизи содирот бо мамолики берун аз ИДМ бо кишварҳои Аврупо ва 15% бо давлатҳои Осиё рост меояд.

Аз кули ҳаҷми содирот ба мамолики Аврупо 32 фоизаш бо Австрия, 25,5 % бо Швейтсария ва дар кишварҳои Осиё, 48 фоиз бо Ветнам, 25, 3% бо Эрон, 27.4% бо Ҷумҳурии мардумии Чин ва 23,1% бо Корея рост меояд. 68,5 фоизи содирот ба мамолики Африка ба Марокко рост меояд. 71 фоизи содирот дар ИДМ бо Россия ва 10,5 фоизи онро бо Ӯзбекистон ташкил кардааст.

Рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар таи панҷ соли охир ҳаҷми воридот кам шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки иқтисодиёти миллии мо устувор гашта бозори дохилии мо ғанӣ гаштааст: азбаски вилояту ҷумҳурии мо пеш аз ҳама ба (таҷҳизотҳо) эҳтиёҷ дорад, бинобарон ҳаҷми воридот аз кишварҳои берун аз ИДМ соли 2004 нисбат ба соли 2000 ум 26% афзуда, вазни қиёсии воридот аз ин кишварҳо дар маҷмӯи воридот аз 10,8% (соли 2000) ба 28,8% (соли 2004) афзудааст. Мувоффиқан вазни қиёсии воридот аз давлатҳои ИДМ аз 89 % ба 71,2% кам шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз маҷмӯи воридот аз мамолики берун аз ИДМ 46,9 фоизашро кишварҳои Аврупо, 35, 4%-ро давлатҳои Осиё ва 17,2 фоизашро Амрико ташкил додааст. 27 фоизи воридот аз мамолики Аврупо ба Итолиё, 18,9% ба Латвия, 19,1% ба Литвая, 10,5% ба Британияи Кабир, 3,7% ба Полша рост меояд. Воридот аз давлатҳои Осиё

бошад, беш аз 52% ба Ҷумҳурии мардумии Чин, 17,1% ба Эрон 16,2% бо ИМА ва 6, 9% ба Корея рост меояд

Ба вилояти мо, асосан маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ ворид мешавад. Масалан маҳсулоти нафтӣ, нуриҳои фосфор, орду гандум аз Қазоқистон, қувваи барқ, гази табиӣ, нафт, нуриҳои азотӣ аз Ӯзбекистон, чӯбу тахта, автомобилҳо, нафт аз Русия ворид мешавад. Дар баробари ин вилояти мо, асосан нахи пахта, қолинҳо, ашёи хоми абрешим, консерваи помидор, шарбати мева ва сабзавот, тамоку, пиёз ангур, меваи хушк ва ғайраҳо содирот мекунад.

## 6.3. Инсони комил аз нигоҳи орифон ва таълимоти ноосфера

### (Чалолиддин Балхӣ ва таълимоти ноосфера)

Дар адабиёти илмиву оммавии замони муосир маҳфумҳои «манфиатҳои умумибашарӣ», «арзишҳои умумибашарӣ» ва «таффакури кайҳонӣ (планетарӣ)» бештар ба чашм мерасанд. Ғойяи ин маҳфумҳо, алалхусус ҷабҳаҳои кайҳонии таффакур ва фаъолияти инсон дар ин майдони беҳудуд, пеш аз ҳама ба таълимоти ноосфера ва инкишофи устувори ҷомеаи башарӣ такия мекунад.Бояд таъкид кард, ки ин таълимот ғойяи навини қарни 20 (ва 21 низ) ба ҳисоб меравад, ба мисле, ки назарияи эволютсионӣ барои ҷомеаи қарни 19 нав буд. Агар хонандае бо моҳияти таълимоти ноосфера ва инкишофи устувори ҷомеаи инсонӣ шинос аст, бевосита пеши назари ӯ осори гаронбаҳои Ҷалолудини Румӣ ҷилвагар мешавад ва ё дарки маънию фалсафаи баланди «Маснавӣ» барояш осон мегардад. Барои он, ки шинои киштии маънавию фалсафаи Ҷ Румиро дар уқёнуси беканори таълимоти ноосфера мушоҳида намоем, зарур донистем, ки аввал ба таърих ва пайдоиши ин таълимот сайри кӯчаке кунем. Зеро, шиносои бо моҳияти таълимоти ноосфера ва рушти устувори ҷомеъаи инсонӣ, ба хулосае меорад, ки гӯё тахрезии ин таълимот ба Мавлои Рум мансуб бошад.

Воҷаи «ноосфера аз решаи калимаҳои юнонӣ «ноос» - хирад ва «сфера»- доира, пардаи сифатан нави биосфераи Замин, ки зери таъсири фаъолияти бошууронаи инсон ташаккул ёфтааст, пайдо шудааст. Нахуст, ин мафҳум дар толорҳои таълимии колеҷи машҳури Париж Колеҷ де Франс аз тарафи файласуф ва математик Э. Леруа шунида шуда буд. Ҳаммуаллифи таълимоти ноосфера дӯст ва ҳамақидаи Э.Леруа философ ва панеонтолог П.Теяйр де Шарден мебошад. Поягузори дигари ин таълимот табиатшиноси бузурги рус, академик В. Вернадский, низ таъкид карда буд, ки ғойяи Э. Леруа оид ба ноосфера ғояи биосфераи моро хеле инкишоф додаст.

Дар китоби Э.Леруа «Пайдоиши инсон ва эволютсияи таффакур» асосҳои таълимоти ноосфера таҳрезӣ шудаанд. Таяйр де Шарден бошад, донишҳои табии ва фалсафиро роҷеъ бо муаммои инсон, ки вай натанҳо махлуқи биологӣ, балки махлуқи шуурноке, ки аз сатҳи биологӣ хеле боло қарор дорад, гирд овардааст. Дар ҳақиқат инсон дар дунёи ҳасти пайдо шуда, тариқи эволютсия воситаву олоти куллан нави инкишофи минбаъдаи худро тавлид кард. Ин олот дар натиҷаи ҷараёни дуру дарози такмили низоми асаб ва фаъолияти майнаи ӯ тайёр шуда, пардаи наверо дар болои биосфераи замин ташаккул дод. Ин парда, доира ва фазои ноосфера аст, ки бо тавассути ӯ (ба ақидаи П.Тейяр де Шарден ) инсон бо худованд гуфтугӯ мекунад. Қобилият ва нерӯи руҳӣ-маънавии хоса, ки то пайдоиши инсон дар табиат арзи ҳастӣ надошт, пайдо шуд: зеҳн ва таффакур, ки худшиносӣ (худоогоҳӣ), имконияти қаъран худ ва ҷаҳонро шинохтан, яъне на фақат донистан, балки, донист, ки медонад ва ғайраҳоро боис гаштааст. Таълими найномаи Ҷалолуддин Румӣ, ҳам холи гаштан аз хешро, раҳои аз худиҳо ва худпарастиҳо, худоогоҳӣ ва бо забони най «ва аз саргузашти най бо унвони ягона роҳи найл ба камоли инсонӣ арза мекунад».[1] Най маҳз дар мавриди холи

[1] Абдулҳусайни Зариинкӯб Дар ҷустуҷӯи тасаввуфи Эрон, с.258

гаштан ва нолидан садоеро тавлид мекунад, ки ба қаъри дили дигарон роҳ меёбад. Андешаву садои ҷаҳонсози инсон, мисли нолаи най, низ то ба ҷое расад, ки андешаву садои касе ва дигарон бошад ва онҳоро аз наҳуфтагӣ бедору зинда созад, аз наслҳо ба наслҳо парвоз кунад. Донишу таффакур кулли наслу авлоди инсониро фаро гирифтааст ва бо тариқи рушди дину фалсафа, илму санъат ҷараёни ваҳдатшавии таффакуру ақли инсонӣ ва афзудани ҳаҷми таффакури умумибашариро боис гаштааст. Дар ин раванд, ягонагӣ ва мавҷҳои мутақобилаи таффакури умум (универсум) ва шахсиятро набояд аз назар дур кард. Зеро, онҳо якдигарро инкор накарда, балки дар ягонаги пазишу пуррагии чомеаро таъмин мекунад. Аммо, «универсуми» оянда, бо ақидаи П.Тейяр де Шарден метавонад, фақат инсони комил (сверхличность) бошад. Кулли мушкилоту муаммоҳоро, ки бо мутақобилияти умум (универсум) ва шахсият алоқамандӣ дорад, таъкид мекунад ӯ, метавон аз байн рабуд, агар мо таркиби ноосфера ва умуман ҷаҳонро натанҳо чун маҷмӯи сарбаста, балки дорои маркази ягона (ақли кулл ) пайдо мекардем. Ҷустуҷӯи диалектикии ваҳдат дар П. Тейяр де Шарден, дар ҷуръати паҷӯиши худо, ки фарогири олами беҳудуд мебошад, марбут аст. Чунин паҷӯиш ва тадриҷан наздик шудан ба «ақли кулл» моҳияти аслии инсони комилро ифода мекунад. Мавлоно Ҷалолудини Румӣ фармудааст: «Эй ақли кулл, эй ақли кулл, ту ҳар чӣ гуфтӣ содиқӣ, ҳоким туӣ, ҳотам туӣ, ман гуфтугӯ камтар кунам.» Ӯ (Мавлоно) инсон, инсони комилро бузургтарин таҷаллии ҳаққу ҳақиқат пиндоштааст, ки барои ҳақиқати вуҷуд ва ноил шудан ба он ҳамчун тимсоли воқеъӣ ҷуръат мекунад. Се нуқтаи асосӣ, ба монанди камолоти ахлоқӣ, манавӣ ва ақлӣ моҳияти қаърии инсони комил буда, ҳаракат аз зинаи нукс ба зинаи олии камол мақсаду мароми ӯст. Ба ибораи дигар, инсон ҳамчун мӯъҷизаи кайҳонӣ нерӯи бузургеро дар вуҷудаш ниҳон дорад, ки дар натиҷаи эволютсия ва камол ёфтан худро мешинсонад ва ҷузъи кулл будани худро дарк мекунад. «Маънии зиндаги такмили

инсон аст. Ягон ҳақиқати китобиро намедонам, ки барои ман аз инсон азизтар бошад. Инсон коинот аст ва зинда бод ӯ, ки дар худ тамоми ҷаҳонро фаро мегирад» - гуфта буд нависандаи барҷастаи рус М.Горкий. Дар воқеъ, агар ҳамаи чизҳои зебоии оламро Офтоб бахшад, пас ҳама чизи некӯии ҷаҳонро инсон ато кунад. Инсон ягона маҳлуқи олии биосферист, ки оғӯштаи ду ҷаҳон аст. Яке, ҷаҳони моддӣ, заминӣ, дигаре ҷаҳони хираду андешаҳои созанда. Ҷомеъаи, ки дар он ҷаҳони андешаву хирад боло гирифтааст ва тамоми фаъолиятҳо тобеи қонунҳои хирад аст, пойдору ҷовид мемонад.

Инсон дар натиҷа камолоти ахлоқию маънавӣ тамоми низоми офариниши оламро дарк карда, ҳамчун олами сағир дар вуҷудаш кулли олами кабирро ҷой медиҳад, дармеёбад ва ҳақиқати воқеъӣ будани худро мефаҳмад. Мавлоно, Румӣ, низ мегӯяд «тарики мо мурдан аст, то намирӣ, нараҳӣ». Ин мурдан аз хеш, мурдан аз худиҳои хеш дар назари вай васила буд, барои ноил шудан ба камолоти олӣ. «Бода аз мо маст шуд, на мо аз ӯ, қолаб аз мо хаст шуд, на мо аз ӯ.» Дар ин байт таъкид мешавад, ки инсони комил ғояти вуҷуд буда, қолабҳову суратҳо ба хотири ӯ ба вуҷуд меояд. Нолаи най, ҳам чун рамз аз истироби руҳ барои шикасти қафасу қолаби ҷисм ва роҳ ёфтан ба ақли кулл мебошад. Дунёи эҳсосу андешаҳои Мавлоно, ки дунёи воқеии ӯст, фидои ҷаҳони тафакураш мекунад. Дар байти дигар Мавлоно мефармояд: «Нафси аввал ронд бар нафси дуввум, моҳи аз сар ганда гардад най зи дум» Дар ин ҷо нафси аввал, ин ақли кул (маркази ягона) ва нафси дувум ақли инсонӣ омадааст.[1] (Абдулҳусайни Зариинкӯб, Дар ҷустуҷӯи тасаввуфи Эрон, с.260). Аксари мардум, халқ ҷуз ба хотири ғизои моддӣ, қонеъшавии манфиатҳои иқтисодӣ ва ваъдаи он дигар рафтору ҷунбише надорад. Нафспарастии халқ мероси қадим аст ва чун бемории кӯҳна муоличаи хеле тӯлонӣ дорад. Ин хосияти моҳиятии инсони имрӯз аз нафси аввал ба нафси дуввум гузаштааст ва аз ин ҷо чун моҳӣ аз сар ганда шудааст.

---

[1] Абдулҳусайни Зариинкӯб, Дар ҷустуҷӯи тасаввуфи Эрон, с.260

Ин ҷо нуфузи инсонони комил зарур аст, ки онҳоро дар роҳи худшиносӣ, раҳои намудан аз қафаси моддӣ ҳидоят кунад. Аз ин лиҳоз, имрӯз дар остонаи асри 21 назди соҳаи маъориф ва бахусус муассисаҳои таълимоти (маълумоти) олӣ вазифаҳои хеле муҳим ва азим қарор гирифтааст – таъкид мешавад дар Конфронси байналмиллалӣ оид ба маълумоти олӣ, ки моҳи октябри соли 1998 зери сарпарастии ЮНЕСКО, Донишгоҳи СММ ва дигар ташкилотҳои байналмиллалӣ дар шаҳри Париҷ шуда гузашта буд. Ин вазифаҳо чунонислоҳоти куллӣ ва азнавкуниро талаб менамояд, ки дар ягон давр чунин ҷиддият мушоҳида намешуд. Пеш аз ҳама, ҷомеаи ҷаҳонии муосир, ки ба гирдобу бӯҳрони арзишҳо сарпеч гаштааст, бояд аз доираи таффакури софи иқтисодӣ бурун рафта, ҷабҳаҳои қаърии ахлоқу маънавиётро қабул намояд. Дар ҳақиқат, соҳаи илму маъориф на танҳо ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи касбу кори гуногун, балки ба ташакулли шахсият ва инсони комил бояд аҳамияти аввалиндараҷа диҳад. Мо зиёиёнро зарур аст, ки авлоди ояндаи худро такия ба омӯзиши илмҳои муосир ва иқтисодиёту ҷомеаи иноватсионию - индустриалӣ дар руҳияи фарзанди миллат (на фарзанди маҳал) ва инсони башар тарбия намоем. Чуноне, ки Мавлоно Румӣ мегӯяд «макони ман ло макон, нишони ман бе нишон, на тан бошам, на ҷон бошам, ки ман аз ҷони ҷанонам»Тафакуру маҳсули ақли инсонӣ ҳудуд надошта, арзиши космополитикӣ (умумибашарӣ) мебошад. Бинобарон, бо тариқи саҳмгузор шудан дар маҷмӯи тафаккури башарӣ, ба мисли милати олмон ва ҷопон мо метавонем боз эхё шавем ва чун аҷдодонамон нақши худро дар ҷахон пайдо кунем. Дар зина ва ё давраи ноосфера соҳаи илму маориф соҳаи асосӣ ва ҳукмрон ба ҳисоб меравад ва имрӯз вай чун бунёдгари шоҳроҳи гузариши биосфера ба доираи ноосфера хидмат мекунад.

Ғояи худоогоҳӣ, худтакмилшавии инсон (автотрофности инсон) яке аз ғояҳои муҳим ва воқеии В.Вернадскийӣ мебошад. Мутобиқи ин ғоя инсон мавҷудоти зиндаи гетеротрофӣ

(гуногунҷабҳа) буда, дар марҳилаи аввал ӯ метавонад мавҷудияту ҳастии худро бо тариқи аз худ кардани дигар мавҷудоти зинда, ва маводи ғизоӣ бунёду устувор гардонад. Дар ин маҷро, алоқаи ӯ бо ҳаёт туфайли воридшавӣ ба гирдгардишӣ табиат, олами мавҷудоти зинда ва занҷири наслҳои инсонӣ ба вуҷуд меояд. Дар марҳилаи дуюми инкишофи олами инсонӣ, алоқаи инсон бо мавҷудоти зинда (барои ғизогирӣ), чун раванди қаърие, ки барои ҳаётгузаронӣ зарур аст, мисли нақши аввала муҳим намебошад. Дар зинаи олии камолоти ҷомеъаи инсони, хирад, иродаи қавию муташакили ӯ ҷаҳонро аз нав месозад, метавонад ва бояд ҳатман табиату моҳияти худро ба асли худ баргардонида ҳамон самти инкишофро пеша кунад, ки эҳсосоти қаъран маънавии он, қонуни хиради он муайян намояд. Инсон дар ин ҷараён тобеати худро аз дигар шаклҳои ҳаётӣ тадриҷан канда, мӯҷизаҳои нави ҳаётгузарониро бо тарики эволиютсия пайдо мекунад. Инкишофи минбаъдаи таффакур, қобилият, ва нерӯи ӯ имконият медиҳад, ки шакли ғизогирӣ ва сарчашмаҳои энерҷии кулаю дастрас пайдо намуда, чун растани синтези мустақими ғизоро (бе воситаи мавҷудоти зинда) ёбад. Яъне, вай имконият пайдо мекунад, ки барқарор ва такрористеҳсолкунии организми худро аз моддаҳои неорганикии табии мустақиман таъмин намояд. Инқилоби иҷтимое ба вукӯъ омада замоне фаро хохад расид, ки кимё олотеро месозад, то ин ки кори растаниҳоро такрор кунад - орзу кардааст файласуфи фаронса Э.Ренан. Он олот аз ҳаво мустақиман кислотаи уголро синтез карда, чунон маводи ғизоӣ ҳосил мекунад, ки то кунун растаниву ҳайвоноти алафхур истеҳсол менамоянд. Рӯзе мерасад, ки инсон аз зарурати куштан барои зистан даст кашида, саҳнаҳои даҳшатовари дӯкоҳои гӯшт аз байн меравад ва он рӯз чун рушду камол дар маҷрои инкишофи эҳсосоту таффакури инсон фарқ мекунад. Ин орзу оид ба ояндаи инсоният, марҳилаи баланди ноосферӣ, ки инсон табиатро куллан тағир дода қонуни нави ҳастиро бино менамояд. Ин

ақидаҳҳоро мо аз эҷодиёти аҳли тасаввуф ва алахусус Мавлоно Румӣ метавонем пайдо кард. Маснавии Румӣ, низ як нав сафарномаи руҳӣ ё рӯҳони, ки эволютсияи эҳсосоту таффакури инсониро сӯфиёна арзёби кардааст. «Эй кимиё, эй кимё, дар ман нигар, зеро ки ман, сад дайрро масҷид кунам, сад дорро минбар кунам.» Дар марҳилаи баланди камолоти инсонӣ қонуни мубориза барои зисту ҳаётгузаронӣ, қоидаҳои якдигарро хӯрдану рабудан ба қонунҳои хирад иваз мешавад.

Мардуми ҷаҳон имсол 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддин Румиро ҷашн мегирад. Бовари дорем, ҷашни ин шоир ва мутаффакири бузург, ҷашну мутантани ғояи баланд, фалсафаву маънавияти волои инсонӣ арзёби мешавад ва он барои раҳоии инсоният аз гирдобу бӯхрони арзишҳои инсонӣ фотеҳа медиҳад. Дар ҳақиқат, ҷаҳони имрӯз ба ин ғояву фалсафаи баланди Ҷ.Румӣ мӯҳтоҷ аст. Зеро, ки «инсоният бо ин ки дар кашфи кайҳони беҳудуд ба комёбиҳои бесобиқа ноил шудааст, бояд ин суолро низ аз он фазои ҳанӯз то охир тасхир ва таҳқиқнашуда ба худаш бидиҳад: дар ҳар ҷо-ҳар ҷои сайёраи Замин чиро мушоҳида мекунад? Ҷанг куштор, сӯхтор, обхезӣ, ғорату таҳқир, террору тахрибкорӣ, фасоди ахлоқи инсони ва ниҳоят ба ҳамдигар торафт бегона шудан ва душманӣ варзидани ҳушмандтарин мавҷудро!»[1] Шоҳбайти Ҷ.Румӣ «Мо зинда аз нури кабриёем, бегонаву сахт ошноем» бояд шиори тамоми оламиён бошад.

Илова бар ин, инсоният, барқе кишварҳои олам «такаббурӣ ва худпарастиро – таъкид мешавад дар мақолаи Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - ҳамроҳи дастовардҳои мафкура ва андешавӣ бар барномаи ҳаётиаш даромехтаст». Бинобарон зарурат дарки фалсафаю маънавиёти найнома ва ё «Маснави»-и Ҷ.Румӣ, на танҳо барои форсизабонони дунё, балки чун «Одиссеяи маънавӣ» барои кулли мардуми олам (ба мисли обу ҳаво) ба миёна омадааст. Итминони комил дорем, ки ғояҳои баландпарвози Ҷ.Румӣ,

[1] Эмомалӣ Раҳмон, Инсон ва андешаи ҷаҳонсози он, ниг.рӯз. «Минбари халқ». 7 сентябри соли 2005

бори дигар фарогири кураи замин мегардад ва барои худогоҳию раҳои ёфтан аз худиҳою маҳдудиятҳои фардии инсонҳо, такони бузург мебахшад.

## 6.4. Солимӣ ҷузъи таркибии арзиши ҳаёт аст
### (Хизматрасонии тиббӣ ва муносибатхои бозори)

Дар каламрави вилояти Суғд эълон шудани соли 2005 Соли саломатӣ, икдоми баланди гуманистиву инсонпарии мақомоти иҷроияи давлатии вилоят буд. Хифзи миллат дар маркази хадафи давлат қарор мегирад. Солимӣ омили мухими афзун кардани бойигарии милли буда, кулли бурду рушду нумуи хаёти ичтимои иктисодиро таҷассум менамояд.

Сиҳати ва бардошти инсон дар радифи талаботхои инсонӣ макоми муайянкунанда дорад. Олими амрикоӣ А.Маслоу, кулли талаботхои инсониро ба талоботи зинаи «поёнӣ» ва «оли» таксим карда, чунин гурухбандӣ кардааст: 1. Талаботи физиологӣ (ба хурока, нушока, манзили истикомат ва гайрахо) 3. Талабот ба алоқахои иҷтимоӣ (мухаббат, садоқат мансубият ба ягон гуруҳу қавм ва гайраҳо) 4. Худэътирофкунӣ, яъне комёб шудан ба ҳадафои худ, обруву эътибор ва ғайраҳо. 5. Худшиносӣ ва ташаккул (амалигардонии қобилият, азхудкунӣ, ҷахонбинию ташаккули зеҳнӣ ва ҳоказо). Се гуруҳи аввал ба талаботи зинаи поёнӣ ва ду гурӯҳи дигари онҳо ба зинаи олӣ дохил мешаванд. Табиист, ки маҳз конеъгардии талаботи зинаи «поёнӣ» тааллуқ дошта, захматҳову масрафҳои иқтисодиро талаб менамояд. Саломатӣ неъмати бузург буда, ба радифи неъматҳои иқтисодӣ дохил мешавад. Зеро вай дар тарҳрезии инсони иктисодӣ, омили интеллектуалӣ саҳми барҷаста дорад ва ҷузъи таркибии арзиши ҳаётро ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат ба ибораи Саъдӣ зиндагӣ кардан на барои ғун кардани молу чизи дунё, балки молу чизи дунё барои зиндагӣ кардан аст. Зиндагӣ кардану қонеъ кардани талаботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, талабот бар меҳнатро тавлид мекунад. Меҳнат

ҳарчанд маҳфуми иҷтимо бошад ҳам, аммо вай ба қонунҳои табиат, алалхусус физиологӣ тобеъ аст. Харчанд меҳнати фоиданок мухталифу гуногунранг бошад ҳам, аммо аз нигохи физиологӣ функсияи организми инсонйят буда, масрафи **миёнаи** инсоният, асаб, мушакҳо ва дигар органҳои инсониро талаб менамояд. Тағйирёбии вазъи функсионалии организми инсонӣ дар раванди меҳнат дар сатҳи муайян аз шароитҳои иҷтимоӣ, ки бевосита иҷрои он меҳнатро мусоидат мекунад, вобастагӣ дорад. Фаъолияти мақсадноки инсон, ки барои бунёди неъматҳои истеҳсолӣ равона шудааст, моҳияти меҳнатро ташкил дода, барои иҷрои ҳадафҳои қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ масраф мешавад, (ки онро кор меноманд).

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ зарур аст, ки моҳияти арзиши ҳаёти инсонӣ ва индекси онро хеле дақиқу саҳеҳ муайян кунем. Зеро бе он танзими равандҳои иқтисодӣ – ичтимоӣ мушкил мебошад. Классикони илми иқтисодӣ барои муайян кардани арзиши қувваи корӣ мафҳуми арзиши ҳаётро муайян кардаанд. Моҳияти музди меҳнатро ҳамчун эквиваленти арзиш ва ё нархи қувваи корӣ баҳо дода, таъкид кардаанд, ки арзиши қувваи корӣ аз маҷмӯи воситаҳои зист, ки барои такрористеҳсолкунӣ ва барқароркунии қувваи корӣ зарур аст, иборат аст. Хамин тариқ, ба ақидаи классикӣ мафҳуми арзиши ҳаёт бо маҷмӯи неъматҳои истеъмолӣ ва хизматҳо, ки бо сатҳи муайяни қонеъгардонии талабот мувоффик аст, истифода мешавад. Тибқи чунин муайянкунӣ, тағйироти арзиши ҳаёт на танҳо ба динамикаи нархҳои истеъмолӣ, балки ба тағйироти таркиби истеъмоли одамон, вазъи бозор, сатҳи даромадҳои мухталифи мардум, пасандоз, беҳтар шудани хизматҳои ройгон, тандурустӣ, андозбандии даромадҳои шахсӣ ва ғайраҳо алоқамандӣ дорад. Нишондиҳандаи интегралии арзиши ҳаётро бештар даромадҳои воқеии аҳоли ифода мекунад. Талабот ба солимию бардамӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба таклифот яъне қисми он талабот, ки ба маблағ таъмин асту дар давраи муайян,

бо таври воқеӣ қонеъ мегардад, мубаддал мегагдад. Таклифот ба солимию бардамиро дар радифи таклифоти самаранок ворид кардан мумкин аст. Зеро онҳо пешниҳоди мушаххаси неъматҳову хизматхое, ки барои саломатии инсон зарур аст тавлид карда, тадриҷан давра ба давра боло рафта истодааст. Масалан, хизматҳои тиббӣ, агар соли 1995 5,3 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2001 160,5 х.с шуда ва соли 2004 нисбат ба соли 2001 1,8 маротиба афзудааст. Хизматҳои осоишгоҳҳо, маҷмааҳои солимгардонӣ соли 2001 969,8 х.с-ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000 21 маротиба афзудааст: Ташаккули миллати солиму ғанӣ яке аз ҳадафхои муҳими чомеа буда, зери ҳимоя ва дастгирии давлат карор гирифтааст. Таъмини рушди соҳаи тандурустӣ қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ буда, харочоти давлатӣ ба ин самт назаррас аст. Агар, аз буҷаи вилоят соли 1995 ба соҳаи тандурустӣ 321 х.с сафарбар шуда бошад, пас соли 2001 ин рақам 6887,3 ҳазор сомониро ташкил дод ва соли 2004 беш аз 1,4 маротиба афзудааст. Илова бар ин, фаъолияти ташкилотҳои байналмиллаливу ғайридавлатии эҳсонкор бештар ба ин соҳа ҷалб шудаанд.Бояд қайд кард, ки солҳои охир вазни қиёсии харҷ ба неъматҳои доруворӣ дар буҷаи оилаҳо, низ афзудааст. Масалан, агар дар вилоят соли 1999 фуруши доруворӣ 2,4 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2001 ин рақам 154 ҳазор сомониро ташкил додааст. Соли 2004 ҳачми фурӯши доруворӣ нисбат ба соли 2005 беш аз 3,5 маротиба афзудааст. Хизматҳои тиббӣ, ҳарчанд тибқи Сарқонун ройгон бошад ҳам, аммо мардум ба хизматҳои пулакии тиббӣ бештар шомиланд. Дар ҳақиқат мардум, вақте ки ба беморхона бистар мешаванд, кулли маводҳои зарурӣ (руйкаши ҷойи хоб) бо худ гирифта, фақат хизмати пизишконро ройгон истифода мебаранду халос. Баъзан, ҳучраҳои беморхонаҳо ба талабот мутобиқ намебошад; зеро, ки бештари онҳо баъди пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ рӯи таъмирро надидаанд. Бештари беморон барои ташхису муолиҷаи бемории худ ба масрафи маблағи зиёд нигоҳ

накарда, ба клиникаҳои берун аз марзи ҷумхурӣ мераванд. Ҷумхурии мо аз пизишкони соҳибтачрибаву донишманд кам намебошад. Аммо, аз таҷҳизотҳои ташхискунандаи муосир танқисӣ мекашад. Модоме, ки таклифот ба солимӣ барои ҳар як фард дар радифи аввал қарор мегирад, бинобарон ташаккули бозори хизматҳои тандурустӣ мушоҳида мешавад. Акнун хар як фарди ҷомеа ба худ клиника ва ё пизишкони сохибтачрибаро интихоб карданд, ки яке аз унсури бозори рақобатро тавлид кардааст. Пас зарур аст, ки пешниҳоди хизматҳои тиббӣ низ бозорӣ бошад. Дар ин раванд, ташкили клиникаҳои хусусӣ, соҳавӣ, пизишкони оилавӣ ва ғайраҳо тархрезии бозори хизматҳои тиббиро ташкил хоҳад дод. Дарвоқеъ шароити нави сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон тақозо намуд, ки дар баробари дигар бахшҳои хоҷагии халқ соҳаи тандурустии мамлакат низ ба ислоҳоти окилона ва навсозии сохторӣ ру овард. Ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, ки аз соли 1995 ба кабули «Стратегияи Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳоли то соли 2005» шурӯъ шуда буд, бо эълон доштани соли 2005 дар қаламрави вилояти Суғд «Соли саломатӣ» таккону шукухи нав гирифт. Ин иқдом таваҷҷӯҳи созмонҳои байналмиллалиро ба муаммоҳои соҳаи тандурустии вилоят зиёд намуд.

Чи тавре ки Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд «тандурустӣ бояд на хамчун сохаи истеъмолкунанда, балки чун соҳаи сармоягузориҳои фоиданок баррасӣ гардад.»[1] Аз ин лиҳоз, рӯ ба муносибатҳои бозорӣ нигардонидани соҳаи тандурустӣ, ки ҳавасмандкунии коркунони тибро таъмин мекунад, талаби замон аст. Чи тавре ки дар боло қайд кардем таклифоти самаранок ба хизматҳои тиб ҳаст. Мувоффиқан пешниҳоди хизматҳо ташаккул ёфтааст, ки дар барҳурду таклифоту пешниҳод нархи бозории хизматҳои тиббӣ муйян шудааст. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатдиҳӣ ба баъзе намудҳои

[1]рӯз. «Садои мардум» 16 октябри соли 2004. с 21.

фаъолият», ки соли 2004-ум қабул шудааст, як қатор фаъолиятҳоро дар соҳаи тандурустӣ муайян кардааст. Ин қонун ҳамаи он ихтилофҳое, ки дар қонунгузории амалкунандаи соҳаи тандурустӣ мавҷударо аз байн рабуда, низоми иҷозатдиҳиро дар кишварамон ниҳоят дастрас ва мукаммал гардонад. Илова бар ин дар Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон (аз 05.03.2002) тартиби иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ) дар бахши амалияи клиникӣ, низ пешбини шуда буд. Ҷорӣ намудани иҷозатнома табибони амалияи клиникаро водор мекунад, ки донишу маҳораташонро баланд бардоранд ва аз тарафи дигар, сатҳ ва сифати хизматҳои тиббиро беҳтар кунанд. Дар навбати худ, маблағи муайянеро барои таъмиру таҷҳизонидани дармонгоҳҳо пайдо намоянд. Яъне зарур аст, ки муносибатҳои бозориро, ки дар ин соҳа бо таври стихиявӣ ва ё ниҳонӣ амал мекунад, дар чорчӯбаи қонун ва риштаи танзим ҷой диҳем. Табиист, ки солимӣ бо камбизоатӣ алокамандии аксӣ дорад. Барои табакаҳои аҳолии камбизоат, маъюбони ҷангу меҳнат, бепарастон бояд дармонгоҳҳои махсуси давлатӣ ва эҳсонкорон ташкил кард, ки хизматҳои тиббии ройгон расонанд. Агар барои табақаҳои аҳолӣ ҷубронпулӣ барои хизматҳои тибби муйян карда шавад, самарааш бештар гашта нишонрас мешавад. Бояд қайд кард, ки муаммоҳои иқтисодӣ, танзими идораи сарчашмаҳои молиявӣ, роҳҳои илмии ислоҳоти ин соҳа ба таври кофӣ таҳлил нашудааст. Ба андешаи мо зарур аст, ки дар ин самт тадқиқотҳои фундаменталиву амалиро ба анҷом расонем.

# БОБИ 7. ҶАҲОНИШАВӢ ВА АРЗИШИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Сайёраи Замин гаҳвора ва манзили ягонаи кулли фардҳои заминӣ аст ва боиси хушнудист, ки оламиёни покдилу нексиришт инро дарк намудаанд. Ҷаҳонишавӣ бошад падидаи худогоҳии онон буда, бояд ваҳдати олами инсонӣ, ҳокимии пардаи хирад ва ё зинаи ноосфериро таъмин намояд. Аммо афсӯс, ки ин гавҳари тамаддунсоз ҳанӯз ғуборолуд аст….***

***Имрӯз намедонам, фитна зи чи паҳлӯ хост,***
***Донам, ки аз ӯ олам ғавғои дигар дорад.***
***Мавлоно Румӣ***

## 7.1. Назария ва амалияи баҳодиҳии иқтисодӣ дар замони муосир

Дар ҷаҳони муосир кулли давлатҳои олам дар фазои ҷаҳонишавӣ фаъолият мебаранд ва дар ҳар як зинаи такмилу инкишофи худ таъсири онро бевосита ҳис мекунанд. Таърихи иқтисодӣ шаҳодат медиҳад, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ аз иқтисодиёт, равобиту муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ оғоз ёфтааст. Ҳанӯз ибтидои солҳои 70-уми қарни гузашта оид ба интернатсионализатсияи истеҳлот ва зарурати он таҳлилу гузоришҳои ҷиддӣ ба назар мерасид. Заминаи ин раванди объктивиро инкишофи (прогрессияи) илму техника ташкил медиҳад. Зеро маҳсули тафакуру зеҳни инсонӣ—илму техника ва технология кайҳонӣ буда, аз доираи маҳдудияти милливу мазҳабӣ берун қарор дорад. Пас, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеъи ҷаҳонӣ чун базиси ҷаҳонишавӣ баромад мекунад. Дар майдон ва раванди ҷаҳонишавӣ бархӯрди манфиатҳои кишвару миллатҳои ҷаҳон ба вуқӯ меояд, муборизаҳои шадиди иқтисодии миёни давлатҳо,

манфиатгароии кишварҳои абалқудрат мушоҳида мешавад. Таҳлили ин равандҳо, баъзан моро ба хулосае меорад, ки гӯё ҷаҳонишавӣ як шакли нави неоконолистӣ дар замони имрӯз бошад. Дар ин шароит моро зарур аст, ки пеш аз ҳама фаъолияти иқтисодии кишварамонро аз нигоҳи ҷараёни босуръти ҷаҳонишави таҳлил намоем, чен кунем, вазну арзиши онро баҳо диҳем ва пайваста бо талаботи он (ҷаҳонишавӣ) такмилу инкишоф диҳем. Дурнамое таҳия намоем, то ин ки миллати мо, чун ниёгони худ дар тамаддуни арзишҳои башарӣ боз нақше гузорад. Зеро, он қавму миллатҳое, ки бо тафакуру зеҳни худ нисбат ба дигарон афзалият доранд, дар офариниши арзишҳои ҷаҳонӣ нақшгузор буда, зиндаву ҷовид мемонанд. Дар ҷавҳари ҳастии миллати мо гавҳари созанда нуҳуфта аст ва онро бояд эҳё кард. Аммо, бояд таъкид кард, ки ҳалли ин масъалаву муаммоҳо бе баҳодиҳии иқтисодиёти милли, ки он дар асоси идоракунии бошууронаву мақсадноки ҷомеъа қарор мегирад, ғайриимкон аст.

Аз замонҳои қадим то кунун масъалаи баҳодиҳӣ ва чен кардани фаъолияти иқтисодӣ, натиҷаҳои он доимо мавриду баҳсу талошҳо қарор дорад. Роҷеъ ба ин масъала назарияҳову теоремаҳои мухталиф пайдо шудаанд, рушду такмил ёфтанд ва базеъашон таназул ҳам шуданд. Пайваста бо инкишофи шакли хоҷагии бозорӣ – иқтисоди бозорӣ, ки бо равандҳои фаъолияти иқтисодӣ ҷараёни табиӣ мебахшад, баҳодиҳӣ ва назорату идораи ин ҷараён ба масъалаҳои муҳим ва умдаи рӯз табдил ёфт, такмили назарияҳои пешин ва тавлиди назарияҳои навро тақоза намуд.

Арзиши иқтисодиёти миллиро, пеш аз ҳама қиммату сифатҳои неъматҳои истеҳсолшуда – молу хизматҳо муайян мекунад. Мутобиқи назарияҳои иқтисодии муосир дар ташакулли қиммат ва ё нархи молу хизматҳо ду тарафи бо ҳам муқобил - фурӯшанда (истеҳсолгар) ва харидор (истеъмолгар иштирок мекунад. Дар робитаи мутақобилаи онҳо қимати неъматҳо муайян шуда дар шакли пулу нарх ба вуқӯ меояд.

Нархи мувозинатӣ ва ё воқеъии бозор нафақат дар натиҷаи таносуби пешниҳоду таклифот, нафнокии ақалу хароҷот, балки чун сабабу оқибат амалиёти ҳамҷӯронаи кулли манфиатҳои мухталифи тарафҳо, агентҳое, ки дар амалиёти хариду фурӯш иштирок мекунанд, ба вуҷуд меоянд. Албатта, ин гуфтаҳо дар сатҳи муҷарад (абстрактӣ) баён шудаанд. Вале, дар ҳаёти воқеъӣ раванди баҳодиҳӣ, ташакулли қимматнокӣ, нарх нисбат ба назария хеле душвор аст. Ҳар як тарафҳои муқобили бозор, ҷуръат доранд, ки ба вазъи хариду фурӯш таъсир расонанд, то ин ки манфиат бардоранд. Як мисоли оддӣ: дар шароити маъмули бозори кишварамон, субъект ва ё шахси мушахас, ки санъати тоҷирӣ дорад, истеъмолгарро (харидорро) мафтуну бовар кунонида метавонад, бурд мекунад. Яъне, ин ҷо лапишҳои нархи молу хизматҳо аз қобилияту нерӯи тоҷирии шахсони алоҳида алоқамандӣ дорад, ки дар назарияҳо ғунҷонида наметавонем. Агар мо ба бозори мутараққии Ғарб назар кунем, пас мебинем, ки дар тӯли 200 соли охир тағиротҳои хеле куллӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо нақши истеҳсолгар - фурӯшанда қавӣ гашта, вазни онҳо дар ташаккули нарх хеле бузургу муайянкунанда шудааст. Пас, амалия нишон медиҳад, нархи неъматҳо асосан аз тарафи фурӯшанда (истеҳсолгар), яъне яктарафа муайян мегардад. Чаро? Магар назарияи маъмули нарх коста шудааст? Ба назари мо ин ҳодисот аз якчанд сабаҳои объктивӣ бармеояд.

**Якум**. Дар иқтисодиёти давлатҳои мутараққӣ дар натиҷаи ҷараёни босуръати консентратсияву якҷояшавии фаъолиятҳои иқтисодӣ истеҳсолоти азим, корхонаҳои серсоҳаи доираи фаъолияташ хеле васеъ, иттиҳодияҳои илми-истеҳсолӣ, корпоратсияххо ба вуҷуд омадааст. Яъне, беш аз 70 фоизи соҳаҳои мухталиф иқтисодиёт зери ҳокимияти 3-4 корхонаҳои азим қарор гирифтанд. Табиист, ки дар ин маврид шумораи субъектҳои истеҳсолгарон кам шуда, аммо нуфузи истеъмолгарон хеле афзудааст. **Дуюм**. Дар мавриди ҳукмронии истеҳсолгарони азим рақобат суст мешавад ва фаъолияти

монополӣ боло мегирад. Нерўе, ки зиди он истодагарӣ кунад, маҳдуд мешавад. Аз тарафи дигар, таҷрибаи асри бист ва замони муосир шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба шароитҳои объективӣ (маҳдудият ва ё танг шудани омилҳои табиӣ), пешрафти илму техника зарурати тавлиди монополияро боис гаштаст, ҳамзамон доираи монполияи табии, низ хеле афзудааст.

Ҳамин тариқ, дар бозорӣ муосир асосан нархҳои монополӣ ҳукмрон аст. Рақобати озод (такмил), ҳамчун тамсили (модели) бозори идеалӣ (классикӣ), ки бояд нархи бозориро бояд муайян кунад, дар уқёнуси муносибатҳои иқтисодӣ хеле маҳдуд гаштааст. Дар мағозаву бозорҳо кулли молу ҳизматҳо, аллакай баҳо дод шудаанд ва харидор бо ин нарх бояд харад. Пасту баланд кардани сатҳи он ба қарори истеъҳсолгар суръат гирифта лаппиши нарх ба манфиати истеҳсолгар - фурўшанда хидмат мекунад. Чун мебинем, баҳодиҳии иқтисодӣёт, натиҷаҳои он яктарафа буда, асосан аз тарафи истеҳсолгар-фурўшанда бармеояд. Бинобарон, муаммои умдаи замони муосир – ин ҳимояи тарафи дигари бозор, яъне ҳимояи истеъмолгар-харидор, чун тарафи заифу мўҳтоҷ, мебошад. Ин муаммо барои кишварҳои сусттараққикарда, бахусус барои кишвари мо, хеле муҳим мебошад. Зеро, кишвари мо вобастаи бозори ҷаҳонӣ буда, дар қатори давлатҳои истеъмолгар қарор мегирад.Ҳатто, истеҳсоли намудҳои асосии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ҳоло басанда ва ё кифоя намебошад. Масалан, қонеъкунии талаботи аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ ба ғалла-орд, сабзавот, меваҷот ба ҳисоби миёна 70, равғани растанӣ 52, гўшт қариб 9-10, шир 20 фоизи меъёри истеъмол таъмин мегардаду халос.[1] Дар ин маврид, моро зарур аст, ки қонеъгардии пурраи аҳолиро аз ҳисоби воридот таъмин намоем. Соли 2006 дар таркиби

---

[1] Материали Республиканского научно-практической конференции «Продовольственная безопасность Республики Таджикистан»-Душанбе:Центр стратегических исследований при Президента Республики Таджикистан. Всемирная Продовольственная программа ООН в Таджикистане, 2005, саҳ. 74.

маҷмӯи воридоти кишвар молҳои истеъмоли халқ беш аз 31 фоизро ташкил дода, аз он ҷумла молҳои озуқа қариб 40 ва ғайриозуқа беш аз 60 фоиз мебошад. Молҳои таъиноти истеҳсолӣ ва техникӣ бошад, қариб 80 фоизро ташкил медиҳад.[1] Барои он, ки чунин ҳаҷми молҳои зарурирo ворид намоем, зарур аст, ки мувоффиқан ё мол ва ё ашё содирот намоем.Бояд қайд кард, ки дараҷаи инкишофи содирот таи чор соли охир ба ҳисоби миёна қариб 9 фоиз буд, вале болоравии воридот, дар ин давра, беш аз 18 фоизро ташкил намудааст. Яъне ин ҷо дараҷаи рушду болоравии воридот нисбат ба содирот ду маротиба баланд аст, ки ба афзоиши қарзи берунаро боис хоҳад шуд.Дар ҳақиқат ҳаҷми қарзи беруна соли 2005 нисбат ба соли 2004 беш аз 2,6 фоиз зиёд шудааст.Соли 2007 ин бузургӣ боз ҳам зиёд ҳоҳад шуд. Табиист, ки мо молҳои тайёри рақобатпазирро содирот карда наметавонем ва маҷбур ҳастем бо кадом арзише набошад ашёи саноативу табии худро ба бозори ҷаҳонӣ бифурӯшем Бинобарон, лапишҳои вазъи бозори ҷаҳонӣ бе чуну чаро бозори миллии моро ба лапишҳои шадид дучор мекунад. Бинобарон, таҳлилу омӯзиши бозорҳои кишварҳои мутараққӣ, иттило аз вазъи он, омили муҳими танзим ва идоракунии иқтисодиёт мебошад. Бинобарон, зарур шуморидем ба вазъу хусуиятҳои ҷараёни ташакулли нарх дар бозори давлатҳои мутараққии ҷаҳон як назаре афканем. Зеро, маҳз кишварҳои мутраққӣ вазъи бозору иқтисодиёти ҷаҳонро муаяйн мекунанд.

Дар ҷаҳони мутараққӣ пас аз солҳои 50-уми асри XX то имрӯз даромади аҳоли афзуда, пурраву ғанӣ шудани бозор ба молу хизматҳои зарурӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳаҷми истеҳсоли молу хизматҳои зарурӣ дар ифодаи натуралӣ (физикӣ) устувор гаштааст. Ҳадафи истеҳсолгар ҳам дар нигоҳ доштани ҳаҷми натуралии истеҳсолот буда, аммо афзун кардани ҳаҷми пулии он дар маркази тамоили инкишофи он қарор дорад. Яъне, ин

[1] Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ, Кумитаи давлатии омори ҶТ, 2005, саҳ.10.

ҷо аз ҳисоби иваз кардани нусхаҳои аввалияи (пешини) он ба нусхаи такмилёфтаву қиммати он ба вукӯъ меояд. Ин раванд онҳоро водор мекунад, ки истеъмолгарро бовар кунонанд, ҳавасманд намоянд. Фишанги асоси барои амали гардидани ин кор рекламаҳои гуногун мебошанд, ки саросари ҷаҳонро фаро гирифтааст. Ҳисобҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми хароҷот, ки иттиҳодияҳои истеҳсолии ҷаҳон барои реклама сафарбар мекунанд, он метавонад гуруснагиро аз рӯи замин рабояд.[1] Яъне, истеҳсолгарони бузург бо туфайли реклама ба низоми баҳодиҳии истеъмолгар таъсир расонида, манфиати худро пиёда мекунанд. Ин баҳодиҳии нафнокӣ (полезность), акнун бевосита аз рафтору кирдори субъективии истеъмолгар барнамеояд, яъне хосияту сифати мол соф субъективӣ набуда, вай аз берун, зери фишори истеҳсолгар (фурӯшанда) ба истеъмолгар (харидор) бор карда мешавад ва онро маҷбур мекунад, ки бихарад, бихарад. Метавон гуфт, ки дар 3/2 ҷомеъи ҷаҳонӣ ҷамъияти истеъмолӣ барои истеъмол ба вуҷуд омадааст. Махсусан, кишварҳои сусттараққикарда ба кишварҳои истеъмолгар табдил ёфтааст.

Низоми нарх, ба манфиати доираи маҳдуди давлатҳо, ки аз миллиарди «тиллоии» аҳолӣ иборатанд, деформатсия мешавад. Бинобарон, бо сабаби фарқияти куллӣ дар ҳаҷми истеҳсолот ва даромадҳо (бахусус,аз нигоҳи даромад ба ҳар нафар аҳолӣ) миёни давлатҳои мутараққӣ ва кишвари мо, низоми мухталифи нархҳо ба молу хизматҳо ташакул ёфтааст. Ин фарқият ба сатҳи нархи тиҷорати беруна таъсир хеле калон расонидааст: аз сабабе, ки иттиҳодияҳо, ташкилотҳои тавоноӣ истеҳсолии давлатҳои мутараққӣи ҷаҳон, ки асосан таносуби нархҳои худро бор мекунанд, бинобарон кишварамон дар мавриди тиҷорати беруна бохт мекунад. Дар кишварҳои мутараққӣ ба молу хизматҳои анъанавӣ, ҳатто ба ашёи табиии нархҳои нисбатан паст ва фақат барои молҳои муд (модный) ва молҳое, ки истеҳсолаш ба технологияи навин такия мекунад,

---

[1] Ценообразование: учебник/ под. Ред. В. А.Слепова – М.: Экономисть, 2005 – 574 с. стр 53.

нархҳои баланд муайян карда мешавад. Дар кишвари мо бошад, бинобарон паст будани сатҳу сифати натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва зиндагӣ неъматҳои зарурии аввалия (нисбати даромади аҳолӣ) қиммат буда, молҳои нави технологиаш баланд барои кулли истеъмолгарон дастнорас мебошад. Масалан, таи се соли охир дараҷаи рушди солонаи ММД-и кишвар 9 ва ҳаҷми истеҳсоли он ба ҳар сари аҳолӣ 7 фоизро ташкил дод. Яъне, бинобарон, ки афзоиши табиии аҳолӣ соле беш аз 2 фоиз аст, пас дараҷаи афзоиши ММД ба ҳар сари аҳолӣ, нисбат ба дараҷаи афзоиши ҳаҷми умумӣ паст аст. Соли 2005 ММД ба ҳар сари аҳолӣ 337, 2 доллари ИМА[1] ва ё 1072 сомониро ташкил дод, ки ба маоши як- ду соатаи коргарони давлатҳои мутараққии ҷаҳон баробар аст. Пас, тасаввур кард, ки ба нархҳои ҷаҳонӣ чи тавр тоқат кард? Тамоми даромади аҳолӣ ба пурраги барои истъемол мераваду халос. Мисоли дигар: фарз мекунем, ки даромади моҳонаи минималии шаҳрванди Руссия бо курси пули тоҷикӣ 350 сомонӣ ва нархи як кг нон дар бозори он ҷо 4 сомонӣ бошад, пас арзиши нон барои онҳо қиммат намебошад, аммо дар ватани мо даромади минималӣ 40 сомони ва нархи як кг нон 2 сомонӣ бошад, ҳам арзиши нон барои мо нисбат ба Руссия беш аз 4 маротиба (350:40:4/2) қиммат аст. Бояд таъкид кард, ки нархи ҷаҳонии он молу хизматҳое, ки дар бозори ҷаҳонӣ харидаву фурӯхта мешавад, нархи бозорҳои миллиро, низ муайян мекунад (албатта, дар шароити савдои озод). Дар мавриди чунин таносуби нархҳо, алоқаҳои тиҷорати беруна ба шадид гаштани вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии кишварамон боис мегардад.

Вазъи сиёсии ҷаҳон, монополияҳои ҷаҳонӣ, низ омили муҳими ташаккули нарх гаштааст. Масалан, то солҳои 70-уми қарни XX нархи нефт хеле паст буд. Баъдан, зери фишори вазъи сиёсӣ давлатҳои аъзои ОПЕК қарор доданд, ки нархи нефтро боло бардоранд. Яъне, пешниҳоди онро кам намоянд.

[1] Тоҷикистон 15 соли истиғлолияти давлатӣ. Маҷмӯи омори, нашри расмӣ – Душанбе, 2006, саҳ. 9-14

Дар таи 10 соли охир нархи нефт қариб 20 маротиба афзуд.() Дар кишварҳои мутараққӣ бошад, сатҳи тавворум боло рафта, монеъаҳо дар роҳи инкишофи иқтисодӣ эҷод шуд. Ин вазъият онҳоро маҷбур сохт, ки бо туфайли тадбиқи технологияҳои нерӯсарфакунанда таклифотро ба нефт кам карда ба пастрави нархи он тамоил бахшанд. Аммо, нимаи дуюми солҳои 90-ум давлатҳои аъзои ОПЕК боз тавонистанд нархи нефтро ба 4-5 маротиба боло бардоранд. Ин хусуияти лапишҳои (болоравии) нарх аз он шаҳодати медиҳад, таъғироти нуфузу қуваҳои миёни гурӯҳи давлатҳо дар ташакулли нарх таъсири назаррас ва муайянкунандаро дорад, ки ин омилро мо дар манзараи назарияҳо бо таври мушахасс мушоҳида карда наметавонем. Дар воқеъ, бояд таъкид кард, ки омилҳои сиёсӣ дар таъғироти ҳаҷми пешниҳод ва таклифот ба нефт нақшу нерӯи назаррасро соҳиб аст. Ин таъғиротҳо аз сиёсату амалиёти картели монополисти – ОПЕК бармеояд. Тарафдорони ақидаҳои иқтисодиёти озод, сиёсати «дарҳои кушод» (либерализми иқтисодӣ), яъне амеркоиҳо аз ҳама талаб доранд, ки савдои озод дошта бошанд, кулли монеъаҳову маҳдудиятҳоро аз ин роҳ дур кунанд. Аммо, худи онҳо ба кишварҳои узви ОПЕК дахл мекунанд, фаъолияти онҳоро дар доираи манфиатҳои худ ҷой дода, тамоили амалиёташонро муайян месозанд. Бо ҳамин роҳ бозори захираҳои энергии ҷаҳонро бо дасти худ гирифта, ба баҳодиҳӣ ва нархи ин захираҳоро таъсир мерасонанд. Умуман, кишварҳои абалқудрат намудҳои молҳои стратегиро барои ҳадафҳои сиёси худ истифода мебаранд ва ҳадафҳои неоконолистии худро бо ҳамин роҳ, низ мехоҳанд амалӣ кунанд. Зеро, лапиши нархи баъзе молҳо тақдири одамон, аҳолии бештари давлатҳои ҷаҳонро муайян мекунад. Ҳамин тариқ дар ҷаҳони муосир омили нави ташакулли нарх – омили сиёси рӯ ба инкишоф ёфтааст, ки ин таҳлили назариявию бунёдии навро тақозо мекунад.

Зимнан бояд қайд кард, ки ҷаҳони муосирро чун ҷаҳони иноватсионӣ – индустриалӣ тавсия медиҳанд. Дар бозори

кишварҳои мутараққӣ рақобати миёни истеҳсолгарон (фурӯшандагон) асосан барои истеҳсоли молу хизматҳои куллан нав ва тафрикаву такмили молу хизматҳои анаънавӣ суръат мегирад. Ба молҳои нав нархи хеле баланд, нисбати ба сатҳи хароҷот, муайян мешавад. Истеҳсолу фурӯши молҳои нав яке аз усулҳои муҳими ба даст овардани фоида хидмат мекунад. Дар ин раванд, баъзан хароҷоти барои реклама нисбат ба хароҷоти истеҳсолӣ боло меравад. Чунин тамсили ташакуллёбии нархро натанҳо аз нигоҳи назарияи арзиш, балки аз нигоҳи назарияи нафанокии ақал, ҳам тавсия додан мушкил аст. Навоварӣ дар маркази сиёсати корхонаҳои истеҳсоли чун омили доимӣ ҷой гирифта, вазни қиёсии молу хизматҳои нав дар ҳаҷми умумии истеҳсолот васеъ шудааст. Барои он, ки моли нав муваффақият пайдо кунаду онро зуд истеъмолгарон дарёбанд, зарур аст, ки барои истеъмолгарон чизи «гӯшношунид» ва ё «чашмнодида»-ро баррассӣ кард. Бинобарин, дар кишварҳои мутараққи «шоҳи муд» «топ – модел » ва ғ. пайдо шудаанд. Ё ин, ки ба шахсони шинохтаву шӯҳратманди ҷомеъ пӯшонидани либосҳои наву мӯд ва истифода бурдани мавқеъи онҳо дар реклама ба ҳукми анъана даромадааст. Ин падидаҳо ва ё ҳодисот, албатта ба таъғироти низоми баҳодиҳӣ ва ҷаҳиши болорави нарх ба молҳое, ки чун муд эътироф шудааст мусоидат мекунанд. Дар ҷомеъ, низ вобаста ба муносибат нисбат ба мӯд қишрҳои мӯд ва ғайримӯд ҷудо мешавад: ҳатто, баъзан поймолшавии нуфузи қишри аъзоёни ҷомеъ (бахусус, миёни ҷавонон), ки молу хизматҳои ғайримуд доранд, ба чашм мерасад. Муд на танҳо ба сару либос, балки дар автомобил, гарнитур, мебел ва ғ., низ ба вуқӯъ меояд. Хох нохоҳ, чунин тамоил талафу ғайрисарфкорона истифодабарии захираҳоро мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки муд ба категорияи муҳими иқтисодӣ табдил ёфтааст ва дар илми иқтисодӣ, ҳатто нисбат ба категорияи фоидаву арзиши изофа, ҷои сазоворро ишғол кардааст. Ин тағироту дигаргуниҳо дар низоми баҳодиҳиву нарх аз он

шаҳодат медиҳад, ки дар ташакулли нарх нақши омилҳои «ғайриклассикӣ», нисбат ба омилҳои «классикӣ» афзуда истодааст. Низоми нарх, низ ба ин ҷараёни нав бештар такия карда, аз хароҷоти истеҳсолӣ тадриҷан дур рафта истодааст. Дар шароити ташакулли қишрҳои васеъи истемолгарон, ки даромади хеле баланд доранд, табиист, ки нархҳо аз хароҷот дур мегарданд. Хароҷот дар таркиби нархҳои чакана аз 90-95 % то 50-40 % паст фаромадааст: масалан, арзиши аслии истеҳсоли автомобили муосир 20-25 фоизи нарх чаканаро ташкил медиҳад ва боқи қисми дигари таркиби хароҷот ба реклама, хизматрасонии баъдифурӯшӣ ва фоида таълуқ дорад. Дар ин ҷараён бо осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки хароҷоти миёна ва ақал бевосита ба нархи ниҳои таъсир расонида наметавонад. Омили асосӣ дар ин раванди ташакулли нарх – ин даромади баланди истеъмолгар ва имконияти таъсир ба қарори истеъмолгар мебошад. Рақобат барои азхуд кардани пул ва ё даромади истеъмолгар рақобати истеҳсолиро иваз кардааст.

Кишвари мо, албатта аз ин ҷараёну таъғиротҳо дур аст. Бозори ҷумҳурӣ аз нигоҳи ахлоқи иқтисоди ва муносибатҳои солими кори низ дар сатҳи паст қарор дорад.Дар бозори мо бештар фиреб, аз тарозу задан, бинсофӣ дар нархгузорӣ ва ғ. ба чашм мерасад.Фаъолияти афзалноки ҳаннотӣ ва ё ҷалобӣ мушоҳида мешавад, реклама хеле маҳдуд ва оддӣ .Ташвишовар он аст, ки бозори мо зери таъсири «кирминал» қарор дошта, таркибу сатҳи нархро аз нигоҳи иқтисодӣ баҳо додан ғайриимкон аст. Бинобарон, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама, тартиботи элементарии алоқаҳои солими иқтисодиро бояд эҳё кард, то ин ки тамоилу равандҳои иқтисодӣ дар шакли вайрону коста ба вукӯъ наояд.

Таъсири харидорон ба дараҷаи нарх, дар шароити имрӯз, хеле паст аст. Зеро, дар мавриди фурӯши молҳои истеъмолӣ истеъмолгарон дар танҳои фаъолият доранд. Онҳо бар зидди иттиҳодияҳову ташкилотҳои азим, монополистӣ муқобилият

нишон дода наметавонанд. Аз тарафи дигар бо баробари боло рафтани даромади аҳолӣ, бахусус қишри хеле бои ҷомеъа истеъмолгароне пайдо мешаванд, ки рафтору кирдори онҳо ирратсионалӣ буда ба меъёрҳои анъанавии инсонӣ мувоффиқ намебошад. Ин қишри дорои истеъмолгаронро, дар навбати аввал дараҷаи баланди нарх ҷалб мекунад на хосияти истеъмолии он. Ин ҷо харҷи намоишкоронаи пул ба молҳои муд мушоҳида мешавад. Чунин хосияти бозори муосир ва омилҳои ирратсионалии ташакулли нарх низ ба назарияҳои илмии иқтисоди мутобиқ намебошад.

Поён рафтани нақши омилҳои анъанавии ташакулли нарх (хароҷот, фоиданокӣ) ва баланд шудани нақши омилҳои ҷамъиятиву психологӣ ба таъғироти ҳаҷми умумӣ ва таркиби қимат ва ё арзиши активҳои корхонаҳои бузург, низ боис гаштааст. Арзиши ин корхонаҳо бештар на аз арзиши активи моддӣ, балкӣ аз нигоҳи арзиши активи ғайримоддӣ, ки дар бозори фондӣ бо курси қоғазҳои қимматнок муайян шудааст, баҳо дода мешавад. Яъне, сатҳ ва ҳаҷми сармояшавии корхонаҳо ба омили муҳими баҳодиҳии корхонаҳо табдил ёфтааст. Дар корхонаҳои рӯ ба инкишофёфтаву тавоно вазни қиёсии активҳои ғайримоддӣ дар арзиши умумии он афзуда истодааст. Махсусан, нақши обурӯву эътибор, шӯҳрат ва патент дар таркиби арзиши ғайримоддӣ қариб 80 фоизро ташкил медиҳад.

Нафънокии ақали пул низ дар таъғирот ва ташкили нарх чун омили мустақил баромад мекунад.Ҳодисоти тавворум (инфлтсия) дар бозори муосир ба омили фаъоли доимӣ табдил ёфтааст. Бинобарон, бо сабаби болоравии нарх тамоили пастравии нафнокии ақали пул, қиммату қобилияти хариши он мушоҳида мешавад. Бояд таъкид кард, ки лаппиши нарх аз доири фазои рақобатӣ берун рафта (таъсири рақобат хеле ночиз аст) динамикаи яктарафа – рушдро дорад.

Ҷараёни тавонои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули нарх, қиммат ва ё арзиш таъсир қавӣ дорад. Низоми нархи неъматҳо, ки дар

доираи иқтисодиёти миллии мо ташаккул ёфтааст бо лаппиш, хосият ва сатҳу таносуби худ ба молу хизматхои мушахас фарқ мекунад. Дар ҷараёни ҷаҳоншавӣ гӯё падидашавӣ ва ё «кушодашави» иқтисодиёти миллӣ, омезиши он бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин маҷро бояд нархҳои ягона (бо назардошти хароҷоти нақлиётӣ) ташаккул ёбад. Агар фарқияти низоми нархи миллӣ ва ҷаҳонӣ хеле бузург бошад, пас ҷараёни гузариш ба нархҳои ҷаҳонӣ хеле мураккаб мегардад: ба вазъи ичтимои-иқтисодӣ ва ҳатто сиёсии кишвар таъсири назаррас мерасонад.

Дар ҷаҳони муосир, давлатҳои мутараққии ҷаҳон, пеш аз ҳама чун ташкилотчии ҷаҳонишавӣ баромад мекунанд. Зеро, дар онҳо корпоратсияҳои байналмиллалӣ (ТНК) рушд ёфтааст. Ин корхонаҳои азим меъмори ҷаҳонишавӣ буда, тавоноии онҳо на танҳо аз корхонаҳои кишварҳои рӯ ба тараққиниҳодаву сусттараққикарда афзалият дорад, балки аз иқтидори иқтисодии ин давлатҳо, низ боло мебошад. Яку якбора гузаштан ба низоми ягонаи нархи ҷаҳонӣ ба талаф шудани захираҳои иқтисодии кишварамон, хароб шудани иқтисодиёти он боис мегардад. Кишвари мо аз собиқ Иттиҳоди шӯравӣ низоми нархи хароҷотӣ ва аз нигоҳи илмӣ чандон беасосро мерос гирифта буд: нархи захираҳои энерҷӣ (газ, ангишт нефт ва ғ), тарифҳои нақлиёт ва хизматҳои иҷтимои хеле паст буд ва аз нархҳои ҷаҳон фарқияти бузург дошт. Ин таносубҳо то имрӯз арзу вуҷуд дорад: масалан, нархи дохилӣ ба нерӯи барқ, нисбат ба нархи ҷаҳонӣ паст аст.Ин метавонад ба талафи захираҳо ва вайрон шудани алоқаҳои хоҷагӣ оварда расонад. Содироти алюмений аз ҷумҳурӣ, ки бо тарифҳои пасти нерӯи барқ дар электролизи алюмений истифода мешавад, ба берунравии захираву сармояи миллӣ (арзишҳои нав) мусоидат мекунад. Содироти молҳо, ки истеҳсоли онҳо ба ашёву таҷҳизотҳои, ки нархашон аз нархи ҷаҳонӣ паст аст, алоқамандӣ дорад, бояд зери танзиму назорати қатъии давлат қарор гирад.

Сатҳи маош ва дараҷаи самаранокии истеҳсолоти миллиамон ба меёр ва нишондиҳидаҳои корхонаҳои азими байналмиллалӣ, ки вазъи бозори ҷаҳонро муайян мекунанд, мувоффиқат намекунанд. Табиист, ки сатҳи хароҷоти моддӣ дар истеҳсоли неъматҳо хеле баланд, аммо дараҷаи музди меҳнат хеле паст аст. Гузариш ба низоми нархи ҷаҳонӣ мушкилҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоиро тавлид мекунад. Бинобарон зарур аст, ки барномаи миллии тадриҷан гузариш, ки бо чорабиниҳои мушахаси пайдарпаи такия мекунад, таҳия гардад.

Бо сабаби ҷаҳонишавӣ муаммои ташаккули курси арзӣ (пул) ва нақши он дар танзими алоқаи иқтисодии ҷаҳон ва баҳодиҳии фаъолият мавқеъи муҳимро ишғол намудааст.Зеро вай яке аз шаклҳои муҳими бо вуқӯъ омадани қимматнокии фаъолият ва чен кардани иқтидори иқтисодии давлатҳо мебошад. Дар давраҳои гузашта, бахусус дар меёри (стандарти) тиллоӣ, курси арзӣ чун шарти техникии ченак ва танзими арзишу нарх миёну кишварҳо хизмат мекард. Ҳисоб кардани баробарвазнии арзҳои давлатҳо, дар он шароит, нисбатан осон буд. Пас аз солҳои 70-уми асри XX курси арзӣ аз стандарти тиллоӣ ҷудо шуда, ба омили мустақили қиматнокӣ табдил ёфтааст ва ҳатто аз хароҷот ва нафнокӣ ҳам боло рафтааст. Таъсири курси арзӣ ба вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии бисёр давлатҳои ҷаҳон ва муносибатҳои миёни онҳо, низ хеле қавӣ гаштааст.

Аз тарафи дигар, курси он зери таъсири омилҳои мухталифу бо ҳам зид хеле ноустувору шинокунанда шудааст. Зеро, вай пас аз шикаст хӯрдани стандарти тиллоӣ, бештар ба қобилияти хариши ҳампоягӣ (паритетӣ) алоқамандӣ дорад. Яъне, таносубӣ нархҳои кишварҳои гуногун бо гурӯҳи молу хизматҳои мушахасс тибқи қоидаи муайяни мувоффиқашуда ба иҷро мерасад. Масалан, як кг нон дар Руссия 40 рубл ва дар Тоҷикистон 4 сомонӣ аст, пас курси рубл дар сомонӣ, дар ин ҳол 10: 1 мебошад.Аммо, дар амалия алоқамандии паритети

қобилияти хариши пул ва курси арзӣ муқобилият, ҳам дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳампоягии қобилият хариши пул, фақат доираи тақозои молу хизматҳо, тиҷоратро фаро мегирад. Аммо, бояд таъкид кард, ки арзҳои ҷаҳонӣ, умуман пул, боз дигар вазифаҳоро иҷро мекунад: таклифот ба пул чун сармоя ба вукӯъ меояд, яъне қарздиҳӣ, сармоягузори ва ғ.Иҷрои ин вазифаҳо, арзиши арзҳоро бештар муайян мекунад.

*Лаппишҳои* курси арзӣ аз «обрӯ»-и арзи кишварҳо вобастагӣ дорад. Дар доираи муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, қаторагирии арзҳо, яъне баҳодиҳии онҳо пайваста ба сатҳи «ҷалбшавӣ», устуворӣ ва ғ. ба вукӯъ меояд. Ин ҷараён бечуну чаро ба дараҷаи курси арз таъсир мерасонад. Курси воқеъии арзи кишварамон, яъне сомонӣ нисбат ба кишварҳои мутараққӣ то 8-10 маротиба паст мебошад. Бояд таъкид кард, ки курси арз мисли дигар молу хизматҳо, пайваста ба таносуби пешниҳоду таклифот ба арзу милли муайян мегардад. Эътибори курси арзи, ҳамзамон вазъи иқтисодии ҳамон давлатро муайян мекунад.

Нархи мол, музди меҳнат ва курси арзӣ бо ҳам алоқамандии зич дорад. Ҳар яке аз ин омил метавонад чун сабаби таъғирот ва таъғири ду омили дигар чун оқибат бошад. Ин алоқамандию таъсири мутақобилаи онҳо аз шароитҳои воқеъию мушахасс вобастагӣ дорад. Илова бар ин, фоиз, дараҷаи нарх ва курси арзи дар як занҷири ягона воқеъ аст: махсусан дар ҷараёни тавворум, ҳар як онҳо метавонанд сарчашмаи таъғирот ва вайроншавии мувозинат гардад.

Курси қоғазҳои қиматнок, низ ҳасос аст ва бо баробари таъғироти дигар нишондиҳандаҳо тамоили худро зуд муайян карда, «ранги эмотсиалӣ»-и ахборро инъикос мекунад. Яъне, лаппишҳои курсро боис мегардонад. Вазъи бозори молияви бошад, писхология кулли бозорҳоро муайян мекунад. Бозори имрӯз мисли инсон табъи хушу бад дорад. Табъи хуши бозор, яъне хосияти устувории он фазои солимро барои рушди иқтисодӣ фароҳам меорад. Дар шароити муосир, бӯҳрони

молиявӣ, ки дар пастравии курси қоғазҳои қимматнок (аксия) мушоҳида мешавад, ба як тамоили устувор табдил ёфтааст.Тамоили пастравии курси аксияҳо барои кишвари мо хатарнок аст. Зеро, чуноне, ки дар боло таъкид шуд, иқтисодиёти кишварамон тобеъи иқтисодиёти ҷаҳони, воридоти молу захираҳои мухталиф мебошад. Тамоили пастравии курси қоғазҳои қимматнок иқтисодиёти кишварамонро метавонад фалаҷ кунад ва ҳаҷми арзиши иқтисодиро талаф намояд: чункӣ, дар ин маврид алоқаҳои молиявӣ вайрон шуда, оқибат ба поёнравии истеҳсолот ва рушди бекорӣ сабаб мегардад.

## 7.2.Тоҷикистон дар технологияи ҳазорсолаи навин

Дар замони муосир инсоният ба истифодаи нерӯи об, Офтоб ва гармии қаъри замин рӯ овардааст. Зеро, истифодабарии ин захираҳо пойдории индустрияи навине, ки тамоили ҳифзу муҳити зист ва экологиро дорад, таъмин мекунад. Тоҷикистон захираҳои бойи обӣ ва нерӯи офтобро дорост. Маҳз захираҳои обӣ имконияти истеҳсоли нерӯи барқро дар ҳаҷми 527 млрд квт соатро мусоидат мекунад. Бо ин нишондиҳанда кишвари мо миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баъди Федератсияи Руссия (2785 миллиард квт соат) ҷой дуюмро ишғол намуда, дар Осиёи маркази нисбат ба Қазоқистон 3,2, Ӯзбекистон 3,8, Қирғистон 3,8 ва Туркманистон 23,9 маротиба зиёд аст. Беш аз 60 фоизи захираи обии ҳавзаи Осиёи миёна дар кишвари мо қарор дорад, ки ин бойгарии миллии табиӣ атокарда буда, ба он шукри бепоён бояд гуфт. Илова бар ин тибқи қарордоди Конфронси Дублин (с.1992) об, низ чун захирии иқтисодӣ ва молу хизматҳо арзиш дошта, объекти хариду фурӯш бояд бошад.

Тоҷикистонро кишвари офтобӣ мегӯянд. Дар ҳақиқат қариб 80 фоизи рӯзҳои сол офтобӣ аст ва нерӯи нурҳои он сарчашмаи энергия ва қувваи барқи арзон мебошад (пас, аз он

ки сарчашмаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, алалхусус, меваю сабзавоти хуштамъ аст).Ба истифода аз нерӯи офтоб ва гармии қаъри замин, низ қувваи барқии арзон истеҳсол кардан мумкин аст. Пиёда гардонидани ин лоиҳаҳо ба табдили кишварамон ба маркази тавлидгари нерӯи барқии арзон суръат мебахшад. Ин захираҳои нодир сарчашмаи рентаи иқтисодӣ буда, нафъу самаранокии онҳоро бо роҳҳои (шаклҳои) мухталиф истифода мебаранд.

Сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба он равона шудааст, ки ин захираҳои обии кишварро, пеш аз ҳама, барои истеҳсоли қуввии барқ ва шодоб кардани заминҳои кишоварзӣ истифода барад. Сохтмони силсиланерӯгоҳҳои барқӣ ба мисли Роғун, Сангтӯда-1, Сангтӯдаи-2 дар дарёи Вахш, садҳо нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар дарёҳои Зарафшону Кӯҳистони Бадахшон аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон дарояндаи наздик чун кишвари истеҳсолгару содиркунандаи нерӯи барқ дар ҷаҳон шинохта хоҳад шуд. Нерӯи барқ дар радифи захира (омил)-ҳои аввалиндараҷаи иқтисодӣ қарор гирифта, ҷузъи таркибии ҳаёти ҷомеъа гаштааст ва барои истифодабарии техникаву технология чун руҳу ҷон хизмат мекунад. Бинобарон, инкишофи соҳаи энергетикии кишвар, на танҳо истиқлолияти иқтисодии ҷумҳуриро муайян мекунад, балки чун содиркунандаи ин нерӯ дар бозори минтақавию ҷаҳонӣ мавқеъи хоса меёбад, балки дар тақсимоти технологии байналхалқии меҳнат фаъолона ширкат меварзад.

Сарзаминро, ки дар он ҷо чор фасли сол дар меҳвари гардиши кайҳон ҷои худро бо рӯзу соатҳои муайян, балки нисбатан дақиқ иваз мекунанд, олимон биҳиштмакон меноманд. Кишвари мо, низ кишвари офтобию биҳиштзамин аст. Маҳсулоти кишоварзие, ки дар сарзамини мо истеҳсол мешавад, хеле ботамъ ва аз нигоҳи экологӣ тоза аст. Бинобарон, инкишофи соҳаҳои кишоварзӣ, пайваста ба он рушди соҳаҳои коркарди маҳсулоти ин соҳа ва инфраструктураи он низ нақши ҷумҳуриамонро дар арсаи иқтисоди ҷаҳонӣ боло хоҳад кард.

Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии ватанамон, ки дар шаҳри Сочии Федератсияи Руссия гузашт, худ исботи ақидаи боло мебошад. Мо Тоҷикистонро кишвари агро-индустриалии мутараққӣ дидан мехоҳем. Зеро инкишофи ин соҳа на танҳо рушди иқтисодиёти миллиро таъмин мекунад, балки суръатгирии рушд ба ин самт ба талаботи консепсияи инкишофи устувор ҷавобгӯ аст.

Шоҳроҳҳое, ки бунёд мегардад на танҳо ваҳдати иқтисодиву миллӣ ва ташакулли бозори миллиро таъмин мекунанд, балки воридшавии ҷумҳуриамонро ба бозору инфрасохтори ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд. Шоҳроҳҳо мисли корез ва ҷуйбори обе, ки заминҳоро шодоб ва сарсабзу хуррамии полизҳо, боғу токзорро таъмин мекунад, дар ҳамин вазн чун омили инкишофи иқтисодиёти миллӣ қимат дорад. Бунёди шоҳроҳҳо ва ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикӣ барои инкишофи саноати маъдани кӯҳии кишварамон заминаҳои воқеъӣ фароҳам меорад. Имрӯз ба инкишофи соҳаҳои сайру сайёҳат (туризм), ки Ҳукумати Ҷумҳурӣ аҳамият дода истодааст, ба мақсад мувофиқ аст. Табиати афсонавии кишварамон, манзараҳои биҳиштангез, боду ҳавои кӯҳӣ, обҳои зулол нодиртарин неъмат аст. Ва рушди ин соҳа, бечуну чаро Тоҷикистонро ба ҷаҳониён чун кишвари афсонавӣ муаррифӣ метавонад бикунад.

Техника ва технологияи муосир, ки ба захираю сарчашмаҳои энегетикӣ чун нафту газ такя мекунад, метавонад дар давраҳои муайян ( на беш аз 100 сол) фаъолият кунад. Бино бар он,раванди гузариш ба сатҳи технологияи навини самти экологӣ дошта, ки ба консепсияи инкишофи устувор мутобиқ аст,бо вусъаттар идома хоҳад ёфт. Ва метавон гуфт, ки инкишофи самтҳои ҷузъии иқтисодиёти миллии мо ба монанди инкишофи соҳаҳои энергетики (бунёди нерӯгоҳҳои обии барқ) аграрию агросаноатӣ, сайёҳи (туризм) ба ҷабҳаҳои консепсияи инкишофи устувор бештар мутобиқ аст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон аз захираҳои зеҳнӣ (интелектуалӣ) бой аст. Олимони мо дар соҳаҳои физика, астрофизика, кимё, биология ва илмҳои техникӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Аз ин рӯ, имрӯз консепсия (барномаи давлатӣ)-е зарур аст, ки раванди ҳамоҳангсозӣ ва ё интегратсияи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии соҳаҳои мухталифи илмро таъмин намояд. Дар мавриди амалӣ гардонидани чунин консепсия кишвари мо метавонад дар бунёди техника ва технологияи ҳазорсолаи навин саҳми арзанда гузошта, на танҳо истеъмолгари натиҷаҳои инқилоби ҷаҳонии илму техника бошад, балки ба истеҳсолгари молу хизматҳои илмасоси (илмғунҷоишаш) баланд табдил гардад. Мо итминони комил дорем, маҳз ба роҳи инкишофи истеҳсоли неъматҳои инктелектуалӣ ва иштирок дар тақсимоти ҷаҳонии технологии меҳнати зеҳнӣ, кишварамон дар радифи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ҷой хоҳад гирифт.

Кулли ислоҳоти иқтисодиву ниҳодӣ бе бозсозии зеҳнӣ ғайриимкон аст. Олимони донишгоҳи мо ҳам дар он ақидаанд, ки дар марҳилаи таърихи навини тоҷикон бозсозии зеҳнӣ нахустомили нерӯсози ҷомеъ мебошад. Бинобарон, онҳо дар оғози соли 2007 таҳти унвони худшиносии миллӣ ва ташакулли «инсони иқтисодӣ»-и нав семинарии назариявӣ илмӣ доир карда, дар он масъалаҳои мақоми инсон, зеҳну аҳлоқи ӯ дар такмили қаърии муносибатҳои ичтимоию иқтисодӣ мавриди баҳсу мунозира қарор доданд.Семинар бо пешниҳодҳои мушахасс ба ниҳоят расид.

Бозсозии зеҳнӣ на танҳо зарурати умдаи давр барои мардуми кишвари мо, балки барои тамоми оламиён мебошад. Собиқ Котиби генералии СММ К.Анан дар яке дар гузоришҳои охирини худ дар саҳифаи Fiqaro чунин таъкид кардааст: «Ҳар рӯз агар мо кореро ба анҷом нарасонидем ва ё хеле ночиз иҷро кардем, то тағирёбии иқлимро боздорем, маъное медиҳад, ки мо арзиш ва нархеро баланд кардем, ки оянддагон, фарзандони мо бояд бипардозанд. Мо бояд барои некӯаҳволии

умумибашарӣ кӯшем. Бе ҳамдиливу ягонагӣ ягон ҷомеа наметавонад пойдориии воқеиро таъмин намояд».

Худшиносиву худогоҳӣ нахустмарҳилаи бозсозии зеҳнӣ мебошад. Инсон бояд пеш аз ҳама дарк кунад, ки вай натанҳо махлуқи биологӣ-иҷтимоӣ, балки махлуқи шуурноке, ки аз ҳастии биологиаш олӣ аст. Ба ақидаи файласуфи фаронса П. Тейярде Шарден ва олими табиатшиноси рус В. Вернадский хиради инсон на танҳо бар болои табиат, балки пеш аз ҳама, ба худи инсон ва инстинктҳои поёнии он бояд ҳукмрон бошад. Яъне,фаъолияти инсонро бояд қонунҳои хирад идора кунад. Инсон новобаста аз хосиятҳои фардии худ доираи васеъи фаъолиятҳоро дорост. Ва ӯ аз тадбиқи қобилияту нерӯи худ ва натиҷаҳои судманди он, пеш аз ҳама, маънан қонеъ ва фараҳи эҷодӣ мегирад. Барои ба вуқӯ омадани ин зинаи олии талаботи инсонӣ шароиту фазои мусоиди фаъолият фарохам бояд кард. Таърихи инсоният шаҳодат медиҳад, ки бунёди тамаддунҳо, рушду нумӯи мунтазами ҷомеаву давлат, маҳсули тафаккуру хиради инсонӣ мебошад. Дар ин маҷро хосиятҳои беҳтарини инсонӣ, ҷавҳари (аслҳои) евгеникӣ (ахлоқӣ), заҳматҳо барои идомаи насли худ, мерос гузоштани ҷомеъаи солим барои ояндагон инкишоф ёфтааст. Мо вазифадорем, ҷомеъро пойдор намоем ва риштаи сурхи инкишофи онро чунон муайян кунем, ки қонеъшавии талаботи хаётии насли имрузаи мо, на аз ҳисоби маҳрум кардани имкониятҳои наслҳои ояндаамон бошад.

Истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро чунон бояд такмил дод, то ки зинаи поёни мардум, коргарон, субъектҳои иқтисодӣ тавонанд қобилияти зеҳниву маънавии нуҳуфтаи худро аввал бедор созанд сонияи ба амал тадбиқ намоянд ва аз инкишофи натиҷаҳои он қонеъ гардaнду фараҳманд шаванд. Ҳадаф аз ин ислоҳоту бозсозиҳо табдил додани фардҳои фармудакор ба шахсиятҳои худкор (ташаббускор, эҷодкор), ташаккули муносибатҳои озоди эҷодӣ, инкишофи озоди иқтисодӣ мебошад. Ҷавҳари ислоҳоти

иқтисодии сиёсиву фарҳангии Ҳукумати Ҷумхурӣ маҳз барои таъмини ин ҳадафҳо нигаронида шудааст.

Ҳаргуна падидаҳои номатлуби ҷомеа ба мисли коррупсия, фаъолияти ғайрирасмӣ (теневая экономика), қочоқи маводи нашъаовар, муаммоҳои экологӣ барои таъмини инкишофи мунтаззами ҷомеа монеаҳо эҷод мекунад. Масъалаҳои аз байн бурдани ин монеъаҳо пеш аз ҳама бо такмилу ташаккули рафтори маънавию ақлии инсон алоқамандӣ дорад. Бинобар он, дар назди илмҳои ҷомеъашиносӣ, алалхусус назарияи иқтисодӣ муаммоҳои ахлоқу этика, одоби хоҷагидориву фаъолияти иктисодӣ, ташаккули афкори нави иқтисодӣ қарор гирифтанд. Аз ин рӯ, зарурати ба предмети назарияи иқтисодӣ ворид кардани ахлоқи иқтисодӣ ба миён омадааст. Зимнан бояд таъкид кард, ки меъёри иқтисодие, ки дар заминахои технологияи муосир карор дорад алоқамандии инсонро аз муҳит (экология) қариб, ки инкор мекунад.Бинобарон, фаъолияти иқтисодии бо аслхои аз нигохи экологӣ дуруст такияшуда, умуман, иқтисодиёти «ғайритаҷовузӣ», техника ва технологияи гумманистӣ, ки назокату «симои инсонӣ» дорад, ғояи асосии ташаккули афкору шуурии нави иқтисодӣ – «инсони иқтисодӣ» - и навро, бояд ташкил диҳад.

Симои ҷомеа, шинosномаи воқеии онро ба андешаи мо, зиёиён муайян мекунанд. Тасаввур мекунем, ки ҳар як инсонро Офаридигор чун як китобе барои заминиён фиристода аст. Дар фаслу бобҳои ин китоб омӯзиши табиату ҷомеа, худшиносӣ, бархӯрд бо муаммоҳои замона ва бо таври худ ҳаллу фасл намудани онҳо, таҷрибабардориву донишҳои амалӣ (эмпирикӣ) ва осоре гузоштан барои ояндагон, таҷассум мегардад. Рӯи коғаз овардану, бо низоми муайян гирифтани таҷрибаву донишҳои парокандаи ҷомеа, тамаддунҳои инсоният ва ҳамзамон ба ҳамагон барраси кардан ба ӯҳдаи зиёиён гузошта шудааст. Зиёиёнро чун меъмори ҷахони хирад метавон баҳо дод. Осору эҷодҳои онҳо, бо ақидаи Ф.Бекон, чун

киштиест, ки дар баҳри донишу хирад шино карда, ганҷинаҳои беарзишро аз наслҳо ба наслҳо мекашонад.

Бояд таъкид кард, ки маънии зиндагии зиёиён ин фикр кардан аст. Маҳз талаботи олии инсони, яъне конеъшавии маънавӣ на моддӣ дар зиёиён барало таҷассум мегардад. Ин хосияти аслии зиёиёнро, фақат санҷиши имтиҳони давру замон, майдони беҳудуди илму маърифат муайян мекунад. Бинобарон, асилони илму маърифатро миёни мардум ҳамчун «фонатик» баҳо медиҳанд. Пас, зиёӣ будан на касб, қисмату тақдир, тӯҳфаи нодири табиат, балки худованд аст.

Зиёиён дар ғанисозии тамаддуни моддию маънавии миллат саҳми барҷаста доранд. Ман чун иқтисодчӣ хостам оид ба рушди тамаддуни модди, яъне технологияи муосири миллӣ, ки зиёиён бояд дар он нақши муҳим бозанд, хостам ибрози назар кунам. Кишвари мо, ки худ дар бунёди технологияи муосир саҳм надорад ва мӯҳточи технологияҳои муосири кишварҳои дигар мебошад, то андозаи ифтихори милли моро коста мекунад. Гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, иқтисодиёти кишвари моро ба шоҳроҳи иқтисоди ҷахонӣ ворид месозад ва ин маҷро тоҷиконро маҷбур мекунад, ки барои дарёфти мавқеашон дар бозори ҷаҳонӣ саъю кушиш намоянд. Алҳол, тамоми нерӯву қудрати худро ба он равон бояд кард, ки содироти ашёро тадриҷан паст карда, ба коркарду истеҳсоли молу хизматҳои ниҳоӣ гузарем ва дар бозори ҷаҳонӣ молу хизматҳои бо тамғаи Тоҷикистон пайдо гарданд. Дар ин ҷараён ғани гаштани тамаддуни моддии мо сурат мегирад, ки боиси афзудани ифтихори миллии мо ва наслҳои оянда хоҳад гашт. Оид ба ин масъала дар боло чанде ақидаҳо баррасӣ шуданд. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафи миллӣ нақши зиёиён хеле баланд аст.

Ва ниҳоят андешаҳои худро бо гуфтаи нависанда ва файласуфи фаронсавӣ Ф.Волтер анҷом медиҳам. Вай чунин таъкид кардааст: «Муҳаббат ба Ватан ҳеҷ гоҳ чашми маро ба дастовардҳои хориҷиён намебандад. Баръакс ҳарчанд

ватанамро бештар дӯст дорам, ҳамон андоза кӯшиш менамоям, ки кишварамро бо бозёфтҳо аз сарчашмаҳои дигар ғанӣ гардонам». Бошад, ки ин ақидаи мутаффакир шиори ҳамарӯзаи мо зиёиён бошаду Тоҷикистон дар ҷаҳон мисли Фарангистон мавқеи намоён пайдо кунад.

# Ба ҷои охирсухан

**«Забон беҳтарин сарват ва қиматтарин дороии миллат аст. Пойдорӣ ва рушди забон нишонаи ҳастии миллат мебошад»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## Гар сухан ҷон набвад мурда чаро хомӯш аст....

**(ба ифтихори Соли забони тоҷикӣ)**

«Муҳаббати самимӣ ба ватан ва шефтаи забони модарӣ будан, мафҳумҳои ҷудонашавандаанд - мегӯяд К. Паустовский. Касе, ки нисбат ба забони модарии хеш бетафовут аст, ваҳшист ва мавҷудияташ моҳиятан зараровар аст, зеро бепарвоӣ нисбат ба забон нишонаи комилан бетафовут будан ба гузашта, ҳозира ваояндаи ҳалқи худ аст.» Ин гуфтаҳои мутафаккири бузурги рус, дар назар хеле оташин ва талх ҳам ҳаст, аммо ҳақиқати воқеиро ифода мекунад. Банда, ҳарчанд иқтисодчӣ мебошаду ба тадқиқотҳои муаммоҳои иқтисодӣ сарукор дорад, аммо муҳаббат ба забони модарии хеш водор кардааст, ки кулли асарҳову мақолаҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмии худро бо ин забон таълиф намояд. Дар ин маҷро самимият ба забони тоҷикии форсӣ боз ҳам боло гирифт, зеро ғунҷоиши забони модарӣ имконият дод, ки озодии андешаву тадқиқот ва ифодашавии мушаххаси маҳсули зеҳнӣ майдони васеъро фарогир шуд. Ва ниҳоят, ақидаҳое, ки гӯё забони илмии муосир – ин забони русӣ бошад, дар фазои андешаҳоям ҷой нагирифт. Бинобарон, камина тасмим гирифт, ки аз андешаҳои худ, чанд ҷумлаҳои парокандаро роҷеъ ба мақоми забони модарии худ, иброз кунад.

Забони тоҷикии форсӣ муқаддастарин забон аст. Тасаввур мекунам, ки пас аз ҷон, нахуст садову калом ва ҳақиқати худовандӣ бо ин забон фуруд омадааст. Садову нидоҳои ҳақиқӣ, пеш аз ҳама бо дил (қалб) эҳсос ва ё шунавида мешавад. Бинобарон, дар ҳақиқат «гар сухан ҷон набвад, мурда

чаро хомӯш аст». Пайғомбарон, мутафаккирону инсонҳои комил ин садоҳоро барвақту хеле самимӣ қабул намуда ба кулли мардум расониданд ва онҳоро ба худогоҳию худшиносӣ даъват карда, аз паи худ бурданд. Он чи ҳақиқат аст, ин ҳам худовандист ва ҳам илм аст. Он садоҳои воқеию ҳақиқӣ, ки дар қалб ҷой гираду аз он барояд, хеле самимию таъсирбахшанда ва тамаддунсоз мегардад. Ниёгони мо ин садоҳоро чун марворид ба риштаи танзим гирифтанд, ҳарфу каломҳо (калимаҳо) бунёд карданд. Дар қаъри андешаҳои ҷаҳонсози худ ҳазм намуда, китоби муқаддаси Авасторо дар шакли китоби бузург, рӯи дувоздаҳ ҳазор пӯсти коркардашудаи гов навиштанд. Дар доираи ин шоҳсутун - ин китоби муқаддас забони адабии худро офариданд. Агар мо ба асоси адабиёти паҳлавӣ назар афканем, чунин арзишҳоро пайдо мекунем, ки онҳо дар кулли арзишҳои умумибашарӣ сахмгузор шудаанд. Зимнан, нагуфта намонем, ки оид ба ворид гардидани таълимоти бузурги ориёиҳо дар динҳои насронӣ, яҳудӣ ва ислом мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор нагирифтааст. **«Ҳамин буд, ки дар нахустин марҳалаи пайдоиши забоншиносии муқоисавии таърихӣ дар асри XIX асосҳои грамматикаи санскрит ҳамчун намунаи куҳан аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо чанде аз забонҳои дигари ин хонавода мавриди муқоиса қарор гирифт. Бар асоси чунин муқоиса – қайд мешавад дар мақолаи Президенти кишварамон мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон - то ҷое назарияи хешовандӣ ва пайванди таърихии бархе аз забонҳо мисли санскрит, юнонӣ, лотинӣ, эронӣ (форсӣ) ва германӣ ошкор ва собит карда шуд»[1].** Бояд ифтихор кард, ки омӯзиши муқоисавии забони санскритӣ бо соир забонҳои аврупоӣ-лотинӣ, юнонӣ, славянӣ в.ғ. ба хулосае меорад, ки бештари забонҳои аврупоӣ аз як забони ибтидоии ориёӣ баромаданд.

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» андешаҳо дар остонаи бузургдошти тамаддуни ориёӣ, рӯз. «Минбари халқ», 7 сентябри соли 2005

Пас аз истилои араб ва қабул кардани дини мубини ислом, низ доираи фарогири забони тоҷикӣ-форсӣ, низ танг нагашт. Баръакс, маҳз ба туфайли ҳамин забон тамаддуни исломӣ воқеан оламгир шуд. Зеро интишордиҳандагони дини нав ҳамон мардуми ориёинаҷод буданд. Ҳарчанд онҳо ному насаби арабӣ гирифта бошанд ҳам, аммо аслу вуҷуди ориёии худро аз қалб берун накарда буданд. Чунончӣ, ҳаким Фирдавсӣ фармудааст:

Чу бо тахт минбар баробар шавад,
Ҳама ном Бӯбакру Умар шавад.

Замона чунин тақозо дошт, чи тавре ки замони Шӯравӣ ному насабро Бобоевичу Мирсаидов кард.

Сомониён дар зиндаву ҷовид кардани забони тоҷикӣ чунон ҷуръати бузург карданд, ки таърих шояд мислашро надонад. Дар муқадимаи «Таърихи Табарӣ» омадааст: «Амири Сомонӣ дар бобати тарҷумаи «ҷомеъ-ул-баён-ан - таъвил-ал – Қуръон» уламои Мовароуннаҳрро гирд карда ва аз эшон пурсон шуд, ки мо ин китобро ба забони порсӣ гардонем? Гуфтанд: Раво бошад хондан ва навиштани тафсири Қуръон ба порсӣ касеро, ки ӯ тозӣ надонад».[1]

Хамин тариқ, забони тоҷикии форсӣ забони пайвандгари ақли куллу ақли инсонӣ, забони алоқаи маънию навозишҳо шуд. Мардуми Мовароуннаҳр, чун меросбару ворисони ориёиёни покнаҷот, пойдории забони дариву тоҷики форсиро на танҳо дар меҳани худ таъмин намуданд, балки маҳз бо ҷидду ҷаҳди онҳо забони форсӣ дар қаламрави тамоми машриқзамин то имрӯз абадзиндаву боқӣ монд. Чуноне ки олими барҷастаи Эронӣ Саиди Нафисӣ таъкид кардааст:» «Мо эрониён - мегӯяд олими эронӣ Саид Нафисӣ –дар сояи исёни Абӯмуслим, Муқаннаъ ва дигарҳо, дар сояи ташкил ёфтани давлати Сомониён ва дар сояи шоирони он замони Мовароуннаҳр ба сифати як миллат соҳиби забон шуда, дар рӯи дунё зинда мондем. Агар он исёнҳо ва ташаббуси Мовароуннаҳриҳо

[1] Таърихи Табарӣ, саҳ.16

намебуд, имрӯз Эрон ҳам мисли Миср як мамлакати араб шуда, мо эрониён ҳам монанди мисриҳо, араб мегардидем».[1]

Ниёгони мо чунон забони адабӣ ва назми оламгир бунёд карданд, ки ҷаҳониён дар ҳайрат монданд. Маҳз ин бузургӣ ва уқёнуси маънию эҷодҳо буд, ки аврупоён ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир карда, саропо омӯханд ва такя бар он (пас аз асри 15) фарҳангу тамаддуни воло сохтанд. Ҳётеи бузург аз ин хазинаи маънӣ тавонист, фақат ҳафт пайғамбарони назми форсу тоҷикро таъкид намояд. Бинобарон, шеватарину равонтарин будани забони тоҷикию форсӣ, ҳатто миллатҳои ғайритоҷик ба ин забон назми воло офариданд. Дар ҳақиқат, бо ибораи М. Иқбол «дар узубат лафзи дарӣ ширинтар аст»

Таровишу парвози баланди садоҳои қаъри дили инсонҳои бузург дар партави назми пур аз маънӣ забони мусиқиро дар ҳамҷӯрии овозҳо ва забони рақсро бо ҳаракатҳои дилошӯб офарид. Мусиқии Шарқ дар шоҳроҳҳои таърихи тамаддун сайқал ёфта, сабки хоси худро пайдо кард. Худ, «Шашмақом» ганҷинаи бебаҳост, ки аз ниёгони мо мерос мондааст. Дар қарни наздик ва замони муосир беҳтарин мусиқиҳои ғарб такя ба сабки шарқӣ эҷод шудааст ва идома дорад. «Мусиқӣ, мегӯяд - Алфред Домаса - моро ба сайри оламе мебарад, ки ҳанӯз барои инсон маҳҷул аст».Яъне, он садову самимияти қаъри дили инсонӣ, ки дар забони муошират имконияти инъикоси худро намеёбад, дар мусиқӣ таҷассум меёбад. Бо чунин маънӣ рақси тоҷикӣ, низ пур аз асрор буда, оламеро инъикос мекунад, ки дар он инсон гӯё бо андешаҳои ширину кайҳонӣ болу парзанон парвоз дорад.

Ниёгони мо, дар баробари тархрезию бунёди забони адабӣ, назм, мусиқию рақс ба ташаккулу васеъ кардани ғунчоиши забони илмӣ, низ сахми бузург гузоштанд. Дар давраи ссомониён, ҳарчанд мақоми таъсири забони арабӣ аз байн нарафта буд, аммо мутафаккирон, орифони мо барои баёноти масъалаҳои илмию фалсафӣ аз имкониятҳои забони

[1] Рӯз.Минбари халқ 31 августи 2005

тоҷикӣ истифода мекарданд. Зеро ин забон барои ғунҷонидани мафҳумҳои сарбаставу мушкил тавоноӣ ва фарогирии васеъ дошт. Маҳз ин буд, ки ИбниСино «Донишнома» ва чанде дигар асарҳои худ, А.Берунӣ бошад «Китоб-ул тафҳим» - и худро бо ин забон таълиф кардааст.[1] Илм, ки озодии таҳкику ақидарониро талаб менамояд, пас ҳар як тадқиқотгар, эҷодкор ба забони модарии худ фикр мекунад, бинобарон ба ҳамон забон бинависад эҷодаш тавонотару воқеии хоҳад шуд. Шояд, бинобар бо забони худ эҷод кардану илм кардани олимони Ғарб онҳоро поягузори илмҳои муосир гардонидааст.

Забони илми тоҷикиро, ки Синову Берунӣ, Н.Хисраву Абӯ Маҳмуди Хуҷандӣ, А.Донишу Садриддини Айнӣ ва ғ. ғанӣ карда буданд, имрӯзҳо ба андешаи мо (ба истиснои илмҳои ҷомеашиносӣ) коста шудааст. Дар мақолаи Президенти кишварамон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таҳти унвони «Инсон ва андешаи ҷаҳонсози ӯ» дар рӯзномаи «Минбари халқ» 7 сентябри соли 2005 ба чоп расида буд, чунин таъкид шудааст: «Забонҳое, ки қудрату имконияти ғунҷоиши бозгӯии воқеияту ҳақиқати рӯзгори зудҳаракатро надоранд, ногузир маҳв мешаванд. Умед аст, ки ин пешомади ногувор забони тоҷикии форсиро фаро нахоҳад гирифт, аммо танҳо боумед будан ва хотири ҷамъ доштан пойдории забони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Синову Носири Хисрави Қубодиёниро дар шароити глобализатсия кафолат намедиҳад». Бояд ба хотир овард, ки то асри 10 - и милодӣ дар ҳамҷоягии қавми ориёӣ забони тоҷикии форсӣ дар машриқзамин сарвари замону даврон буд. Бузургии ин забон дар он аст, ки пас аз асри 10, ҳазорсолаҳо, ҳарчанд аз қавми ориёӣ чандон сарварии кишварҳои Мовароннаҳрро надошт, аммо забони ӯ чун забони давлатдориву дипломатия, фарҳангу тиҷорат ҳукмрон буд.

Бештари рисолаҳои илмие, ки дар кишварамон тайёр мешаванд, асосан бо забони русӣ ҷамъбаст мегардад. Зеро таҳқиқу баҳодиҳии онро Маскав ба ӯҳда дорад. Агар рисолаҳо

[1] К.Олимов Баррасиҳо дар тасаввуф. Душанбе 1999 саҳ.6., рӯз «Минбари халқ», 31 августи 2005

бо тоҷикӣ навишта шуда бошанд, пас бечора унвонҷӯй барои ба забони русӣ гардонидан харҷи бисёр ҳам мекунад. Навиштани рисолаҳо бо забони давлатӣ, бечуну чаро пойдории забони тоҷикӣ, алалхусус, забони илмии тоҷикиро таъмин мекунад. Бинобарон, таълифи рисолаҳову асарҳои баландмазмуни илмӣ бо забони давлатӣ, доираи ғунҷоиши забони тоҷикиро васеъ намуда, ба пойдориву устувории он нерӯ хоҳад бахшид. Агар реферат ва ё фишурдаи мазмуни асарҳои баландмазмунамонро тарҷума намуда ба маҷаллаҳои бонуфузу байналмилалӣ ҷой диҳем, пас ҳусни таваҷҷӯҳи ҷаҳониён ба тарҷумаи мукаммали он пайдо хоҳад шуд. Дар ин ҷода, таъсиси Комиссияи миллии аттестатсионӣ барои такмилу васеъшавии доираи ғунҷоиши забони илмии тоҷикӣ, низ хизмати бузург хоҳад кард. Аз тарафи дигар, маблағгузориро дар самти тарҷумаи асарҳои илмии техникию табиии ҷаҳони муосир бояд афзун намуд, то ин ки маҳфумҳои илмии ин фанҳо ғанӣ гардад. Ин тарҳрезӣ ва заминаи инкишофи илмҳои техникию табииро дар оянда мусоидат мекунад.

Хонандагони азиз! Ин чанд ҷумлаи пароканда аз боғи андешаҳои банда буд, ки аз назари иқтисодчӣ, пешкаши Шумоён кардааст. Забон, ки таҳрири зеҳну дили инсон аст, бояд аз ҷиҳати луғавӣ бою пурмазмун бошад, то ин ки маҳсули зеҳнии (илмии) худро ба ташнагони дониш, шогирдон ва наслҳои оянда гузошта тавонад. Бинобарон, ҳар фарди ҷомеаро зарур аст,ки муҳаббати худро ба забони модарии худ, чун ниёгонамон, боз ҳам самимитар гардонад. Охир, нахустченаку мизони меҳандӯстиро ҳам, меҳру муҳаббат ба забони модарӣ муайян мекунад.

# Адабиёт


1. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалии Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон. Ш.Душанбе, 30 апрели соли 2007, «Хакикати Ленинобод», 2 майи соли 2007.
2. Эмомалӣ.Раҳмон «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» андешаҳо дар остонаи бузургдошти тамаддуни ориёӣ» /Чумҳурият, соли 2007
3. Эмомали Рахмон. Интихобот – огози мархалаи сифатан нав дар эъмори чамъияти демократии. «Чумхурият» 21 ноябри соли 2006.
4. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон Эмомали Рахмон ба Мачлиси Оли, 20 апрели соли 2006 «Чумхурият» 22 апрели соли 2006.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низоми мамлакат ба муносибати 80-солагии Прократураи Тоҷикистон.Ҷумҳурият. 28 декабри соли 2004. №153.
6. Эмомалӣ Раҳмон «Инсон ва андешаи ҷаҳонсози ӯ» Рӯзномаи «Минбари халқ» 7 сентябри соли 2005
7. Барномаи рущди иктисодии Чумхурии Точикистон дар давраи то соли 2015, ки бо карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 1 марти соли 2004 тасдик шудааст, Душанбе, 2004.
8. Концепция национальной стратегии развития. //Экономика Таджикистана: стратегия развития 2006, № 1, стр. 62-95.
9. Kangle R.P. T he kantiliya Arthasastra VI. Bjmbay, 1960.-C,33.
10. Word Bank/ Word Development Report 2005 саҳ. 86
11. А.Маршалл Принципи экономической науки. Т.1.М.1993 г.с.325

12. А.Маршалл Принципы экономической науки М. 1992г. стр. 73.
13. А.Маршалл Принципы экономической науки. Т. I, II, III. Москва «Универс». 1993.
14. Абдокшин Е. Международная экономическая отношения. М. 1996.
15. Абдулҳусайни Зариинкӯб, Дар ҷустуҷӯи тасаввуфи Эрон, с.260
16. Бобокалони Исмат. Назаре ба афкори иктисодии ниёгон. Душанбе: «Амри илм», 1998, 232 с.
17. Бор М. Эйнштейнская теория относительности 2- изд.- М.: Мир, 1972 -368с.
18. Всемирная история экономической мысли Т.1. М.1987 с.75.
19. Гранберг А.Г. Региональная политика в программах экономических реформ //Федерализм и региональная политика. Вып. 1, Новосибирск: ИЭ. и ОППСОРАН, 1995, с. 7-52.
20. Д. Бобочонов Развития фермерского движения в Согдийской области: проблемы и перпективи Хучанд, 2005г. с.98.
21. Дж. Кейнс Обшая теория занятости, процента и денег. М.: 1978. С. 458
22. Диагностическое исследование в области тарговли- Документ Весмирною банка. № 32603-Tj -30 июня 2005 – с29.
23. Документ Стратегии сокращения бедности, Душанбе, 2002.
24. Захираҳои оби Тоҷикистон ва истифодаи оқилонаи онҳо».\ фишурдаи маърезаҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ Хуҷанд. 25.-2003.
25. Зименков Р.И. Свободные экономические зоны (опыт США) //США: экономика, политика, идеология. – 1995- № 8 – с. 35-45.

26. Зименнов Р.И. Свободная экономическая зона (опыт США) США: Экономика, политика, Идеологии -1995 – W8 –с35-45
27. Ирназаров и др. севооборот в хлопководстве, Ташкент. 1990. 202с.
28. К.Олимов Баррасиҳо дар тасаввуф. Душанбе 1999 196с.
29. Кадамҳои устувор, Хуҷанд – 2006 саҳ. 24.
30. Каюмов Н., Комилов С., Нурмахмадов М. Стратегияи рушди иктисоди бозори. - Душанбе, 1998. 180с.
31. Каюмов Н.К. К вопросу об угрозах экономической безопасности Таджикистана. //Экономика Таджикистана: стратегия развития, 2006, № 1. 23-35с.
32. Колтюч В.А. На пути к устойчивому развитии цивилизации.\ \ Свободная мысл. 1992 .№14.с.4
33. Конститутсияи (Сарконуни) Чумхурии Точикистон, Душанбе, 2003.
34. Курс экономической теории: учебник – Киров: «АСА», 2005г.-832 с.
35. Лехин И.В., Петров Ф.Н. Словарь иностранных слов М., 1954.-369с.
36. Маркс К. Энгельс Ф.Соч. т 27. с.56
37. Материали Республиканского научно-практической конференции «Продовольственная безопасность Республики Таджикистан» - Душанбе: Центр стратегических исследований при Президента Республики Таджикистан. Всемирная Продовольственная программа ООН в Таджикистане, 2005, саҳ. 74.
38. Махлуп Ф. Теории фирм: маржиналистские, бихевиористские школа , 2000, с.74
39. Научные открытия В.И. Вернадского: взгляди в будушее. Казахстан, Боровое 2004. с 166
40. Номоканов В.А, О правовой базе броьбы с организованной преступностью // Организованная

преступность – 3. М.: Криминологическая ассоциация, 1996.

41. Общая экономическая теория (политэкономия). Учебник //под. ред. акад. В.И.Видяпина, акад. Г.П.Журавлёвой М., ПРОМО, 1995, 608с.
42. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве. – М.: МАКС Пресс, 2004, 240 стр.
43. Омори солонаи вилояти Суғд 2005, Хуҷанд, 2006
44. Организованная перступность – 3/ Под ред. А.И. Долговой, С.В. Дьяко М. Криминологическая ассоциация, 1996.
45. Основы экономической безопасности (Государства, регион, предприятия, личность). Под ред. Е.А.Олейникова. –М.: ЗАО, «Бизнес-школа» «Интел-Синтез» 1997, 288 стр.
46. Понкрухин А.П. Маркетинг образовательных услуг в высшим и последипломном образование.М: Интерпрокс. 1995 .
47. Преступность, статистика, закон. М., 1998.
48. Рахимов А.М. Структурные изменения экономики Республики Таджикистан. Экономика Таджикистан: стратегия, развития, 2004, № 3, стр. 76-92.
49. Рахимов Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан. //Экономика Таджикистан: стратегия, развития, 2005, стр. 57-71.
50. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы воспроизводства и использования основного капитала в экономике Таджикистана. //Экономика Таджикистана: стратегия развития, 2006, № 1, стр. 122-129.
51. Сатаров Г.А., Левин М.И. Россия коррупция: кто кого? // Российская газета. 1998. 19 феврал-3с.

52. Семенов К. А. международная экономическая отношения. Курс лекции. –М.: Гардарика, 1998 -336 с.
53. Таърихи Табарӣ, саҳ.16
54. Тимонима И.Я. Япония: Опыт регионального развития – М.: 1992.
55. Тимонина И.Л. Япония: Опыт регионального развития. – М., 1992.
56. Тоҷикистон 15 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмеи омори, нашри расмӣ – Душанбе, 2006, саҳ. 9-14
57. Точикистон: 15 соли истиклолияти давлати. Мачмуаи омори, нашри расми. – Душанбе: Кумитаи давлатии омри Чумхурии Точикистон, 2006, 489с.
58. Урунов А.А. Интеграция и экономический рост. – М., ИД «Грааль», 2003, 424 стр.
59. Ф. К. Каюмов эффективность АПК в условиях перехода к рынку М: 1992. 220с.
60. Файзуллоева К.Н Особенности организации и развития сельского хазяйства горных районов «Таджикистан». Автореферат, Душанбе 2004.с12 .
61. Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ, Кумитаи давлатии омори ҶТ, 2005, 310с.
62. Хакимов Абдурахмон. Иктисоди Милли: асосхои бехатари ва ракобатпазири. Душанбе: «Ирфон», 2007, 488 сах.
63. Хрестоматия по истории Древнего Востока. Ч.1,М., 1980,-С.31-32.
64. Ценообразование. Под ред. В.А.Слепова. – М., «Экономист», 2005, 574 стр.
65. Шамолов А.А. Коррупсия нигоҳе ба сайри таърихии он. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз», №1.с.2005.с131.
66. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин ва асри миёна китоби 1. Душанбе, Ирфон, 1983. с. 180.

67. Янъфен Х., Михайлин А., Нахов Л. Особые экономические зоны: опыт КНР //Проблемы теории и политики управления. 1993, № 5, с. 118-120.

# Мундарича

Сарсухан 3

БОБИ 1. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ

1.1. Соҳибистиқлолӣ ва рушди софи иқтисодӣ 11

1.2 Ваҳдати миллӣ нахустомили ҷомеъасоз ва рушти иқтисодӣ миллӣ 22

1.3. Тоҷикистон дар роҳи некӯаҳволии иқтисодии соф 29

1.4 Муаммоҳои инкишофи иқтисодӣ: суръат ҳаст, аммо суръатнокӣ поён рафтааст 34

1.5. Самараи Парето ва ё «қонуни тиллоӣ» дар иқтисодиёт 41

БОБИ 2. Ииқтисоди минтақа ва сиёсати минтақавӣ

2.1. Иқтисодиёти минтақавӣ: моҳият, муаммо ва роҳҳои ҳалли он 54

2.2 Омилҳои иқтисодии инкишофи шаҳрҳо 66

2.3 Воридшавии ноҳияҳои кӯҳӣ ба шоҳроҳи инкишофи иқтисоди миллӣ (дар мисоли ноҳияи Ғончӣ) 74

2.4 Минтақаҳои махсуси (озоди) иқтисодӣ 80

БОБИ 3. Ислоҳоти аграрӣ ва инкишофи иқтисоди миллӣ

3.1 Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ): муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он 90

3.2 Корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагии деҳқонӣ) дар бозори «классикӣ» қарор доранд 99

3.3 Хоҷагиҳои деҳқонӣ: рӯ ба фаолияти озоди иқтисодӣ 109

3.4 Пахтакорӣ аз нигоҳи хароҷоти иқтисодӣ 117

3.5 Муммоҳои сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ 124
3.6 Таҳлили таркиби хароҷот дар хоҷагиҳо 132
3.7 Об захира ва неъмати иқтисодиёт 142
БОБИ 4. Ахлоқи иқтисодӣ
4.1. Коррупсия: моҳият, омилҳои авҷгири ва оқибатҳои он 147
4.2. Иқтисодиёти ғайрирасмӣ: моҳият ва нишондиҳандаҳо 155
БОБИ 5 Илму маориф омили ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ
5.1 Беҳрони ақли ва роҳҳои раҳоӣ аз он 163
5.2 Истиқлолияти илмӣ тақозои замон 173
БОБИ 6 Худогоҳӣ, ҳофизаи таърихӣ ва ташакулли «инсон»-и нави иқтисодӣ
6.1 Тамаддуни ориёӣ: нақшаи он дар инкишофи хоҷагии ҷамъияти ва идеяи миллӣ 180
6.2 Роҳи абрешим ва тамаддуни иқтисодии тоҷикон 188
6.3 Инсони комил аз нигоҳи орифон ва таълимоти ноосфера 202
6.4 Солимӣ ҷузъи таркиби арзиши ҳаёт аст 209
БОБИ 7 Ҷаҳонишавӣ ва арзиши иқтисоди миллӣ
7.1 Назария ва амалияи баҳодиҳии иқтисодӣ дар замони муосир 214
7.2 Тоҷикистон дар технологияи ҳазорсолаи навин 228
Охирсухан 236
Адабиёт 242
Мундариҷа 248